**Ҳ. Нуриддинов, Қ. Искандаров,**
**Қ. Расулиён, Р. Абдуллоев**

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

## Синфи 11

**Китоби дарсӣ барои**
**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*тасдиқ кардааст*

«Маориф»
Душанбе
2022

ББК 63.3(0)+63.3(0)31 +74.266.3
Н-91

ББК 63,3. Я 72
Т-35

Нуриддинов Ҳомидхон, Искандаров Қосимшо, Расулиён Қаҳҳор, Абдуллоев Раҳматулло

**Н-91** ТАЪРИХИ УМУМӢ: Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. — Душанбе, «Маориф». 2022. — 244 с.

*Дар зери таҳрири доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев*

Истифодаи иҷоравии китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

Китоб равандҳои муҳимми таърихи муосири давлатҳои ҷаҳонро дар бар гирифта, дар асоси дастовардҳои имрӯзаи илми таърихнигорӣ ва талаботи замонавии соҳаи омӯзгорӣ таҳия гардидааст. Дар китоб маводди гуногун — ҳуҷҷатҳои таърихӣ, ҷадвалҳо, расму суратҳо ва харитаҳо истифода шудаанд, ки барои беҳтар гардидани фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат менамоянд.

ISBN 978-99947-704-2-7

© Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ., Расулиён Қ., Абдуллоев Р.

# САРСУХАН

Таърихи чоряки охири асри XX ва ибтидои асри XXI аз нигоҳи миқёс ва суръати ҷараёни воқеаҳо, ки тамоми соҳаҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифтаанд, бесобиқа мебошад. Аз миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта буҳрони нави ҷаҳонӣ иқтисодиёти кишварҳоро фаро гирифт. Ин буҳрон ба инқилоби сеюми саноатию технологӣ овард, ки ҷузъи таркибии он инқилоби илмиву техникӣ* буд.

Ба ҳамин давраи таърихӣ таҳаввулоти бузурги сиёсию иҷтимоӣ: аз байн рафтани низоми сотсиалистӣ, пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъзе дигар давлатҳои бузурги сермиллат рост меояд. Дар харобаҳои ин давлатҳои як вақт муқтадир даҳҳо халқу миллатҳо соҳиби давлати миллӣ гардиданд. Маҳз дар ҳамин давра Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид ва баъди 5 соли ҷангу даргириҳои мусаллаҳона, тоҷикон ниҳоят роҳи сулҳ ва тараққиётро пеш гирифта, мақоми сазоворро дар ҷомеаи байналмилалӣ соҳиб гардиданд.

Охири асри XX ва ибтидои ҳазораи нав — давраи афзоиши ҷангу низоъҳои мусаллаҳонаи минтақавӣ, авҷ гирифтани амалҳои баъзан ниҳоят харобиовари террористӣ мебошад.

Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, тезутунд гардидани проблемаҳои экологӣ, афзоиши мухолифатҳои вобаста ба ташаккули низоми нави сиёсии ҷаҳон ба субот ва амнияти ҷаҳонӣ таҳдид мекунанд. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷаҳон яккутба шуда истодааст. Нақши давлатҳои тараққикарда, ки дар байни онҳо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) мақоми махсус дорад, афзоиш меёбад.

Китоби дардастдоштаи шумо ба ҳамин масъалаҳо ва дар маҷмуъ ба тамоили умумии рушди таърихи ҷаҳон бахшида шудааст. Аммо дарс ҳамон вақт ҷолиб ва муфид мешавад, ки хонанда дар бораи воқеаҳо хулосаи мустақилона ва асоснок барорад. Ба шумо дар ин кор порчаҳо аз ҳуҷҷату маводди дигар ёрӣ мерасонанд. Саволҳои охири мавзуъҳо дар бисёр маврид хислати таҳлилӣ доранд

---

* Инқилоби илмиву техникӣ — дигаргунсозии бунёдиву сифатии истеҳсолот ва қувваҳои истеҳсолкунанда дар асоси тараққиёти босуръати илму техника, баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси муҳандисону коргарон, беҳтар кардани шароити кор ва зисти онҳо.

ва кори эҷодиро талаб мекунанд. Ҷустуҷӯи ҷавоб баъзан аз худи ҷавоб муҳимтар аст.

Сохтори китоб мисли сохтори китоби дарсии синфи 10-ум аст, ки мо гурӯҳи муаллифон таҳия карда будем. Дар ибтидои ҳар як мавзуъ саволҳо гузошта шудаанд, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба масъалаҳои асосии мавзуъ ҷалб мекунанд. Расму сурат ва карикатураҳо барои шиносоии зоҳирӣ нестанд. Мавод тавре интихоб шудааст, ки хонанда бо роҳи ҷустуҷӯи посух ба саволи зери сурат ё карикатура маълумоти худро дар бораи мавзуъ пурратар кунад.

Ба аломатҳо диққат диҳед: ?! ва ○ . Хонанда бояд фикр кунад, муқоисаву таҳлил намуда, хулоса барорад. Супоришҳои мураккабтар бо аломати * ишора гардидаанд.

Саволу супоришҳо дар заминаи ранги дигар оварда шудаанд, то диққати хонанда беҳтар ва зудтар ҷалб шавад. Ба ғайр аз ин сарчашма ва саволу супоришҳо ба онҳо бо хатти хурдтар навишта шудаанд. Хонанда бо осонӣ метавонад онҳоро аз матни асосӣ фарқ кунад.

Ҳангоми омӯзиши маводди китоби дарсӣ, аз ҷумла ҷадвалу диаграммаҳо, маълумоти оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба муқоисаи тамоюли асосӣ ва роҳҳои рушди таърихии мамлакатҳо ва минтақаҳои мухталиф ҷиддан диққат диҳед.

# Боби 1. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## § 1. ҶАҲОН БАЪД АЗ МАҶЛИСИ МАШВАРАТИИ ХЕЛСИНКИ: УМЕДҲО ВА ВОҚЕИЯТ

?!

1. Вазъияти байналхалқӣ дар чоряки охири асри XX чӣ гуна буд?
2. Сабабҳои пуршиддат гаштани вазъияти байналхалқӣ дар солҳои 80-уми асри XX кадомҳоянд?
3. Тафаккури нави сиёсӣ ва хотима ёфтани «ҷанги сард» дар муносибатҳои байналхалқӣ кадом дигаргуниҳоро ба вуҷуд оварданд?

**Ҷаҳон дар чоряки охири асри XX.** Ба имзо расидани ҳуҷҷати хотимавии Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Авруло (1975) барои беҳтар гардидани муносибатҳои байналхалқӣ мусоидат намуд. Диққати ҷаҳониён ба масъалаҳои эътирофи сарҳадҳои вуҷуддошта, истиқлоли давлатҳо, эҳтироми ҳуқуқи инсон, мустаҳкам намудани амният ва инкишофи ҳамкориҳо ҷалб гардид.

Паст гардидани шиддати вазъияти байналхалқӣ барои хотима ёфтани «ҷанги сард» имконияти васеъ фароҳам оварда буд. Вале ҳанӯз сабаби асосии он — рақобат байни ду низоми ҳарбию сиёсӣ дар ҷаҳон ҳамоно идома дошт. Ду давлати бузург — Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) эътироф намуданд, ки бо роҳи зӯрӣ дар ин мусобиқа ғолиб омадан имконнопазир аст.

Ба ин нигоҳ накарда ҳанӯз ҳам дар миқёси ҷаҳон кӯшиши тағйир додани таносуби қувваҳо идома дошт. Ду низом иқтидори ҳарбии худро мустаҳкам менамуданд. Таъсири иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ аз болои давлатҳои «ҷаҳони сеюм»* барои интихоби роҳи инкишоф пурзӯр мегардид. Дар рафти рақобати ин ду низом низоъҳои минтақавӣ аҳаммияти хос пайдо карданд.

---

* Ҷаҳони сеюм — номи шартии давлатҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ, ки дар давраи «ҷанги сард» ба рақобати урдугоҳи сармоядорӣ ва урдугоҳи сотсиалистӣ ҳамроҳ нагаштаанд.




*«Ба «Першинг»-ҳои амрикоӣ бовар накунед!»* Мусобиқаи мусаллаҳшавӣ байни Шарқ ва Ғарб.

*1. Дар тасвир воқеият дуруст инъикос гардидааст?*
*2. Ба фикри шумо муаллифи он аз Шарқ аст ва ё Ғарб?*

Дар солҳои 70-ум давлатҳои нав истиқлолият* ба даст даровара, кӯшиш мекарданд, ки барои ба роҳ мондани тараққиёти босуръат аз рақобати давлатҳои абарқудрат** истифода баранд. Дар навбати худ давлатҳои бузург бо ҳар восита мамлакатҳои гуногуни «ҷаҳони сеюм»-ро барои тағйир додани таносуби қувваҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор медоданд.

Натиҷаи чунин сиёсат ба он оварда расонд, ки давлатҳои Осиё, Африқо ва Америкои Лотинӣ ба доираи муборизаи ду низоми ҳарбию сиёсӣ кашида шуданд. Беҳуда нест, ки дар ин солҳо дар нимҷазираи Ҳиндухитой, Сомалӣ, Ҳабашистон, Ангола, Мозамбик, ҷануби Африқо ва Никарагуа ҷангҳои шаҳрвандӣ идома доштанд. Дар аланга задани ин ҷангҳо таъсири давлатҳои бузурги ҷаҳон – ИМА ва ИҶШС равшан мушоҳида мешуд.

Аз як тараф, ёрии ИҶШС ба давлатҳои гуногун ва зиёд шудани таъсири он дар ҷаҳон боиси ташвиши доираҳои ҳукмрони Ғарб гардида бошад, аз тарафи дигар, ИМА мавқеъҳои худро дар давлатҳои «ҷаҳони сеюм» аз даст додан намехост.

Азбаски роҳбарияти ИМА ва ИҶШС наметавонистанд доираи таъсири худро дар саросари ҷаҳон муайян намуда, шиддати вазъияти байналхалқиро паст намоянд, ин давраи муносибат бо Иттиҳоди Шӯравӣ дар ИМА «давраи рақобат ва ҳамкорӣ» ном гирифта буд.

---

* Истиқлолият – бе мудохилаи берунӣ соҳибихтиёри кори худ будан; соҳибихтиёрии давлат дар ҳамаи масоили дохилӣ ва муносибатҳои берунӣ, новобаста ба дигар мамлакатҳо.

** Давлати абарқудрат – истилоҳе, ки аз охири солҳои 40-ум то ибтидои солҳои 90-уми асри XX нисбат ба ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ истифода мешуд.

**Назари расмии Давлати Шӯравӣ доир ба масъалаи дурнамои муносибатҳо бо Аврупо** *(Аз баромади мудири шуъбаи байналмилалии КМ Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ В. М. Фалин)*

Дар давоми давраи тӯлонӣ мутахассисон хам дар Комитети Марказӣ ва ҳам дар Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС мавзӯеро ба миён гузоштанӣ мешуданд, ки оё сиёсати Шӯравӣ нисбат ба ин кишварҳо (кишварҳои Аврупои Шарқӣ — муаллифон) тачдиди назар намехоҳад? Ҳаҷми хароҷот ба мусобиқаи мусаллаҳшавӣ мувофиқи мақсад аст? Бо дар назар гирифтани он, ки агар дар Аврупо ҷанг* ногузир бошад, қувваҳои мусаллаҳи ин кишварҳо моҳиятан ҳеҷ чизро тағйир дода наметавонанд.

Ман чунин фикр дорам: омили қувва ҳатман нақши худро гум мекунад. Дар оянда иттифоқи низомӣ асосӣ буда наметавонад, ҳамкориҳо дар сатҳи иқтисод, бахусус илм ва техника, сиёсат ва фарҳанг нақши муҳим мебозанд. Дар ин самт мо чӣ гуна дастовардҳо дошта метавонем, ба худи мову шумо вобаста аст.

*Аз китоби «Материалы Всесоюзного совещания идеологических работников КПСС». М., 1990. 4.2. С. 61–65.*

1. *Оё роҳбарияти Шӯравӣ ба дурнамои муносибатҳо дар Аврупо дуруст баҳо дода буд?*
2. *Дар Аврупои ибтидои асри XXI «омили қувва» чӣ нақш дорад?*

**Шиддат гирифтани вазъияти байналхалқӣ дар солҳои 80-ум.** Дар охири солҳои 70-ум дар як қатор мамлакатҳо тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд, ки ба тезутунд гардидани вазъияти байналхалқӣ дар даҳсолаҳои оянда оварда расониданд. Бахусус, аз байн рафтани ҳокимияти шоҳ Муҳаммадризо Паҳлавӣ дар Эрон (январи соли 1979), ҳокимияти худкомаи Анастасио Самоса дар Никарагуа (июли соли 1979) ва ба хоки Афғонистон даровардани қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (декабри соли 1979) сабаби тарсу ҳароси роҳбарияти ИМА гардиданд. Доираҳои ҳукмрони ИМА ҳарос доштанд, ки дар «ҷанги сард» мағлуб гашта, мавқеи худро дар давлатҳои истеҳсолкунандаи нафт ва Америкои Лотинӣ аз даст медиҳанд.

Соли 1980 дар ИМА Ҳизби ҷумҳурихоҳ бо сардории Роналд Рейган ба сари ҳокимият омад. Ҳукумати нави Амрико сиёсати таҳдиди силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ)-ро пеш гирифт. Маъмурияти Р. Рейган ба Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун «давлати бузурги ҷаҳолат» ва

* Ҷанг — шакли мураккаб ва бераҳмонаи низои иҷтимоӣ, идома додани сиёсат бо роҳи зӯроварӣ ва истифодаи қувваҳои масаллаҳ. Одатан дар шакли муборизаи мусаллаҳона ба амал меояд.



М. С. Горбачёв ва Р. Рейган ҳангоми мулоқот дар шаҳри Рейкявик.

*Чаро муътадил гардидани вазъияти байналмилалӣ ба мавқеи роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА вобастагӣ дошт?*

тоталитарӣ* баҳо дода, роҳи маҳдуд кардани муносибатҳоро бо ИҶШС пеш гирифт. ИМА музокиротро бо Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба кам кардани яроқу аслиҳа қатъ намуд. Аз ҷониби Амрико ёрии моддию низомӣ ба қувваҳо ва гурӯҳҳои мухолиф дар Афғонистон, Никарагуа, Ангола ва дигар «нуқтаҳои доғ», неруҳои зиддикоммунистӣ дар Аврупои Шарқӣ вусъат ёфт.

ИМА ба амал баровардани барномаҳои низомии худ суръат бахшид. Соли 1983 Р. Рейган дар бораи оғоз намудани кор аз рӯйи барномаи «Ташаббуси мудофиаи стратегӣ» — маҷмуи яроқу аслиҳаи қайҳонӣ бо мақсади мудофиа аз ҳамлаи силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ)-ро эълон намуд.

Худи ҳамин сол қувваҳои муссалаҳи ИМА ба ҷазираи Гренада ворид шуданд. Ин амал дар асл намоиши иродаи ҳукумати ИМА барои истифодаи қувваи силоҳ дар рақобати ду низоми ҳарбию сиёсӣ буд.

---

* Тоталитаризм (лот.) — пурра, ба куллӣ фарогиранда; яке аз шаклҳои давлати авторитарӣ, ки дар он ҳокимияти давлатӣ тамоми фишангҳои идоракуниро таҳти назорати пурраи худ гирифта, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро маҳдуд менамояд.

**Тафаккури нави сиёсӣ* ва хотима ёфтани «ҷанги сард».** Сиёсати маъмурияти Р. Рейган дар назди роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ чунин масъалаи интихоби роҳи ояндаи муносибатҳоро бо ИМА ба миён гузошт, ки он ду роҳи ҳалли худро дошт: а) бо роҳи ҷавоби низомӣ ва боз ҳам пурқувват сохтани неруи ҳарбӣ ва б) интихоби роҳ ва усулҳои нави муносибат. Роҳи аввал маънии боз ба давраи нави мусаллаҳшавӣ баргаштанро дошт, ки барои иқтисодиёти ИҶШС душвориҳои навро ба миён меовард.

Ҷустуҷӯи имконияти муътадил гардидани муносибатҳо аз вохӯрии роҳбарони ИҶШС ва ИМА — М. С. Горбачёв ва Р. Рейган дар Женева (соли 1985) ва Рейкявик (соли 1986) оғоз ёфт. Дар ин вохӯриҳо қарордод байни ин давлатҳо ба имзо нарасида бошад ҳам, вохӯриҳо кӯшиши тарафҳоро барои аз байн бурдани хавфи ҷанги ҳастаӣ (ядроӣ) тасдиқ намуданд.

Инкишоф ва амалӣ намудани усулҳои нави муносибат бо сиёсати пешгирифтаи тафаккури нави сиёсӣ зич алоқаманд аст, ки барои хотима додани «ҷанги сард» имконият ба вуҷуд овард. Мақсади тафаккури нави сиёсӣ аз эътирофи чунин воқеиятҳо иборат буд:

— ҷанги ҳастаӣ барои ҳама инсоният воқеаи фалокатовар аст. Тасдиқ карда шуд, ки мавҷуд будан ва таҳдиди истифодаи силоҳи ҳастаӣ дигар наметавонистанд мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ бошанд;

— мақсади олии тафаккури нави сиёсӣ таъмини бақои инсоният, ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ — аз байн бурдани хавфи ҷанг, хатари экологӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии «ҷаҳони сеюм» дониста мешуд. Ҳалли ин масъалаҳо танҳо бо кӯшиши якҷояи ҳамаи халқҳои ҷаҳон имкон дорад ва барои ҳамин ба вуҷуд овардани боварӣ байни давлатҳо аҳаммияти зиёд дорад;

— бояд аз мантиқ ва афкори рақобати байни давлатҳо даст кашида, дар асоси усули гузашт манфиатҳои давлатҳо эътироф ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ба таври қатъӣ риоя гарданд.

---

* Тафаккури нави сиёсӣ — яке аз самтҳои асосии сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС, ки дар солҳои 1986–1991 ба амал баров요 шуд. Моҳияти он аз эътироф намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва манфиати дигар давлатҳо, даст кашидан аз сиёсати зӯроварӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иборат аст.

Дар мадди аввал тафаккури нави сиёсӣ аз тарафи давлатҳои Ғарб ҳамчун амали таблиғотӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ҳалли масъалаҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёнаш қабул гардид. Баъди қадамҳои воқеии сиёсати берунии Шӯравӣ доираҳои ҳукмрони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)* бовар намуданд, ки дар сиёсати ИҶШС тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омадааст.

Соли 1987 Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА барои аз байн бурдани мушакҳои миёнапарвоз дар Аврупо ва Осиё ба мувофиқа расиданд. Соли 1988 ИҶШС дар бораи кам кардани қувваҳои мусаллаҳи худ эълон намуд. Соли 1990 давлатҳои Шартномаи Варшава** ва НАТО дар бораи кам кардани силоҳ ва қувваҳои мусаллаҳ дар Аврупо созишнома ба имзо расониданд. Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин маротиба назорати иҷрои ин қарордодро дар ҳудуди худ иҷозат дод. Соли 1991 ИҶШС ва ИМА дар бораи кам кардани силоҳҳои стратегӣ ба мувофиқа расиданд.

Дар муносибат байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои Аврупои Шарқӣ низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад. Масъалаи муттаҳид гардидани ду давлати Олмон — Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Ҷумҳурии Демократии Олмон, ки ба манфиати халқи олмон буд, низ аз тарафи ИҶШС дастгирӣ ёфт. Артиши*** Шӯравӣ аз Олмони Шарқӣ берун бароварда шуд.

Аскарони шӯравӣ то моҳи феврали соли 1989 аз хоки Афғонистон бароварда шуданд. Дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ инқилоби демократӣ ба амал омад, ки барои интихоби озодонаи инкишофи онҳо роҳ кушод.

---

* Созмони Аҳдномаи Антлантикаи Шимолӣ, НАТО (NATO) — иттиҳоди ҳарбию сиёсии давлатҳои Ғарб, ки дар давраи идома ёфтани «ҷанги сард» 16 кишварро муттаҳид мекард. Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва «урдугоҳи сотсиалистӣ» ба ҳайати НАТО боз 6 давлат — Венгрия, Чехия, Полша, Латвия, Литва ва Эстония қабул гардиданд. Раванди васеъ гаштани ин ташкилот идома дорад.

** Шартномаи Варшава — иттиҳоди ҳарбию сиёсии давлатҳои сотсиалистӣ. Соли 1955 баъд аз ба НАТО дохил гардидани Ҷумҳурии Федералии Олмон ташкил ёфта буд. Ба ҳайати он 8 давлат — ИҶШС, Албания, Булғория, Венгрия, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Полша, Руминия ва Чехословакия дохил мешуданд. Фаъолияти худро 1-уми июни соли 1991 қатъ кард.

*** Артиш — маҷмуи қувваҳои мусаллаҳи давлат.

Ҳамаи ин гувоҳи он буд, ки «ҷанги сард» хотима ёфта, дар ҷаҳон тартиботи нави муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ ҷорӣ шудааст.

**Назари собиқ дипломати шӯравӣ.** Бинобар як қатор сабабҳо раванди оғозгардидаи хотима ёфтани «ҷанги сард» номуътадилу пароканда буда, зуд-зуд алангаҳои нав ва шиддат гирифтани вазъият сар мезаданд. Воқеаҳои Ангола, Ҳабашистон, Афғонистон, ҳавопаймои Кореяи Ҷанубӣ — ин фақат воқеаҳои равшантарини он буданд. Аз сабаби он ки омили асосии дар ибтидои солҳои 70-ум бавуҷудомада зарурияти хотима бахшидани «ҷанги сард»-ро ба миён гузошта буд, ин раванд ба таври умум давом дошт...

Ҳатто Рейган баъди ба сари ҳокимият омаданаш дар соли 1980 дар зери шиори мубориза оштинопазир бо «империяи ҷаҳолат» дар симои Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳанӯз дар охири давраи аввали муҳлати президентиаш дар соли 1984, зарурияти воқеии оғоз кардани гуфтушунидҳоро бо мақсади хотима бахшидани мусобиқаи яроқнокшавӣ дар замин ва роҳ надодани он ба кайҳон дарк карда буд. Аҳду паймон байни ИҶШС ва ИМА дар ин маврид ва дар бораи он ки ҳадафи ниҳоии кӯшишҳои онҳо бояд пурра аз байн бурдани силоҳи ҳастаӣ гардад, дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии ду кишвар моҳи январи соли 1985 қайд карда шуд.

*Аз китоби Корниенко Г. М. «Холодная война»: истоки, причины и последствия // Осмысление истории» М., 1996. С. 210.*

1. *Барои чӣ дар солҳои 70–80-уми асри гузашта ҳодисаҳои дар Ангола, Ҳабашистон ва Афғонистон бавуҷудомада сабабгори шиддат гирифтани вазъияти байналхалқӣ гардиданд?*
2. *Оё Р. Рейган метавонист музокиротро бо ИҶШС оғоз накунад? Шумо чӣ назар доред?*
3. *Мавҷудияти силоҳи ҳастаӣ ба муносибати байни абарқудратҳо чӣ алоқа дошт?*

?!

1. Маҷлиси машваратии Хелсинки ба кадом масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ аҳаммият дода буд?
2. Дар рақобати давлатҳои бузурги ҷаҳон давлатҳои тараққикунанда чӣ нақш мебозиданд?
3. Дар чоряки охири асри гузашта дар кадом минтақаҳои ҷаҳон низоъҳо идома доштанд? Ин минтақаҳоро дар харита пайдо намоед.
4. Кадом ҳодисаҳо сабаби шиддат ёфтани вазъияти байналхалқӣ дар солҳои 80-ум гардиданд?
5. Моҳияти тафаккури нави сиёсӣ аз чӣ иборат буд?

## § 2. ҶАҲОН ДАР ИБТИДОИ ҚАРНИ НАВ

?!
1. Дар вазъияти байналхалқӣ баъд аз хотима ёфтани «ҷанги сард» чӣ тағйирот ба амал омад?
2. Зарурати гирифтани пеши роҳи таҷовузи Ироқ ва мудохила ба низои Югославия аз чӣ иборат буд?
3. Воқеаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ба муносибатҳои байналмилалӣ чӣ гуна таъсир расониданд?

Даҳсолаи охири асри XX оғози давраи нав дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Давраи рақобат ва шиддат гирифтани муносибатҳои байни давлатҳои ду низом — «ҷанги сард» пушти сар шуд. Дар муносибатҳои байналмилалӣ роҳи васеъ барои мустаҳкам намудани ҳамкориҳо, аз байн бурдани хавфи ҷанг ва ҳал намудани тамоми баҳс ва низоъҳои минтақавӣ кушода шуда буд.

Дар ибтидои ин давраи муҳим халқҳои ҷаҳон бо нияти нек ба оянда назар мекарданд.

Дар асл воқеият дигар хел сурат гирифт. Дар даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҳанӯз ҳам дар гӯшаву канорҳои гуногуни олам, аз ҷумла дар ҳудуди собиқ ИҶШС, моҷаро ва низоъҳои зиёди сиёсӣ идома доштанд.

Аз байн бурдани «девори Берлин»* дар тамоми ҷаҳон ҳамчун рамзи хотима ёфтани «ҷанги сард»** эътироф гардид. Ин амал зарурати аз байн бурдани монеаҳои пешинаи сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва низомиро дар роҳи муттаҳид намудани қитъаи Аврупо ба миён гузошт. Дар давлатҳои собиқ сотсиалистӣ — Полша, Чехословакия, Венгрия, Руминия ва Булғория ҳаракатҳои васеи демократӣ сохтори кӯҳнаи ҳизбӣ-давлатиро шикаста, усулҳои нави идораи давлатиро барқарор карданд.

---

* Девори Берлин — маҷмуи истеҳкомот, ки моҳи августи соли 1961 аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Олмон бо дастури Иттиҳоди Шӯравӣ дар атрофи минтақаи Берлини Ғарбӣ сохта шуда буд.

** Ҷанги сард — солҳои 1946–1991, давраи муқовимати шадид дар муносибатҳои байналхалқӣ, ки аз рақобати тезутунди давлатҳои абарқудрати дорои силоҳи ҳастаӣ (Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА) ва иттифоқчиёнашон бармеоянд. Ин рақобат боиси мусаллаҳшавии бошитоб, мусобиқаи тарафҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва идеологӣ гашт.

Гузаронидани амалиёти низомии давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон бо дастури СММ* дар ибтидо ва нимаи дуюми солҳои 90-ум нишон доданд, ки давлатҳои ҷаҳон метавонанд пеши роҳи таҷовузро гирифта, амнияти кишварҳоро таъмин намоянд.

**Амалиёти низомӣ ба муқобили Ироқ.** Моҳи августи соли 1990 қувваҳои мусаллаҳи Ироқ бо дастури Саддом Ҳусейн ба хоки давлати ҳамсоя — Кувайт зада даромада, онро забт карданд. Ин амали Ироқро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун агрессия** донист. Ҳанӯз дар солҳои 80-ум ҷанги тӯлонӣ бо Ирон вазъияти иқтисодии Ироқро вазнин гардонида буд. Бо роҳи ба ихтиёри худ даровардани захираҳои табиии Кувайт роҳбарияти Ироқ мақсад дошт, ки мушкилиҳои иқтисодии худро ҳал кунад.

Шӯрои Амнияти СММ таҷовузи Ироқро ба муқобили Кувайт маҳкум карда, талаб намуд, ки қувваҳои мусаллаҳи Ироқ аз хоки кишвари ҳамсоя бароварда шаванд. Давлати Ироқ ин талабро иҷро накард. Дар ҷавоб Шӯрои Амнияти СММ дар бораи муҳосира (блокада***)-и пурраи иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва низомии Ироқ қарор қабул намуда, барои баровардани қувваҳои мусаллаҳи Ироқ то 15-уми январи соли 1991 муҳлат муайян кард.

Аввалин маротиба дар таърихи нимаи дуввуми асри гузашта ИҶШС таҷовузи Ироқро маҳкум намуда, тамоми чорабиниҳои СММ-ро ба муқобили Ироқ дастгирӣ кард.

**Аввалин амалиёти низомии якҷояи Ғарб ва Шарқ баъд аз хотима ёфтани «ҷанги сард».** Ин амалиёти неруҳои муттаҳидаи бештар аз 30 давлат (бо дастгирии ИҶШС) ба муқобили Ироқ буд. 16-уми январи соли 1991 қувваҳои низомии иттифоқчиён, ки дар Арабистони Саудӣ ҷамъ оварда шуда буданд, ба муқобили Ироқ ҳамла карданд.

---

* Созмони Милали Муттаҳид (СММ) — созмони бонуфузи байналхалқӣ, ки соли 1945 баҳри пойдории сулҳу амният, инкишофи ҳамкориҳо байни мамлакатҳо ташкил ёфтааст.

** Агрессия (лот.) — таҷовуз, истифодаи ғайриқонуни қувваҳои мусаллаҳи як давлат ба муқобили давлати дигар, таҷовузи низомӣ бо мақсади забт намудани ҳудуд, аз байн бурдани истиқлолият ва тағйир додани сохти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ.

*** Блокада (анг.) — муҳосира, маҷмуи чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ бо мақсади муҳосираи ин ё он давлат, махсусан қувваҳои мусаллаҳи он дар рафти ҷанг ва ё низои байналмилалӣ.

Мақсади онҳо аз хоки Кувайт баровардани қувваҳои мусаллаҳи Ироқ буд. Ба ҳайати неруҳои иттифоқчиён бештар аз 700 ҳазор сарбоз дохил мешуданд, ки қариб 500 ҳазор нафарашонро қувваҳои мусаллаҳи ИМА ташкил медоданд. Аз тарафи Ироқ 550 ҳазор аскар иштирок доштанд, ки асосан аз сафарбаршудагон иборат буданд.

Амалиёт бо ҳуҷумҳои ҳавоии шадид ба пойгоҳҳои Ироқ (бо ном «зарбаҳои дақиқ»*) оғоз гардид. Дар ҷавоб Ироқ ба Исроил зарбаи мушакӣ зад, миқдори зиёди нафтро ба халиҷи Форс рехта, манораҳои нафткаши Кувайтро оташ зад. Ҳамлаи заминии иттифоқчиён 24-уми январ шурӯъ шуда, ба муқобилияти заиф дучор гардид. Баъди 4 рӯз ҷониби Ироқ иҷрои қарорҳои СММ-ро ба ӯҳда гирифт. Бо ҳамин амалиёти низомии иттифоқчиён қатъ карда шуд. Низоми Саддом Ҳусейн аз байн бурда нашуд, зеро СММ чунин дастур надода буд. Тарафи иттифоқчиён қариб 150 нафар ва Ироқ бошад ҳазор маротиба бештар талафоти ҷонӣ доданд.

*Аз китоби «История войн и конфликтов». Минск. 1997. Т. 1. С. 119–120.*

1. *Моҳияти «дастгирии ИҶШС» аз чӣ иборат буд?*
2. *Барои чӣ Ироқ муқобилият нишон дода натавонист?*
3. *Чаро қувваҳои иттифоқчиён ба дохили хоки Ироқ зада надаромаданд? Фикратонро асоснок кунед.*

Ҷанг ба ҳар ду давлат — Ироқ ва Кувайт зарари калон расонд. Дар он бештар аз 130 ҳазор аскар ва аҳолии осоиштаи Ироқ кушта шуданд. Солҳои дароз Ироқ дар муҳосираи тиҷоратӣ ва иқтисодӣ монд. Кувайт аз ҷанг қариб 100 млрд доллар зарар дида буд. Аҳолӣ аз нарасидани оби нӯшокӣ ва хӯрокворӣ азият мекашид.



Сайёҳони Кувайт ба воситаи радио дар бораи вазъияти ватанашон маълумот мегиранд.

*Аз рӯйи расм муайян намоед, ки одамон дар кадом вазъияти руҳӣ қарор доранд?*

* Зарбаҳои дақиқ – дар рафти низоъҳои мусаллаҳонаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI неруҳои мусаллаҳи ИМА аз ин усул истифода мекарданд. Ба воситаи ҳавопаймоҳо ва мушакҳо пойгоҳҳои низомӣ, майдонҳои ҳавоӣ, шабакаҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ва ғайра бомбаборон карда мешуданд.

**Бухрони Югославия.** Дар давоми солҳои 90-уми асри гузашта муносибат дар байни миллату халқиятҳои ба ҳайати давлати Югославия дохилбуда тезутунд гардида буд. Дар зери таъсири ҳаракатҳои демократӣ дар давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ майли ҷудоихоҳии ҷумҳуриҳои ба ҳайати Югославия дохилгардида ба сӯйи мустақилияти бештар вусъат ёфт. Ин раванд ба он оварда расонид, ки моҳи июли соли 1991 Словения ва Хорватия истиқлолияти сиёсии худро эълон намуданд.

**Назари таърихшиноси норвегӣ Т. А. Эриксен дар бораи бухрони Югославия.** Гузаронидани аввалин интихоботи озод дар байни халқҳо ва минтақаҳо ҷудоиро ба вуҷуд овард… Дар Сербия коммунисти собиқ Слободан Милошевич роҳбар гардид. Вай кӯшиш менамуд, ки мавқеи сербҳоро дар ҷомеаи югославӣ мустаҳкам намояд. Сиёсати дохилии вай аслан аз фишор овардан ба ақаллиятҳои албанӣ (ва мусулмонӣ) дар музофоти Косово иборат буд. Дар арсаи байналмилалӣ вай худро ҳимоятгари манфиатҳои ақаллиятҳои серб, ки дар дигар ҷумҳуриҳои Югославия зиндагӣ менамуданд, нишон медод…

Артиши Югославия, ки аксаран аз сербҳо иборат буд, ба Словения ва Хорватия ҳамла кард. Ба сербҳои сокини дигар ҷумҳуриҳои истиқлолият бадастоварда ёрии ҳарбӣ расонида мешуд. Ин ба сар задани ҷанги ҳақиқӣ оварда расонд, ки дар рафти он садҳо ҳазор одам бехонумон ва аз ин бештар фирорӣ гаштанд.

*Аз китоби Эриксен Т. А. «Всемирная история с 1850 г. до наших дней». Осло. 1994. С. 498–499.*

1. *Сабаби сар задани низоъ* дар байни миллату халқиятҳои як кишвар аз чӣ иборат буд?*
2. *Ба назари шумо, бо кадом роҳу усул чунин низоъҳоро ҳал кардан мумкин аст? Аз ҳаёти халқҳои дигар мисол оварда метавонед?*

Баҳори соли 1992 баъд аз муътадил гардидани муносибатҳо байни Сербия ва Словенияю Хорватия моҷарои ҳарбӣ дар ҷумҳурии дигар — Босния ва Ҳерсеговина сар зад. Дар ин музофоти Югославияи собиқ зиддиятҳои қавмӣ ва мазҳабӣ бештар шиддат гирифта буданд. Дар ҳудуди ин ҷумҳурӣ сербҳо ва хорватҳо низ зиндагӣ мекарданд.

---

* Низоъ (конфликт) — зиддият, мунокиша, бархӯрди манфиатҳо, ақидаҳо, амалҳои ба ҳам зид; ихтилофи ҷиддӣ, ки сабаби мубориза мегардад.



Гурезаҳои музофоти Косово.

*Дар куҷо одамон метавонанд паноҳгоҳ ёбанд?*

Мусулмонон қариб 40% аҳолиро ташкил медоданд. Онҳо ба таъқиби сахти сербҳо дучор омада, маҷбур мегардиданд, ки зодгоҳи худро тарк карда, дар кишварҳои ҳамсоя сафи фирориёнро зиёд намоянд.

Шиддат гирифтани вазъияти сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Югославия боиси ташвиши Созмони Милали Муттаҳид гардид. Шӯрои Амнияти СММ нисбат ба давлати Сербия чораҳои муҳосираи иқтисодӣ қабул намуд. Дар марҳалаи дувум неруҳои мусаллаҳи НАТО ба муқобили Сербия истифода бурда шуданд. Баъд аз ин қувваҳои таъминкунандаи сулҳи СММ ба минтақаи Босния ва Ҳерсеговина барои ба эътидол овардани вазъият дохил карда шуданд.

**Воқеаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ва таъсири онҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ.** Пагоҳии барвақти рӯзи 11-уми сентябри соли 2001 як гурӯҳи номаълуми террористон якчанд ҳавопаймои мусофирбарро ғасб намуда, онҳоро ба муҳимтарин биноҳои шаҳрҳои Ню-Йорк ва Вашингтон – Маркази ҷаҳонии тиҷорат ва Пентагон* (Вазорати мудофиаи ИМА) бархӯронданд.

Дар натиҷаи ин амали даҳшатнок ҳазорон одами бегуноҳ ҳалок гардида, иқтисоди шаҳри Ню-Йорк зарари калони моддӣ дид.

Дар содир кардани ҷиноят ҳарчанд гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла «Лашкари Тайиба», «Муборизони адолат» ва «Артиши махфӣ» гумонбар шуда буданд, вале ҳукумати ИМА муътақид буд, ки ин ҷинояти даҳшатнокро аъзои созмони террористии «Ал-қоида» бо сарварии Усома бини Лодан содир намуданд.

* Пентагон (юн.) – панҷгӯша, бинои дар шакли панҷгӯша сохташуда, ки дар он Вазорати мудофиаи ИМА ҷойгир аст. Ба маънои вазорати мудофиаи ин кишвар истифода мешавад.

Ташкилкунандагони ҳодисаҳои 11-уми сентябр бо мақсади муайян шаҳрвандони одиро ҳадафи асосӣ қарор доданд. Бо ин восита террористон рамзҳои бунёдии ИМА — иқтидори молиявӣ, ҳукмфармоии тиҷоратӣ, қувваи ҳарбӣ ва ҳукмронии сиёсиро ҳадафи амали худ қарор доданд. Дар ибтидои асри XXI тасаввурот дар бораи ғалабаи «тамаддуни амрикоӣ» зери шубҳа гузошта шуд. Ин кишвар ҳеҷ замоне дар таърихи мавҷудияташ ба чунин ҳамла дучор нагардида буд.

Амалҳои террористии 11-уми сентябри соли 2001 самтҳои асосии сиёсати берунии ИМА-ро ба таври куллӣ тағйир дода, тамоми муносибатҳои байналмилалиро барои ҳалли вазифаи асосӣ — аз байн бурдани терроризми байналмилалӣ тобеъ намуданд.

Бо ин мақсад 7-уми октябри соли 2001 ИМА бо иттифоқчиёнаш амалиёти низомиро ба муқобили низоми толибон дар Афғонистон, ки ба пойгоҳи асосии омода намудани ифротгароён ва даҳшатафканони байналмилалӣ бо сарварии Усома бин Лодан табдил ёфта буд, оғоз намуданд. Дар натиҷаи ба амал баровардани амалиёти низомии «Озодии шикастнопазир» ҳокимияти сиёсии толибон аз байн бурда шуд, вале саркардагон ва илҳомбахшони терроризми байналмилалӣ дастгир нашуданд.

Моҳи сентябри соли 2002 дар ИМА санади муҳим — «Дурнамои амнияти миллии ИМА» ба тасвиб расид. Мазмуни асосии он аз эътирофи ин воқеият иборат буд: новобаста ба он, ки ИМА ягона давлати абарқудрати ҷаҳон аст, ин кишвар худро дар ҳолати амнияти пурра эҳсос карда наметавонад ва бояд ба мубориза шадид ва тулонӣ ба муқобили созмонҳои байналмилалии террористӣ ва ҳомиёни онҳо омода бошанд.

Шиори «мубориза ба муқобили терроризм» баъд аз сентябри соли 2001 дар арсаи байналмилалӣ барои расидан ба мақсадҳои стратегии ИМА васеъ истифода гардид.

20-уми марти соли 2003 қувваҳои якҷояи ИМА ва 35 давлати аъзои паймони зиддитеррористӣ ба амалӣ намудани марҳалаи дуюми мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ оғоз намуданд. Ҳадафи онҳо акнун низоми Саддом Ҳусейн дар Ироқ буд. Гарчи дар муддати кӯтоҳ қувваҳои мусаллаҳи Ироқ дучори шикасту низоми мавҷуда аз байн бурда шуд, вале дар Ироқ амният ва оромӣ барқарор нагардид. Дар шароити ҳузури неруҳои низомии

кишварҳои Ғарб дар Ироқ ҷангҳои чирикӣ (партизанӣ) оғоз гардиданд, ки натиҷаи он бештар қурбон шудани одамони бегуноҳ ва харобии кишвар мегардад.

Дар даҳаи дувуми асри XXI дар Сурия, Ироқ ва Либия ҷанги шаҳрвандӣ шиддат гирифта, сабабгори дахолати густурдаи низомии кишварҳои Ғарб ва Россия гардид. Даргириҳои мусаллаҳона бо созмону ҳаракатҳои ифротии мазҳабӣ дар як қатор кишварҳои Африқои Шимолӣ ба сар задани бесуботӣ ва қурбонии зиёди аҳолии осоишта оварда расонд. Ҳузури бистсолаи Эътилофи* байналмилалии зиддитеррористӣ бо сарварии ИМА дар Афғонистон (2001–2021) бенатиҷа анҷом ёфта, ҳаракати тундрави толибон моҳи августи соли 2021 дубора дар Афғонистон ба сари ҳокимият омад.

Дар ибтидои асри XXI бо ташаккули вазъи нави байналмилалӣ чанд омили моҳияти иқтисодӣ ва сиёсӣ-низомӣ дошта таъсир мегузоранд:

— омили демографӣ** — афзоиши босуръати аҳолии кишварҳо. Чунин вазъият дар як идда кишварҳо (дорои иқтисоди рушдёфта) боиси босуботӣ ва дар кишварҳои дигар, бинобар вазъи бади иқтисодӣ ва маҳдуд будани захираҳои табиӣ, сабабгори сар задани бесуботӣ ва низоъ мегардад;

— вазъи захираҳои табиӣ ва муҳити зист, қабл аз ҳама истеҳсоли маводди ғизоӣ ва мавҷуд будани оби тоза. Ҳатто агар ҳаҷми истеҳсоли озуқаворӣ ба талаботи рӯзафзуни аҳолии олам мутобиқ бошад ҳам, масъалаи тақсими он ҳалли худро наёфта, то ҳанӯз тезу тунд боқӣ мемонад;

— пешрафти илмӣ-техникӣ, қабл аз ҳама технологияҳои иттилоотӣ боиси тағйири босуръати истеҳсолот ва истеъмолот гардида, тамоми кишварҳои оламро фаро мегирад;

— иқтисоди фаромиллӣ ва рушди равандҳои ҷаҳонишавии истеҳсолот ва бозори ҷаҳонӣ боиси вобастагии шадиди иқтисоди

---

* Эътилоф (коалитсия) — иттифоқи муваққатии ҳарбию сиёсии ду ва ё зиёда давлатҳо барои амалиёти якҷоя ба муқобили як ва ё якчанд давлат; иттифоқи ҳизбҳо ва гурӯҳҳои гуногун (чун анъана дар арафаи интихоботи навбатӣ бо мақсади якҷоя ташкил намудани ҳукумат).

** Демография (юн.) — илм дар бораи аҳолӣ, тағйироти дар таркиби аҳолӣ баамаломада, миқдор, ҷой ва ҷойгиршавӣ, афзоиш, камшавӣ ва ғайра таҳқиқ мешавад.

кишварҳо гардида, дар натиҷа хатари сар задани бесуботии умумӣ дар натиҷаи таъсири омили низомӣ-сиёсӣ афзоиш меёбад. Ҷорӣ гардидани таҳримҳои шадиди ҷаҳони Ғарб нисбат ба Россия, бинобар сар задани амалиёти низомӣ дар Украина мисоли равшани он аст, ки ба авҷ гирифтани буҳрони сартосарӣ овардааст;

— дар натиҷа имконияти давлатҳои миллӣ ва сохторҳои байналмилалӣ бо мақсади пешгирии бемориҳои сироятӣ, назорат аз болои муҳоҷирати аҳолӣ ва аз байн бурдани хатар ва пайомадҳои офатҳои табиӣ маҳдуд мегардад.

Новобаста ба саъйу кӯшиши ҷомеаи ҷаҳонӣ ин равандҳо вусъат мегиранд.

?!
1. Дар ибтидои асри XXI вазъият дар кадом минтақаҳои ҷаҳон ноором буд?
2. Чаро дар ин давра давлатҳои Ғарб ба муқобили Ироқ ду маротиба ҷанг эълон намуданд?
3. Сабаби асосии сар задани низоъ дар Югославияи собиқ аз чӣ иборат буд?
4. Чаро ИМА фақат баъд аз воқеаҳои 11-уми сентябр мубориза ро ба муқобили терроризм пурзӯр намуд?

## § 3. ГУСТАРИШИ НАТО БА ШАРҚ

?!
1. Фаъолияти паймонҳои низомию сиёсӣ ба вазъияти байналмилалӣ чӣ гуна таъсир мерасониданд?
2. Дар шароити хотима ёфтани «ҷанги сард» дар назди паймони НАТО кадом вазифаҳо меистоданд?
3. Россия ва давлатҳои дигар ба масъалаи васеъшавии паймони НАТО чӣ гуна муносибат доранд?

Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон давраи рақобати ду низоми ҷамъиятӣ — сармоядорӣ ва сотсиалистӣ идома дошт. Рақобат тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатҳоро фаро гирифта, сабабгори шиддат гирифтани вазъияти байналмилалӣ гардид. Ташкил ёфтани ташкилоти низомии кишварҳои сармоядорӣ — НАТО (Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ) дар соли 1949 ва ташкилоти низомии

давлатҳои сотсиалистӣ — Созмони Шартномаи Варшава дар соли 1955 натиҷаи бевоситаи ин рақобатҳо буд.

Дар тамоми давраи идома ёфтани «ҷанги сард» (1945–1991) ин ду паймони низомӣ дар вусъат ёфтани мусаллаҳшавӣ ва мусобиқаи таслиҳотӣ* нақши ҳалкунанда бозиданд.

Ташаббускору таъсисгар ва ҳомии асосии паймони НАТО Иёлоти Муттаҳидаи Амрико буд. Барои ҳамин ин кишвар дар муайян намудани самтҳои асосии фаъолият ва сиёсати НАТО нақши ҳалкунанда дошт. Ин паймон аз ибтидо ҳамчун воситаи амалӣ намудани доктринаи** ИМА ва ҳалли се вазифа — таъмини ҳузури низомии ИМА дар Аврупо; гирифтани пеши роҳи аз нав пурқувват гардидани Олмон ва муқобилат намудан ба «таҷовузи Иттиҳоди Шуравӣ ба Ғарб» ташкил ёфта буд.

Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва хотима ёфтани «ҷанги сард» дар назди паймони НАТО вазифаҳои нав меистоданд. Паймон мебоист сиёсат ва дурнамои муносибатҳои худро ба шароити нави байналмилалӣ мутобиқ сохта, самтҳои асосии ба роҳ андохтани муносибатҳои НАТО-ро бо кишварҳои собиқ аъзои Созмони Шартномаи Варшава муайян менамуд.

Ба раванди инкишофи ҳамкориҳои НАТО бо давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ дар маҷлиси Шӯрои НАТО моҳи июли соли 1990 дар Лондон ибтидо гузошта шуд. Моҳи декабри соли 1991 Шӯрои НАТО дар Рим барпо гардида, самтҳои асосии сиёсати паймонро муайян намуд. Давлатҳои иштироккунандаи паймони НАТО эътироф намуданд, ки дар оянда тайёрӣ барои бартараф кардани таҷовузи васеъ ба муқобили онҳо дигар вазифаи асосӣ ба шумор намеравад. Дар шароити нав ба амнияти кишварҳои аъзои НАТО низоъҳои байниқавмӣ ва моҷароҳои аз нав тақсим намудани ҳудудҳо ва сарҳадҳои мавҷуда аз ҳама бештар хатари эҳтимолӣ доранд.

Акнун паймони НАТО аз сиёсати ташкили мудофиа дар сафи пеши сарҳадҳои давлатҳои аъзои худ ва гузаронидани амалиётҳои

---

* Мусобиқаи таслиҳотӣ (мусаллаҳшавии бошитоб) — афзоиши мунтазами хароҷоти ҳарбӣ аз тарафи давлатҳои рақиб бо мақсади беҳтар кардани сифати силоҳ ва баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ.

** Доктрина — таълимот, назарияи илмӣ ё фалсафӣ, маҷмуи ақида ва усули асосӣ.

фаврии низомӣ даст кашид. Дар натиҷа вобастагии паймон аз силоҳи атомӣ кам гардид. Дар марҳалаи нав на ҳалли осоиштаи вазъиятҳои буҳронӣ, васеъ намудани муколама бо давлатҳои аъзои паймон, балки ҳалли якҷояи масъалаҳои амниятӣ дар асоси ҳамкориҳои мутақобила ҳамчун вазифаҳои асосӣ дониста шуданд.

Ба вуҷуд омадани вазъияти нави байналмилалӣ имконияти кам намудани неруи ҳарбӣ, аслиҳа ва воситаҳои дигари низомиро дар қитъаи Аврупо ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, паймони НАТО 35% теъдоди қисмҳои омодагии ҷангидошта, 41% неруҳои ҳавоӣ, 24% ҳайати низомии қувваҳои мусаллаҳи худро ихтисор намуд. Аз тарафи дигар, захираҳои силоҳи атомии рӯйизаминӣ кам карда шуда, ҳайати қувваҳои мусаллаҳи ИМА дар Аврупо аз 300 ҳазор то 100 ҳазор нафар кам карда шуд.

Тағйир ёфтани сиёсати низомии НАТО дар шароити нав бори дигар дар вохӯрии сарони давлатҳои аъзои паймон дар Вашингтон моҳи апрели соли 1999 таъкид шуда, иброз гардид, ки паймони НАТО моҳияти мудофиавӣ дошта, омодааст бо давлатҳои нав ҳамкориҳои худро барқарор намояд. Дар назди НАТО вазифа гузошта шуд, ки барои гузаронидани амалиётҳои низомӣ берун аз ҳудуди давлатҳои аъзои паймон ва иштирок дар чорабиниҳои нигоҳ доштани сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ омода бошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзои НАТО дар гузаронидани амалиёти «Озодии шикастнопазир» дар Афғонистон дар моҳҳои октябр–ноябри соли 2001 иштирок намуданд ва баъд аз барҳам додани низоми толибон дар ин кишвар боқӣ монданд. Соли 2003 қувваҳои мусаллаҳи НАТО амалиёти муштараки ИМА ва Британияи Кабирро ба муқобили низоми Саддом Ҳусейн дар Ироқ дастгирӣ карданд.

Дар зери таъсири буҳрони Косово соли 1999 як қатор давлатҳои аврупоӣ талаб намуданд, ки қувваҳои мусаллаҳи паймон дар оянда танҳо бо дастури Шӯрои Амнияти СММ ва ё Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ истифода бурда шаванд.

Моҳи июни соли 1991 Шӯрои НАТО дар бораи ҳамкорӣ бо давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ дар шароити нави байналмилалӣ эъломия қабул намуд. Моҳи ноябри ҳамин сол дар шаҳри Рим маҷлиси Шӯрои созмон доир гардид, ки дар он эъломияи сулҳ

ва ҳамкорӣ қабул гардид. Ниҳоят, моҳи январи соли 1994 НАТО аз давлатҳои нави Аврупо даъват намуд, ки дар барномаи «Ҳамкорӣ барои сулҳ» иштирок намоянд.

Дар натиҷа, дар давоми солҳои 90-ум 12 давлати Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ – Полша, Чехия, Венгрия, Руминия, Булғория, Словакия, Литва, Латвия, Эстония, Албания, Македония ва Словения дар бораи дохил шудан ба ин созмони ҳарбӣ изҳор намуданд. Дар марҳалаи аввал Венгрия, Полша ва Чехия ба НАТО қабул гардиданд. Бар илова, дар охири солҳои 90-ум созмони НАТО дар чорчӯбаи барномаи «Ҳамкорӣ барои сулҳ» бо 44 давлати ба ҳайати созмон дохилнагардида, аз ҷумла бо Россия ва Тоҷикистон дар соҳаи низомӣ ҳамкорӣ дошт.

**Назари олимони рус дар бораи ҳадафҳои барномаи «Ҳамкорӣ ба хотири сулҳ».** Моҳи январи соли 1994 дар маҷлиси Шӯрои НАТО барномаи «Ҳамкорӣ барои сулҳ» қабул гардид. Ҳадафҳои асосии барнома аз иҷрои вазифаҳои зерин иборат мебошад: таъмини назорати демократӣ аз болои қувваҳои мусаллаҳ; дастгирӣ ва иштирок дар гузаронидани амалиёти низомӣ бо мақсади барқарор намудани сулҳ таҳти роҳбарии СММ ва ё САҲА; ба нақша гирифтан ва гузаронидани машқҳои якҷояи таълимӣ; гузаронидани амалиётҳои наҷотдиҳӣ; муайян намудани дурнамои муносибатҳои давлатҳои иштироккунанда бо паймони НАТО ва ғайра.

*Аз китоби «Современные международные отношения» – М., РОССПЭН. 2000. – С. 332.*

**Ба ин рақамҳо аҳаммият диҳед!**

*Ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон дар қитъаи Аврупо сар заданд. Ташаббускорони ин ду ҷанг ҳатто тасаввур карда наметавонистанд, ки ҷангҳо чӣ натиҷа медиҳанд. Оташи ҷанги дуюми ҷаҳон 55 млн нафар одамро ба коми худ кашид, ки аз ин 27 млн нафар аскарон буданд. Ҷанг 62 давлати ҷаҳонро фаро гирифт. Талафоти моддӣ 316 млрд долларро ташкил дод. Ин нисбат ба Ҷанги якуми ҷаҳон 12 баробар зиёд буд. Қитъаи Аврупо дар ҳар ду ҷанги ҷаҳонӣ бештар аз ҳама осеб дид: 40 млн нафар аҳолӣ ва дар урдугоҳҳои махсус 18 млн нафар нобуд гардиданд.*

Барҳам хӯрдани ИҶШС, ба Аврупои Ғарбӣ рӯ овардани давлатҳои собиқи сотсиалистии Аврупо, қатъ гардидани фаъолияти Шартномаи Варшава ба тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ



Маросими имзои Шартномаи байни Россия — НАТО.

*Ба назари шумо, чаро ҳама иштирокдорони маросим дастҳои Б. Елсинро мефишуранд?*

оварда расонид. Акнун таносуби қувваҳо ба манфиати ҷаҳони Ғарб дигаргун гардид.

Дар охири асри гузашта ИМА дар қитъаи Амрико, Атлантик, минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором ва дар Шарқи Наздик ба таври номаҳдуд ҳукмрон буд. Дар Аврупо ҳангоми мавҷудияти ИҶШС ба неру ва обрӯю эътибори Давлати Шуравӣ созиш мекарданд. Баъд аз хотима ёфтани «ҷанги сард» ИМА кӯшиш менамояд, ки дар қисмати Шарқии Аврупо мавқеи худро мустаҳкам кунад. Шиддат гирифтани вазъияти байналмилалӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои Украина дар солҳои 2014–2015 аз ин шаҳодат медиҳад.

Чунин вазъият бар хилофи манфиатҳои Россия ва иттифоқчиёнаш мебошад. Зеро васеъ гаштани НАТО ба Шарқ аз он сабаб хатар дорад, ки ин паймон ба сарҳадҳои Россия наздик мешавад. Наздик гаштани имкониятҳои васеи ҳарбии паймон, қобилияти истифодаи дастовардҳои навтарини илм ва техникаи ҳарбӣ, имконияти истифода бурдани силоҳҳои замонавиро зиёд менамояд.

**Аз мақолаи В. В. Чебан — академики Академияи илмҳои ҳарбӣ, генерал-майор.** Васеъ гардидани НАТО ба Шарқ бинобар як қатор сабабҳо боиси хавфу хатар мегардад:

«Аввал, имконияти таърихӣ барои аз байн бурдани оқибатҳои «ҷанги сард» ва ташкил намудани муносибатҳои байналмилалии озод аз паймонҳои ҳарбӣ... дар Аврупо истифода нагардид.

Дувум, он ҳолат боиси изтироб аст, ки созмони дорои иқтидори бузурги низомӣ... боз қавитар мегардад.

Саввум, васеъ гаштани НАТО ба Шарқ дар амал маънои васеъ гаштани таъсири ташкилкунанда, ташаббускор ва ҳомии асосӣ — ИМА-ро дорад…

Чаҳорум, васеъ гаштани НАТО ба Шарқ барои тарс додан, маҷбур сохтани Россия ва пешрафти ИМА дар Аврупо шароит ба вуҷуд меорад.

Илова бар ин, васеъ гардидани паймон таносуби стратегии қувваҳоро на танҳо дар Аврупо, балки дар ҷаҳон тағйир медиҳад».

*Аз маҷаллаи «Военный парад». № 31. Марти соли 1999.*

1. *Чаро зарурати васеъ гаштани паймони НАТО ба манфиати ИМА мебошад?*
2. *Тағйир хӯрдани таносуби қувваҳо дар Аврупо чӣ маъно дорад?*
3. *Шумо ба назари олими рус мувофиқ ҳастед ё мухолиф? Фикратонро асоснок кунед.*

Бесабаб нест, ки дар мавриди васеъ гаштани паймони НАТО собиқ канслери Ҷумҳурии Федеративии Олмон Хелмут Шмидт дар суҳбат бо хабарнигори маҷаллаи «Франкфурт хефте» ошкоро иброз дошта буд: «Агар ман маршали рус мебудам, пеш рафтани НАТО-ро аввал аз марзи дарёи Элба ба марзи дарёи Одер ва баъд ба сарҳадҳои шарқии Полша ҳамчун дасиса ва таҳдид бар зидди Россия маънидод мекардам».

Дар ҷавоб ба ин кӯшишҳои паймони НАТО Россия метавонад неруҳои ҳарбии худро дар қисмати ғарбии кишвар, аз ҷумла дар ҳудуди вилояти Калининград пурзӯр намояд. Чунин амал дар асл метавонад маънои сар шудани мусобиқаи таслиҳотӣ дар шароити нави байналмилалӣ дошта бошад.

Барои мустаҳкам кардани иқтидори низомӣ маблағҳои зиёди молиявӣ зарур мебошанд. Аз ин ҷо Россия бо иттифоқчиёнаш маҷбур мешаванд, ки барномаҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангиро маҳдуд намоянд. Ин раванд метавонад ин давлатҳоро боз ба урдӯгоҳҳои низомӣ табдил диҳад.

Пас аз шомил гардидани кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва назди Балтика ба ҳайати паймони низомии НАТО тадриҷан муносибат байни кишварҳои Ғарб ва Россия бад гардида, боиси шиддат гирифтани вазъияти байналмилалӣ гардиданд.

Аз моҳи апрели соли 2014 пас аз боло рафтани нуфузи созмон ва ҳаракатҳои миллатгаро дар ҳаёти низомӣ-сиёсии Украина,

роҳбарияти он роҳ ба суйи шомил гардидан ба Иттиҳоди Аврупо ва паймони низомии НАТО-ро пеш гирифт.

Пайомади ногувори шиддат гирифтани вазъият миёни Россия ва кишварҳои НАТО оғози амалиёти низомии Россия бо мақсади бесилоҳгардонӣ (демилитаризатсия*) ба муқобили Украина буд, ки дар натиҷаи он харобу валангор гардидани даҳҳо шаҳрҳо, фалаҷ гардидани иқтисоди кишвар, қурбони амалиётҳои низомӣ ва муҳоҷир гардидани миллионҳо мардуми осоишта мебошад. Ҳамин тариқ, васеъ гардидани НАТО ба Шарқ боиси бесуботӣ ва низои мусаллаҳона гардид.

**Ақидаи сиёсатшиноси амрикоӣ З. Бжезинский оид ба масъалаи васеъ гаштани паймони НАТО.** Узвияти кишварҳои Аврупои Марказӣ дар паймони НАТО дар марҳалаи кунунӣ ҷойи баҳсу мунозира нест, бештар иштироки кишварҳои назди баҳри Балтика мавриди баҳс аст. Бо гузашти айём ин давлатҳо ҳам бояд ҳуқуқи ҳамроҳ шудан ба паймони НАТО-ро пайдо кунанд. Ба ин пеш аз ҳама Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Полша ва кишварҳои Скандинавия манфиатдор ҳастанд.

1. *Чаро ба ақидаи сиёсатшинос узвияти давлатҳои Аврупои Марказӣ ба паймони НАТО мавриди баҳс намегардад?*
2. *Кишварҳои назди баҳри Балтикаро номбар намоед ва дар харита ёбед.*

?!

1. Чаро баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати густариши НАТО ба вуҷуд омад?
2. Кам кардани миқдори яроқу аслиҳа барои беҳтар гардидани вазъияти байналхалқӣ мусоидат мекунад ё не?
3. Чаро Россия ба муқобили васеъ гаштани созмони НАТО баромад мекунад?

* Демилитаризатсия (лот.) – бесилоҳгардонӣ; дар асоси шартномаи байналхалқӣ пурра ё қисман барҳам додани саноати ҳарбӣ, пойгоҳу истеҳкомҳои низомӣ ва нигоҳ доштани қувваҳои мусаллаҳ.

# Боби II. ИМА ВА КИШВАРҲОИ АВРУПО: ТАМОЮЛҲОИ УМУМИИ ТАРАҚҚИЁТ

## § 4. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО: РЕЙГАН ВА СИЁСАТИ Ӯ

?!
1. Моҳияти сиёсати пешгирифтаи маъмурияти Р. Рейган аз чӣ иборат буд?
2. Чаро америкоиён сиёсати Р. Рейганро дастгирӣ намуданд?
3. Дар сиёсати хориҷии кишвар чӣ гуна тағйирот ба амал омад?

Дар охири солҳои 70-ум асри XX иқтисодиёти ИМА ба буҳрони нав рӯ ба рӯ гардид. Маъмурияти Ҷ. Картер пеши роҳи беқурбшавии пулро гирифта натавонист. Қурби доллари америкоӣ дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ хеле паст гардида, шумораи бекорон афзуд. Маъмурияти Қасри Сафед зери танқиди сахт гирифтор гашта буд. Иттифоқҳои касаба аз он норозигӣ мекарданд, ки барномаҳои иҷтимоӣ кам мегардиданд. Муҳофизакорон бошанд, роҳи сиёсии мамлакатро дуруст намешумориданд.

Дар сиёсати хориҷии Ҷ. Картер низ душвориҳои зиёд вуҷуд доштанд, зеро мавқеи байналмилалии ИМА ва қудрати ҳарбии он рӯз то рӯз паст мегашт. Аз ин рӯ, дар интихоботи соли 1980 Ҷ. Картер дастгирӣ наёфт ва намояндаи Ҳизби ҷумҳурихоҳон – Р. Рейган ба мансаби президентӣ соҳиб гашт.

Хусусияти хосси солҳои аввали президентии Р. Рейган ин пастравии истеҳсолоти тамоми соҳаҳои иқтисодиёт буд. Маҷмуи маҳсулоти миллӣ* соли 1982-ум 2,5% кам гардид, зеро бекорӣ зиёда аз 10% афзуд ва қариб аз се як қисми корхонаҳои Амрико аз кор монда буданд. Бо сабаби паст рафтани самаранокии истеҳсолот рақибони Амрико, мисли Олмон ва Ҷопон, қисми зиёди тиҷорати ҷаҳониро таҳти назорати худ даровароанд. Хариди молҳои истеҳсоли мамлакатҳои хориҷӣ дар Амрико хеле афзуд.

Сиёсати иқтисодии маъмурияти ИМА дар давраи президентии Р. Рейган бо номи рейганомика машҳур гардид, ки солҳои 1981–1988 амалӣ гардид. Самтҳои сиёсат аз ин иборат буд:

---

* Маҷмуи маҳсулоти миллӣ – ҳаҷми умумии тамоми намудҳои маҳсулот, ки дар ҳудуди давлат дар зарфи як сол истеҳсол карда шудааст.

— маҳдуд намудани дахолати давлатӣ ба иқтисодиёт аз ҳисоби кам кардани хароҷот барои барномаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои дастгирии сатҳи зиндагӣ* ва дар айни ҳол кам накардани хароҷот барои мудофиа;

— маҳдуд намудани танзими давлатии** соҳибкории хусусӣ;

— дастгирии низоми захиравии федералӣ доир ба нигоҳ доштани сатҳи афзоиши воситаҳои пулии муайян, ки ба беқурбшавӣ роҳ надода, барои таъмини рушди иқтисодӣ басанда бошад;

— кам кардани меъёри андозҳои даромади шахсӣ ва андоз аз даромад (аз 50 то 28%).



Муҷассамаи «Озодӣ» дар шаҳри Ню-Йорк.

*1. Ба андешаи шумо, чаро мардуми Амрико ба ин муҷассама эҳтироми зиёд дорад?*
*2. Муҷассама дар худ кадом рамзҳоро инъикос менамояд?*

Ба амал баровардани сиёсати «инқилоби неоконсервативӣ» низ бо номи президент Р. Рейган алоқаманд аст. Р. Рейган аз усули собиқ президентҳои демократ-танзими давлатии иқтисодиёт ва мусолиҳаи иҷтимоӣ даст кашида, сиёсати рушди истеҳсолотро бо роҳи фаъол гардонидани соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди озоди бозорӣ ҷонибдорӣ мекард.

Бо ин мақсад андозҳо аз даромад коҳиш ёфта, хароҷоти иҷтимоӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва таъминоти нафақа кам карда шуданд. Солҳои 1981–1984 ҳиссаи онҳо дар буҷети*** давлатӣ

* Сатҳи зиндагӣ — дараҷаи қаноатпазирии талаботи аҳолӣ ба неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, ки дар асоси як қатор нишондиҳандаҳо, дар мадди аввал, ҳаҷми даромади воқеӣ ба ҳар кас муайян мешавад.

** Танзими давлатӣ — дахолат ва назорати давлат аз болои самтҳои инкишофи иқтисоди бозорӣ бо мақсади гирифтани пеши роҳи бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ.

*** Буҷет (фр.) — рӯйхати даромаду хароҷоти пули давлат, муассиса, идора ё шахси ҷудогона дар давраи муайян.

аз 53,4% то 48,9% кам шуд. Ниҳоят, ин тадбирҳои ғайримаъмулӣ ба пешрафти истеҳсолот мусоидат намуданд.

Неоконсерваторҳо мардумро ба он даъват мекарданд, ки бештар ба қувваи худ такя намуда, ба ҳамдигар ёрӣ расонанд. Онҳо ақида доштанд, ки одам озодии худро бо фаъолияти муассисаҳои ғайридавлатӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, динӣ, этникӣ, касбӣ ва ғайра, ки манфиати ӯро ифода мекунанд, амалӣ мегардонад.

Назарияи иқтисодии неоконсерватизм* ба ақидаи олими машҳур М. Фридман асос ёфта буд. Мувофиқи ин назария, давлат бояд на истеъмолкунанда, балки истеҳсолкунандаро дастгирӣ карда, андозҳо аз даромад ва арзиши иловагиро кам кунад. Дар он сурат истеҳсолот рушд намуда, маҳсулот арзон мегардад ва сатҳи зиндагии мардум боло меравад.

Неоконсерваторҳо эҳёи чунин ниҳодҳои иҷтимоӣ чун оила, мактаб ва калисоро ҷонибдорӣ мекарданд. Аз шаҳрвандон эҳтироми қонун, риояи тартибот, интизомнокӣ, таҳаммул ва ватандӯстиро талаб мекарданд.

Барои мустаҳкам намудани заминаи сиёсати навсозӣ барномаи омӯзиши касбу ҳунари нав барои кормандон қабул гашта, соҳаҳои нави шуғли аҳолӣ инкишоф меёфтанд. Қисми маблағҳое, ки пештар ҳамчун ёрмандӣ ба эҳтиёҷмандон дода мешуд, акнун ҳамчун қарзи кафолатнок ба соҳибкорон ва тоҷирони хурд барои ба роҳ мондани кори онҳо дода мешуд. Ин имконият дод, ки қисми зиёди бекорон ба соҳаи хизматрасонӣ ҷалб карда шаванд.

Сиёсати пешгирифтаи Р. Рейган имкон дод, ки дар ИМА сатҳи беқурбшавии пул аз 12,5% то 4,5% паст гашта, зиёда аз 18 млн ҷойи кори нав муҳайё гардад. Р. Рейган дар давраи дувуми президентиаш сиёсати дастгирии давлатии таҷҳизонидани истеҳсолотро идома дод. Дар соҳаҳои гуногуни саноати мамлакат — истеҳсол ва истифодабарии дастгоҳҳои лазерӣ, роботҳо, истеҳсоли мошинҳои

---

* Неоконсерватизм (юн.) — муҳофизат, ҳимоят намудан, равияи афкори сиёсии Ғарби муосир, ки дар нимаи солҳои 70-уми асри гузашта васеъ паҳн гардид. Ин ҷараён дар баробари инкишофи гуногунандешӣ, васеъ гардидани озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон, зарурати ҳимоят ва нигоҳ доштани арзишҳои анъанавии ҷомеаи ғарбӣ — оила, маорифи анъанавӣ, ахлоқи дар пояи мазҳаби насронӣ асосёфта баромад менамуданд.

ҳисоббарорӣ, техникаи электронӣ, воситаҳои алоқа ва технологияҳои мушакию кайҳонӣ комёбиҳои назаррас ба амал омаданд.

**Сиёсати хориҷӣ.** Дар солҳои 80-ум вазъияти байналмилалӣ бештар ба муносибатҳои байни Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА алоқаманд буд.

Маъмурияти Қасри Сафед бо мақсади «мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавӣ» маблағи зиёдро сарф менамуд. Дар ҷавоб ба ҷо ба ҷо кардани мушакҳои миёнапарвози ҳастаии Иттиҳоди Шуравӣ дар Аврупо, ИМА ба ҷойгир намудани чунин ракетаҳои худ дар ин қитъа оғоз намуд. Моҳи марти соли 1983 аз ҷониби ИМА барномаи «Ташаббуси стратегияи мудофиавӣ» (ТСМ) бо мақсади истифодаи технологияи замонавӣ ба муқобили ракетаҳои баллистикии байниқитъавӣ эълон гардид. Бо вуҷуди он ки олимон имконниятҳои технологияи ТСМ-ро зери шубҳа гузошта, маблағи зиёд талаб кардани барномаро таъкид мекарданд, маъмурияти Рейган барномаро оғоз намуд. Дар буҷаи мамлакат ҳаҷми хароҷоти ҳарбӣ хеле зиёд гашта, соли 1987 ба 282 млрд доллар расид.

Р. Рейган сиёсати хориҷии худро дар заминаи усули «таъмини сулҳ ба воситаи қувва» ба роҳ монда буд. Ӯ аз Конгресс* талаб намуд, ки маблағгузориро барои пурқувват намудани артиш, таҷҳизонидани он бо навъҳои нави силоҳ зиёд намояд, то ИМА дар мусобиқаи мусаллаҳшавии бошитоб қафо намонад. Вазорати ҳарбии ИМА — Пентагон ба офаридани намудҳои замонавии ҳавопаймоҳои ҷосусӣ ва бомбаандоз (Б-16), бомбаи нейтронӣ, мушакҳои нави стратегии тамғаи МХ шурӯъ намуд.



«Рейгономика дар амал»
Карикатураи Г. Ломидзе.

*Карикатураро шарҳ диҳед!*

Аз нимаи дувуми солҳои 80-ум дар муносибати байни ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ тағйироти муҳим ба амал омада, якчанд мулоқоти сарварони ин мамлакатҳо баргузор гардид.

* Конгресс (лот.) — вохӯрӣ, гирдиҳамоӣ, мақоми қонунгузори давлат дар ИМА ва баъзе кишварҳои Амрикои Лотинӣ.

Моҳи ноябри соли 1985 дар Женева вохӯрии М. С. Горбачёву Р. Рейган, сарварони ду давлати бузурги ҷаҳонӣ — Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА баргузор гардид. Дар натиҷаи ин гуфтушунидҳо ҳарду ҷониб ба чунин хулоса омаданд:

— ҷанги атомӣ набояд ҳеҷ вақт оғоз гардад, зеро дар он ҳеҷ тараф ғолиб буда наметавонад;

— Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА баҳри ба даст овардани бартарии ҳарбӣ кӯшиш намекунанд.

Баъди ин вохӯрӣ дар муносибати ду давлат тағйироти ҷиддӣ ба сӯйи боварӣ ва ҳамкории судманд дар роҳи паст кардани шиддати вазъият ба амал омад.

Вохӯрии дувуми роҳбарони давлатҳои ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ моҳи октябри соли 1986 дар пойтахти Исландия — шаҳри Рейкявик баргузор гардид. Дар натиҷаи гуфтушунид аҳднома дар бораи кам кардан ва минбаъд барҳам додани силоҳи стратегӣ, инчунин мушакҳои миёнапарвоз баста шуд.

Гуфтушуниди ин давлатҳо идома ёфта, 8-уми декабри соли 1987 дар Ню-Йорк шартномаи барҳам додани мушакҳои парвози миёна ва наздик ба имзо расид.

Ин шартнома аз июни соли 1988 эътибори қонунӣ пайдо намуда, амалан аввалин шартномаи байналхалқӣ буд, ки барҳам додани ин ду навъи мушакро дар зери назорати тарафайн қарор дод. Дар зарфи се соли оянда тамоми мушакҳои дар шартнома нишондодашуда несту нобуд карда шуданд.



М. С. Горбачёв ва Р. Рейган ҳангоми имзои Шартномаи нобуд сохтани мушакҳои миёнапарвоз, с. 1987.

**Дар бораи низоми дуҳизбии ИМА. Назари сотсиолог ва таърихшиноси олмонӣ М. Вебер.** Дар ИМА муқобили ҳамдигар комилан ҳизбҳои беппринсип, ташкилотҳои махсуси мансабпараст амал мекунанд, ки барои маъракаҳои навбатии интихоботӣ вобаста ба имконияти гирифтани овози бештар барномаҳои худро ҳар бор тағйир медиҳанд…

*Вебер М. Избранные произведения. – М., 1990. С. 681.*

**Аз китоби публисисти амрикоӣ Р. Ринчер «Эҳёи орзуи амрикоӣ» (1980).** Амалан дар Иёлоти Муттаҳида низоми якҳизбист — ҳизби демопубликансӣ, ки ниқобпӯши ду ҳизб — Демократӣ ва Ҷумҳурихоҳ мебошад. Новобаста ба он ки шумо ба кӣ овоз медиҳед, шумо ба ҳизби демопубликансӣ раъй медиҳед… Бисёр ҳизбҳои нав ҳатто имконияти ба саҳнаи сиёсӣ ворид шудан наёфтанд, шумораи ками онҳо, ки ким чӣ хел пойи худро ба сурохӣ андохтаанд, бо пойҳои варамида лангида-лангида аз он ҷо дур шуданд. Низоми мо дар зери назорати ҳизби демопубликансӣ қарор дорад, то замоне, ки он метавонад дар бораи «идоракунии аксарият» дурӯғ паҳн намояд…

*Иқт. аз: Яковлев Н. Н. Силуэты Вашингтона. – М., 1983. С. 17–18.*

1. *Матнҳоро хонед ва муқоиса намоед. Дар онҳо чӣ умумият дида мешавад?*
2. *Барои чӣ Вебери аврупоиро низоми ҳизбии Америкои ибтидои асри XX ба изтироб оварда буд? Чаро публитсисти имрӯзаи амрикоӣ низ аз низоми ҳизбии мамлакаташ изҳори норозигӣ мекунад?*

Дар ИМА дар миёнаи солҳои 80-уми асри XX аз рӯйи шумораи кадрҳои илмӣ (ба ҳисоби % аз шумораи умумии кормандони илмӣ) ҷойҳои аввалро соҳаҳои зерин ишғол менамуданд: техникаи электронию ҳисоббарорӣ — 23%; биология — 20,2%; илмҳои иҷтимоӣ — 18,8%; физика — 12,6%; равоншиносӣ — 11,8%.

1. *Ба назари шумо, барои чӣ дар ин соҳаҳои илм кормандони зиёд фаъолият мекунанд?*
2. *Ин далелҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ИМА чӣ алоқамандӣ доранд?*

?!

1. Барои чӣ сиёсати пешгирифтаи Р. Рейган ҳамчун «инқилоби неоконсервативӣ» дониста шудааст?
2. Дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал омаданд?
3. Чаро дар давраи аввали президентии Р. Рейган хароҷоти ҳарбии ИМА хеле зиёд гашт?
4. Бехтаршавии муносибатҳои ИМА ва Иттиҳоди Шӯравиро шарҳ диҳед.

## § 5. ИМА ДАР ОХИРИ АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI

?!
1. Ҳизби демократ ва Ҳизби ҷумҳурихоҳ дар ҳаёти сиёсии ИМА чӣ гуна нақш доранд?
2. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати Б. Клинтон кадомҳоянд?
3. ИМА ба асри XXI бо кадом дастовардҳо дохил гардид?

ИМА ҷумҳурии президентӣ* мебошад. Президенти кишвар ваколатҳои васеъ дошта, сардори давлат ва ҳукумат мебошад. Ӯ самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварро муайян сохта, аъзои ҳукуматро таъйин ва сабукдӯш менамояд ва сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Ин ваколатҳо нақши президентро дар ҳал намудани масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ боло мебардоранд.

Дар ҳаёти сиёсии ИМА ба таври анъанавӣ нақши ду ҳизби асосӣ – Ҳизби демократ ва Ҳизби ҷумҳурихоҳ хеле калон аст. Фаъолияти ин ду ҳизб махсусан дар давраи гузаронидани маъракаҳои интихоботи президентӣ вусъат мегирад. Дар арафаи интихоботи президентӣ, одатан, анҷуманҳои умумимиллии ҳизбҳо доир гардида, барномаи пешазинтихоботиро муайян ва номзадҳои худро ба вазифаҳои президент ва ноиб-президент пешбарӣ менамоянд.

Барномаҳои ду ҳизб ба ҳамдигар зиёд шабоҳат доранд, вале дар ҳалли баъзе масъалаҳо мавқеи ҳизбҳо фарқ мекунад. Дар тӯли асри XX демократҳо ҳамчун тарафдори сиёсати танзими давлатии иқтисодиёт, islоҳот ва сиёсати нарми иҷтимоӣ баромад намуданд. Ҷумҳурихоҳон бо ғояҳои муҳофизакоронаи худ аз ормонҳо ва арзишҳои соҳибкории хусусӣ ва иқтисоди бозорӣ** ҳимоя менамуданд.

Дар интихоботи соли 1988 намояндаи Ҳизби ҷумҳурихоҳ Ҷорҷ Буш ғалаба ба даст овард. Ба ин нигоҳ накарда Ҳизби демократ тавонист, ки намояндагони худро дар Сенат ва Палатаи намояндагони Конгресси ИМА афзоиш диҳад. Барои ҳамин ҳам Ҳизби демократ

---

* Ҷумҳурии президентӣ – шакли давлатдорӣ, ки дар он президент дар баробари ҳокимияти иҷроия ҳуқуқҳои васеъ дошта, қисман салоҳияти ҳокимияти қонунгузорро низ ба ухда дорад.

** Иқтисоди бозорӣ – усули тараққӣ додани иқтисодиёт дар асоси инкишофи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, соҳибмулкӣ, рақобати озод ва ғайра.



Ҷорҷ Буш (падар)
Президенти ИМА (1988–1992)




Ҷорҷ Буш (писар)
Президенти ИМА (2000–2008)

*Ба назари шумо, байни падар ва писар чӣ монандӣ вуҷуд дорад?*

фишори худро ба ҳукумат ва сиёсати ҷумҳурихоҳон нигоҳ дошта тавониста буд.

Ҳукумати Ҷ. Буш дар сиёсати дохилии худ ба бартараф намудани оқибатҳои паст гардидани ҳаҷми истеҳсолоти иқтисодӣ, ки бештар натиҷаи фаъолияти ҳукумати Р. Рейган буд, аҳаммият дод. Бо ин мақсад дар соли 1991 дар ИМА қонун дар бораи саросар босавод намудани аҳолӣ қабул гардид, ки мувофиқи он ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи ройгон гирифтани таҳсилоти миёнаро пайдо намуданд. Дар ин давра фаъолияти Ҳукумати ИМА барои ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ва афзоиш додани ҳаҷми содирот равона гардида буд.

Дар арсаи сиёсати хориҷӣ ҳукумати Ҷорҷ Буш сиёсати шиддат бахшидани вазъиятро идома дод. Баъд аз барҳам хӯрдани низоми ҷаҳони сотсиалистӣ*, моҳи декабри соли 1991 ИМА бо иттифоқчиёнаш ба муқобили Ироқ амалиёти васеи низомиро ба амал баровარда, давлати Кувайтро аз истилои Ироқ озод намуд. Ҳукумати Саддом Ҳусейн аз он сабаб аз байн бурда нашуд, ки ИМА мақсад дошт Ироқро дар муқобили Эрон барои амалӣ намудани манфиатҳои худ истифода барад.

Сиёсати Ҷ. Буш аз ҷониби мардум дастгирӣ намеёфт. Америкоиҳо аз сиёсати ислоҳоти муҳофизакорон-ҷумҳурихоҳон хаста шуда буданд ва ҳарчи бештар талаби беҳтар намудани низоми таъминоти иҷтимоии кишварро ба миён мегузоштанд.

---

* Ҷаҳони сотсиализм – мафҳум барои ифодаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои сотсиалистии Аврупо ва Осиё, инчунин Куба дар солҳои 40-ум ва охири солҳои 80-уми асри XX.



Билл Клинтон — Президенти ИМА (1992–2000)

Дар интихоботи навбатии соли 1992 намояндаи Ҳизби демократ Уилям (Билл) Клинтон (1992–2000) ғалаба ба даст овард. Ин ғалаба натиҷаи таҳия ва ба мардум пешниҳод намудани барномаи иқтисодии демократҳо буд. Барномаи иқтисодӣ аз ҳалли се вазифаи асосӣ иборат буд: аз байн бурдани пастравии иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ ва вусъати навсозии техникии истеҳсолот; кам кардани касри буҷаи давлатӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои маблағгузорӣ дар иқтисодиёти мамлакат. Дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ Б. Клинтон дар назди худ вазифаи васеъ намудани шабакаи маълумоти касбӣ, зиёд намудани ёрии молиявӣ ба муассисаҳои томактабӣ, амалӣ намудани ислоҳоти таҳсилоти олӣ ва тандурустӣ, ташкили 500 ҳазор ҷойи нави кориро гузошта буд. Б. Клинтон аввалин намояндаи Ҳизби демократ буд, ки дар нимаи дувуми асри XX ду маротиба ба вазифаи президентӣ интихоб гардид.

Дар ин давра тараққиёти иқтисодӣ бемайлон боло рафта, омилҳои асосии ҳаракатдиҳандаи он — иқтисоди бозорӣ ва тараққиёти босуръати технологияҳои навтарин буданд.

«Иқтисоди нав»-и ИМА зодаи технологияи навин буд, ки суръати баланди тараққиёти истеҳсолот, баланд рафтани музди меҳнат ва кам гардидани сафи бекоронро таъмин намуд.

**Дар бораи тараққиёти иқтисодиёти ИМА.** «Дар ибтидои асри нав бештари амрикоиҳо боварӣ доштанд, ки иқтисодиёти онҳо аз пештара дида хеле мустаҳкам аст. Дар даҳ соли охир бештар аз 20 млн ҷойи нави корӣ ташкил карда шуд, касри буҷаи давлатӣ аз байн бурда шуд, ҳаҷми даромадҳои давлатӣ нисбат ба хароҷот қариб 5 трлн долларро ташкил дод. Музди меҳнати ҳарсоатаи амрикоиҳо то 5.15 доллар боло рафт, 55% аҳолии кишвар соҳиби саҳмияҳои ширкатҳо гардиданд. Суръати миёнаи афзоиши маҳсулоти холиси миллӣ (МХМ) аз миёнаҳои солҳои 90-ум 3% ва аз соли 1997-ум 4% -ро ташкил дод. Дар баробари ин сафи истифодабарандагони шабакаи Интернет хеле боло рафта, дар Амрикои Шимолӣ ба 140 млн нафар расид, ки аз тамоми кишварҳои Аврупо (83 млн нафар) зиёд буд».

*Аз китоби В. М. Заболотный «Новейшая история стран Европы и Северной Америки (конец XX — начало XXI века). — М., из-во АСТ, «Из-во Астраль», 2004, С. 51.*

*Аз рӯйи нишондодҳо маълум намоед, ки маъмурияти Б. Клинтон аз уҳдаи иҷрои барномаи интихоботиаш баромад ё не?*

Дар охири солҳои 90-ум муносибатҳои иҷтимоӣ хеле тағйир ёфтанд. Президент Клинтон дар соли 2001 ҳаҷми даромадҳои давлатиро ба маблағи 2 трлн доллар муайян намуд. Ин ба ҳукумати демократҳо имкон дод барномаҳои васеи иҷтимоиро ба амал барорад. Сохтори имрӯзаи таъминоти иҷтимоӣ аз «шабакаи суғурта»-и қавӣ иборат аст, ки манфиати аҳолиро дар сурати аз даст додани ҷойи кор, қобилияти меҳнатӣ ва парасторҳо ҳимоя менамояд. Бештар аз 80 млн нафар амрикоиҳо (аз се як қисми аҳолӣ) ба таври доимӣ аз рӯйи барномаҳои давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ёрдампулӣ мегиранд, ки ҳаҷми умумии онҳо 1 трлн долларро ташкил медиҳад.

Маъмурияти ҳукумати Б. Клинтон дар солҳои 90-уми асри гузашта дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба чунин дастовардҳои назаррас ноил шуд:

— интихоби дурусти самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ имкон дод, ки тиҷорати озод дастгирӣ ёбад ва касри буҷаи давлатӣ аз байн бурда шавад;

— ба соҳаи илм диққати махсус зоҳир намуд, ҳаҷми маблағгузориҳои соҳаҳои гуногуни илм солона то ба 85 млрд доллар расид. Ин чораҳо ба он оварданд, ки ИМА дар инкишофи барномаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва биологӣ пешсаф гардад;

— барои инкишоф ва паҳн намудани шабакаи Интернет ҳамчун асоси таъмини болоравии иқтисодӣ мусоидат намуд. Ҳукумат барои ширкатҳои ба тиҷорати асбобҳои электронӣ машғулбуда имтиёзҳои васеъ дод. Бо ташаббуси ҳукумат ҳамаи мактабҳо, китобхонаҳо ва мактабҳои олии кишвар ба шабакаи Интернет пайваст карда шуданд;

— ислоҳоти сохтори маълумоти олии кишварро ба амал баровард, дар натиҷа бештар аз 60% хатмкунандагони мактабҳо ба муассисаҳои олӣ дохил гардиданд.

Албатта, ин нишондиҳандаҳои назарраси ИМА натиҷаи фаъолияти ҳукумат бошад ҳам, аз тарафи дигар, шароитҳои мусоиди дохилӣ ва хориҷӣ, дастовардҳои технологияи муосир, тамоюлҳои

ҷаҳонишавӣ ва гузаштан ба «ҷомеаи иттилоотӣ» ба ин мусоидат намуданд.

Интихоботи президентии соли 2000 яке аз саҳифаҳои моҷароангези таърихи навини ИМА гардид. Номзади Ҳизби демократ А. Гор барномаи идома додани сиёсати ҳукумати пешинро пешниҳод намуд.

Ҳарифи анъанавии демократҳо — Ҳизби ҷумҳурихоҳ номзадии губернатори иёлати Техас Ҷорҷ Буши хурдиро ба вазифаи президентӣ пешниҳод намуд. Ҷ. Буш (писар) фаъолияти маъмурияти Клинтон — Горро ба зери танқид гирифта, ба амрикоиҳо ваъда дод, ки кишварро боз ҳам сарватманд ва бонуфуз месозад.

Дар интихобот Ҷ. Буш (писар) бо бартарии начандон калон бар ҳарифи худ ғолиб омада, 43-юмин президенти ИМА гардид.

Маъмурияти Ҷ. Буш бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти мақомоти таъминоти иҷтимоии кишвар иқдомоти муҳимро ба амал баровард. Моҳияти ин чорабиниҳо аз он иборат буд, ки дар кори ташкил намудани ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ созмонҳои мазҳабӣ ва хайрия васеъ ҷалб карда мешуданд. Аксари табақаҳои миёнаҳоли кишвар ташаббуси маъмурияти Ҷ. Бушро дастгирӣ намуданд.

Дар баробари ин Ҳукумат ҳаҷми пардохти андозро барои сармоядорони бузург кам намуда, барои дастгирии соҳибкории хусусӣ чораҳо андешид. Ҳукумат ба муқобили иттифоқҳои касабае, ки бемаврид талаби баланд бардоштани музди корро ба миён мегузоштанд, мубориза оғоз намуд. Тирамоҳи соли 2003 Президент Ҷ. Буш бо фармони худ гузаронидани корпартоии коргарони бандарҳои соҳили ғарбии кишварро манъ кард.

Ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 барои маъмурияти Ҷ. Буш санҷиши ҷиддӣ гардиданд. Амалиётҳои террористӣ аҳолии ИМА-ро муттаҳид сохтанд, чораҳои маъмурияти кишвар бо мақсади пурзӯр намудани мубориза ба муқобили терроризм дар дохил ва хориҷи ИМА дастгирии ҳамаҷониба пайдо намуданд.

Баъд аз ҳодисаҳои 11-уми сентябр дар ҳаёти иқтисодии ИМА якчанд моҷарои молиявӣ сар зад. Маълум гардид, ки бузургтарин ширкатҳои саноатӣ, ба монанди ширкати барқи «Энрон», солҳои дароз ҳисоботҳои бардурӯғ таҳия намуда, аз пардохти андоз саркашӣ мекарданд. Роҳбарияти ширкати «Уорлдком» низ зарарҳои бисёрмиллиардаи худро аз давлат ва соҳибони саҳмияҳои ширкат

пинҳон медоштанд. Хамаи ин шаҳодат аз он медод, ки тамоюлҳои бухронӣ дар ҳаёти иқтисодии ИМА вусъат гирифта буданд.

Вазифаи дигари маъмурияти Ҷ. Буш (писар) мустаҳкам намудани амнияти миллии кишвар буд. Ҳодисаҳои 11-уми сентябр собит сохтанд, ки ҳатто пуриқтидортарин кишвар дар шароити таҳдиди амалиётҳои террористӣ наметавонад дар танҳоӣ амнияти худро таъмин намояд.

Конгресси ИМА дар бораи барпо намудани Раёсати амнияти дохилӣ (РАД) қарор қабул намуд. Мақомоти нав маркази ҳамоҳангсози фаъолияти тамоми ташкилотҳои қудратӣ дар мубориза ба муқобили терроризм ва ҷинояткории муташаккилона гардидааст.

Бо мақсади мустаҳкам намудани амнияти миллӣ Конгресси ИМА барои соли 2003 маблағи 393 млрд долларро ба мақсадҳои ҳарбӣ ҷудо намуд, ки минбаъд ҳамасола афзоиш меёбад. Як қисми бузурги ин маблағ барои ба вуҷуд овардани навъҳои навтарин ва замонавии аслиҳа ва барпо кардани Шабакаи миллии мудофиаи зиддимушакӣ ҷудо гардидааст. Барномаҳои ҳарбии солҳои охир имконият медиҳанд, ки ИМА ба давлати пуриқтидори ҳарбӣ табдил ёбад.

Баъд аз гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон ИМА тамоми ҷидду ҷаҳди худро барои мубориза ба муқобили Ироқ ва роҳбари он Саддом Ҳусейн равона намуд. Ҳукумати С. Ҳусейн ба расонидани ёрии молиявӣ ба ташкилотҳои террористӣ ва ба вуҷуд овардани силоҳи ҳастаӣ айбдор карда шуд. Дар давоми соли 2002 ИМА ба ҷанг ба муқобили Ироқ фаъолона тайёрӣ дид.

Бештари давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Франсия, Олмон, Россия ва Чин ба муқобили сар кардани амалиётҳои низомӣ дар Ироқ эътироз намуданд. Вале ин ҳол пеши роҳи ҷангро гирифта натавонист.

Моҳҳои феврал–марти соли 2003 қувваҳои мусаллаҳи ИМА ва Британияи Кабир баъд аз гузаронидани амалиётҳои ҳарбӣ дар як муддати кӯтоҳ муқобилияти неруҳои мусаллаҳи Ироқро шикаст дода, ин кишварро забт намуданд.

Саддом Ҳусейн дар яке аз паноҳгоҳҳояш ба зудӣ дастгир гардида, ба маҳкама кашида шуд. Дар Ироқ идораи муваққатӣ барқарор карда шуд. Дар давоми солҳои 2004–2005 дар шароити ҳузури қувваҳои мусаллаҳи ИМА дар Ироқ интихоботи президентӣ ва

парламентӣ гузаронида шуд. Ба ин нигоҳ накарда дар Ироқ сулҳу осоиш барқарор нагардид.

Ҳузури низомии ИМА дар Ироқ 9 сол идома ёфта, 15-уми декабри соли 2011 расман дар бораи хотима ёфтани амалиётҳои низомӣ дар ин кишвар эълон карда шуд. Пас аз ин бештар аз 5000 корманди сохторҳои хусусии низомӣ ва муҳофизатии амрикоӣ дар Ироқ боқӣ монданд.



— Ҳа, ин яроқи қатли омм нест… Ҳоло, ки дер нашудааст инҳоро бомбаборон кардан лозим!

ИМА пас аз сар задани «баҳори арабӣ» дар моҳи марти соли 2011 дахолати низомии худро дар Сурия ва Ироқ тақвият бахшид. Ташкили «Ҷабҳаи исломӣ» ва вусъат гирифтани ҳамлаҳои созмони террористии «ДОИШ» (Давлати исломии Ироқу Шом) ба муқобили низомҳои ҳукмрон дар Сурия ва Ироқ боиси фаъол гардидани ҳузури низомии ИМА ва иттифоқчиёнаш гардида, бо ёрмандии мушовирони амрикоӣ неруҳои мухолифи давлат омодагии низомӣ медиданд ва ИМА ҳамзамон ба муқобили ҳаракатҳои тундрави исломӣ мубориза мебурд. Дар натиҷа то охири соли 2017 қувваҳои асосии ҳаракатҳои тундрави исломӣ маҳв гардиданд, вале ҷангҳои чирикӣ дар баъзе минтақаҳои ин ду кишвар идома доранд.

Дар ибтидои асри XXI ИМА ба душвориҳои ҷиддии иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардида буд, вале ин маънои заиф будани кишварро надошт. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳанӯз ҳам қувваи пешбарандаи иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор меравад.

**Сохтори иқтисоди ИМА** хусусияти равшани пасосаноатӣ-технологиро дорад. Қисми зиёд (79,4%)-и ММД дар соҳаи хизматрасонӣ (маориф, илм, тандурустӣ, молия, тиҷорат, расонидани хизматҳои касбӣ ва инфиродӣ, нақлиёт ва алоқа, расонидани хадамоти муассисаҳои давлатӣ) рост омада, ҳаҷми истеҳсолоти моддӣ (кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, сайди моҳӣ, саноати истихроҷ ва коркард, сохтмон) 20,6%-и ММД-ро ташкил медиҳад, ки аз ин 0,6% ба соҳаи кишоварзӣ ва 20% ба соҳаи саноат рост меояд. ММД дар соли 2022 — 25,34 трлн долларро ташкил дода, ба ҳар сари аҳолӣ — 69 375 доллар баробар аст. ИМА аз рӯйи нишондоди шохиси рушди инсонӣ дар ҷаҳон

дар ҷойи 17-ум қарор дорад. Шарикони асосии тиҷоратӣ: Иттиҳоди Аврупо, Канада, Мексика, Чин, Ҷопон ва ғайра.

*Манбаъ: Gross domestic product, PPP. World bank accessed on 2 July 2015.*

*Аз рӯйи матн муайян намоед, ки кадом бахшҳои иқтисодӣ самтҳои тараққиёти ИМА-ро муайян месозанд.*

?!
1. Ҷумҳурии президентӣ бо кадом хусусиятҳои сиёсии худ фарқ мекунад?
2. Чаро маъмурияти Ҷ. Буш (падар) натавонист оқибатҳои ҳукмронии Рейганро бартараф созад?
3. Самтҳои асосии сиёсати дохилии ҳукумати Б. Клинтон кадомҳоянд?
4. Ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ба ИМА чӣ гуна таъсир расониданд?

## § 6. РАВАНДИ УСТУВОР ГАРДИДАНИ ИТТИҲОДИ АВРУПО

?!
1. Чаро мамлакатҳои Аврупо дар раванди ҳамгироӣ* ба муваффақиятҳои намоён ноил шуданд?
2. Мақсадҳои асосии ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар чист?
3. Оё имкониятҳои боз ҳам густариш ёфтани ҳамгироии мамлакатҳои Аврупо мавҷуд аст?

Шумо дар синфи 10-ум бо марҳалаҳои аввалини ҳамгироии мамлакатҳои Аврупо шинос шуда будед. Аз нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX раванди ҳамгироии мамлакатҳои Аврупо боз ҳам вусъат ёфта, мазмуни нав гирифт.

Аз ҳамин давра ҳамкории ин мамлакатҳо самтҳои нав ба навро фаро мегирифт. Соли 1975 мамлакатҳои аъзои Иттиҳод ба таҳияи тадбирҳои якҷоя доир ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ оғоз намуданд. Мутобиқсозии қонунгузории мамлакатҳои аъзои ИА аз он далолат мекунад, ки низоми ягонаи аврупоии меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил ёфтааст. Чунин амал ба

* Ҳамгироӣ (интегратсия) — раванди ба ҳам наздикшавӣ, мувофиқсозӣ ва ҳамкориҳои судманди якчанд мамлакат; ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ.





Назари карикатурист
ба ҳамгироии ИА.

*Карикатураҳоро муқоиса кунед.*
*1. Кадом хусусиятҳои ҳамгироии аврупоӣ дар он инъикос ёфтааст?*
*2. Ба назари шумо, инҳо ба кадом марҳалаҳо рост омада метавонанд?*

хотири ба танзим даровардани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии тамоми давлатҳои аъзо нигаронида шудааст.

Давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Аврупо соли 1979 дар бораи ташкили низоми пули аврупоӣ аҳднома бастанд. Дар муддати кӯтоҳ ин мамлакатҳо ба қабули пули ягона — евро ноил гаштанд. Аз 1-уми январи соли 2002 евро дар аксарияти мамлакатҳои Иттиҳод ба ҷойи пули миллиашон мавриди истифода қарор гирифт.

Дар шаҳрчаи Шенген моҳи июни соли 1985 дар байни ҳафт мамлакат: Белгия, Нидерландия, Люксембург, Фаронса, Олмон, Испания ва Португалия дар бораи бекор кардани назорати сарҳадӣ аҳднома ба имзо расид.

Ин аҳднома аз ибтидои соли 1990 дар амал татбиқ гардид. Мамлакатҳои аъзои ИА дар сарҳадҳои дохилиашон назорати гумрукӣ ва шиносномаро барҳам доданд. Шаҳрвандони давлатҳои ИА акнун метавонанд бе раводиди махсус, бе маҳдудияти вақт дар ҳар мамлакати Иттиҳод, ки хоҳанд, кор ва зиндагӣ кунанд.

Солҳои 70-ум ба ҳайати ИА якчанд мамлакати дигар ворид гаштанд: соли 1981 — Юнон, соли 1986 — Испанияю Португалия, соли 1995 — Австрия, Финландия ва Шветсия.

Соли 2004 дар роҳи васеъшавии ИА воқеаи муҳим рух дод. Якбора даҳ мамлакат: Чехия, Эстония, Кипр, Латвия, Литва, Венгрия, Малта, Полша, Словения ва Словакия аъзои ИА гаштанд.

Аҳднома дар бораи Иттиҳоди Аврупо ҳанӯз 7-уми феврали соли 1992 дар Маастрихт (Нидерландия) ба имзо расид ва аз 1-уми ноябри соли 1993 эътибор пайдо кард.

Иттиҳоди Аврупо – иттифоқи ихтиёрии мамлакатҳои аврупоист, ки дар асоси ҳамкорӣ баҳри пойдории сулҳ ва инкишофу равнақи ҳамаи давлатҳои аъзо нигаронида шудааст. ИА ба ҷойи давлатҳои мавҷуда давлати нав ба ҳисоб намеравад. Иттиҳоди Аврупо пойтахти расмӣ надорад, вале қисми зиёди сохторҳои идоракунии он дар Брюссел (Белгия) ҷойгиранд.

Мақсадҳои асосии ташкили ИА:

— ҷорӣ намудани шаҳрвандии аврупоӣ;
— таъмини озодӣ, бехатарӣ ва қонуният;
— мусоидат ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
— мустаҳкам намудани мавқеи Аврупо дар сатҳи байналмилалӣ.

Имрӯз ба ҳайати ИА 27 мамлакат: Австрия, Белгия, Булғория, Венгрия, Дания, Германия, Юнон, Ирландия, Испания, Италия, Кипр, Латвия, Литва, Люксембург, Малта, Нидерландия, Полша, Португалия, Руминия, Словакия, Словения, Финландия, Фаронса, Хорватия, Чехия, Шветсия, Эстония дохил мешавад.

Мақсадҳои умумии сиёсати хориҷӣ ва сиёсати бехатарии ИА ба ҳимояи арзишҳои умумӣ, манфиатҳои соҳибихтиёрии ИА, мустаҳкам намудани бехатарии Иттиҳод ва мамлакатҳои ба он аъзо равона гаштааст. Сулҳ ва бехатарии байналмилалӣ, мусоидат ва инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ, демократия*, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз мақсадҳои муҳимтарини ИА мебошанд.

Мамлакатҳои аъзои ИА бояд ба ҳамдигар ва сохторҳои умумие, ки дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва бехатарӣ дахл доранд, иттилооти зарурӣ пешкаш намоянд. Онҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ фаъолияти худро ҳамоҳанг месозанд.

Тамоми давлатҳои аъзо ӯҳдадоранд, ки ошкоро ва фаъолона сиёсати беруна ва бехатарии ИА-ро дастгирӣ намуда, аз ҳама гуна

* Демократия (юн.) – ҳокимияти халқ; низоми сиёсӣ, ки дар он шакл ва усулҳои ҳокимияти халқ барқарор ва амалӣ гардида, дар асоси қонун озодӣ ва баробари шаҳрвандон таъмин мегардад.

амалиёте, ки хилофи манфиатҳои Иттиҳод мебошанд, худдорӣ намоянд.

**Иқтибос аз Шартнома дар бораи Иттиҳоди Аврупо аз 7-уми феврали соли 1992.**

Моддаи 2. Иттиҳод мақсадҳои худ мешуморад:

— ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини сатҳи баланди шуғли аҳолӣ мусоидат намояд, ба инкишофи мувозин ва устувор, хусусан бо роҳи ташкили ҳудуди бидуни сарҳади дохилӣ, мустаҳкам намудани ҳамгироии иқтисодию иҷтимоӣ ва бо роҳи ташкили иттиҳоди иқтисодию асъорӣ, ки дар ниҳояти кор мувофиқи нишондодҳои шартномаи мазкур пули ягонаро дар бар мегирад, комёб гардад;

— дар арсаи байналмилалӣ воҳиди мустақил будани худро тасдиқ намояд, хусусан ба василаи амалисозии сиёсати умумии хориҷӣ ва сиёсати амниятӣ, бо дарназардошти ташаккули сиёсати умумии мудофиа, ки он эҳтимолан мувофиқи нишондодҳои моддаи 17 ба дифои умумӣ мерасонад, пешбинӣ менамояд.

— бо роҳи ҷорӣ намудани шаҳрвандии Иттиҳод пурзӯр намудани ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони мамлакатҳои аъзо;

— ҳифз ва инкишофи Иттиҳод ба сифати ҳудуди озодӣ, амният ва адолат, ки дар дохили он ҳаракати озодонаи одамон бо алоқамандии татбиқи чораҳои зарурӣ дар бобати назорати сарҳадҳои беруна, додани паногоҳ, муҳоҷират, инчунин пешгирии ҷинояткорӣ ва мубориза бо ин зуҳурот таъмин мегардад…

*Ба назари шумо, ин тадбирҳо метавонанд дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ҷорӣ карда шаванд?*

Ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта зарурати тағйироти усули идоракунии ИА ва сохторҳои мақомоти роҳбарикунандаи он ба миён омад.

Дар мулоқоти роҳбарони кишварҳои узви Иттиҳод моҳи декабри соли 2001 баргузоргардида дар бораи таҳияи конститутсияи умумиаврупоӣ қарор қабул гардид. Гурӯҳи корӣ дар муддати се сол лоиҳаи онро омода намуд ва моҳи июни соли 2004 дар маҷлиси махсус матни ниҳоии лоиҳаи Конститутсияи ИА қабул карда шуд.

Конфронси намояндагони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои ИА 28-уми октябри соли 2004 шартнома қабул намуд, ки мувофиқи он Конститутсияи Аврупо тасдиқ карда шуд ва сарварони ҳамаи давлатҳои аъзо дар Рим ба Конститутсияи нави аврупоӣ имзо гузоштанд.

Барои эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани Конститутсия бояд тамоми мамлакатҳои аъзои ИА онро ратификатсия* намоянд. Агар ягон мамлакати аъзо Конститутсияро ратификатсия накунад, он мавриди амал қарор намегирад. Ин ҳолат маънои аз байн рафтани ИА-ро надорад, зеро аҳдномаҳои қаблан имзошудаи мамлакатҳои аъзо амал хоҳанд кард.

Мувофиқи Конститутсия** ба сохтор ва вазифаҳои ИА баъзе тағйирот ворид мегардад:

— дар Шӯрои ИА мансаби президент дар назар дошта шудааст. Президентро Шӯро ба мухлати дувуним сол таъйин мекунад. Ҳоло сарварии Шӯроро ҳар ним сол намояндаи яке аз мамлакатҳои аъзо иҷро менамояд.

— мансаби вазири корҳои хориҷӣ дар назар дошта шудааст, ки бояд сиёсати хориҷии ягонаи аврупоиро пеш барад;

— салоҳияти Парлумони Аврупо васеъ карда шудааст. Он на фақат буҷетро тасдиқ менамояд, балки ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳолати озодиҳои шаҳрвандӣ, назорати наздисарҳадӣ ва муҳоҷират, ҳамкории сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи мамлакатҳои узви ИА низ ба уҳдаи парлумон гузошта мешавад.

Мамлакатҳои аъзои ИА шаклҳои гуногуни ратификатсия — овоздиҳӣ дар парлумон ва раъйдиҳии умумихалқиро истифода мебаранд.

Комиссияи аврупоӣ мақоми олии ҳокимияти иҷроияи ИА ба ҳисоб меравад. Ба ҳайати ин комиссия намояндагони ҳамаи давлатҳои аъзо шомиланд.

Вазифаи Комиссияи аврупоӣ ҳамоҳанг сохтани кори мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҳамаи мамлакатҳои ИА мебошад. Таҳияи пешниҳод барои фаъолияти Парлумони Аврупо, ташаббуси қонунгузорӣ ба мақсади мувофиқ сохтани қонунгузории миллии мамлакатҳои аъзо ба меъёрҳои умумиаврупоӣ ва риояи ин меъёрҳо аз ҷониби ҳамаи давлатҳо, ҳамчунин риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ба уҳдаи

---

* Ратификатсия (лот.) — тасдиқшуда, ҳалшуда; иҷро кардан, аз тарафи мақоми олии давлатӣ тасдиқ шудани созишномаҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ.

** Конститутсия — қонуни асосии давлат, ки сохтори маъмурию ҷамъиятӣ, тартиб ва усули ташкили мақомоти ҳокимият, системаи интихоботӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии шаҳрвандонро муайян менамояд.

Комиссия гузошта шудааст. Комиссияи аврупоӣ инчунин бо мақсади таҳияи сиёсати ягонаи иқтисодӣ, ҳарбӣ, хориҷӣ ва фарҳангӣ бо тамоми ҳукуматҳои миллии мамлакатҳои аъзо машварати мунтазам дорад.

Шомилшавӣ ба ИА барои ҳама кишварҳои демократии Аврупо озод буда, дар сурати мутобиқ будани кишвар ба меъёрҳои муайян ба ҳайати он қабул мегарданд.

Дар ибтидои соли 2022 панҷ кишвари аврупоӣ мақоми номзад ба аъзои созмонро доранд: Албания (аз соли 2009), Македонияи Шимолӣ (2004), Сербия (2009), Туркия (1987) ва Черногория (2008). Исландия соли 2009 дар бораи шомилшавӣ ба ИА эълон намуд, вале 12-уми марти соли 2015 расман аз ин иқдом даст кашид. Босния ва Ҳерсеговина соли 2016 дархости шомилшавӣ ба ИА намуд, вале то ҳол мақоми номзадиро ба даст надаровардааст.

Созишнома дар бораи шарикӣ бо Гурҷистон, Молдавия ва Украина ба имзо расидааст. 28-уми феврали соли 2022 Украина дар бораи пеш аз муҳлат шомил гардидан ба ҳайати ИА дархост пешниҳод намуд ва роҳбарияти ин созмон барои додани мақоми номзадӣ ба Украина мувофиқати худро изҳор дошт.

23-юми июни соли 2016 дар Британияи Кабир доир ба баромадан аз ҳайати ИА раъйпурсӣ гузаронида шуд. Дар асоси натиҷаҳои он Британияи Кабир пас аз 43 соли узвият дар ИА 31-уми январи соли 2020 аз ҳайати ин созмони аврупоӣ баромад.

* Ҷадвали марҳалаҳои ҳамгироии ИА-ро тартиб диҳед.

| Санаи чорабиниҳо, (аҳдномаҳо) | Мамлакатҳои иштирокдошта | Моҳият ва натиҷаҳои марҳалаи нав |
|---|---|---|
| | | |

1. *Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ба ҳайати Иттиҳоди Аврупо кадом мамлакатҳои нав дохил шуданд?*
2. *Бо кадом сабаб мамлакатҳои аъзои ИА қонунгузории худро бо ҳамдигар мувофиқ месозанд?*
3. *Охири солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI дар ИА чӣ гуна тағйирот ба амал омаданд?*
4. *Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ИА кадом соҳаҳоро дар бар мегирад?*

# § 7. БРИТАНИЯИ КАБИР: СИЁСАТИ МУҲОФИЗАКОРОНИ НАВ

?!
1. Вазъияти дохилии Британияи Кабир дар солҳои 70-уми асри XX чӣ гуна буд?
2. Моҳияти сиёсати «тэтчеризм»* аз чӣ иборат аст?
3. Сиёсати муҳофизакорони нав барои Британияи Кабир чӣ натиҷа дод?

**Вазъияти дохилии Британияи Кабир дар ин давра.** Дар ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта Британияи Кабир ба монанди дигар давлатҳои сармоядории Ғарб марҳалаи инкишоф ва шукуфоиро аз сар мегузаронид. Ба назар мерасид, ки бинобар саҳми фаъол гирифтани давлат дар ҳаёти иқтисодии кишвар «ҷамъияти некӯаҳвол»** ба вуҷуд оварда шуд.

Дар миёнаҳои солҳои 70-ум ҷаҳони Ғарбро бuҳрони шадиди иқтисодӣ фаро гирифт, ки ба Британияи Кабир ва махсусан, ба саноати истеҳсоли неруи барқ ва ашёи хом таъсири сахт расонид. Нархи маҳсулоти асосӣ — хӯрокворӣ, либос ва молҳои саноатӣ ду баробар баланд гардид. Соли 1975 дараҷаи истеҳсолот нисбат ба соли гузашта 10% поён омад. Дар ибтидои соли 1976 дар кишвар сафи бекорон бештар аз 1,5 млн нафар зиёд гардид.

Ҳанӯз аз охирҳои солҳои 60-ум ҳаракати «нави чап» ба асос ва пояҳои анъанавии ҷамъияти Ғарб: ахлоқ, арзишҳои оилавӣ ва мазҳабӣ таъсири бад расонида буд. Як қатор сиёсатмадорони қаноти рост сабаби авҷ гирифтани нашъамандӣ ва ҷинояткорӣ, барҳам хӯрдани оилаҳоро дар ҳукмронии ғояҳои озодии умум медиданд. Дар дохили ҷамъияти Британияи Кабир зарурати тартиб додани

---

* Тэтчеризм — маҷмуи чораҳои ба амал баровардани сиёсати дохилии ҳукумати Британияи Кабир дар солҳои ҳукмронии сарвазир Маргарет Тэтчер. Моҳияти ин сиёсат аз ихтисор кардани ҳайати дастгоҳи идоракунии давлат, кам кардани хароҷоти давлатӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ буд. Дар соҳаи саноат бошад, давлат аз расонидани ёрӣ ба корхонаҳои зароровар даст кашид.

** Ҷамъияти некӯаҳвол — давлати демократие, ки барои шаҳрвандони худ сатҳи муайяни таъминоти иҷтимоӣ ва некӯаҳволиро дар шароити муносибатҳои бозорӣ кафолат медиҳад. Раванди инкишофи давлатҳои саноатии Ғарб аз солҳои 40-ум то ибтидои солҳои 70-уми асри XX, ки иқтисоди бозориро бо назорати оқилонаи давлат омезиш дода буд.

назари нав ба оянда пухта мерасид. Таълимоти муҳофизакорони нав мисоли чунин ғояҳо буд.

Мувофиқи ақидаи муҳофизакорони нав, ба ҷамъияти сармоядорӣ зарур буд дар қадами аввал таҳкурсии анъанавии худ — оила ва ахлоқи ба арзишҳои мазҳаби насронӣ асосёфтаро мустаҳкам созад. Муҳофизакорони нав тарафдори барпо кардани ҷомеаи гуногунандеша буданд, ки он бояд рушди ошкорбаёнӣ ва васеъ гаштани ҳуқуқҳои инсонро таъмин менамуд.

Моҳияти таълимоти муҳофизакорони нав дар соҳаи иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ ва вазифаҳои давлат аз ин иборат буд: ба вуҷуд овардани дараҷаи баланди некуаҳволӣ барои ҳама ғайриимкон аст; ҳама гуна ҷамъияти инсонӣ мисоли худи одам аз камбудиҳо холӣ нест; ғалабаи фақр ва бенавоӣ мисли ғалаба аз болои марг ғайриимкон аст; давлат набояд қувва ва имкониятҳои худро барои кори татбиқнашаванда сарф намояд; вазифаи давлат дар соҳаи иқтисодиёт аз фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобати озод иборат аст; дар қадами аввал давлат бояд тартиботи ҷамъиятиро таъмин намуда, ба муқобили ҷинояткорӣ мубориза барад ва ғайра.

Дар нимаи дуюми солҳои 70-ум таълимоти муҳофизакорони нав дар байни аҳолии давлатҳои Ғарб дастгирӣ пайдо намуд. Дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла Британияи Кабир муҳофизакорон ба сари ҳокимият омаданд.

**Тэтчеризм — роҳи Британияи Кабир ба сӯйи шукуфоӣ.** Дар давраи маъракаи пешазинтихоботии соли 1979 Ҳизби муҳофизакор, ки ба сарварии он Маргарет Тэтчер омада буд, вазифаи аввалини худро мубориза ба муқобили инфлятсия* ва баровардани Британияи Кабир аз буҳрони тӯлонӣ медонист. Дар интихоботи парлумонии моҳи майи соли 1979 бештари аҳолии кишвар ба тарафдории Ҳизби муҳофизакор овоз доданд. Дар натиҷа Маргарет Тэтчер ба сифати сарвазир ҳукумати Британияи Кабирро ташкил дод.

Моҳияти сиёсати нави иқтисодии Ҳизби муҳофизакорро сиёсати монетарӣ — мубориза ба муқобили инфлятсия ва кам кардани хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ташкил медод. Бо мақсади беҳтар

---

* Инфлятсия (лот.) — беқурбшавии пул, аз ҳад зиёд ба муомилот баровардани пули коғазӣ ва кам гаштани тавлидоти мол, ки боиси беқурб шудани пул мегардад.

кардани вазъияти иқтисодии мамлакат ҳукумати М. Тэтчер як қатор соҳаҳои саноат — истеҳсоли нафт, ҳавопаймоӣ ва кайҳон, киштисозӣ ва ғайраро ба ихтиёри ширкатҳои хусусӣ дод. Хароҷоти давлат барои маориф, тандурустӣ, сохтмони манзил кам гардида, сафи хизматчиёни давлатӣ ихтисор карда шуд.




Намоиши эътирозии коргарони Британияи Кабир.

*Аз рӯйи матни шиорҳо талаботи коргаронро муайян намоед.*

Сиёсати иқтисодию иҷтимоии ҳукумати М. Тэтчер бо номи «тэтчеризм» машҳур гардид. Ҳукумат корхонаҳои зароварро дастгирӣ намекард, баръакс, ба корхонаҳое, ки худашон кӯшиши баромадан аз буҳронро мекарданд, ёрӣ мерасонд. Яке аз роҳҳои сарфакории иқтисодӣ — фурӯши корхонаҳои давлатӣ ва ба аҳолӣ додани хонаҳои дар ихтиёри ҳукуматҳои маҳаллӣ буда гардид.

Натиҷаи солҳои аввали гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ташвишовар ба назар мерасид. Сафи бекорон боз ҳам зиёд гардида, дар охири соли 1981 миқдори онҳо аз 3 млн нафар боло рафт. Расонидани ёрдампулӣ ба табақаҳои поёнии ҷамъият маҳдуд карда шуд. Аз тарафи дигар, аввалин натиҷаҳои ислоҳот — беқурбшавии пул ва афзоиши нархҳо боздошта шуд. Ба иқтисодиёти Британияи Кабир сармоягузориҳо дохил гардида, афзоиши истеҳсоли саноат оғоз гардид.

Соли 1982, як сол қабл аз интихоботи навбатии парламент, байни Британияи Кабир ва Аргентина барои ҷазираҳои Фолкленд, ки дар қисмати ҷанубии Америкои Лотинӣ воқеъ буданд, моҷарои ҳарбӣ сар зад. Ҷанги кӯтоҳмуддат ба фоидаи Британияи Кабир анҷом ёфт. Дар рафти он сарвари кишвар Маргарет Тэтчер иродаи қатъӣ, матонат ва шуҷоат нишон дода, аз манфиатҳои кишвар ҳимоят намуд ва дар байни мардум обрӯ ва эътибори калон пайдо кард.

Солҳои 1983 ва 1987 дар ду навбати интихоботи парламент Ҳизби муҳофизакор ғалаба ба даст даровард. Дар ғалабаи ин ҳизб хизматҳои ҳукумати М. Тэтчер дар кори таъмини тараққиёти мунтазам ва ба даст овардани натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ накши ҳалкунанда доштанд.

Дар тӯли солҳои 80-ум ҳукумати муҳофизакорон сиёсати худро боз ҳам устувортар амалӣ намуд. Конҳои ангишти зараровар баста шуданд. Агарчи ин амал норозигии коргаронро зиёд намуда, моҳи марти соли 1984 ба корпартоии умумӣ оварда расонида бошад ҳам, муқобилати коргарон мавқеи қатъии ҳукуматро тағйир надод.

Дар давоми солҳои ҳукмронии М. Тэтчер Британияи Кабир аз давраи буҳрон баромада, ба сӯйи тараққиёт ва шукуфоӣ ҷаҳиши бузург намуд.

**Натиҷаҳои тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Британияи Кабир.** Муваффақиятҳои ҳукумати Маргарет Тэтчер дар ҳаёти дохилӣ ва хориҷӣ барои шаҳрвандон исбот менамуд, ки кишвари онҳо ҳоло ҳам давлати бузург аст.

**Ақидаи таърихшиноси шӯравӣ дар бораи фаъолияти сиёсии Маргарет Тэтчер.** Табиист, ки тарафдорон ва мухолифони Тэтчер ба натиҷаҳои давраи 9-солаи дар сари ҳокимият буданаш ва моҳияти «тетчеризм» ҳар гуна баҳо медиҳанд. Аввалиҳо муваффақиятҳои ҳукумати ӯро дар мубориза ба муқобили беқурбшавии пул, «лаҷом задани» иттифоқҳои касаба, баланд бардоштани қобилияти рақобатии молҳои англисӣ, «солим сохтани» иқтисодиёти кишвар ва азнавсозии сохтори саноат, баланд гардидани сатҳи талаботи мардум, баланд гардидани обрӯ ва эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ таъкид мекарданд. Дувумиҳо ӯро барои вусъат ёфтани тазодҳои иҷтимоӣ, афзоиши бемислу монанди бекорӣ, тақсим намудани кишвар ба «Ҷануби сарватманд» ва «Шимоли қашшоқ», «ғайрисаноатикунонӣ», поймол кардани ҳуқуқи иттифоқҳои касаба… танқид менамуданд. Ҳатто бештар ҳаммаслакони ҳизбияш эътироф менамоянд, ки муваффақиятҳои солҳои ҳокимияташ бо қурбониҳо ва маҳрумиятҳои зиёд ба даст омаданд… ва дар навбати худ, вақт ва ҷидду ҷаҳди зиёд барои ҳалли онҳо лозим мешавад.

*Аз мақолаи Перегудов С. П. Маргарет Тэтчер //«Вопросы истории».1988. № 10. С. 69–70.*

1. *Оё баҳои додашуда холисона аст?*
2. *Ба фикри шумо, «тарафдорон» ва ё «мухолифон» зиёд буданд? Оё онҳо ба сиёсати ҳукумати Тэтчер таъсир расонида метавонистанд?*




Ошӯби ҷавонон дар Лондон.

*Чаро ҷавонон бештар дар ошӯбҳо ширкат мекунанд?*

Аз чор як қисми аҳолии мамлакат саҳмияҳои ширкатҳои гуногунро соҳиб гашта, вазъияти иқтисодии худро мустаҳкам намуданд. Маблағҳои калони ба буҷети давлат дохилгардида имкон доданд, ки ёрдампулӣ ба бекорон ва табақаҳои поёнии ҷамъият, хароҷот барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ зиёд карда шавад. Аз се ду ҳиссаи оилаҳои кишвар дар хонаҳои хусусии худ зиндагӣ мекарданд. Шаҳрвандони британиягӣ сарватҳои худро дар иқтисодиёти Британияи Кабир ва давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико маблағгузорӣ мекарданд.

Дар баробари роҳбарии оқилонаи Ҳизби муҳофизакор, сабаби дигари муваффақиятҳо дигаргуниҳои воқеии дар сохтори иҷтимоии аҳолӣ баамаломада гардиданд. Ҳиссаи синфи коргар дар таркиби аҳолӣ кам гашта, сафи хизматчиён зиёд гардид. Ҳанӯз дар ибтидои солҳои 80-ум 36% аҳолӣ дар саноат ва сохтмон, 37% дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, 17% дар тиҷорат ва таъминот машғули кор буданд. Ҳоло дар Британияи Кабир кормандони ба меҳнати фикрӣ машғулбуда нисбат ба кормандони бо меҳнати ҷисмонӣ машғулбуда зиёд ҳастанд. Британиягиҳоро одатан миллати хизматчиёни бонкҳо ва савдогарон низ меноманд.

Дар ин дастовардҳои бузурги Британияи Кабир саҳми сарвазири он, роҳбари Ҳизби муҳофизакор Маргарет Тэтчер — шахсияти дорои иродаи қавӣ ва қобилияти фавқулода хеле калон буд. Ӯро ҳам тарафдорон ва ҳам рақибонаш барои ин хислатҳояш «хонуми оҳанин» номиданд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум барои ҳизби ҳукмрон — Ҳизби муҳофизакор давраи ногувор ва мушкилиҳо оғоз гардид. Ҳарчи бештар мардум талаби расонидани ёрмандии моддӣ ба табақаҳои поёнии




Ирландияи Шимолӣ. Эътироз ба муқобили амалиётҳои террористии АҶИ.

*Барои чӣ намоишгарон акси қурбонии амалиёти террористиро бо матни «На аз номи ман» дар даст доранд?*

ҷамъият ва ба инобат гирифтани ҳуқуқи иттифоқҳои касабаро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба миён мегузоштанд.

Сиёсати берунии ҳукумати М. Тэтчер, ки дар ҳалли масъалаҳои гуногуни байналхалқӣ аз мавқеи ИМА пурра пуштибонӣ мекард, дар байни аҳолӣ якдилона дастгирӣ намешуд. Бисёриҳо ақида доштанд, ки ҳалли масъалаҳои сиёсати хориҷӣ аз нуқтаи назари «якдилии атлантикӣ» ба Британияи Кабир, барои ба амал баровардани сиёсати мустақилона имконият намедиҳад.

Масъалаи Олстер ҳанӯз ҳам дар ҷисми Британияи Кабир мисли захми бедаво буд. Сиёсати яктарафаи ҳукумати М. Тэтчер бо мақсади дастгирии аҳолии протестантии Ирландияи Шимолӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Амалҳои террористии Артиши ҷумҳурихоҳони Ирландия (АҶИ) дар шаҳрҳои гуногун нишон медоданд, ки ҳукумати М. Тэтчер аз уҳдаи ҳалли низои Ирландияи Шимолӣ баромада наметавонад.

Аз соли 1990 сар карда вазъияти дохилии Британияи Кабир шиддат ёфт. Донишҷӯён ва ҷавонони бекор, ки дар зери таъсири «ғояҳои чап» монда буданд, ба муқобили сиёсати ҳукумат фаъолона

баромад мекарданд. Ин табақаҳои ҷамъият азислоҳот чизе нагирифта буданд. Дар кӯчаҳои Лондон ва шаҳрҳои дигар баромадҳо ба задухӯрд бо политсия табдил ёфтанд. Ин баромадҳо сабаб гардиданд, ки дар байни аҳолии Британияи Кабир талаби истеъфои ҳукумати Тэтчер ҳамовозӣ пайдо кунад. Дар чунин шароити бухронӣ ҳисси масъулият, матонат ва шуҷоати М. Тэтчер имконият дод, ки аз «домани ҳокимият» надошта, аз вазифаи сарвазирӣ ихтиёрона ба истеъфо равад.

**Дар бораи вазъияти иқтисодиёти Британияи Кабир дар охири асри XX.** Дар шароити имрӯза Британияи Кабир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Британия аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти холиси миллӣ дар ҷаҳон дар ҷойи нуҳум ва дар Аврупои Ғарбӣ дар ҷойи чаҳорум меистад. Ба Британияи Кабир 4,2% маҳсулоти холис ва 1% аҳолии ҷаҳон (58 млн нафар) рост меояд. Аз рӯйи истеҳсоли саноатӣ Британияи Кабир дар байни давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар ҷойи панҷум қарор дорад, ки ин дар маҷмуи маҳсулоти саноатии давлатҳои пешрафта дар ибтидои солҳои 90-ум 7,2%-ро ташкил дод. Аз рӯйи ҳаҷми маблағгузориҳои хориҷӣ Британияи Кабир дар ҷаҳон дар ҷойи дувум меистад. Ин давлат дорои бузургтарин флоти баҳрӣ мебошад.

*Аз китоби «Мировая экономика. Экономика зарубежных стран». М., «Флинта». 2000. С. 280.*

1. *Ба фикри шумо, кадом давлатҳо аз рӯйи ин нишондодҳо аз Британияи Кабир пешсаф мебошанд?*
2. *Чаро истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нишондоди асосии тараққиёти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад?*

Баъд аз истеъфои М. Тэтчер ҳукумати нави Ҳизби муҳофизакор бо сарварии Ҷон Мейҷор ташкил дода шуд. Дар интихоботи соли 1997 намояндаи ҳизби лейбористҳо Тони Блэр пирӯз гардид. Ҳукумати Мейҷор сиёсати «тэтчеризм»-ро идома дод, ки моҳияти он аз ҳимояи арзишҳои анъанавии ҷамъияти Британия — меҳнат, оила, моликият ва озодиҳои шахсӣ иборат буд.

Дар давоми ду даҳсолаи аввали асри XXI ҳукуматҳои мухталифи Британияи Кабир дар арсаи байналмилалӣ сиёсати наздикшавӣ бо ИМА-ро давом доданд. Натиҷаи рушди ҳамкориҳои низомӣ-сиёсӣ бо ИМА буд, ки 24-уми июни соли 2016 ҳукумати сарвазир Дэвид Кемерон истеъфо дод, зеро тарафдори боқӣ мондани кишвар дар ҳайати Иттиҳоди Аврупо буд.

Сарвазири нави кишвар, роҳбари Ҳизби муҳофизакор Тереза Мей баъди ба сари ҳокимият омадан дар моҳи июли соли 2016 иқдоми баромадан аз ҳайати ИА-ро амалӣ намуда, 29-уми марти соли 2017 ба унвони Шӯрои Аврупо номаи расмӣ фиристод. Ихтилофи шадид миёни ҳизбҳои сиёсӣ ва дар дохили ҳизби ҳоким доир ба муҳлат ва натиҷаҳои хориҷ гаштан аз хайати ИА сабабгори истеъфои ҳукумати Т. Мей гардид.

24-уми июни соли 2019 дар натиҷаи интихоботи роҳбари нави Ҳизби муҳофизакор, пешвои ҳаракати ҷудошавӣ, собиқ шаҳрдори Лондон Борис Ҷонсон сарвазири нав интихоб гардида, дар самти ҷудошавӣ аз ИА бештар муваффақ гардид.

24-уми декабри соли 2020 баъд аз баҳсҳои тӯлонӣ дар парлумон ҳукумати кишвар бо ИА созишнома дар бораи баромадан аз ҳайати ин созмони аврупоӣ ба имзо расонид. Ин созишнома бо номи Brexit машҳур гардида, моҳияти он аз нигоҳ доштани тиҷорати озод, истифодаи муштараки сарватҳои баҳрӣ, идома додани ҳамкориҳои зичи иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ ва ғайра бо кишварҳои аъзои ИА мебошад.

?!

1. Бухрони иқтисодии миёнаҳои солҳои 70-ум ба Британияи Кабир чӣ гуна таъсир расонида буд?
2. Моҳияти ақидаи муҳофизакорони нав оид ба оянда ҷамъияти Британия аз чӣ иборат аст?
3. Самтҳои асосии ислоҳоти ҳукумати М. Тэтчер кадомҳоянд?
4. Дар амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ кадом мушкилиҳо мавҷуд буданд?
5. Оё шаҳрвандони Британияи Кабир аз натиҷаҳои ислоҳоти ҳукумати М. Тэтчер қаноатманд буданд?
6. Барои чӣ М. Тэтчер аз вазифаи сарвазир бо ихтиёри худ истеъфо дод?

## § 8. ОЛМОН: МУТТАҲИДШАВӢ ВА ТАРАҚҚИЁТ

?!
1. Моҳияти асосии сиёсати «неоконсерватизми нав» дар чист?
2. Сабабҳои объективӣ ва субъективии муттаҳидшавии Олмон кадомҳоянд?
3. Проблемаҳои асосии Олмони воҳид кадомҳоянд?

Солҳои 1980-ум рушди иқтисодӣ дар Олмон коҳиш ёфт. Натиҷаи он бӯҳрони иқтисодии солҳои 1981–1982 буд. Теъдоди бекорон то ба 2,5 миллион нафар расид, ки ин бесобиқа буд. Бекурбшавии пул сабаби паст шудани қобилияти харидории аҳолӣ гардид. Бӯҳрон сабаби шикасти табақаи ҳокимиятдор шуд. Ҳизби озоди демократӣ ба Иттиҳоди масеҳию демократӣ ва Иттиҳоди масеҳию сотсиалистӣ ҳамроҳ шуд.

Ҳелмут Шмидт аз дастгирии аксарият дар парлумон маҳрум шуда, маҷбур гардид, ки истеъфо диҳад. Роҳбари нави Иттиҳоди масеҳию демократӣ (ИМД) Ҳелмут Кол сарвари ҳукумат гардид. ИМД барои худ хулосаҳои зарурӣ баровард. Ба таври зӯрӣ ҳал намудани проблемаҳои Олмон дучори маҳкумият шуд. Соли 1982 дар ҳизб ҷараёни сиёсӣ бо сарварии Ҳ. Кол пурзӯр гардид. Ин раванд номи «неоконсерватизми нав»-ро гирифт. Моҳияти он аз талаби пурзӯр ва мустаҳкам намудани нақши давлат дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ иборат буд.

Дар гузаронидани ислоҳот ҳукумати Ҳ. Кол усулҳои инқилоби неоконсервативиро истифода намуд. Сарфаю сариштаи буҷет, ташкил кардани имтиёзҳо барои иттиҳодияҳо бо усулҳое, ки дар солҳои «муъҷизаи иқтисодӣ»* истифода бурда мешуд, мувофиқат менамуд. Ин имконият дод, ки пеши роҳи тезутунд гардидани проблемаҳои иҷтимоӣ ва зиёд шудани сафи бекорон гирифта шуда, имконияти истифодаи қувваи корӣ аз хориҷи мамлакат бештар гардад.

**Ҳелмут Колл** (тав.1930) — сардори ҳукумати ҶФО дар солҳои 1982–1998. Соли 1959 ҷавонтарин вакил дар парлумони Рейн ва аз соли 1969 нахуствазири ин ҷо буд. Аз соли 1973 раиси Иттиҳоди масеҳию демократӣ ва аз соли 1976 роҳбари гурӯҳи Иттиҳоди масеҳию демократӣ дар парлумони кишвар

---

* Муъҷизаи иқтисодӣ — давраи тараққиёти босуръати иқтисодии як қатор давлатҳои Аврупо (қабл аз ҳама ҶФО) ва Ҷопон, ки аз нимаи солҳои 50-ум то нимаи солҳои 60-уми асри XX идома дошт.

буд. Иттиҳоди масеҳию демократӣ ва Иттиҳоди масеҳию сотсиалистӣ, ки ба он Ҳ. Кол роҳбарӣ мекард, дар интихоботи солҳои 1978, 1990 ва 1994 ғалаба ба даст овард.

Дар нимаи дувуми солҳои 70-ум ҳарчанд вазъи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Демократии Олмон (ҶДО) беҳ шуда бошад ҳам, омма бештар демократикунонии ҷомеаро талаб мекард. Дар саросари кишвар намоишҳо барои ислоҳоти демократӣ сар заданд. Фирори оммавӣ аз ҶДО ба сӯйи ҶФО оғоз ёфт. Дар тӯли 10 соли 1970–80 аҳолии ҶДО то 1 млн коҳиш ёфт. Роҳбарияти ҶДО дар марз бо ҶФО режими шадид ҷорӣ кард. Кишвар аз ҷаҳони беруна бо симхорҳо ҷудо карда шуда буд. Фармон содир шуда буд, ки тамоми онҳое, ки аз марзи кишвар қасди баромадан мекунанд, парронда шаванд. 7-уми октябри соли 1989, ҳангоми таҷлили 40-солагии ҶДО дар кишвар гирдиҳамоиҳои зиддиҳукуматӣ доир гардиданд. Мардум истеъфои Э. Хоннекер, барҳам додани ҳукмронии Ҳизби ягонаи сотсиалистии Олмон ва муттаҳид гардидани ҳарду Олмонро талаб мекарданд. 7–8-уми октябри соли 1989 дар шаҳрҳои Берлин, Дрезден, Лейпсиг ва ғайра даҳҳо ҳазор бо шиорҳои гузаронидани тағйироти куллӣ дар кишвар ба намоиш баромаданд. Гирдиҳамоӣ пароканда карда шуда, ҳудуди 3 ҳазор нафар боздошт гардид. Аммо ин амал пеши роҳи оммаро гирифта натавонист. 4-уми ноябр дар шаҳри Берлин беш аз 500 ҳазор нафар ба хиёбонҳо баромаданд. 9-уми ноябри соли 1989 «Девори Берлин» аз миён бардошта шуд. Дар интихоботе, ки 18-уми марти соли 1990 дар асоси бисёрҳизбӣ* доир гардид, Иттиҳоди масеҳию демократӣ



Канслери Олмони муттаҳид Ҳелмут Кол (1990).

*Барои чӣ ҳама олмониҳо хушнуд нестанд?*

* Бисёрҳизбӣ – кафолати қонунии (дар асоси конститутсия) ташкил намудани ҳизбҳо ва созмонҳои гуногуни сиёсӣ ва иштироки фаъолонаи онҳо дар дар ҳаёти сиёсии кишвар.



Шикастани Девори Берлин.

*Девори Берлин чӣ рамзро ифода мекард?*

пирӯз шуд. Вай 41 фоиз, сотсиал-демократҳо 21 фоиз ва ҳизби ҳокими собиқ 16 фоизи овозҳоро соҳиб шуданд. Аз ҳисоби ҳизби масеҳию демократӣ ва сотсиал-демократҳо ҳукумати коалитсионӣ (эътилофӣ) ташкил ёфт. Ин ҳукумат фавран масъалаи муттаҳид гардидани Олмонро пешниҳод кард. Миёни ҶФО ва Иттиҳоди Шӯравӣ барои ҳалли масъалаи Олмон гуфтушунидҳо оғоз ёфт. 12-уми сентябри соли 1990 роҳбарони ин ду кишвар ба мувофақа расиданд. 3-юми октябри соли 1990 ҶДО ва ҶФО бо ҳам муттаҳид шуданд. Олмони ягона ташкил гардид. П ас аз ин воқеа канслери Олмон Ҳелмут Кол маъруфтарин ходими давлатӣ гардид.

Дар интихоботи парлумонии соли 1990 эътилофи Иттиҳоди масеҳию демократӣ ва Иттиҳоди масеҳию сотсиалистӣ аксарияти овозҳоро соҳиб шуд.

**Дар бораи муттаҳид гардидани ду давлати Олмон.** Яке аз марҳалаҳои муҳимми муттаҳид гардидани Олмон, бешубҳа, ба имзо расидани Шартнома дар бораи ҳалли ниҳоии масъалаи Олмон мебошад, ки 12-уми сентябри соли 1990 дар шаҳри Москва ба амал омада буд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат муттаҳидшавӣ бояд аз рӯйи усули «2+4», яъне ду давлати Олмон ва чаҳор кишвари ғолиб дар Ҷанги дувуми ҷаҳон: ИҶШС, ИМА, Фаронса ва Британияи Кабир ба амал меомад. Дар рафти музокирот тарафи Шӯравӣ метавонист муҳлати воқеии муттаҳидшавии Олмон (ҳадди ақал давраи панҷсолаи гузариш), таъмини кафолати бехатарии худ, аз ҷумла васеъ нагардидани НАТО ба Шарқ, ба уҳда гирифтани масъулият аз тарафи чаҳор кишвар, ҷуброни зиёди молиявӣ барои баровардани қувваҳои мусаллаҳи худ аз ҳудуди ҶДО-ро талаб мекард. Мутаассифона, роҳбарияти Шӯравӣ дар ҳолати парешонӣ афтода буд ва яку якбора ба тамоми шартҳои канслер Ҳ. Кол розӣ шуд ва бо ин амали худ на танҳо ӯро, балки тамоми роҳбарони сиёсии ҷаҳонро ба ҳайрат гузошт.

*Аз китоби В. М. Заболотный. Новейшая история стран Европы и Северной Америки. – М.: АСТ. Астрель. 2004. С. 133.*

1. *Чаро чаҳор давлати ғолиб бояд кафили муттаҳидшавии Олмон мегардиданд?*
2. *Сабаби бесарусомонии роҳбарияти Шӯравӣ дар чӣ буд? Шумо чӣ фикр доред?*

Дар назди Олмони воҳид чунин масъалаҳо меистод: боло бурдани сатҳи иқтисодии Олмони Шарқӣ, ба муассисаҳои фоидаовар табдил додани муассисаҳои зиёновар, таъсис намудани ҷойҳои нави корӣ ва барҳам додани бархе аз соҳаҳои саноат дар қисмати шарқии кишвар.

Натиҷаҳои босуръат муттаҳид гардидан барои ҳарду қисми Олмон вазнинихо овард. Дар саросари ҶДО-и собиқ ғайрисаноатикунонӣ доир гардид.

Сохтори иқтисодиёти ҶДО зиёновар буд ва ба рақобат тобовар набуд. Ҳатто баъд аз чорабиниҳо ҳукумати ҶФО дар бораи дастгирӣ намудани саноати Олмони Шарқӣ маҳсулоти он дар бозорҳои Олмони Ғарбӣ харидор пайдо карда натавонистанд. Ҳамзамон тамоми бозорҳои Олмони Шарқӣ пур аз молҳои Олмони Ғарбӣ гардиданд. Проблемаи асосӣ барои ҶФО барқарор намудани саноати Олмони Шарқӣ дар асоси усули бозоргонӣ ва ҳалли масъалаи бекорӣ буд.

Дар натиҷаи сиёсати Ҳ. Кол солҳои 1996 ва 1997 даромад аз молиёт нисбат ба нақшаи пешбинишуда 57 млн доллар кам ва дараҷаи бекорӣ хеле баланд шуд. Аз ҳар даҳ нафар як нафар бекор монд. Вобаста ба ин Ҳ. Кол барои амалӣ намудани созишномаи Маастрихт дар сиёсати пешгирифтаи худ устувор буд. Вай пешниҳод намуд, ки пардохти маоши 3,2 млн коргар ба муддати ду сол нигоҳ дошта шавад.

Ҳизби озоди демократӣ ва Ҳизби сотсиал-демократии Олмон ба муқобили сиёсати Ҳ. Кол баромаданд. Дар байни эътилофи Иттиҳоди консервативию либералӣ, ки ба он Ҳ. Кол сарварӣ мекард, рахна ба амал омад.

Ҳ. Кол аз роҳбарии ин ҳизб канорагирӣ намуд. Муддати 18 соли дар сари ин ҳизб буданаш, Ҳ. Кол асосан дар ҳалли умдатарин проблемаҳои Аврупо нақши барҷаста дошт.

Дар интихоботи парлумонии соли 1998 Иттиҳоди масеҳию демократӣ шикаст хӯрд. Роҳбари Ҳизби сотсиал-демократии Олмон — Герхард Шрёдер канслери Олмон гардид. Вай изҳор намуд,

ки яке аз самтҳои асосии сиёсати ӯ интегратсияи васеи заминҳои Ғарбу Шарқи кишвар мебошад.

Солҳои 2005–2021 намояндаи ҳизбҳои Иттиҳоди масеҳию демократӣ ва Иттиҳоди масеҳию сотсиалистӣ хонум Ангела Меркел чор муҳлат сардори ҳукумат — канслери федералии ҶФО буд.

Дар сиёсати дохилӣ ҳукумати А. Меркел фаъолияти худро бар асоси арзишҳои умумиаврупоӣ — озодии инсон, демократия ва иқтисоди бозорӣ амалӣ намуда, дар арсаи сиёсати хориҷӣ роҳи ҳамкорӣ бо ИМА ва кишварҳои узви ИА, таъмини сулҳу субот дар қитъаи Аврупо ва тамоми ҷаҳон бар асоси арзишҳои ҳамдилии атлантикӣ ва таҳкими паймони низомии НАТО-ро пеш гирифта буд. Ҳамзамон ҳукумати А. Меркел бо мақсади таъмини амнияти энергетикии кишвар ва бехатарии умумиаврупоӣ тарафдори рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва тавсеаи муносибатҳои ҳаматониба бо Россия, Чин, кишварҳои ҳавзаи баҳри Сиёҳ ва Осиёи Марказӣ баромад менамуд.

26-уми сентябри соли 2021 дар интихоботи навбатии парлумонӣ Ҳизби сотсиал-демократии Олмон нисбат ба ҳизби ҳукмрон бештари овозҳои интихобкунандагонро соҳиб гашта, намояндаи он — Олаф Шолтс ба сари ҳокимият омада, 8-уми декабри соли 2021 расман ба иҷрои вазифаи канслери федералӣ оғоз намуд.

**Нуқтаи назари коргари хориҷӣ дар ҶФО.** «Иқтисодиёти Олмон ба қувваи кории мо такя мекунад... Аммо дар бисёр маврид ба мо на ҳамчун ба меҳмон муносибат мекунанд. Мо аслан ҷойи кори доимӣ надорем. Дар бисёр маврид ба мо нисбат ба ҳамкасбони олмониамон музди кам медиҳанд. Мо ҳамчунин барои зиндагӣ дар хонаҳои бад пули зиёд месупоридем. Дар ҳаёти рӯзмарраамон на танҳо дар муносибат бо ҳамкоронамон, балки бо тамоми олмониҳо бо мушкилиҳо дучор мегардем... »

*Аз китоби Алексашкина Л. Н. Новейшая история. — М.,2002, С. 199.*

*Ба назари шумо, сабабҳои ба мушкилот рӯ ба рӯ гардидани мардикорон дар кишварҳои хориҷӣ дар чист?*

?!

1. Солҳои 70-ум дар ҳаёти Олмон кадом падидаҳои нав ба вуҷуд омаданд?
2. Аҳаммият ва оқибатҳои сиёсии таъсиси Олмони воҳидро дар чӣ мебинед?
3. Дар пешрафти Олмон Ҳ. Кол чӣ гуна саҳм гузошт?

## § 9. ФАРОНСА БАЪД АЗ ДАВРОНИ ДЕ ГОЛЛ

?!
1. Хусусияти хосси вазъияти дохилии мамлакат чӣ гуна буд?
2. Сабабҳои бухрони дохилии неруҳои чапи Фаронса дар солҳои 1980–1990 кадомҳоянд?
3. Оё ҳамзистии неруҳои рост ва чап дар ҳокимият ба наздик шудани мавқеи онҳо мусоидат намуд? Ин наздикшавӣ дар чӣ зоҳир гардид?

Дар миёнаи солҳои 70-ум Фаронса чун дигар кишварҳои Ғарб гирифтори бухрони иқтисодӣ гардид. Нархи сӯзишворӣ боло рафта, сабаби қимат шудани тамоми маҳсулоти саноатӣ гардид. Теъдоди бекорон ба 1,5 млн нафар расид. Раиси ҷумҳури Фаронса Жискар д'Эстен зарур мешуморид, ки дар рӯҳияи либералӣ ислоҳоти иҷтимоӣ гузаронида шавад. Аммо сарвазири кишвар, ки пайрави таълимоти Шарл де Голл буд, ба ин мухолиф буд.

Дар интихоботи соли 1981 намояндаи неруҳои чап Франсуа Миттеран ғолиб шуд. Вай Маҷлиси миллиро пароканда намуда, интихоботи нав таъйин кард, ки дар он Ҳизби сотсиалистӣ аксарияти овозҳоро соҳиб шуд.

**Миттеран Франсуа** (1916–1996). Ходими сиёсӣ ва давлатии Фаронса. Президенти чаҳоруми Ҷумҳурии панҷум (1981–1995). Дар хонаводаи мансабдори давлатӣ таваллуд ёфтааст. Федератсияи неруҳои чапи демократӣ ва сотсиалистиро таъсис намуда буд. Дар ду давраи интихоботи президентӣ шикаст хӯрда, дар интихоботи соли 1981 пирӯз гардид.

Дар чаҳорчӯбаи ислоҳоти низоми худидоракунӣ ҳукумати чапҳо силсилаи қонунҳоро доир ба хусусигардонӣ қабул кард. Моҳияти ин қонунҳо аз васеъ намудани ҳуқуқҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ, ҷорӣ кардани низоми интихоботии мутаносиб барои ҳукуматҳои маҳаллӣ, ба тартиб даровардани фаъолияти молиявии ҳизбҳо, барҳам додани сензура* дар радио ва телевизион, барҳам додани ҳукми қатл, барқарор намудани ҷашни миллии 8-уми май иборат буд.

---

* Сензура – назорати қатъии давлат аз болои нашри китоб ва воситаҳои ахбори умум. Дар давлатҳои демократӣ сензура вуҷуд надорад ва ё қариб ба ҳадди ақал расонида шудааст, ки барои ҳимояи манфиатҳои давлат ва меъёрҳои ахлоқӣ зарур мебошад.



Шаҳриёни Париж қабули Санади ягонаро дар бораи рушди муштарак дар ҳайати ИА ҷонибдорӣ мекунанд.

*1. Дар либоси гирдиҳамомадагон кадом нишона ва болои сари онҳо парчами кадом давлатҳоро мебинед?*
*2. Ин чӣ маъно дорад?*

Самти алоҳидаи ин чорабиниҳо танзими муносибатҳои меҳнатӣ буд, ки амалӣ гардидани онҳо тадриҷан ҳуқуқи иттифоқҳои касабаро васеъ мегардонид.

Ҳукумати неруҳои чап ба амалӣ намудани барномаи васеи таъминоти иҷтимоӣ оғоз кард. Соли ба нафақа баромадан нисбатан кам, маоши ҳадди ақал ва ёрдампулӣ ба бекорон зиёд карда шуд. Нақши давлат дар танзими иқтисодиёт пурзӯр гардид. Пас аз миллӣ кунонидани нуҳ соҳаи муҳимми саноат ҳаҷми моликияти давлатӣ дар саноат афзоиш ёфт.

Натиҷаҳои таҷрибаи ҳукумати чапҳо гуногун буданд. Аз як тараф, солҳои 1981–1982, яъне дар давраи охири мавҷи буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ истеҳсоли маҳсулоти Фаронса 2% афзоиш дошт. Дараҷаи зиндагӣ ва ҳимояи иҷтимоии бисёр гурӯҳҳои аҳолӣ аз ҳисоби таъминоти давлат боло рафт. Аммо ислоҳот сабаби камбуди буҷет гардид. Давлат дар арафаи буҳрони молиявӣ қарор гирифт. Беқурбшавии пул боло рафт. Ҳукумати сотсиалистҳо проблемаи бекориро ҳал карда натавонист. Ибтидои соли 1983 Ф. Миттеран ба хулоса омад, ки ислоҳотро қатъ кунад. Дар Ҳизби сотсиалистии Фаронса сафи ҷонибдорони даст кашидан аз идеяи «давлати иҷтимоӣ»* зиёд шуд. Роҳбарони ин гурӯҳҳо Жак Делора ва Мишел Рокар ба ҷонибдории сарфакории сахт, маҳдуд кардани барномаи иҷтимоӣ, қатъ кардани милликунонӣ, амалӣ намудани идеяи иқтисодиёти омехта баромаданд. Ба нишони эътироз ба чунин сиёсат коммунистҳо

* Давлати иҷтимоӣ — давлати тараққикардаи демократии муосир, ки дар он бо ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ — таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, инкишофи соҳаи тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, дастгирии табақаҳои камбизоат, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва низоъҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад.


Жак Ширак бо Котиби Генералии СММ Кофи Аннан.

аз ҳайати ҳукумат баромаданд. Аз соли 1984 танқиди Ф. Миттеран шиддат гирифт. Ӯро ба шуҳратталабӣ ва бесалоҳиятӣ гунаҳкор мекарданд. Ин буд, ки дар интихоботи парламентии соли 1986 сотсиалистҳо аксарияти курсиҳоро аз даст доданд. Ҳизбҳои Иттиҳоди ҷонибдори ҷумҳурӣ бо сарварии Ж. Ширак ва Иттифоқ барои демократияи Фаронса бо сарварии Ж. д'Эстен аксарияти овозҳоро соҳиб шуданд. Ф. Миттеран Ж. Ширакро сарвазири Фаронса таъйин кард.

Дар таърихи Ҷумҳурии панҷум бори аввал давраи «ҳамзистии» ҳукумати чапгаро ва сарвазири ростгаро оғоз ёфт. Ҳукумати Ж. Ширак дар асоси барномае, ки неоголлистҳо (тарафдорони нави роҳи де Голл) ҳанӯз дар охири солҳои 70-ум пешниҳод карда буданд, самташро ба таври куллӣ тағйир дод. Хусусигардонӣ дар тӯли як сол моликияти давлатиро аз се як ҳисса кам кард. Дар доираи сиёсати «сарфакории сахт» назорати давлатӣ ба нархҳо ва аз кор озод кардани кормандон барҳам дода шуд.

Барномаи давлатии Жак Ширак бо Кофи Аннан иҷтимоӣ ихтисор карда шуд. Моликияти хусусӣ дар соҳаи тиб аз нав барқарор карда шуда, системаи таълимоти хусусӣ васеъ гардид. Ҳамаи ин чорабиниҳо дар оянда боиси рушди иқтисодиёти кишвар гардиданд. Гардиши ногаҳонии ислоҳот, қатъиян дарҳам шикастани системаи ташаккулёфтаи таъминоти иҷтимоӣ, табдили механизми танзими давлатӣ-монополистӣ* барои иқтисодиёти ба тозагӣ аз буҳрон раҳоёфта бениҳоят дардовар буд. Сиёсати Ж. Ширак дар байни он қисми аҳолие, ки ба низоми кафолати иҷтимоии давлат одат карда буданд, норозигии зиёд ба амал овард. Дар натиҷа сиёсати

* Монополия (юн.) — якка мефурӯшам, ҳуқуқи истисноии ягон шахс, гурӯҳи одамон ва ё давлат барои истеҳсол, аз худ кардан ва фурӯхтани мол, ҳуқуқи истисноӣ ба ягон чиз.

Ж. Ширак ба Фаронса манфиати кам расонда, ба ҳаёти иҷтимоӣ таъсири манфӣ бахшид.

Дар интихоби президентии соли 1988 намояндаи ҳизбҳои чапгаро Ф. Миттеран аз нав президент интихоб шуд.

Соли 1997 Ж. Ширак дар бораи пеш аз муҳлат гузаронидани интихоботи Маҷлиси миллӣ қарор қабул намуд. Ӯ ба пирӯзии неруҳои рост умед дошт. Аммо дар ин интихобот қувваҳои оппозитсионӣ (сотсиалистҳо, коммунистҳо, сабзҳо) ба пирӯзӣ расиданд. Акнун дар кишвар президенти ростгаро ва парламенти чапгаро ҳукмрон шуд. Ба ҳукумат сотсиалист Лионел Жоспен сарварӣ мекард. Ӯ сиёсати ростгароҳоро доир ба хусусигардонӣ, ки ба сиёсати фаъоли иҷтимоӣ тавъам буд, идома дод.

**Ширак Жак Рене** 29-уми ноябри соли 1932 дар шаҳри Париж таваллуд ёфтааст. Аз соли 1995 президенти Фаронса. Соли 1962 дар умури давлатӣ ба фаъолият пардохтааст. Соли 1967 намояндаи Маҷлиси миллӣ интихоб шуд. Солҳои 1972–1973 вазири кишоварзӣ, солҳои 1974–1976 ва 1986–1988 сарвазир буд. Дар интихоботи президентии солҳои 1981 ва 1988 мағлуб гардида, дар интихоботи соли 1995 тавонист пирӯзӣ ба даст оварад.

Эътироф намудани зарурати аввалдараҷаи сиёсати иҷтимоӣ аз ҷониби ростгароҳо ва рад намудани милликунонӣ аз ҷониби сотсиалистҳо сабаби наздикшавии ҷиддии мавқеъҳои қувваҳои асосии сиёсии Фаронса гардид. Ин омезиш дар Фаронса сабаби зиёд гардидани боварии сармоягузорон шуд. Дар охири солҳои 90-ум ин кишвар дар миёни мамлакатҳои Аврупо аз ҷиҳати ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба ҷойи аввал баромад.

Дар интихоботи соли 2002 Ж. Ширак аз нав президенти Фаронса интихоб шуд. Вай ҳамсафаш Ж. П. Рафарренро сарвазир таъйин намуд. Рафаррен сиёсати сахтро нисбат ба муҳоҷирон пеш гирифта, қонунҳоеро, ки ҳукумати пешин қабул карда буд, бекор кард. Яке аз сабабҳои сар задании нооромӣ дар пойтахт ва дигар шаҳрҳои кишвар моҳҳои октябру ноябри соли 2005 маҳз ҳамин сиёсат буд.

Барои пешгирӣ намудани бенизомиҳои оммавӣ дар ин минтақаҳои кишвар то 4-уми январи соли 2006 вазъияти фавқулода ҷорӣ карда шуд.

6-уми майи соли 2007 дар даври дувуми интихоботи президентӣ роҳбари ҳизби «Иттиҳод барои ҳаракати мардумӣ» Николя Саркози ба вазифаи Президенти Фаронса интихоб гардид.

21-уми июли соли 2008 парламент лоиҳаи ислоҳоти конститутсиониро дастгирӣ намуд, ки моҳияти он аз амалӣ намудани се вазифаи асосӣ — боло бурдани нақши парламент дар идораи давлат, навсозии ҳокимияти иҷроия* ва васеъ намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон иборат буд.

Дар интихоботи 6-уми майи соли 2012 намояндаи Ҳизби сотсиалистии Фаронса Франсуа Олланд президент интихоб гардид. Дар солҳои 2012–2017 ҳукумати Фаронса натавонист дастоварди намоён дошта бошад, дар сиёсати хориҷӣ бошад, артиши Фаронса дар ду кишвари Африқо — Мали ва Ҷумҳурии Африқои Марказӣ амалиёти низомӣ гузаронида, барои устувор гардидани мавқеи ҳукуматҳои марказӣ мусоидат намуд.

Соли 2017 бунёдгузори ҳизби «Ба пеш, Фаронса» Эммануэл Макрон сардори давлат — президент интихоб гардид. Ҳукумати Макрон бо мақсади паст намудани шиддати ихтилофҳои иҷтимоӣ ва корпартоиҳо дар бораи боло бурдани ҳадди ақалли маош ва пардохтҳои иҷтимоӣ қарор қабул намуд. Рақиби асосии ҳукумат ҳаракати коргарии «камзулчаҳои зард» буд.

Дар сиёсати хориҷӣ Фаронса тарафдори рушди ҳамкориҳо бо ИА, минтақаи муомилоти евро, зарурати мубориза ба муқобили терроризм ва ҷараёнҳои тундрави мазҳабӣ аст.

**Шиносоӣ бо Лувр.** Ҳафтсад сол қабл аз ин Лувр қалъа-арк буд. Дар ин ҷо шоҳони Фаронса бойигарии бостонӣ, анҷому аслиҳаи ҷангии худро нигоҳ медоштанд. Солҳои баъдина, яъне дар муддати панҷ асри боқимонда ба Лувр биноҳои дигар илова шуданд ва ин силсилаи қасрҳо як маскани муҳташамеро мемонад.

Лувр зиёда аз даҳ ҳазор ҳуҷра ва толор дорад, ки аксаран онҳо ба ихтиёри осорхонаи миллӣ дода шудаанд. Ҳоло осорхона дорои шаш қисмати бузург аст. Ҳар яки ин қисматҳо метавонанд дар алоҳидагӣ боз як музеи мукаммалро ташкил намоянд. Дар феҳристи осорхона зиёда аз дусад ҳазор номгӯй асарҳои бебаҳои санъат зикр ёфтаанд. Дар рӯ ба рӯйи даромадгоҳи асосии

* Ҳокимияти иҷроия — яке аз шохаҳои сегонаи ҳокимият (дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти судӣ), ки идораи умумии кишвар, иҷрои Қонуни асосӣ ва дигар қонунҳоро таъмин менамояд.

Лувр, ки он ба қисмати ҳайкалҳо ва шуъбаи санъати тасвирӣ мебарад, болои зинапояҳои бешумору васеи мармарин олиҳаи Никои соҳибҷамол болҳои нафису сеҳрангези худро паҳн намуда, гӯё ба олами дуродур омодаи парвоз аст. Ин муҷҷасамаи зани ниҳоят зебои болдор соли 1863 ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ аз тарафи олими фаронсавӣ Шампуазе дар яке аз мавзеъҳои наздибаҳрии Юнон ёфта шуд...

*М. Олимпур. Тӯшаи чашм. – Душанбе, 1990, С. 17–19.*

1. *Чаро инсоният барои ҳифзи ёдгориҳои таърихи ниёкон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд?*
2. *Чаро бозёфтҳои юнонӣ дар осорхонаи Лувр маҳфуз мебошанд?*

?!

1. Барои чӣ таҷрибаи неруҳои чап, пас аз ба қудрат расидани сотсиалистҳо дар ибтидои солҳои 80-ум натиҷа надод?
2. Ба шахсияти президент Ф. Миттеран баҳо дода, сабабҳои муддати тӯлонӣ дар сари қудрат монданашонро фаҳмонед.
3. Чаро фаронсавиҳо дар интихоботи соли 1986 неруҳои чапро ҷонибдорӣ накарданд?
4. Кадом ҳизбҳо неруҳои сиёсии чап ва кадом ҳизбҳо неруҳои сиёсии рости Фаронсаро ташкил медиҳанд?

## § 10. ДАВЛАТҲОИ НИМҶАЗИРАИ СКАНДИНАВИЯ

?!

1. Давлатҳои минтақа дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Аврупо чӣ гуна саҳм доштанд?
2. Хусусиятҳои хосси инкишофи давлатҳои Аврупои Шимолӣ кадомҳоянд?
3. Моҳияти сиёсати хориҷии давлатҳои минтақа аз чӣ иборат аст?

**Вазъияти дохилии давлатҳои нимҷазираи Скандинавия.** Ба як қатор кишварҳои Аврупо хислатҳои умумии инкишоф хос мебошанд, ки онҳо бештар ба мавқеи ҷуғрофӣ вобаста мебошанд. Ба қатори чунин давлатҳо мамлакатҳои Аврупои Шимолӣ ва ё нимҷазираи Скандинавия дохил мешаванд.

Дар нимҷазираи Скандинавия чор давлат – Дания, Шветсия, Норвегия ва Финландия воқеъ мебошанд. Муносибати байни ин давлатҳо ба усули ваҳдати минтақавӣ асос ёфта, таърих ва анъанаи тӯлонӣ доранд. Дар давраи баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон кишварҳои нимҷазира бо дигар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ дар як самт инкишоф

ёфтанд. Аз тарафи дигар, ҷиҳатҳои хосси инкишофи ин давлатҳо имконият медиҳанд, ки онҳо ба як гурӯҳ шомил карда шаванд.

Дар нимаи дуюми асри XX дар ҳамаи давлатҳои минтақа иқтисоди миллӣ барпо карда шуд, ки асоси онро технологияи муосир, захираҳои бойи табиӣ ва усули такя ба қувваи дохилӣ ташкил медод.

Дания, Шветсия ва Норвегия аз ҷиҳати сохтори сиёсӣ — монархияи конститутсионӣ* буда, ҳокимияти шоҳ (малика) дар тамоми соҳаҳои идораи давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия маҳдуд гардидааст. Ҳокимияти қонунгузор ба парлумони якпалатагӣ (дар Дания — Фолкетинг, Норвегия — Стортинг ва Шветсия — Риксдаг) ва ҳокимияти иҷроия ба ҳукумат бо сарварии сарвазир таллуқ дорад. Финландия бошад, ҷумҳурии президентӣ мебошад. Дар баробари ин, инкишофи ҷамъиятӣ-сиёсии ин кишварҳо бо дараҷаи баланди худидоракунии маҳаллӣ ва мустақилияти воҳидҳои маъмурӣ фарқ мекунад. Хислати иҷтимоӣ доштани ташкили идоракунии давлат дар минтақаи Аврупои шимолӣ сабаби ҳукмронии дарозмуддати ҳизбҳои сотсиал-демократӣ дар ҳаёти сиёсии ин давлатҳо гардида буд.

Тараққиёти иқтисодӣ ва алоқаҳои зичи анъанавӣ дар байни давлатҳои Скандинавия ба он оварда расонид, ки дар қисми шимоли Аврупо бозори дохилии мол ва ашё ташаккул ёбад.

Суръати баланди инкишофи саноатӣ ва дохил гардидани ин давлатҳо ба бозори ҷаҳонӣ имконият ба вуҷуд овард, ки дараҷаи тараққиёти иқтисодии онҳо нисбат ба мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷанубӣ баланд гардад.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум иқтисодиёти давлатҳои Скандинавия ба бӯҳрон дучор омад. Сабаби он — ниҳоят баланд гардидани хароҷоти давлат дар ҳаёти иҷтимоӣ буд. Дар чунин шароити душвор Норвегия истеҳсоли нафтро афзоиш дода, тавонист вазъияти иқтисодии худро муътадил намояд. Финландия ба таври анъанавӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои сотсиалистӣ муносибатҳои зичи иқтисодӣ дошт, дар натиҷа аз таъсири бӯҳрон камтар зарар дид.

* Монархияи конститутсионӣ — шакли идоракунии давлатӣ мебошад, ки ҳокимияти подшоҳро Қонуни асосӣ (конститутсия) маҳдуд менамояд, вазифаҳои қонунгузорӣ ба парлумон ва иҷроия ба ҳукумат дода мешавад.



Терминали нафти Статойл дар Норвегия.

*1. Захирагоҳҳои калони нафт бо кадом мақсад сохта мешаванд?*
*2. Содироти нафт барои иқтисодиёти Норвегия чӣ аҳаммият дошта метавонад?*

Тағйироти дар ҳаёти иқтисодӣ баамаломада ба ҳаёти сиёсии кишварҳо бетаъсир намонданд. Нақши ҳизбҳои муҳофизакор (консервативӣ) дар байни аҳолии давлатҳои Скандинавия баланд гардид. Ин ҳизбҳо тарафдори кам кардани хароҷотҳои давлат дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ ва поён овардани ҳаҷми андозҳо буданд. Аз солҳои 90-ум дар ҳаёти сиёсии давлатҳои Скандинавия мубориза ду ҷараён — сотсиал-демократияи анъанавӣ, ки тарафдори кафолатҳои иҷтимоии аҳолӣ буд ва ҳизбҳои муҳофизакор, ки тарафдори бозори озод ва маҳдуд кардани хароҷотҳои соҳаи иҷтимоӣ буданд, идома дошт.

**Хусусияти хосси тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ.** Дар мамлакатҳои Скандинавия иқтисодиёт аз рӯйи усули кейнсианӣ* тараққӣ кард. Моҳияти ин усул аз дахолати фаъолонаи давлат ба ҳаёти иқтисодии кишвар бо мақсади аз байн бурдани низоъҳо ва зиддиятҳои синфӣ иборат буд.

* Усули кейсианӣ — назарияи муосири иқтисодӣ, ки зарурати дахолати давлатиро ба ҳаёти иқтисодии ҷомеаи сармоядорӣ бо мақсади аз байн бурдани зиддиятҳои байни меҳнаткашон ва сармоядорон, таъмини даромади монополияҳоро асоснок менамоянд. Асосгузори ин назария иқтисодшиноси машҳур К. М. Кейнс (1883–1946) буд.

**Дар бораи хусусиятҳои хосси тараққиёти давлатҳои Скандинавия.** Ба хусусиятҳои «модели скандинавиягӣ»* як қатор омилҳои моҳияти ғайрииқтисодӣ дошта низ дохил мешаванд, ки аз инҳо иборатанд:

— ширкати фаъоли сотсиал-демократҳо ва дигар ҳизбҳои чап дар фаъолияти ҳукумат ва мақомоти қонунгузори ҳокимият;

— дараҷаи баланди фаъолияти иттифоқҳои касаба (теъдоди аъзои иттифоқи касаба дар байни коргарон ва хидматчиёни соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишварҳои Скандинавия 70–90%-ро ташкил медиҳад);

— иштироки фаъолонаи занон ба ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ;

— таъсири омилҳои экологӣ ба хислат ва рафтори сокинони нимҷазира;

— фарҳанги хосси фаъолияти меҳнатӣ, ахлоқи сармоядорӣ ва соҳибкорӣ.

*Аз китоби «Мировая экономика. Экономика зарубежных стран». — М., «Флинта». 2000. С. 300.*

1. *Иттифоқҳои касаба ва занон ба тараққиёти иқтисодиёт чӣ гуна таъсир расонида метавонанд?*
2. *Муҳити зист ба ташаккулёбии хислат ва рафтори шаҳрвандон чӣ робита дошта метавонад?*
3. *Аз таърихи давлатҳои дигар дар бораи хислати хосси фаъолияти меҳнатӣ мисол оварда метавонед?*

Дар нимаи дуюми асри XX дастовардҳои Шветсия дар соҳаи тараққӣ додани иқтисод ва ташкили низоми таъминоти иҷтимоии аҳолӣ хеле назаррас буд. Сиёсати Ҳизби сотсиал-демократии Шветсия, ки солҳои дароз дар сари ҳокимият буд, барои барпо кардани давлати иҷтимоӣ равона гардида буд. Эҷодгар ва барпокунандаи давлати иҷтимоӣ дар Шветсия роҳбари Ҳизби сотсиал-демократӣ ва сарвазири кишвар — Улоф Палме буд.

Дастовардҳои Шветсия дар соҳаи таъмини аҳолӣ бо кор, ташкили шабакаи таъминоти иҷтимоӣ, тараққӣ додани маориф ва нигоҳдории тандурустӣ хеле арзанда буданд. Бесабаб набуд, ки олимон ва сиёсатмадорон инро ба назар гирифта, истилоҳи «намунаи шведии сотсиализм»-ро** ба вуҷуд оварданд. Таҳкурсии иқтисоди-

---

* Модели скандинавиягӣ — усули хосси тараққиёти иқтисоди кишварҳои нимҷазираи Скандинавия: Норвегия, Дания, Шветсия ва Финландия, ки бо дараҷаи баланди таъминоти иҷтимоии аҳолӣ фарқ менамуд.

** Намунаи шведии сотсиализм — дастовардҳои давлати Шветсия дар соҳаи баланд бардоштани некуаҳволии табақаҳои васеи аҳолӣ, тараққӣ додани таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, ёрдампулиҳо, инкишофи соҳаҳои тандурустӣ ва маориф.

ёти Шветсияро коркарди захираҳои табии дохилӣ — маъдани оҳан ва ҷангал ташкил медиҳад. Дар иқтисодиёти Шветсия корхонаҳои мошинсозӣ, аз ҷумла истеҳсоли автомобилҳо 40%, корхонаҳои коркарди чӯб ва истеҳсоли коғаз 20%, саноати кимиё 12%-и ҳаҷми умумии истеҳсолотро ташкил медиҳанд.

Соҳаи нави саноати Шветсияро саноати технологияи иттилоотӣ ташкил медиҳад. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва амалии ин соҳа Шветсия ба қатори давлатҳои пешқадами ҷаҳон дохил мегардад. Бештар аз нисфи аҳолии кишвар ба таври доимӣ аз шабакаи Интернет истифода мебарад.

Ширкатҳои саноатии Шветсия — Волво, СААБ, Скания, Эриксон, Электролюкс ва ғайра ширкатҳои дар ҷаҳон машҳур буда, аз рӯйи миқдори роботҳо, компютерҳо ва протсессорҳои хурд ба ҳар сари аҳолӣ Шветсия ба ИМА ва Ҷопон баробар гаштааст.

**Дар бораи тараққиёти соҳаи илм ва маориф дар Шветсия.** Дар Шветсия таҳсилоти нуҳсола ҳатмӣ мебошад. Кӯдакон аз синни 6 ва ё 7-солагӣ ба мактаб мераванд. Бештари онҳо дар мактабҳои ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ тааллуқдошта дарс мехонанд, ки таҳсил дар ин мактабҳо ройгон аст. Қариб тамоми хонандагон (98%) таҳсилро дар гимназияҳои сесола ва ё таҷрибавӣ идома медиҳанд. Бештар аз се як ҳиссаи хатмкунандагони гимназияҳо ба донишкадаҳо ва донишгоҳҳо дохил мешаванд. Боло бурдани ин нишондод то 50% мақсади оянда аст. Хароҷотҳои умумии давлати Шветсия барои таҳқиқотҳои илмӣ ва илмӣ-таҷрибавӣ 3,8% ҳаҷми умумии маҳсулоти холиси кишварро ташкил медиҳанд. Ин яке аз нишондодҳои баланд дар байни давлатҳои Аврупо ба шумор меравад.

*Аз маълумотномаи «Общие данные о Швеции». Издание Шведского института. Август 2001 года (http://www.si.se)*

*Сохтори маорифи Шветсия бо сохтори маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ умумият ва чӣ фарқият дорад?*

Хусусияти хосси тараққиёти Финландия аз он иборат буд, ки дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри XX иқтисодиёти ин кишвар чи бо давлатҳои сармоядории Аврупои Ғарбӣ ва чи бо давлатҳои сотсиалистии Аврупои Шарқӣ зич алоқаманд буд. Ҳанӯз дар ибтидои солҳои 70-ум Финландия бо Иттиҳоди иқтисодии Аврупо (ИИА) ва Шӯрои Ёрии Байниҳамдигарӣ (ШЁБ) қарордодҳои тиҷоратӣ ба имзо расонида буд.

Бо суръати баланд боло рафтани тараққиёти иқтисодӣ дар миёнаҳои солҳои 80-ум имконият фароҳам сохт, ки Финландия ба сӯйи давлатҳои Ғарб майл намояд. Соли 1987 дар интихоботи парлумон аввалин маротиба баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳизби муҳофизакор бо роҳбарии Харри Холкари ба сари ҳокимият омад. Муҳофизакорон ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида, ҳаҷми андозҳоро поён оварданд. Финландия бозори худро барои сармоягузориҳои хориҷӣ боз намуд. Озод гаштани ҳаёти иқтисодӣ ба он оварда расонид, ки аҳолӣ қариб пурра ба кор таъмин гардида, суръати тараққиёти соҳаи сохтмон хеле баланд гардид.

Асоси иқтисодиёти Норвегияро истеҳсоли нафт, газ, коркарди чӯб, гавазнпарварӣ ва сайди моҳӣ ташкил медиҳад.

Баланд гардидани нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ ба Норвегия имконият дод, ки дар солҳои 80-ум иқтисодиёти худро бо суръати баланд тараққӣ диҳад. Дар баробари ин мушкилоти экологӣ ба иқтисодиёти Норвегия таъсири манфӣ расонида буданд. Махсусан ҷангалҳои кишвар аз таъсири партовҳои корхонаҳои саноатии Британияи Кабир ва соҳаи гавазнпарварии хоҷагии қишлоқ аз таъсири фалокати неругоҳи атомии Чернобил зарари калон диданд.

**Сиёсати хориҷии давлатҳои минтақа.** Давлатҳои нимҷазираи Скандинавия дар арсаи байналхалқӣ сиёсати берунаи фаъолро амалӣ менамоянд.

Дар солҳои 70-ум ва 80-ум саҳми Финландия дар даъват ва гузаронидани Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва дар заминаи ин ташкили фаъолияти самараноки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) хеле калон буд. Роҳбарияти ҳукумати Финландия дар кори таҳкими муносибат ва ҳамкорӣ байни ду низоми ҳарбию сиёсӣ дар Аврупо нақши муҳим бозид. Финландия соли 1985 аъзои Иттиҳоди Аврупоии тиҷорати озод ва аз соли 1995 аъзои Иттиҳоди Аврупо мебошад.

Шветсия дар нимаи дуюми асри XX ба таври анъанавӣ сиёсати ба блокҳо ҳамроҳнашавиро пеш гирифта бошад ҳам, дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ саҳми арзанда дошт. Аз ибтидои солҳои 90-ум, баъди аз байн рафтани низоми коммунистӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ, Шветсия муносибати худро бо давлатҳои Аврупо наздиктар намуд. Соли 1994 дар кишвар раъйпурсӣ оид ба масъалаи

дохил гардидан ба Иттиҳоди Аврупо гузаронида шуд ва аз 1-уми январи соли 1995 Шветсия аъзои ин созмон гардид.

Норвегия низ дар кори СММ ва махсусан, дар раванди ҳалли осоиштаи муноқишаи Шарқи Наздик фаъолона иштирок менамояд. Оид ба масъалаи дохил гардидани Норвегия ба Иттиҳоди Аврупо дар давоми солҳои 90-ум баҳсҳои сиёсӣ идома доштанд. Бо ин мақсад аз соли 1992 ҳукумати Норвегия бо сарварии хонум Гру Ҳарлем Брутланд бо Иттиҳоди Аврупо музокира оғоз намуд.



**Улоф Палме** (1927–1989) — дар солҳои 1969–1976 ва 1982–1986 сарвазири Шветсия буд.

Моҳи ноябри соли 1994 дар Норвегия оид ба масъалаи дохил шудан ба Иттиҳод раъйпурсӣ гузаронида шуд. Ба он нигоҳ накарда, ки давлатҳои ҳамсоя – Шветсия ва Финландия ба Иттиҳод дохил гардиданд, аксарияти аҳолии Норвегия бар зидди дохил шудан ба Иттиҳоди Аврупо овоз доданд.

Намояндагони Норвегия дар кори созмонҳои байналхалқӣ мақоми баландро соҳиб мебошанд. Соли 1998 собиқ сарвазири Норвегия – Гру Ҳарлем Брутланд раиси Ташкилоти умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ таъйин гардида буд. Намояндаи дигари ин давлат – Йенс Селтенберг як муддат вазифаи Комиссари олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳоро иҷро менамуд.

Дар давоми ду даҳсолаи аввали асри XXI сиёсати хориҷии кишварҳои Скандинавия дар самти рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои ҷаҳон дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) ва Иттиҳоди Аврупо идома дошт. Кишварҳои минтақа аз рӯйи нишондодҳои шохиси рушди инсонӣ (дарознокии миёнаи умр, сатҳи маълумот ва зиндагӣ – даромади ММД ба ҳар сари аҳолӣ) дар қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон буданд. Шиддат гирифтани рақобати низомӣ-сиёсӣ байни Россия ва ҷаҳони Ғарб пас аз ҳодисаҳои Украина дар ибтидои соли 2022 боиси он гардид, ки ду кишвари нимҷазираи Скандинавия – Шветсия ва Финландия хоҳиши шомил гардидан ба паймони НАТО-ро намуданд.

?!
1. Аз ҷиҳати сохтори сиёсӣ давлатҳои Скандинавия аз ҳамдигар фарқ доранд ё не?
2. «Давлати иҷтимоӣ» — гуфта, шумо чиро мефаҳмед?
3. Истилоҳи «намунаи шведии сотсиализм» чӣ маъно дорад?
4. Чаро давлатҳои минтақа солҳои 90-ум ба ташкилотҳои иқтисодии Аврупо дохил гардиданд?
5. Усулҳои асосии сиёсати хориҷии давлатҳои Скандинавияро муайян намоед. Фикратонро асоснок намоед.

## § 11. АВРУПОИ ШАРҚӢ: АЗ СОТСИАЛИЗМ БА СӮЙИ ДЕМОКРАТИЯ

?!
1. Сабабҳои асосии инқилобҳои солҳои 1989–1991 дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ кадомҳоянд?
2. Кадом мушкилиҳо дар давраи амалӣ намудани сиёсати иқтисодии кишварҳо дар солҳои 90-ум вуҷуд дошт?
3. Сабабҳои сар задани муноқишаҳои миллӣ дар баъзе аз кишварҳои ин минтақа дар чӣ буд?

Бухроне, ки Аврупои Шарқиро дар солҳои 80-ум фаро гирифт, ба низомҳои авторитарии* ин кишварҳо зарбаи ҳалокатовар зад. Ин бухрон аз Полша оғоз шуда буд. 1-уми июли соли 1980, пас аз баланд шудани нархҳо дар Полша, ҳаракати коргарӣ якбора авҷ гирифт. Дар муқоиса бо чунин ҳаракатҳо, ки қаблан ҳам рух медоданд, ин дафъа зиёиён тавонистанд бо пешвоёни коргарон иртибот барқарор кунанд. Ҳаракати коргарӣ беш аз пеш ба худ шакли муташаккилтар мегирифт. Ин ҳаракат, ки гоҳ фурӯ нишаста ва гоҳе авҷ мегирифт, минтақаҳои шимолии Полшаро фаро гирифт. Бо ёрии Кумитаи ҳифзи коргарон, ки соли 1978 ташкил шуда буд, Кумитаи корпартоии байникорхонавӣ бо сарварии Лех Валенса таъсис ёфт. Ин ду ташкилот талаботи худро иборат аз 21 банд ба ҳукумат пешниҳод карданд. Дар радифи талабҳои иқтисодӣ коргарон ба расмият

* Авторитаризм (лот.) — ҳокимият, низоми сиёсии зиддидемократӣ; одатан дар шакли ҳокимияти шахсӣ ба амал бароварда мешавад; авторитарӣ — мансуб ба ҷабру зулм ва ҳукмронии бечунучаро; ҳукму таъсири худро ҷорикунанда; сохти давлатии авторитарӣ ба ҳокимияти мутлақи як шахс вобаста аст.

шинохтани иттифоқҳои касабаи озод ва ба ҳизбу корфармоҳо тобеъ набудани онҳоро ба миён гузоштанд. Онҳо кафолати ҳуқуқ доштан ба корпартоӣ, амнияти корпартофтагон ва ҷонибдорони онҳо, озодии сухан ва матбуотро, ки Қонуни асосии Полша кафолат медод, талаб намуданд. Ҳамчунин роҳ надодан ба таъқиботи матбуоти озод, барқарор намудани коргарон ва донишҷӯёне, ки барои ширкат дар ҳаракатҳои коргарию донишҷӯйӣ аз кор ва таҳсил ронда шуда буданд, қатъ гардидани таъқибот барои ҳар гуна ақида қисмати мухимми талаби онхоро ташкил мекард.



Л. Валенса дар гирдиҳамоӣ баромад мекунад.

*Иштирокчиёни гирдиҳамоӣ кадом талаботро ба миён гузошта метавонанд. Фикратонро асоснок намоед.*

Соли 1988 дар Полша корпартоиҳои нав оғоз ёфтанд, ки он ҳатто ҳизбҳои мухолифи ҳукумати коммунистиро дар ҳайрат гузошт.

Иттифоқҳои касабаи «Solidarność» (Ҳамбастагӣ) миллионҳо коргаронро муттаҳид намуд. Ин ташкилот ба як ҳаракати оммавию сиёсӣ табдил ёфт.

Аз тобистони соли 1989 дар шаҳрҳои бузурги Ҷумҳурии Демократии Олмон намоишҳо ва корпартоиҳо сар заданд. Тазоҳуроте, ки моҳи октябр дар шаҳри Берлин гузашт, сабаби иваз шудани ҳукумат ва Ҳизби ягонаи сотсиалистии Олмон гардид. 8-уми ноябри соли 1989 девори Берлин шикаста шуда, дарвозаҳои Бранденбург боз шуданд. Муттаҳидшавии Олмони Шарқӣ бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон оғоз ёфт.

Моҳи майи соли 1988 роҳбари Ҳизби сотсиалистии коргарии Венгрия иваз шуд. Ба ҷойи Янош Кадар Карой Гросс ба қудрат расид. Роҳбарияти нави ҳизбу давлат ба ислоҳоти сиёсӣ даст зад. Ибтидои соли 1989 Ҳизби сотсиалистии коргарии Венгрия аз ҳизби ҳоким будани худ даст кашид. Дар кишвар ташаккули ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсии оппозитсионӣ оғоз ёфт. Венгрия роҳи демократияи парлумониро пеш гирифт. Ҳизби сотсиалистии коргарии Венгрия ба Ҳизби сотсиалистии Венгрия табдили ном кард. Роҳбарияти ин

ҳизб ҷонибдори иқтисоди бозаргонӣ, демократияи парлумонӣ ва гуногуншаклии моликият буд.

Баҳори соли 1990 дар интихоботи парлумонӣ Маҷлиси демократии Венгрия, ки соли 1987 таъсис ёфта буд, пирӯз шуд. Вай ҷонибдори ташкили давлати ҳуқуқбунёд, худидоракунии демократӣ, хусусигардонии муассисаҳои зиёновар ва гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ буд. Роҳбари ин ҳизб Ийожеф Анталл бо иштироки дигар ҳизбҳо ҳукумати эътилофӣ ташкил намуд. Раиси иттиҳоди демократҳои озод Арнада Гентса президенти кишвар интихоб шуд. Соли 1998 Венгрия узви Шартномаи Атлантаи Шимолӣ гардид.

Бераҳмона саркӯб карда шудани намоиши донишҷӯён 17-уми ноябри соли 1989 дар шаҳри Прага сабаби сар задани инқилоб дар Чехословакия гардид. Ин инқилобро, ки бо номи «Инқилоби махмалин» машҳур аст, донишҷӯён бо роҳи осоишта оғоз карданд. Онҳоро корхонаҳои бузурги Прага дастгирӣ намуданд.

Бо ташаббуси неруҳои оппозитсионии «Хартия-77» 18-уми ноябр Маҷлиси шаҳрвандӣ таъсис ёфт. Роҳбарии онро коммунистони собиқ, олимон, ходимони фарҳанг ба уҳда доштанд. Дар як муддати кӯтоҳ ин созмон мавқеи Ҳизби коммунистии Чехословакияро хеле танг кард. Парлумони федералӣ аз конститутсия бандеро, ки нақши роҳбарикунандаи Ҳизби коммунистро таъмин мекард, хориҷ кард. Ба мақомоти роҳбарии давлат одамони нав омаданд. Яке аз фаъолони мубориза барои ҳуқуқи инсон ва сарвари Маҷлиси шаҳрвандӣ Ватслав Гавел президенти кишвар интихоб шуд. Ба ҳайати ҳукумати нав намояндаҳои ҳизбҳои гуногун ворид гардиданд. Дар як муддати кӯтоҳ Маҷлиси шаҳрвандӣ ба пурнуфузтарин неруи сиёсӣ табдил ёфт. Дар интихоби Маҷлиси федералӣ, ки моҳи июни 1990 доир гардид, намояндагони Маҷлиси шаҳрвандӣ аксарияти овозҳоро соҳиб шуданд. Давлат номи Ҷумҳурии Федералии Чехия ва Словакияро гирифт. Аммо Словакия талаби давлати мустақил шуданро дошт. Моҳи июли соли 1992 парлумони Словакия истиқлолияти Ҷумҳурии Словакияро эълон кард. Пас аз мулоқоти роҳбарони ду ҷумҳурӣ аз 1-уми январи 1993 Чехия ва Словакия ба ду давлати мустақил ҷудо шуданд.

Ибтидои солҳои 80-ум иқтисодиёти Руминия дар ҳолати вазнин қарор дошт. Дар кишваре, ки нафт тавлид мекард, сӯзишворӣ намерасид.

Дар миёнаҳои моҳи декабри соли 1989 дар шаҳри Тимишоар ноормиҳо сар заданд. Мардум бо шиори «Нест бод Чаушеску» ба кӯчаҳо баромаданд. Сарбозон дар ҳамдастӣ бо политсия ва кормандони амнияти кишвар намоишро пароканда карданд. Даҳҳо нафар куштаю маҷрӯҳ шуда буд. Мавҷи ноормиҳо шаҳри Бухарестро фаро гирифт. 22-юми декабри соли 1989 дар майдони марказии пойтахт садҳо ҳазор нафар бо парчамҳои миллӣ ҷамъ омаданд. Тазоҳуркунандагон бинои Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Руминияро ишғол карданд. Артиш ба тарафи мардум гузашт. 25-уми декабр Николай Чаушеску ва ҳамсараш ҳангоми қасди фирор аз кишвар дастгир гардида, бо қарори суд парронда шуданд.

Ҳокимият ба дасти Ҷабҳаи наҷоти миллӣ гузашт. Роҳбари он Ион Илиеску буд. Дар кишвар инқилоби ғайриодӣ ба амал омад. Дар натиҷаи он ҳокимияти мавҷуда сарнагун карда шуд, вале созмоне, ки ӯро ба вуҷуд оварда буд, ҳанӯз фаъолият дошт. Дар интихоботи парлумонии соли 1990 Ҷабҳаи наҷоти миллӣ дар ҳарду палатаи парлумон аксарияти курсиҳоро соҳиб шуд. Ион Илиеску президент интихоб гардид. Пас аз эълони натиҷаҳои интихобот дар шаҳри Бухарест бенизомиҳои оммавӣ сар заданд. 13-уми июн миёни намоишгарон ва политсия задухӯрд ба амал омад. Барои фурӯ нишондани ҷунбишу бенизомиҳо ҳукумат 10 ҳазор ангиштканро аз вилоятҳо даъват намуд. Онҳо қароргоҳи Ҳизби миллӣ-либералиро, ки пас аз шикасти ҳокимияти Чаушеску барқарор шуда буд, торумор карданд.

Аммо сатҳи зиндагии омма торафт бад мешуд. Ангиштканҳое, ки дар соли 1990 аз ҳукумат дифоъ карда буданд, моҳи сентябри соли 1991 аз нав вориди Бухарест гардиданд, аммо ин дафъа на барои ҳимоя, балки барои сарнагунсозии ҳукумати нав. Пас аз гуфтушуниди нобарор бо ҳукумат онҳо ба тасарруфи қароргоҳи ҳукумат ва маркази телевизион даст заданд. Ҳукумат маҷбур шуд, истеъфо диҳад.

Роҳбарияти нави Руминия эҳсос намуд, ки гузаронидани ислоҳот дар сиёсатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳатмист. Солҳои 1991–1992 чунин ислоҳот ба мақсади гузаштан ба муносибати бозаргонӣ оғоз ёфт. Бозсозии сохтори иқтисодии давлат сар шуд. Муассисаҳои давлатӣ ба ширкатҳои саҳомӣ табдил дода шуданд. Биноҳо ва заминҳои камтар аз 10 гектар, ки пас аз соли 1945 мусодира карда

шуда буданд, ба соҳибони аввалаашон багардонида шуданд. Ин иқдом сабаби боло рафтани нархҳо, бекорӣ ва шиддат ёфтани вазъи иҷтимоӣ гардид. Неруҳои оппозитсионӣ дар атрофи Созишномаи демократӣ муттаҳид гардиданд. Неруҳои чапгаро низ хомӯш нанишастанд. Онҳо Ҷабҳаи демократии наҷоти миллиро таъсис доданд. Ин ду иттиҳод дар интихоботи парлумонии соли 1992 дар муқобили ҳам қарор гирифтанд. Аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо ба муваффақият ноил нагардид. И. Илиеску аз нав президенти кишвар интихоб гардид. Танҳо интихоботи соли 1996 ба мухолифин имкони пирузӣ бахшид. Роҳбари Ҳизби либералӣ – И. Константинеску президент интихоб гардид. Ҳукумати ҷадид ба решакан намудани ҳама чизе, ки ба ҳукумати пешин дахл дошт, даст зад. Румыния ба сӯйи НАТО ва ИА шитоб мекард.

Моҳи июни соли 1991 Хорватия ва Словения худро ҷумҳуриҳои мустақил эълон карданд. Кишварҳои Ғарб, пеш аз ҳама Олмон ва Италия, онҳоро фавран ба расмият шинохтанд. Худи ҳамон сол Македония низ худро мустақил эълон кард. Моҳи январи соли 1992 Босния ва Ҳерсеговина истиқлолияти худро эълон намуданд. Сербия барои ҳифзи давлати ягонаи Югославия ба мубориза бархост. Моҳи майи соли 1989 раиси Ҳизби сотсиалистии Сербия Слободан Милошевич Президенти Ҷумҳурии Сербия интихоб шуд. Дар интихоботе, ки моҳи декабри 1989 доир гардид, ин ҳизб пирӯз шуд. Ҳизби сотсиалистии Сербия сиёсати шовинизми бузургдавлатиро пеш гирифт. Мақсади он ҳифз намудани давлати ягонаи Югославия таҳти роҳбарии сербҳо буд.

Бо фармони ҳукумати марказӣ қисмҳои мусаллаҳи федералӣ хостанд дар Хорватия ҳукумати навро сарнагун созанд. Аммо ба муқобилати шадиди политсияи ин ҷумҳурӣ дучор шуданд. Дар ҳамин давра дар Босния ва Ҳерсеговина байни мусулмонон, сербҳои масеҳӣ ва хорватҳо муноқишаи хунин сар зад. Дар Югославия ҷанги ҳақиқӣ аланга гирифт. Шаҳри Вуковари Хорватия ба харобазор табдил ёфт. Дар тӯли 5 моҳи ҷанг дар Хорватия 5 ҳазор нафар кушта шуданд. Ҷанг Югославияро хароб карда, онро пора-пора намуд.

Баробари ба қудрат расидани С. Милошевич таъсири шовинизми бузургдавлатии сербҳо дар сиёсати дохилӣ низ шиддат пайдо кард. Соли 1991 мухторияти Косово, ки дар он ҷо аксариятро албаниҳо ташкил медоданд, барҳам дода шуд. Ин иқдом сабаби

пурзӯр гардидани ҳаракати миллӣ барои аз нав барқарор намудани мухторият дар Косово гардид. Соли 1992 Сербия ва Черногория Ҷумҳурии Иттифоқии Югославияро ташкил доданд. Ҳамзамон ҳаракати миллӣ дар Косово авҷ гирифт. Дар муқобили он ҳукумати Югославия таъқиботро оғоз кард. Кишварҳои қудратманди Ғарб талаб намуданд, ки ба Косово неруҳои Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) ворид карда шаванд.

Ин пешниҳодро С. Милошевич напазируфт. Моҳи марти соли 1999 амалиёти густурдаи ҳарбию ҳавоии неруҳои Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ба муқобили Сербия оғоз ёфт. Пас аз фишори сахти низомӣ моҳи сентябри 1999 ҳукумати Югославия розӣ шуд, ки ба хоки Косово неруҳои Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ворид карда шаванд.

Дар бисёре аз кишварҳои сотсиалистии собиқ то ҳадди кам ва ё зиёд либерализатсияи* қатъӣ, хусусикунонӣ ва ислоҳоти бозаргонӣ гузаронида шуд. Ин ислоҳот дар баъзе маврид натиҷаҳои манфӣ доштанд. Дар бархе аз кишварҳо беқурбшавии пул, қиматӣ ва бекорӣ авҷ гирифт. Мардуми аз ин ислоҳот ноумедгашта дар интихоботи соли 1994 аксар ба ҷонибдории ҳизбҳои сотсиал-демократӣ, яъне коммунистҳои собиқ овоз доданд. Аммо сотсиал-демократҳо на танҳо натавонистанд вазъи кишварашонро беҳ кунанд, балки садди роҳи ислоҳот шуданд. Барои ҳамин ҳам дар Полша, Булғория, Венгрия, Руминия, Югославия ва дигар кишварҳо дар интихоботи солҳои 1996–1997 ба ҷойи сотсиал-демократҳо қувваҳои нав ба сари ҳокимият омаданд. Калавиши интихобкунандагон гоҳ ба сӯйи «чап» ва гоҳ ба сӯйи «рост» то ҳол идома дорад.

Либерализатсияи иқтисодиёт, гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ омилҳои гуногунро ошкор намуданд. Ислоҳоте, ки солҳои 80-ум дар Полша ва Венгрия оғоз ёфта буд, гузаштан ба суботи иқтисодиро тезонид. Соли 1995 дар Полша беқурбшавии пул кам шуд. Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) хеле боло рафт. Дар баробари ин бекорӣ ва шиддати вазъи иҷтимоӣ зиёд буд. Дар интихоботи президентии соли 1996 намояндаи неруҳои чап ва дар

* Либерализатсия (лот.) — озод, бекор кардан ё суст шудани назорати давлатӣ аз болои шаклҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ва категорияҳои иқтисодӣ (нарх, маош, арзиши асъор).



Нимҷазираи Балкан дар ибтидои асри XXI. Мӯйсафед бо наберааш дар назди хонаи вайронгаштаи худ.

*1. Хонаи мӯйсафед дар асари кадом ҳодиса вайрон шудааст?*
*2. Чаро дар ҷанг асосан одамони одӣ зарар мебинанд?*

интихоботи парламентии соли 1997 ҳизбҳои ростгаро пирӯз шуданд.

Дар муқоиса бо Полша дар дигар кишварҳои Аврупои Шарқӣ хусусигардонӣ ва либерализатсия бо роҳи на он қадар қатъӣ сурат гирифт. Дар Булғория, ки солҳои 90-ум сотсиалистҳо дар сари қудрат буданд, ба гузаронидани ислоҳот монеъ мешуданд. Ин буд, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар дар ҳолати ногувор қарор гирифт. Булғорияро гуруснагӣ ва қашшоқии молиявӣ таҳдид мекард. Дар чунин вазъият дар интихоботи президентии соли 1997 намояндаи неруҳои ростгаро ғалаба ба даст овард.

Дертар ворид шудани Албания ба ислоҳот, сатҳи пасти маърифати сиёсии мардум, мавҷуд набудани анъанаҳои демократӣ, вуҷуд доштани ришвахӯрӣ дар сохтори ҳокимият сабаб шуд, ки соли 1997 кишварро бӯҳрони шадиди сиёсӣ фаро гирад. Ин бӯҳрон ба шӯриш табдил ёфт.

Ташкили сохтори нави ҳокимияти давлатӣ дар деҳоти кишварҳои Аврупои Шарқӣ як хел набуд. Дар деҳоти Полша ва Югославия, ки кооперативҳои кишоварзӣ нисбат ба дигар кишварҳои минтақа нуфузи камтар доштанд, муносибатҳои иқтисодӣ камтар тағйир ёфтанд. Дар дигар кишварҳо доир ба барҳам додани кооперативҳо ва ба деҳқонон додани замин қонун қабул шуд. Ба ҷойи кооперативҳо хоҷагиҳои фермерӣ ташкил ёфтанд. Ин хоҷагиҳои навтаъсис ба проблемаҳои зиёд дучор гаштанд. Набудани сармоя, қувваи корӣ, сарчашмаи қарзгирӣ ва сармоягузорӣ, камзаминӣ ба рушди тиҷорати хурд ва миёна дар деҳот ба пешравӣ монеъ мешуд.

Яке аз проблемаҳои дигари кишварҳои сотсиалистии собиқи ин минтақа ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ мебошад. Ба ду гурӯҳи мутақобил: қашшоқ ва доро тақсим шудани аҳолӣ ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот босуръат давом дорад.

Мушкилии асосии кишварҳои Аврупои Шарқӣ муноқишаҳои қавмӣ ва миллатгароӣ мебошад. Дар натиҷаи ин муноқишаҳо соли 1993 Чехословакия ба ду давлат — Чехия ва Словакия тақсим шуд. Югославияи собиқ ба давлатҳои Словения, Босния ва Ҳерсеговина, Македония, Хорватия ҷудо шуд. Дар ҳайати Югославия танҳо Сербия ва Черногория боқӣ монд. Дар Босния миёни мусалмонон, католикҳо ва православҳо ҷанги мазҳабӣ сар зад, ки он танҳо пас аз панҷ сол бо дахолати созмонҳои байналмилалӣ хомӯш гардонда шуд. Ниҳоят, дар моҳи майи соли 2006 Черногория истиқлоли сиёсии худро эълон намуд.

Дар давоми солҳои 2000–2020 кишварҳои Аврупои Шарқӣ давраи таҳаввули амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро сипарӣ намуда, бар пояи арзишҳои гуманизми* умумиаврупоӣ бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ наздик шуданд. Бо мақсади таъмини бехатарӣ дар Аврупо ва амнияти миллӣ аксари кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба ҳайати Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) шомил гардиданд.

Дар роҳи бартараф сохтани нобаробарии рушди иқтисодӣ, ташкили бозори ягонаи умумиаврупоӣ дар ин кишварҳо ислоҳоти бунёдии тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба амал бароварда шуд, ки моҳияти онҳо аз ҳалли чанд масъалаи муҳим иборат аст:

— мустаҳкам намудани ниҳодҳо ва арзишҳои умумиаврупоӣ (ҳимояи моликияти хусусӣ, рушди низоми ҳуқуқӣ, такмили низоми ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва ғ.);

— боло бурдани самаранокии бахш (сектор)-и давлатӣ бо роҳи навсозии сохторҳои давлатӣ, такмили низоми идораи давлат ва назорат);

— рушд ва таъмини самаранокии фаъолияти меҳнатӣ табақаҳои васеи аҳолӣ — занон, ҷавонон ва ғ.

**Дар бораи низои қавмӣ дар Югославияи собиқ.** Пас аз эъломи истиқлолияти Ҷумҳурии Хорватия (1991) дар он кишвар муносибат миёни хорватҳо ва сербҳои сокини Хорватия тезутунд гардид. Таъқиби сербҳо оғоз ёфт. Дар ин давра пешвои ҳизби рости Хорватия — Д. Парича чунин изҳор намуд: «Дар Хорватия танҳо як халқ — хорватҳо метавонанд ҳуқуқи сиёсӣ дошта бошанд. Бояд танҳо як алифбо бошад — лотинӣ. Набояд калисои православии сербҳо,

---

* Гуманизм (лот.) — инсондӯстӣ, маҷмуи ақидаҳоест, ки муҳайё кардани шароити заруриро барои инкишофи ҳаматарафаи инсон тақозо менамояд.

балки бояд калисои католикии хорватҳо вуҷуд дошта бошад. Бо сербҳо дигар ҳеҷ гоҳ ҳаёти якҷоя вуҷуд дошта наметавонад...»

*Васильева Н., Гаврилова В. Балканский тупик. – 2000, № 1. – С. 361.*

1. *Сабабҳои асосии тезутунд гардидани муносибатҳои миллиро дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ дар солҳои 90-уми асри XX номбар кунед.*
2. *Ба назари шумо, бо кадом роҳ метавон чунин муноқишаҳоро ба низом даровард?*

**Дар бораи охирин рӯзҳои ҳукмронии Н. Чаушеску.** Аз 20 то 24-уми ноябри соли 1989 дар шаҳри Бухарест анҷумани навбатии XIV Ҳизби коммунистии Руминия баргузор шуд. Маърузаи котиби кулли ҳизб — Николае Чаушеску панҷ соат давом кард. Аҳли толор он ҷойҳои суханрониро бо хушҳолӣ мепазируфтанд, ки сухан аз дастовардҳои бузурги кишвар мерафт. Вакилон аз ҷой бархоста шиор медоданд: «Чаушеску — қаҳрамонӣ», «Чаушеску — коммунизм»! Бахусус хабари аз нав интихоб шудани Чаушеску ба мансаби котиби кулли ҲКР гарму ҷӯшон истиқбол гирифта шуд... Касе тасаввур карда наметавонист, ки 21-уми декабри соли 1989 барои Николае Чаушеску охирин рӯзи роҳбарӣ мебошад.

*Аз китоби «О них говорят: 20 политических портретов», – М., 1991 С. 210–211.*

*Чаро дар кишварҳои сотсиалистӣ роҳбарон обрӯй ва эътибори калон доштанд?*

**Ж. Панич, генерал — полковник, сардори Ситоди кулли артиши Югославия: «**Ман ҳеҷ боварӣ надоштам, ки дар Югославия чунин мешавад. Ман дидам, ки дар Лубнон чӣ воқеаҳо рух дод. Аммо мепиндоштам, ки дар кишвари мо вазъият ором аст. Мо дӯстонаю бародарона зиндагӣ мекардем... Мо соҳиби кишвари зебое будем, аммо ба касе дар Ғарб ин маъқул набуд. Ин қувваҳо на танҳо Югославияро пора-пора карданд, балки халқи онро ба ҷанги зидди ҳамдигар тела доданд».

*Друзенко А. Семь дней в Сербии в поисках истины. // Известия. 1993. 5 марта.*

*Ба ҳайати Югославия кадом ҷумҳуриҳо дохил мешуданд?*

?!

1. Сабабҳои асосии дар Аврупои Шарқӣ сар задани бухронҳо дар чӣ буд?
2. Самтҳои асосии ислоҳоти солҳои 90-уми Аврупои Шарқиро номбар кунед.
3. Дар бартараф намудани муноқишаҳои миллии ин минтақа созмонҳои байналмилалӣ чӣ нақш доштанд?
4. Сотсиализми ҳақиқиро чӣ тавр мефаҳмед?
5. Кадом ҷумҳурӣ охирин шуда истиқлолияти миллиии худро эълон намуд?

# Боби III. КИШВАРҲОИ ОСИЁ, АФРИҚО ВА АМРИКОИ ЛОТИНӢ

## § 12. ҶОПОН: ПЕШСАФИ ТАРАҚҚИЁТИ ҶАҲОН

?!
1. Кадом омилҳо ба «муъҷизаи иқтисодӣ»-и Ҷопон мусоидат намуданд?
2. Чаро Ҷопон яке аз марказҳои тараққиёти иқтисодии ҷаҳон дониста мешавад?
3. Ҷопон имрӯз кадом сиёсати хориҷиро пеш мебарад?

Гарчанде то ба имрӯз дар ҳаёти сиёсии Ҷопон рукнҳои анъанавии ҷамъияти ҷопонӣ нигоҳ дошта шуданд, вале моҳияти он тағйир ёфтааст. Дар Ҷопон император «рамзи давлат ва ягонагии миллат» мебошад, вале амалан дар ҳаёти сиёсии мамлакат ва идораи давлат иштирок намекунад. Имрӯз дар Ҷопон низоми демократии идораи парлумонӣ амал мекунад.

Мақоми қонунбарори мамлакат парлумон мебошад, ки аз ду палата: Палатаи намояндагон ва Палатаи мушовирон иборат аст. Сарвазири мамлакат аз ҷониби парламент интихоб карда мешавад. Ҳукумат мақоми иҷроия ба ҳисоб рафта, сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро муайян мекунад ва амалӣ месозад. Соли 1994 дар Ҷопон ислоҳоти системаи интихоботӣ гузаронида шуд, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар ба фаъолияти низоми бисёрҳизбӣ имкониятҳои васеъ дода шуд. Дар ҳаёти сиёсии мамлакат Ҳизби лебералию демократии Ҷопон мавқеи намоён дорад. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон қариб дар давоми 40 сол идоракунии Ҷопонро Ҳизби либералию демократӣ ба ухда дошт ва имрӯз ҳам қудрати сиёсии мамлакатро ба даст дорад.

Дар солҳои 70–80-уми асри гузашта Ҷопон ба пешрафти босуръати истеҳсолоти саноатӣ ноил гардид. Дар соли 1983 ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ нисбат ба соли 1950-ум 24 маротиба афзуд.

Дар муддати ду-се даҳсола суръати миёнаи афзоиши солонаи истеҳсолоти саноатӣ 14%-ро ташкил дод. Имрӯз Ҷопон ба давлати сарватманду пешрафта, маркази илм ва технологияи муосири ҷаҳон табдил ёфта, сатҳи зиндагии мардум хеле баланд аст. Маҷмуи


Бинои парлумон дар Токио.

даромади миллӣ ба ҳар як сари аҳолӣ дар соли 2013 дар Ҷопон ба 48 ҳазор доллар рост меояд.

Тараққиёти босуръати иқтисодиёти мамлакат, ки «муъҷизаи иқтисодии ҷопонӣ» ном гирифта буд, натиҷаи як қатор омилҳо буд. Мисли Италия Ҷопон аз канданиҳои фоиданоки табиӣ бой нест, барои ҳамин кишвар роҳи истифодаи таҷрибаи хориҷии илмию техникӣ ва ихтироотро пеш гирифт.

**Ҷопон — абарқудрати иқтисодии ҷаҳон.** Дар солҳои 90-уми асри гузашта Ҷопон ба давлати сарватманд ва тараққикардаи ҷаҳон табдил ёфт. Аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ ин кишвар дар ҷаҳон ба мавқеъҳои аввал гузашта, аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои технологияҳои пешқадам ба ҷойи аввал баромад. Бештар аз нисфи роботҳои саноатии ҷаҳон дар Ҷопон истифода мегарданд.

Дар Ҷопон соҳаҳои саноати оҳангудозӣ, истеҳсоли дастгоҳҳои саноатӣ, кимиё, сабук ва коркарди чӯб хеле инкишоф ёфтаанд ва аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли пӯлод, истеҳсоли киштиҳои баҳрӣ, қувваи барқ, коркарди нафт, семент ҷойи намоёнро ишғол мекунад.

Аммо иқтисодиёти Ҷопон аз ворид кардани ашёи хом ва сӯзишворӣ аз хориҷ вобастагии зиёд дорад, зеро захираҳои ками фоиданоки табиӣ дорад.

*Аз китоби «Большая иллюстрированная энциклопедия географии». — Москва., 2005. С. 309.*

*Ба назари шумо, ҷопониҳо чӣ гуна тавонистанд ба ин комёбиҳо ноил шаванд?*

Ҷопон дар масъалаи автоматикунонии истеҳсолот ва татбиқи роботҳо (махсусан дар саноати автомобилсозӣ) аз кишварҳои дигар, аз ҷумла Амрико, хеле пеш гузашт.

Мамлакат аз ҷиҳати истифодабарии роботҳо дар ҷаҳон дар ҷойи аввал меистад. Дар шароити нав Ҷопон сиёсати «рӯҳи ҷопонӣ — дониши аврупоӣ»-ро, ки омезиши анъанот ва ба инобат гирифтани талаботи замони муосирро дар назар дорад, давом медиҳад.

Худтакомулдиҳӣ ва талаботи қатъӣ ба сифати маҳсулот боиси он гардид, ки Ҷопон дар бозори ҷаҳонӣ дар соҳаи истеҳсоли видео, аудио ва радиотехника, автомобилсозӣ ва ғайра мақоми хосса пайдо

кард ва талабот бо моли японӣ дар тамоми ҷаҳон зиёд гардид. Ҷопон аз ташкили артиши бузург худдорӣ карда, бо ин роҳ хароҷоти ҳарбии худро хеле кам кард.

*Истеҳсоли мошинаҳо дар Ҷопон (солҳои 1980–2020)*

| Солҳо | 1980 | 1990 | 1996 | 2013 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Мошинаҳои сабукрав | 7 038 000 | 9 948 000 | 7 864 000 | 8 190 000 | 7 007 557 |
| Автобус ва мошинаҳои боркаш | 4 005 000 | 3 539 000 | 2 482 000 | 1 440 000 | 1 060 000 |
| Ҳамагӣ | 11 043 000 | 13 487 000 | 10 346 000 | 9 630 000 | 8 067 557 |

Омили асосии пешрафти иқтисодии Ҷопон ин меҳнати фидокорона, риояи интизоми баланди меҳнат, ҳифз ва боло гузоштани манфиатҳои иттиҳодиявӣ (яъне корхонаю муассисаҳо), эҳтиром ба калонсолон ва дигар меъёрҳои ба анъанаҳои миллии ҷопониҳо асосёфта мебошад. Комёбиҳои бузурги Ҷопон ба сатҳи баланди илмию маърифати аҳолӣ такя мекунад. Ба комёбиҳои илмию техникӣ ва иқтисодии Ҷопон сиёсати дурусти таҳсилоти миёна ва олӣ мусоидат намуд. Дар охири солҳои 80-ум 93%-и кӯдакони мамлакат таҳсилоти пурраи миёнаи 12-сола гирифта, зиёда аз се як ҳиссаи онҳо таҳсилро дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳо идома медоданд.



Синкансен ва ё «поезд-тир», ки суръати ҳаракаташ беш аз 260 км/соат аст, аз миёни майдони шолизор мегузарад (с. 1968)

*Мазмуни ин расмро шарҳ диҳед.*



Сумо — гӯштини миллии ҷопониҳо, ки таърихи 2000-сола дорад.

*Ба назари шумо, сумо ба гӯштини миллии тоҷикӣ шабоҳат дорад ё не?*

Бо пешрафти иқтисодии кишвар ҷопониҳо шиори «Пеш аз ҳама содирот»-ро ба миён гузоштанд, ки мақсади асосии он ба берун баровардани мол буд. Молҳои саноатии Ҷопон дар муддати кӯтоҳ дар бозори мамлакатҳои Ғарб мавқеи муҳим пайдо намуданд. Ҳиссаи мамлакат дар содироти молҳои саноатӣ ба ҷаҳони Ғарб дар давоми солҳои 1950–1979 аз 1,3% то 8,5% зиёд гашт. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тамоили содироти молҳои саноатии Ҷопон ба бозори ҷаҳонӣ рӯ ба афзоиш дошт.

Дар давраи ҳозира ҳам Ҷопон аз ҷиҳати пешрафти иқтисодӣ дар сафи пеш аст. Дар соли 2013 аз рӯйи ҳаҷми ММД ва истеҳсоли саноатӣ Ҷопон (баъд аз ИМА ва Ҷумҳурии Мардумии Чин) дар ҷойи сеюм дар ҷаҳон меистод. Инкишофи иқтисодии Ҷопон ба зиёдшавии маблағгузорӣ ва ҳаҷми маҳсулот ва содирот, хусусан мошинҳо алоқаманд аст.

**Сиёсати хориҷӣ.** Дар муносибатҳои байналмилалӣ Ҷопон ИМА-ро иттифоқчии боътимоди худ медонад. Чунин муносибат байни ин давлатҳо баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон ба миён омада, то ба имрӯз идома дорад. Якчанд пойгоҳи ҳарбии ИМА (яке аз калонтарини онҳо дар шаҳри Мисава) дар Ҷопон ҷойгир мебошанд. Соли 1987 созишнома дар бораи иштироки Ҷопон дар барномаи «Ҷанги ситоравӣ» баста шуд. Аз моҳи ноябри соли 1975 Ҷопон иштирокчии доимии гуфтушунидҳои солонаи сарони давлатҳои мутараққии капиталистӣ (мамлакатҳои ҳафтгона) гардид.

Ҷопон ба масъалаҳои сиёсати иқтисоди беруна диққати ҷиддӣ медиҳад. Доираҳои тиҷорат самтҳои ташкил кардани «Минтақаи савдои озодӣ осиёӣ»-ро кор карда мебароранд. Дар назар дошта шудааст, ки ба ин минтақа якҷоя бо Ҷопон Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур, Ҳонгконг ва мамлакатҳои тараққикунандаи Тайланд ва Малайзия ворид мешаванд.

Токио диққати асосиро ба беҳтар шудани муносибатҳо бо Пекин равона месозад. Ҷопон Чинро ҳамчун бозори дурнамои калон барои молҳои худ ва сарчашмаи интиқоли барқ ва дигар ашё мешуморад. Дар ҳар сурат байни мамлакатҳо баъзе масъалаҳои ҳудудӣ (ҷазираҳои Сенкаку), ки ба онҳо Чин даъвогар аст, боқӣ мондааст.

Дар сиёсати хориҷии Ҷопон ёрмандӣ ба дигар мамлакатҳои ҷаҳон ҷойи муҳим дорад. Яке аз роҳҳои амалисозии ин мақсад барномаи «Ёрии расмӣ баҳри рушд» мебошад. Ҷопон дар доираи ин барнома ёрии гуногун, аз ҷумла маблағҳои бебозгашт медиҳад. Соли 1994 хароҷоти Ҷопон барои амалисозии ин барнома 13,5 млрд долларро ташкил медод.

Дар арсаи сиёсати хориҷӣ Ҷопон ба рушд ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва низомӣ-сиёсӣ бо ИМА аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Ҳамзамон ҳукумати кишвар дар солҳои 2010–2020 сиёсати наздикшавӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳонро ба амал бароварда, дар қитъаи Осиё дар соҳаи таъмини амният ва бехатарӣ бо мақсади амалӣ намудани «Барномаи барпо намудани минтақаи озод дар уқёнусҳои Ором ва Ҳинд» бо Австралия ва Ҳиндустон ҳамкории наздик дорад.

**Робитаҳои дипломатӣ миёни Ҷопон ва Тоҷикистон** 2-юми феврали соли 1992 барпо гардида, аз 26-уми январи соли 2002 Сафорати Ҷопон дар шаҳри Душанбе фаъолият дорад. Дар соли 2018 гардиши савдои хориҷии Ҷопон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи 65 млн доллари ИМА-ро ташкил дода буд.

Аввалин сафари расмии сарвазири Ҷопон Синдзо Абэ ба Тоҷикистон 24-уми октябри соли 2015 баргузор гардида, барои рушди робитаҳои дуҷониба дар арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳанг мусоидат намуд.

*Манбаъ: Маълумоти сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон//www.mfa.tj*

*Шумо дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти сохторҳои Ҷопон дар Тоҷикистон маълумот доред?*

**Низоми таҳсил ва ҳаёти мактабӣ.** Япониҳо омӯзишро ниҳоят муҳим мешуморанд. Низоми таҳсили имрӯзаи Ҷопон таърихи зиёда аз садсола дошта бошад ҳам, вале анъанаҳои он таърихи дуру дароз дорад. Мактабҳои давлатӣ 99%-и кӯдакони Ҷопон фаро гирифтаанд. Дар мамлакат таҳсили зинавӣ амал мекунад.

1. Кӯдакони аз 6-сола то 12-сола дар мактабҳои ибтидоӣ таҳсил мекунанд.

2. Кӯдакони аз 12-сола то 15-сола дар мактабҳои нопурраи миёна мехонанд.

3. Тахминан 97% кӯдакон то синни 18-солагӣ таҳсилро дар мактабҳои миёна идома медиҳанд.

Соли таҳсил дар Ҷопон аз моҳи апрел оғоз мегардад. Мактаббачагон якчанд ҳафта дар тобистон ва ду ҳафта дар арафаи соли нав ба таътил мебароянд. Анҷоми соли таҳсил ба моҳи март рост меояд ва то соли нави таҳсил боз ду ҳафта таътил мавҷуд аст. Хонандагон ба тозагии сарулибос ва муҳити зисти худ ҷиддан аҳаммият медиҳанд. Гурӯҳи хонандагон бо навбат синфхона, роҳрав, ҳоҷатхона, ҳавлии мактабро рӯбучин ва тоза мекунанд.

*Ниг: Образ Японии. Урбан Коннэкшн Инкорп, 1996. С. 14*

*Фарқи низоми таҳсилоти Ҷопон ва Тоҷикистонро муайян намоед.*

?!

1. Ҷопон кай ба яке аз марказҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳон табдил ёфт?
2. Кадом соҳаҳои саноати Ҷопон дар ҷаҳон мақоми хосса пайдо намуданд?
3. Ба назари шумо, чаро дастовардҳои ин мамлакат «мӯъҷизаи иқтисодии ҷопонӣ» ном гирифтааст?
4. Сабабҳои пешрафти иқтисодӣ ва комёбиҳои илмиву техникии Ҷопон дар чист?

## § 13. ИСЛОҲОТ ВА НАВСОЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН (ХИТОЙ)

?!

1. Чӣ гуна Чин оқибатҳои «инқилоби маданӣ»-ро* бартараф сохта, сиёсати созандагиро пеш гирифт?
2. Барои чӣ модели «сотсиализм бо хусусиятҳои хитоӣ» ба пешрафти босуръати мамлакат мусоидат намуд?
3. Тағйироти самтҳои сиёсати хориҷии Чин дар чист?

**Ба сари қудрат омадани роҳбарияти нав.** Дар байни роҳбарияти Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳалли масъалаҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ягонагӣ вуҷуд надошт. Зиддият дар байни Мао

---

* Инқилоби маданӣ – сиёсати саркӯб намудани ҳама гуна мухолифин, ки дар Ҷумҳурии Мардумии Чин (Хитой) солҳои (1966–1970) амалӣ гардид. Бо фармони ҳукумат қувваҳои мусаллаҳ ва ҷавонони мутаассиб мухолифони давлатро нобуд мекарданд.

Сзедун ва мухолифони ӯ дар ниҳоят ба озмоиши нави бузург-«инқилоби маданӣ» овард, ки он даҳ сол (1966–1976) идома ёфт.

Баъди вафоти Мао Сзедун (9.09.1976) дар муборизаи сахти дохилиҳизбӣ ва сиёсӣ мавқеи ҷонибдорони ӯ хеле заиф гашт. Пешвои нави Чин Ден Сяопин сиёсати иқтисоди бозорӣ ва дар ҳаёти ҷомеа нигоҳ доштани мавқеи ҳукмрони Ҳизби коммунистиро пеш гирифт.

Марҳалаи тақдирсози Чин дар роҳи бартараф сохтани мушкилоти мавҷуда моҳи декабри соли 1978 оғоз гардид. Бо қарори Пленуми КМ ҲКЧ роҳи ислоҳоти иқтисодӣ пеш гирифта шуд. Модели ба амал баровардани дигаргунсозиҳо дар Чин дар таърих бо номи «сотсиализм бо хусусиятҳои хитоӣ» машҳур гашт. Ҳарчанд мамлакат роҳи барқарор сохтани муносибатҳои нави ҷамъиятиро пеш гирифт, вале аз шиорҳои сотсиалистию коммунистӣ даст накашид ва фаъолияти Маоро дар зери тозиёнаи танқиди сахт қарор надод.



**Дэн Сяопин** (1904–1998). Ходими барҷастаи давлатӣ ва ҳизбии Чин (Хитой). Дар оилаи заминдори миёнаҳол таваллуд шудааст. Айёми донишҷӯиаш дар Париж аъзои ҲКЧ шуда, лақаби Сяопин («ҷаҳони хурд»)-ро гирифтааст. Дар ибтидои солҳои 60-ум дар котиботи президент Лю Шаоси кор кардааст. Дар солҳои «инқилоби маданӣ» гирифтори таъқибот гардид. Баъди марги Мао моҳи июли соли 1977 ноиби сарвазир шуд. Дар арафаи пленуми таърихии декабрии соли 1978 ҷонишини раиси ҲКЧ ва сардори штаби ЛХОХ буд. Ислоҳоти куллии мамлакат бо номи ӯ алоқаманд аст.

Моҳияти ислоҳот аз ба амал баровардани чорабиниҳои зерин иборат буд:

— ба корхонаву муассисаҳо додани мустақилияти хоҷагидорӣ (ба истисноӣ корхонаҳои ҳарбӣ ва моҳияти махсус дошта);

— ба миён гузоштани муносибатҳои «давлат-корхона» ба сифати муносибатҳои баробарҳуқуқ дар байни воҳидҳои мустақили иқтисодӣ;

— ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар Чин аз ҷониби аҳолии деҳот пурра дастгирӣ ёфта, боиси ҳавасмандӣ ва баланд гаштани маҳсулнокии меҳнати деҳқонон гашт. Дар деҳот коммунаҳо барҳам дода шуданд ва замин бо усули иҷоравӣ ба деҳқонон дода шуд. Баъди



Карикатура: Мувозинати Дэн Сяопин.

*Ба назари шумо, барои чӣ муаллиф ба эҷодиёти худ чунин ном гузоштааст?*

пардохти андоз ва фурӯши як қисми ҳосил ба давлат, деҳқонон ҳуқуқ доштанд маҳсулоти боқимондаи худро дар бозор озодона фурӯшанд.

Нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ хеле баланд бардошта шуданд. Ба деҳқонон иҷозат дода шуд, ки аз меҳнати мардикор истифода баранд. Дар мамлакат бозорҳои нав пайдо шуданд ва тиҷорати хусусӣ расман қонунӣ гардонида шуд.

Барои инкишофи бахшҳои кооперативӣ ва хусусӣ имкониятҳо фароҳам оварда шуда, низоми муносибатҳои маъмурӣ дигар карда шуд. Дар байни коргарон ва маъмурият, байни сардори ширкатҳо ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ расман бастани шартномаҳои меҳнатӣ ҷорӣ карда шуд.

Ҳукумат дар бораи аз нав дида баромадани натиҷаи маъракаҳои пешинаи сиёсӣ ва пеш аз ҳама тақдири шахсоне, ки аз «мубориза бо ҷонибдорони рост» ва «инқилоби маданӣ» зарар дида буданд, қарор қабул намуд. Дар натиҷа қариб 10 млн собиқ кормандони давлатӣ ва намояндагони зиёиён, ки беасос гирифтори таъқибу шиканҷа гардида буданд, сафед карда шуданд. Соли 1980 собиқ Раиси ҶМЧ Лю Шаоси пурра сафед карда шуд ва баъди марг ҳамчун яке аз роҳбарони бузурги ҳизбӣ ва давлатӣ эътироф гардид. Хона ва дигар молу амволи дар рафти «инқилоби маданӣ» зӯран гирифташудаи мардум ба соҳибонашон баргардонида шуданд.

Ислоҳот ба зудӣ натиҷаҳои назаррас дод. Он тамоми дунёро дар ҳайрат гузошт. Истеҳсоли маҳсулот босуръат афзоиш ёфта, даромади деҳқонон дар миёни солхои 80-ум 2–3 маротиба афзуд. Суръати афзоиши иқтисодиёт дар солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум солона ба 12–18% мерасид. Даромад ба ҳар сари аҳолӣ даҳ маротиба аз 50 то 500 доллар афзоиш ёфт.

**Ден Сяопин дар бораи ислоҳоти иқтисодӣ дар Чин** (Пекин, 6-уми октябри соли 1984). Ҷоннок намудани иқтисодиёти мамлакатро мо аз деҳот оғоз намудем, зеро 80%-и аҳолии Чин дар деҳот зиндагӣ мекунад. Устувории ҷамъият ва тараққиёти иқтисодиёти Чин пеш аз ҳама ба тараққиёти деҳот ва беҳтарша-

вии ҳаёти деҳқон вобаста буд. Чор маротиба афзоиш додани истеҳсоли солонаи маҳсулот дар навбати аввал ба он вобаста буд, ки ин 80%-и аҳолӣ метавонад чунин пешравиро ба даст орад. Чӣ тавре ки аён аст, як қатор пешниҳодҳои нав дар хусуси деҳот самараи хуб доданд, онҳо тез самара медиҳанд, натиҷаҳо назаррасанд. Пештар барои деҳот мушкил буд. Акнун гуфтан мумкин аст, ки аксарияти аҳолии деҳот то сер шудан мехӯрад ва дурусттар либос мепӯшад, шароити манзилиашон низ хеле беҳтар гаштааст. Самаранокии сиёсат нисбати деҳот моро бахри чор маротиба зиёд намудани маҷмуи маҳсулоти миллӣ рӯҳбаланд намуда, боварии моро устувор гардонид.

*Ден Сяопин. Основные вопросы современного Китая – М., 1998.– С. 85.*

1. *Чӣ гунаислоҳоти иқтисодиёти Чин амалӣ мешуд? Ба назари шумо, натиҷаи асосии он дар чист?*
2. *Оё мо метавонем аз таҷрибаи ислоҳоти Чин дар мамлакати худ истифода барем?*

Аз ҳамин давра сар карда то ба имрӯз иқтисодиёти Чин ба таври муътадил пеш меравад. Суръати инкишофи иқтисодии мамлакат ҳамасола 8–9,5%-ро ташкил медиҳад. Соли 2005 низ рушди иқтисодиёти Чин 9,5%-ро ташкил дод.

Дар баробари тараққиёти иқтисоди кишвар ҳаёти деҳот тағйир ёфта, некуаҳволии мардум сол то сол боло меравад. Соли 2005 даромади солонаи кишоварзони мамлакат 12,5% зиёд гардид.

Табиист, ки дар роҳи татбиқи ислоҳот монеаҳо ҷой доштанд. Барпо кардани муносибатҳои иқтисоди бозорӣ боиси беқурбшавии асъори миллӣ ва шиддат гирифтани муносибати байни сарватмандон ва аҳолии камбизоат гардид.

Вазъияти баамаломада боиси норозигии табақаҳои камбизоати аҳолӣ, бахусус донишҷӯён гашт. Ин ҳолат ба рух додани гирдиҳамоии донишҷӯён дар охирҳои соли 1986 — аввали соли 1987 ва баҳори соли 1989 оварда расонд, ки бо задухӯрдҳо бо политсия ва қурбонии донишҷӯёни зиёд анҷом ёфтанд.

Ден Сяопин ба дастгирӣ, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳои роҳбарикунандаи ҳизбию давлатӣ диққати муҳим медод. Бо ташаббуси ӯ моҳи июни соли 1989 Сзян Сземин ба вазифаи котиби генералии КМ ҲКЧ интихоб гашт. Аз баҳори соли 1990 мубориза ба муқобили порахӯрӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, суиистеъмол аз вазифа ва ғайра пурзӯр карда шуд. Ба вазифаҳои роҳбарии мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ гузаштани фарзандони кормандони масъули ҳизбӣ ва



Ҷ. Форд ва Дэн Сяопин. 1975.

*Ҷ. Форд кӣ буд ва чаро бо роҳбари Чин мулоқот дорад?*

ба тиҷорат машғул шудани онҳо манъ карда шуд. Барои маҳдуд кардани имтиёзҳои кормандони давлатӣ кӯшишҳои назаррас карда шуда, судҳо даҳҳо ҳазор парвандаҳои ҷиноятиро оид ба порагирӣ ва сӯистеъмол аз вазифа дида баромаданд.

**Сиёсати хориҷӣ.** Баробари ба вуҷуд омадани дигаргуниҳо дар ҳаёти дохилии мамлакат дар сиёсати берунии Чин низ тағйироти назаррас ворид гардид. Пеш аз ҳама, самтҳои сиёсати хориҷии Чин дигар шуд. Соли 1979 Чин ба таври расмӣ бо ИМА муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. Дар айни замон Чин «гегемонизми шӯравӣ» ва сиёсати хориҷии Иттиҳоди Шӯравиро маҳкум намуд.

ҶМЧ аз соли 1971 то имрӯз аъзои доимии Шӯрои амнияти СММ мебошад.То ин давра ҷойи Чинро дар СММ ҳукумати Тайван ишғол мекард.

Соли 1989 аз ҷониби Ҳукумати Чин бо роҳи зурӣ пароканда намудани гирдиҳамойиҳои донишҷӯён боиси бад шудани муносибатҳои Чин бо мамлакатҳои Ғарб гардид. ИМА ва мамлакатҳои Ғарб Чинро барои поймол намудани ҳуқуқи инсон айбдор менамуданд. Чин, баръакс, чунин муносибати мамлакатҳои Ғарбро дахолат ба корҳои дохилии мамлакат арзёбӣ мекард. Танҳо дар охири солҳои 90-ум муносибати Чин бо аксарияти ин мамлакатҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳод.

**Дар бораи таркиби миллии аҳолии Чин.** Чин (Хитой) давлати ягонаи сермиллат мебошад. Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 1990 хитоиҳо (ханҳо) 92%, намояндагони 55 ақаллиятҳои миллӣ 8% аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Ханҳо дар ҳама минтақаҳо зиндагӣ менамоянд, вале минтақаҳои асосии сукунати онҳо водии дарёҳои Хуанхэ, Янсзи, Чжутезян ва ҳамвории Шимолу шарқ ба ҳисоб мераванд. Намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар таркиби аҳолии Чин зиёд набошанд ҳам, минтақаҳои сукунати онҳо бузург буда, 64% тамоми ҳудуди Чинро ташкил медиҳанд. Дар Чин 5981

ҳаз. нафар муғул, 10069 ҳазор нафар уйғур, 1830 ҳазор нафар кореягӣ, 1462 ҳазор нафар қазоқ, 180 ҳазор нафар қирғиз, 51 ҳазор нафар тоҷик, 10,5 ҳазор нафар узбек, 15,3 ҳазор нафар рус ва намояндагони дигар миллату халқиятҳо зиндагӣ менамоянд…

Дар паҳлуи якдигар зиндагӣ намудани миллату халқиятҳо ва вуҷуд доштани ҷамоатҳои хурди ақаллиятҳои миллӣ барои муносибатҳои васеи иқтисодӣ ва гуфтугӯи фарҳангӣ байни ханҳо ва ақаллиятҳои миллӣ ва ҳамчунин барои ба амал баровардани сиёсати худмухтории миллатҳо шароитҳои зарурӣ ба вуҷуд овардааст.

*Манбаъ: http://ru.wikipedia.org/wiki/народы Китая*

1. *Мафҳуми «ақаллиятҳои миллӣ»-ро шумо чӣ гуна мефаҳмед? Аз ҳаёти ҷумҳурии худамон мисол оварда метавонед?*
2. *Дар кадом соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ақаллиятҳои миллӣ худмухтор буда метавонанд?*

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Чин муносибати худро бо Россия ва мамлакатҳои Аврупо беҳтар намуд. Махсусан муносибати Чин бо Россия сол то сол мустаҳкамтар гашта истодааст. Чин ва Россия муассисони Созмони ҳамкории Шанхай ба ҳисоб меравand, ки соли 1996 ташкил ёфта буд ва Тоҷикистон низ узви он мебошад.



Дастархони идонаи тоҷикони Чин.

*Фарқ ва монандиҳои ин маросимро бо маъракаҳои мардуми Тоҷикистон муқоиса намоед.*




Инкишофи маҷмуи маҳсулоти дохилии Чин (трлн доллари ИМА).

*Ин нишондодҳоро шарҳ диҳед.*

Соли 1997 ҳар ду ҷониб дар бораи ҳал намудани ҳудудҳои баҳсталаб ба мувофақа расиданд.

**Муносибатҳои дипломатӣ** байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми январи 1992 барқарор гардида, 13-уми марти ҳамон сол Сафорати Чин дар Душанбе ба фаъолият оғоз намуд.

Чин шарики ҳамаҷониба ва стратегии Тоҷикистон буда, тақвият ва рушди муносибатҳои дӯстона ва судманди иқтисодӣ-тиҷоратӣ, таъмини амнияти минтақавӣ ва рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ин ду кишвар мебошанд. Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давоми солҳои 2007–2019 маблағи 9,36 млрд долл. ИМА-ро ташкил додаанд, қариб 2,7 млрд доллар (28,3%) саҳми Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад. Дар соли 2021 бештар аз 2 ҳазор ҷавони тоҷик дар 112 донишгоҳу донишкадаҳои Чин таҳсил мекард.

Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Чин ва Тоҷикистон дар чорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ, бахусус Созмони Ҳамкории Шанхай рушд меёбанд.

?!

1. Чаро дигаргунсозиҳои мамлакат дар Чин модели «сотсиализм бо хусусиятҳои чинӣ (хитоӣ)» ном гирифтааст?
2. Ба андешаи шумо, барои чӣ дар Чин ислоҳоти иқтисодӣ аз деҳот оғоз ёфт?
3. Дар сиёсати хориҷии Чин чӣ гуна тағйирот ба амал омад?
4. Дар бораи нақши Чин дар ҳаёти мардуми Тоҷикистон чӣ гуфта метавонед?
5. Дар амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ дар Тоҷикистон Ҷумҳурии Мардумии Чин чӣ саҳм дорад?

## § 14. НИМҶАЗИРАИ КОРЕЯ: ШИМОЛ ВА ҶАНУБ

1. Вазъияти дохилии Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (ҶХДК) чӣ гуна буд?
2. Сабаби ҳукмронии тӯлонии низомиён дар Ҷумҳурии Корея дар чӣ буд?
3. Оё имконияти муттаҳид гардидани ду давлати Корея вуҷуд дорад?

**Вазъияти иқтисодӣ ва сиёсии ҶХДК (Кореяи Шимолӣ).** Дар давоми солҳои 70-уми асри гузашта Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея бо давлатҳои сармоядории ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ ва тиҷоратӣ барқарор намуда, тавонист, ки вазъияти иқтисодии худро каме беҳтар намояд. То ин давра ҶХДК ба таври анъанавӣ бо давлатҳои сотсиалистӣ, махсусан бо Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Мардумии Чин муносибатҳои хуб дошт.

Дар чоряки охири асри XX тамоми ҷидду ҷаҳди мардуми Кореяи Шимолӣ барои иҷро намудани нақшаи шашсолаи тараққиёт равона гардида буд. Дар нақшаҳои тараққиёти ин давлат диққати асосӣ ба инкишофи техникӣ ва баланд бардоштани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дода мешуд. Минбаъд нақшаҳои ҳафтсола қабул мегардиданд. Ин нақшаҳо сари вақт иҷро карда намешуданд. Сабаби асосии қафомондагии иқтисодии ҶХДК аз давлатҳои минтақа аз он иборат буд, ки захираҳои пулӣ-молии давлат асосан бо мақсадҳои ҳарбӣ истифода мегардиданд. Аз тарафи дигар, ҳукумати ҶХДК дар давоми солҳои 70-ум қарзҳои хориҷии гирифтаашро баргардонда натавонист. Дар натиҷа муносибатҳои тиҷоратӣ бо ҷаҳони сармоядорӣ хеле коҳиш ёфтанд.

Тараққиёти иқтисодӣ, махсусан рушди саноати Кореяи Шимолӣ дар муддати тӯлонӣ ба ёрии иқтисодӣ ва молиявии Иттиҳоди Шӯравӣ, ҶМЧ ва дигар давлатҳои сотсиалистӣ вобаста буд. Баъд аз барҳам хӯрдани ИҶШС муносибати Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея бо собиқ дунёи сотсиалистӣ заиф гардида, расонидани ёрии моддӣ ва техникӣ ба ин давлат қатъ гардид.

Илова бар ин, иқтисодиёти ҶХДК хислати сарбаста пайдо намуд, яъне робитаҳои иқтисодии он бо дунёи беруна канда шуданд. Чунин вазъият сабабгори қафомондагии техникии саноат гардид. Қатъ гардидани ёрмандиҳои молиявӣ ва техникӣ вазъияти


Гузаронидани дарси амалӣ дар мактаб.

*1. Хонандагон дар кадом шароит дарс мехонанд?*
*2. Чунин шакли таълим ба шумо маъқул аст?*

иқтисодии Кореяи Шимолиро хеле вазнин гардонид.

Дар нимаи дуюми асри гузашта сарвари ҶХДК Ким Ир Сен буд. Аз моҳи июли соли 1994 то декабри соли 2011 писари ӯ — Ким Чен Ир вазифаи Президенти ҶХДК ва Раиси Ҳизби меҳнати Кореяро иҷро мекард. Аз моҳи апрели соли 2012 роҳбари Ҳизби меҳнат ва давлати ҶХДК писари Ким Чен Ир — Ким Чен Ин мебошад. Дар Кореяи Шимолӣ низоми якҳизбӣ ҳукмрон буда, ба фаъолияти ҳизбҳои дигар иҷозат дода намешавад. Мавҷуд будани низоми сахти сиёсӣ ва маъмурӣ ва таъқиби бераҳмонаи ҳама гуна зуҳуроти норозигӣ имконият медиҳад, ки ҳокимият дар дасти Ҳизби меҳнат боқӣ монад.

Дар баробари ин дар Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея тамоми воситаҳои ахбори умум дар дасти давлат мебошанд. Бо ин сабаб дарёфти маълумоти воқеӣ дар бораи вазъияти ҶХДК кори осон нест ва аҳолии он низ дар бораи вазъияти байналхалқӣ ва дигаргуниҳои ҷаҳон маълумоти воқеӣ гирифта наметавонанд.

Роҳбарияти ҶХДК дар арсаи байналхалқӣ мавқеи канораҷӯиро гирифтааст. Диққати асосии роҳбарияти сиёсӣ ва ҳарбии Кореяи Шимолӣ барои ба вуҷуд овардани силоҳи ҳастаӣ ва воситаҳои расонидани он ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон равона гардидааст. Баъд аз роҳ надодани нозирони байналхалқӣ ба марказҳои таҳқиқотҳои ҳастаӣ муносибати ин кишвар бо ИМА ва Ҷопон бад гардид. Дар чунин вазъият давлати дигари нимҷазираи Корея — Ҷумҳурии Корея кӯшиш менамояд, ки ҶХДК-ро аз муҳосираи байналмилалӣ барорад.

**Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ).** Дар Ҷумҳурии Корея то ибтидои солҳои 80-ум асосан саноати замонавии тараққикарда барпо карда шуд. Аз рӯйи суръати тараққиёти саноатӣ ин давлат

дар нимаи дуюми асри гузашта дар қатори давлатҳои пешқадами ҷаҳон буда, аз рӯйи ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ ба қатори 10 давлати инкишофёфтаи саноатии ҷаҳон дохил гардид.

Асоси иқтисоди замонавии Кореяи Ҷанубиро саноати технологияи баланд – истеҳсоли дастгоҳҳои компютерӣ, саноати киштисозӣ, истеҳсоли асбобҳои рӯзгор, автомобилҳо ва ғайра ташкил медиҳад. Аз сабаби кам будани захираҳои табиӣ саноати кишвар бештар ба коркарди ашёи воридотӣ асос ёфта буд.

Дастовардҳои Кореяи Ҷанубӣ дар соҳаи тараққиёти саноати истеҳсоли автомобилҳо хеле арзанда мебошад. Ин давлат фурӯши автомобилҳоро ба хориҷа дар ибтидои солҳои 70-ум ба роҳ монда буд. Дар соли 1987 бошад, ширкатҳои Daewoo, Hundai ва Kia тавонистанд, ки бештар аз 300 ҳазор адад автомобилро ба хориҷа фурӯшанд. Дар соли 2013 дар Кореяи Ҷанубӣ бештар аз 4,5 млн автомобил истеҳсол гардида, кишвар аз ҷиҳати автомобилсозӣ дар ҷаҳон дар ҷойи панҷум қарор дорад.

Дар Кореяи Ҷанубӣ хоҷагии қишлоқ низ тараққӣ ёфт. Дар ибтидои солҳои 90-ум ин давлат бузургтарин истеҳсолкунандаи биринҷ ба ҳисоб рафта, бештар аз 50% талаботи худро бо гандуми истеҳсоли худӣ таъмин менамуд.

Тараққиёти саноатӣ имкон дод, ки ширкатҳои молиявӣ ва саноатии Кореяи Ҷанубӣ дар кишварҳои хориҷии Осиё, Африқо ва Австралия дар сохтмони иншоот, бандарҳо, бандҳои об, сохтмони роҳҳо ва пулҳо ва шабакаҳои обёрикунанда сармоягузорӣ намоянд.

Ба тараққиёти босуръати саноатӣ нигоҳ накарда Кореяи Ҷанубӣ бо мушкилоти зиёди иқтисодӣ дучор гардида буд. Мушкилоти асосӣ – зиёд гардидани қарзи хориҷии* давлат, паст будани дараҷаи маоши коргарон ва муҳандисони кореягӣ нисбат ба дигар давлатҳои тараққикарда, дарозмуддаттарин ҳафтаи корӣ ва беҳуқуқии иттифоқҳои касаба ба шумор мерафтанд. Масалан, дар аксари корхонаҳои саноатӣ рӯзи кори 11-соата ва дар як моҳ фақат ду рӯзи истироҳат вуҷуд дошт.

Дар Ҷумҳурии Корея то соли 1987 ҳокимияти сиёсӣ ба низомиён тааллуқ дошт. То ин давра низомҳои ҳарбии генерал Пак

* Қарзи хориҷӣ – маҷмуи қарзҳои давлат аз давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналхалқӣ.



Ноҳияи Сунгенмуни шаҳри Сеул.

*1. Маданияти шаҳрсозӣ дар Кореяи Ҷанубӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?*
*2. Нигоҳ доштани таносуби санъати меъмории қадима ва замонавӣ чӣ аҳаммият дорад?*

Ҷон Хи ва генерал Чон Ду Хван ҳукмрон буданд. Сабаби асосии ҳукмронии тӯлонии низомиён дар Ҷумҳурии Корея дар он буд, ки нимҷазираи Корея баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ба минтақаи низоъ ва рақобати ду низоми ҳарбию сиёсии ҷаҳон табдил ёфта буд. Ихтилоф байни ду давлати нимҷазира — ҶХДК ва Ҷумҳурии Корея сабаби шиддат гирифтани вазъият гардида буд.

Ҳукмронии тӯлонии ҳарбиён тадриҷан норозигии табақаҳои меҳнаткашон ва махсусан ҷавононро пурзӯр менамуд. Дар соли 1979 мушкилиҳои иқтисодӣ ба сар задани ошӯбҳо дар шаҳрҳои Пусан ва Масан оварда расонид. Дар соли 1980 ошӯби донишҷӯён дар шаҳри Кванҷу сар зад. Низомиён ин ошӯбро бераҳмона пахш карданд. Садҳо шаҳрванд кушта шуда, садҳо нафар захмӣ ва ба ҳабс гирифта шуд. Чунин баромадҳо низомиёнро маҷбур намуданд, ки ба гузаронидани ислоҳот розӣ шаванд.

Дар интихоботи президентии соли 1987 намояндаи Ҳизби адолати демократӣ Ро Дэ У ғалаба намуд. Моҳи феврали соли 1988 конститутсияи нав қабул гардид, ки барои инкишофи раванди демократӣ ва гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ дар кишвар мусоидат намуд. Қонуни нав дар бораи матбуот қабул гардид; донишгоҳҳо

ҳуқуқи мухторият гирифтанд; ба ташкили созмони донишҷӯён иҷозат дода шуд; иттифоқҳои касаба ҳуқуқи дар фаъолияти корхонаҳо саҳм гирифтанро пайдо намуданд ва ғайра.

Моҳи декабри соли 1992 намояндаи Ҳизби демократии озод Ким Ён Сам Президенти Ҷумҳурии Корея интихоб гардид. Дар ин давра иқтисодиёти Кореяи Ҷанубӣ ба буҳрони сахт дучор гардид. Сабаби асосии буҳрон вобастагии иқтисодиёти кишвар ба қарзҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) буд.

Соли 1998 роҳбари Ҳизби демократӣ – Ким Дэ Джун Президенти Кореяи Ҷанубӣ интихоб гардид. Аз феврали 2013 ба ин вазифа роҳбари ҳизби Сэенури хонум Пак Кин Хэ интихоб гардида, сарвазири кишвар Чон Хонвон мебошад.

Моҳияти сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Корея дар ибтидои асри XXI аз бартараф намудани оқибатҳои буҳрони молиявӣ, мустаҳкам намудани таҳкурсии иқтисодии кишвар ва таъмини истиқлоли иқтисодӣ мебошад. Дар арсаи байналхалқӣ ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ барои беҳтар намудани муносибат бо Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея саъйу кӯшиш менамуд.

**Дар бораи ҷашни маросими ба балоғат расидан дар Кореяи Ҷанубӣ.** 19-уми май дар саросари Корея маъракаҳои ҷашни балоғат гузаронида шуд, ки дар онҳо писарон ва духтарони синнашон ба 20 расида иштирок карданд. Маҳз дар ҳамин синну сол ҷавонон расман ба камолот мерасанд. Дар ин рӯз ҷавонон ба ҳаёти мустақилона қадам гузошта, нақшаҳоиояндаи худро муайян мекунанд.

Маросими ботантанаи ҷашни балоғат дар Донишгоҳи «Сангюкван»-и шаҳри Сеул доир гардид. Ин донишгоҳ расму анъанаҳои конфутсианиро* дар тӯли 600 сол риоя менамояд. Дар маросим… ба сари писарон кӯлоҳ гузошта, ба мӯйи духтарон бандак мебананд. Кӯлоҳ ва бандак рамзи ба балоғат расидан мебошанд.

Ҷавонон ба шахсони масъули ҷомеа мубаддал мегарданд, акнун онҳо ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро гирифта, метавонанд мустақилона ба ҳаёти оилавӣ қадам гузоранд, писарони 20-сола ба хизмати аскарӣ даъват карда мешаванд.

---

* Таълимоти Конфутсий – маҷмуи ақидаҳои ахлоқӣ – фалсафии мутафаккири бузурги аҳди қадими Чин – Конфутсий, ки дар асри 5 пеш аз мелод зиндагӣ дошт; яке аз мазҳабҳои ҳоким дар Чини имрӯза, ки мувофиқи таълимоти он меъёр ва қонунҳои «осмонӣ» тағйирнопазир буда, эҳтироми гузаштагон ва иҷрои маросимҳои мазҳабӣ ҳатмӣ мебошад.

Писарон ва духтарони бабалоғатрасида ба ҳаёти мустақилона қадам гузошта, боварӣ доранд, ки бо меҳнати ҳалол ба мақсад ва орзуи худ мерасанд.
*Аз барномаи «Окно в Корею», Международное Радио Кореи, 20 майи соли 2003.*

1. *Мақсади баргузор кардани чунин маросимҳо аз чӣ иборат аст?*
2. *Ин маросим дар тарбияи ҳисси масъулятшиносии ҷавонон чӣ гуна нақш дорад?*

**Масъалаи муттаҳид намудани ду давлати Корея.** Ба ду давлат – Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (ҶХДК) ва Ҷумҳурии Корея (ҶК) тақсим шудани нимҷазираи Корея таърихи бештар аз 50-сола дорад. Дар ин давра бинобар ба ду сохти иҷтимоию иқтисодӣ тааллуқ доштани ду давлат, байни онҳо доимо рақобат вуҷуд дошт. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, баъди аз байн рафтани «урдугоҳи сотсиализм» ва тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ, барои муттаҳид гардидани ду давлати Корея заминаҳои бештар ба вуҷуд омаданд.

Баъд аз ғалабаи неруҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Корея Ҳукумати он роҳи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсиро бо ҳамсояи шимолии худ – ҶХДК интихоб намуд. 7-уми июли соли 1988 эъломияи махсуси ҳукумати Президент Ро Дэ У пахш гардид, ки мақсади он беҳтар кардани муносибатҳои ҳамаҷониба ва даст кашидан аз сиёсати рақобат буд. Ҳукумати Ро Дэ У пешниҳод намуд, ки бо мақсади наздик гардидани мавқеъҳои ду давлати Корея оид ба муттаҳидшавӣ ба масъалаҳои барқарор намудани оилаҳои ҷудогардида, рафтуомади шаҳрвандон, ҳамкории созмонҳои ҷамъиятии ду давлат аҳаммият дода шавад.

Соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Корея Ким Дэ Чжун нисбат ба ҶХДК амалӣ намудани сиёсати «Нури Офтоб»-ро эълон намуд. Мақсади он аз барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратӣ, ба амал баровардани лоиҳаҳои якҷояи иқтисодӣ, таблиғи ғояҳои иттиҳоди ду давлат дар байни ҷавонон ва, ниҳоят, «кушодани» ҶХДК барои ҷаҳониён буд.

Соли 2000 барои ду давлати Корея соли тақдирсоз буд. Моҳи июн дар шаҳри Пхенян мулоқоти роҳбарони давлатҳои Корея – Ким Чен Ир ва Ким Дэ Чжун баргузор гардид. Роҳбарони давлатҳо омодагии худро барои беҳтар кардани муносибатҳои байниҳамдигарӣ изҳор намуданд. Бо ин мақсад байни Шимол ва Ҷануб

хатти алоқаи телефонӣ, ба роҳ мондани алоқаи нақлиётии роҳи оҳан ва автомобилӣ ташкил карда шуданд. Ҷумҳурии Корея барои аз байн бурдани мушкилиҳои иқтисодии ҳамсояи худ ба аҳолии ҶХДК ёрии башардӯстонаи маводди хӯрока мерасонад. Бо сармоягузориҳои Кореяи Ҷанубӣ дар Шимол корхонаҳои истеҳсоли телевизорҳо ва дастгоҳҳои телефонӣ ба роҳ монда шуда, ширкати «Самсунг электроникс» дар минтақаҳои наздибаҳрӣ корхонаҳои худро барпо намудааст.

Ҳалли осоиштаи мунокишаи нимҷазираи Корея ба мавқеи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) вобаста аст. ИМА бо мақсади таъмини амнияти Ҷумҳурии Корея ва ҳимояи манфиатҳои худ дар минтақаи уқёнуси Ором, дар хоки Кореяи Ҷанубӣ бештар аз 40 ҳазор аскари худро нигоҳ медорад. Роҳбарияти ҶХДК бар хилофи шартнома (конвенсия*)-ҳои байналхалқӣ кӯшиш дорад, ки дорои силоҳи ҳастаӣ гардад. Санҷиши ракетаҳои дурпарвози «ТЭПО Лонг» идома дорад. Ин иқдомҳои ҳарбии Кореяи Шимолӣ ба амнияти Ҷумҳурии Корея ва Ҷопон хатар доранд.

ИМА минтақаҳои уқёнуси Оромро минтақаи муҳим ва ҳаётии манфиатҳои худ медонад. Дар сурати шиддат гирифтани вазъият дар нимҷазираи Корея, ИМА метавонад нисбат ба Ҷумҳурии Халқӣ – Демократии Корея чораҳои қатъии ҳарбӣ бинад.

Масъалаи бо роҳи осоишта муттаҳид гардидани ду давлати Корея ба иродаи неки ҳар ду тараф вобаста аст. Ба воқеият табдил ёфтани ин мақсад давраи тӯлонӣ ва сабру тоқатро талаб мекунад.

**Дар бораи мавқеи роҳбарони Ҷумҳурии Корея оид ба масъалаи муттаҳидшавӣ:**

«Ман ҳар чӣ фаъолтар роҳҳои наздик шуданро бо паймони коммунистӣ бо мақсади расидан ба ҳамзистии осоишта бо Шимол ва дар ниҳоят муттаҳид сохтани Кореяро ҷустуҷӯ менамоям».

*Ро Дэ У, соли 1988*

«Сеул тарафдори ҳамзистии осоишта ва ҳамкорӣ байни Ҷануб ва Шимол буда, муқобили муҳосираи байналхалқии Пхенян мебошад. Пешниҳоди Кореяи Ҷанубӣ дар бораи муттаҳидшавӣ аз ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва мубодилаи бай-

---

* Конвенсия (лот.) – шартнома, созишнома, созишномаи байналхалқӣ оид ба ягон масъалаи ниҳоят муҳим (махсус), масалан К.-и байналхалқӣ оид ба аслиҳаи бактериологӣ ва ғайра.

никореягӣ, барпо кардани иттиҳоди ду давлати Корея ва, ниҳоят, дар марҳалаи сеюм муттаҳидшавии онҳоро дар Кореяи воҳид бар асоси сохти сиёсии озод ва демократӣ иборат мебошад».

*Ким Ён Сам, соли 1993. Аз маҷаллаи «Азия и Африка сегодня», 1994, № 4. С. 24*

**Назари олими Россия дар бораи мавқеи роҳбарияти Кореяи Шимолӣ оид ба масъалаи муттаҳидшавӣ:**

«Аз тарафи ҶХДК роҳбари он — Ким Ир Сен, ки ваколат ва ҳокимияти номаҳдуд дошт, нақшаи муттаҳид сохтанро пешниҳод намуд. Ин нақша ба усули «як кишвар, як миллат, ду низом» асос ёфта буд. Нақша ташкили Ҷумҳурии Конфедеративии Демократии Корё-ро дар назар дошт, ки дар он усулҳои гуногуни ғоявӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ метавонистанд вуҷуд дошта бошанд. Амалӣ намудани ин нақша ғайриимкон буда, хислати изҳоротӣ дошт.

Амалан роҳбарияти ҶХДК доимо барои ҳамла намудан ба Ҷумҳурии Корея тайёрӣ медид ва роҳҳои дигари ҳалли масъалаи муттаҳидшавиро ҷустуҷӯ намекард».

*Аз мақолаи М. В. Широких «Доклад о ситуации на Корейском полуострове». 15.05.2000 (www.lib.ru)*

1. *Ду ҳуҷҷатро таҳлил намуда, дар бораи усулҳои бунёдии муттаҳид кардани ду давлати Корея хулоса бароред.*
2. *Оё дар асоси ин усулҳо имконияти муттаҳид гаштани халқи Корея вуҷуд дорад?*

**Робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Тоҷикистон** 27-уми апрели соли 1992 оғоз гардида, аз моҳи апрели соли 2015 сафорати ин кишвар дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёфтааст. Моҳи майи соли 2005 ва моҳи апрели соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Корея сафар намуда, бо мақсади баркарорсозӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва фарҳангӣ бо ин кишвар 9 созишномаи байнидавлатӣ ба имзо расонида шуд. Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Корея (KOICA) дар амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак дар Тоҷикистон фаъолият менамояд. Соли 2018 ҳаҷми умумии тиҷорати муштарак байни Кореяи Ҷанубӣ ва Тоҷикистон бештар аз 2,5 млн доллари ИМА-ро ташкил дода буд.

*Манбаъ: Маълумоти сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон//www.mfa.tj*

?!

1. Сабаби ақибмонии иқтисодии Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея аз чӣ иборат аст?
2. Кадом соҳаҳои саноат дар Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ) бо суръат тараққӣ ёфтанд?
3. Бо кадом роҳу усулҳо ду давлати Корея метавонанд муносибатҳояшонро устувор гардонанд?

Ҷадвали зеринро дар дафтаратон пур кунед.

***Хусусиятҳои хосси тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсии ду давлати Корея***

| Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (Кореяи Шимолӣ) | Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ) |
|---|---|
| | |

## § 15. ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ: РӮ БА СӮЙИ ТАРАҚҚИЁТИ БОСУРЪАТ

1. Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар ҷаҳон чӣ гуна мавқеъро ишғол менамояд?
2. Давлатҳои минтақа бо кадом роҳу усулҳо иқтисодиёти бозориро барпо менамоянд?
3. Бухрони иқтисодии солҳои 1997–1998 ба давлатҳои минтақа чӣ гуна таъсир расонид?

Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта яке аз минтақаҳои рақобати ду низоми ҳарбию сиёсӣ буд. Баъд аз баровардани қувваҳои мусаллаҳи ИМА аз Ветнам ва Тайланд дар нимаи дуюми солҳои 70-ум дар минтақа раванди паст гардидани шиддати вазъият оғоз гардид.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз нигоҳи ҳарбию сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳон мавқеи муҳим дорад: роҳҳои баҳрӣ аз уқёнуси Ҳинд ба уқёнуси Ором аз ин минтақа мегузаранд; давлатҳои бузурги ҷаҳон дар иқтисодиёти давлатҳои минтақа сармояи калон гузоштаанд; ин давлатҳо бозори ҷаҳониро бо ашёи муҳим таъмин менамоянд.

Давлатҳои нимҷазираи Ҳиндухитой — Ветнам, Лаос ва Кампучия то ибтидои солҳои 90-ум такягоҳи ҷаҳони сотсиалистӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буданд. Ин давлатҳо ба мудохилаи давлатҳои Ғарб, махсусан ИМА муқобилат менамуданд.

Давлатҳои нимҷазираи Ҳиндухитой ба мушкилиҳое рӯ ба рӯ ҳастанд, ки онҳо ба ҳамаи ин давлатҳо хос мебошанд. Инро дар мисоли Лаос мушоҳида намудан мумкин аст. Лаос давлати аграрӣ буда, 85% аҳолии он дар деҳот зиндагӣ мекунад. Истеҳсоли маҳсулоти саноати маҳаллӣ — зарфҳои сафолӣ, матоъҳо, атриёт ва асбобҳои



Оилаи лаосӣ ҳангоми пухтани таом.

*Аз рӯйи тасвир дар бораи рӯзгори деҳотиён нақл намоед.*

рӯзгор дар иқтисодиёти кишвар нақши ҳалкунанда дорад.

Лаос дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад. Дар кишвар захираҳои бузурги маъдани қалъагӣ ва намудҳои гуногуни чӯби қиматбаҳо вуҷуд доранд. Дар бозори ҷаҳонӣ талабот ба ин мавод зиёд аст.

Дар солҳои 80-ум дар Лаос ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида шуд. Самтҳои асосии ислоҳот аз ба амал баровардани ин чорабиниҳо иборат буданд: гузариш аз хоҷагии деҳқонӣ ба иқтисодиёти бозорӣ; даст кашидан аз механизми роҳбарии марказиятноки иқтисодиёт; додани мустақилияти бештар ба муассисаҳои давлатӣ; ба дасти бахши хусусӣ додани фурӯши чакана ва хизмати маишӣ; даст кашидан аз дахолати давлат ба сиёсати нархгузорӣ; ба деҳқонон додани замин; ба бонкҳои хусусӣ додани иҷозати фаъолият ва ғайра.

Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳот истеҳсоли маҳсулот се баробар зиёд гардида, дараҷаи некуаҳволии мардум беҳтар гардид.

**Дар бораи тараққиёти кишоварзӣ дар Ветнам.** Дар қисми марказии Ветнам, дар музофоти Дарлак минтақаи калони махсусгардонидашудаи парвариши қаҳва ташкил меёбад. Иқлими минтақа барои парвариши ин зироати содиротӣ ниҳоят мувофиқ аст. Аз соли 1981 дар музофот ба парвариши қаҳва на фақат хоҷагиҳои давлатӣ, балки хоҷагиҳои кооперативӣ низ машғул мебошанд. Барои ҳавасманд гардонидани истеҳсолкунандагон, давлат ба мардуми маҳаллӣ бо нархи имтиёзнок сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, озуқа ва молҳои саноатиро таъмин менамояд. Барои ёрмандӣ ба деҳқонон ба ин минтақа мутахассисони баландихтисоси соҳаи кишоварзӣ равона мегарданд. Хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи қаҳва бо техникаи зарурӣ таъмин карда мешаванд. Қаҳваи Ветнам ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон содир мегардад.

*Аз маҷаллаи «Азия и Африка сегодня». 1984, № 2.С.39.*

1. *Чаро ҳукумати Ветнам барои инкишофи зироатҳои содиротӣ диққати махсус медиҳад?*
2. *Оё ёрмандии давлат ба деҳқонон фоида меорад?*

Давлати дигари нимҷазира — Тайланд бо роҳи инкишофи сармоядорӣ пеш рафта, бо ҷаҳони Ғарб робитаи наздик дошт. Бирма (аз соли 1998 — Мянма) то солҳои 90-ум бо роҳи сотсиалистӣ пеш мерафт, баъдтар алоқаи худро бо давлатҳои ҷаҳон қатъ кард.

Солҳои 1978–1979 бо ёрии ҳарбии Ветнам низоми ҷинояткори Пол Пот ва Иенг Сари дар Кампучия аз байн бурда шуд. Низоми «кхмерҳои сурх» ҳанӯз дар соли 1975 ба сари ҳокимият омада, ин кишварро ба ӯрдугоҳи низомӣ табдил дода буд. Дар муддати кӯтоҳ қариб 3 млн нафар шаҳрвандони Кампучия қурбони ин дастаи хунхор гаштанд.

Аз байн бурдани низоми Пол Пот ва Иенг Сари сабабгори шиддат гирифтани вазъият дар нимҷазираи Ҳиндухитой гардид. Соли 1979 байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам задухӯрди мусаллаҳона ба амал омад.

Баъд аз барҳам хӯрдани урдугоҳи сотсиалистӣ давлатҳои нимҷазираи Хиндухитой сиёсати инкишоф додани муносибатҳои тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои иқтисодиро ба амал бароварданд. Ветнам, Лаос ва Кампучия сохтори сиёсии худро нигоҳ дошта, бо мақсади барпо кардани иқтисоди бозорӣислоҳот ба амал бароварданд. Ин давлатҳо таҷрибаи ҳамсояҳои худ — Сингапур, Филиппин ва Индонезияро дар соҳаи барпо кардани саноати замонавӣ истифода бурданд. Дар ибтидои асри XXI давлатҳои нимҷазира дар чорчӯбаи созмони Ташкилоти давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАN) муносибатҳои зичи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ба роҳ монда масъалаҳои баҳсноки минтақаро якҷоя ҳал менамоянд.

Дар чоряки охири асри XX дар ҳаёти сиёсии Индонезия Ҳизби Голкар ҳукмрон буд. Ба роҳбари ҳизб — Сухарто муяссар гардид, ки чаҳор маротиба ба вазифаи Президенти Индонезия интихоб гардад. Дар давраи ҳукмронии ӯ дар кишвар аз ёрӣ ва машваратҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор ва



Пол Пот дастаи «кхмерҳои сурх»-ро роҳбарӣ мекунад.



Мутобиқ гардонидани доманакӯҳҳо барои парвариши шолӣ дар Индонезия.

*Чаро деҳқонон маҷбур ҳастанд дар доманакӯҳҳо кишт намоянд?*

Бонки ҷаҳонӣ истифода бурда ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида шуд.

Мушкилоти асосии Индонезия ноором будани вазъияти дохилии кишвар мебошад. Баъд аз ишғол намудани қисми шарқии ҷазираи Тимор аз тарафи артиши давлатӣ мубоизаи мардуми ҷазира ба муқобили ҳокимияти марказӣ оғоз гардид. Мубориза 25-солаи мардум бо ғалаба анҷом ёфт. 30-юми августи соли 1999 дар ҷазираи Тимор раъйпурсӣ гузаронида шуда, аксарияти мардуми он ба тарафдории мустақилияти Тимори Шарқӣ овоз доданд.

Моҳи майи соли 1998 дар саросари Индонезия ошӯб ва эътирози оммавии донишҷӯён сар зад. Давлат ба муқобили эътирозгарон қувваҳои мусаллаҳро истифода бурд. Дар задухӯрдҳо чанд нафар донишҷӯ кушта шуд. Баромадҳои васеи аҳолӣ Сухарторо маҷбур сохтанд, ки ба истеъфо бароянд. Дар моҳи октябри соли 1999 дар Индонезия интихоботи навбатии президент гузаронида шуд. Дар интихобот намояндаи Ҳизби эҳёи миллӣ Абдураҳмон Воҳид Президенти Индонезия интихоб гардид.

Солҳои 1997–1998 дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буҳрони шадиди иқтисодӣ сар зад. Буҳрон аз соҳаи фаъолияти бонкӣ ва молия оғоз гардида, тадриҷан тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодии кишварҳои минтақаро дар бар гирифт. Буҳрон вазъияти моддӣ ва некуаҳволии табақаҳои васеи аҳолиро бад намуда, сабабгори афзоиши сафи бекорон дар кишварҳои бо ном «палангони осиёӣ» — Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур ва Ҳонгконг гардид.

Сабаби сар задании буҳрони иқтисодӣ аз он иборат буд, ки ҳанӯз дар тӯли солҳои 70–90-уми асри гузашта дар кишварҳои минтақа навсозии саноатӣ бо суръати баланд идома дошт. Давлатҳои Ғарб ва Ҷопон ба ширкатҳои бузурги саноатии минтақа қарзҳои

калонҳаҷм дода буданд. Дар натиҷа давлатҳои Сингапур, Филиппин, Малайзия ва Индонезия ба бузургтарин тавлидкунандагони дастгоҳҳои компютерӣ ва электронӣ, мошинҳои ҳисоббарорӣ, телевизорҳо ва асбобҳои рӯзгор табдил ёфтанд.

Аз тарафи дигар, маҳсулоти истеҳсолшуда дар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар давоми солҳои 90-ум дар бозори ҷаҳонӣ харидори худро пайдо карда натавонист. Дар натиҷа, бухрони зиёдистеҳсолкунӣ сабабгори муфлис гаштани ҳазорҳо ширкати саноатӣ ва паст шудани қурби асъори давлатҳои бо ном «палангони осиёӣ» гардид.

**Дар бораи таъсири бухрони иқтисодии солҳои 1997–1998 ба иқтисодиёти давлати Малайзия.**

Соли 1998 дар иқтисодиёти Малайзия, яке аз давлатҳои тараққикардаи Осиё, тамоюлҳои бухрони иқтисодӣ пайдо шуданд. Чунин вазъият дар тамоми таърихи мавҷудияти давлат аввалин маротиба ба вуҷуд омад. Бухрони молиявии соли 1997 сарзада соли1998 ба бухрони васеи иқтисодӣ ва баъд сиёсӣ табдил ёфт. Сабабҳои асосии сар задании бухрон аз инҳо иборат буд: кам гардидани ҳаҷми маблағгузориҳои давлатӣ ва хусусӣ; поён рафтани ҳаҷми истеҳсолоти саноат; ҳамчунин паст шудани талабот дар бозори ҷаҳонӣ ба маҳсулоти саноати электронӣ ва электротехникӣ, ки таносубан 80% ва 67% тамоми ҳаҷми содироти Малайзияро ташкил менамуданд. Дар баробари ин, оқибатҳои бухрони саросарии ҷаҳонӣ ба баланд гардидани дараҷаи рақобати молҳои саноатии давлатҳои тараққикунанда, аз ҷумла давлатҳои Осиёӣ таъсир расониданд.

*Аз китоби «Мировая экономика. Экономика зарубежных стран». – М., Флинта 2000. С. 374–375.*

*Чаро давлатҳои саноатии тараққикарда дучори бухрон мегарданд? Фикратонро асоснок намоед.*

**Мушкилоти кишварҳои узви АСЕАН.**

Даҳ кишвари Осиёи Ҷанубу Шарқӣ — Бруней, Ветнам, Индонезия, Камбоҷа, Лаос, Малайзия, Мянма, Сингапур, Тайланд ва Филиппин узви Ташкилоти давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАN), ки соли 1967 бунёд ёфта буд, мебошанд. Агар ин кишварҳо дар якҷоягӣ давлати ягонаро ташкил медоданд, иқтидори иқтисодии он (2,4 трлн. доллари ИМА) дар ҷаҳон дар ҷойи чорум меистод.

Афзоиши теъдоди қувваи корӣ ва боло рафтани сатҳи маҳсулнокии истеҳсолот ду омили асосии рушди иқтисодии кишварҳои минтақаро ташкил медиҳанд. Аз лиҳози теъдоди аҳолии қобили кор кишварҳои АСЕАН пас аз Чин ва Ҳиндустон дар ҷаҳон дар ҷойи чорум меистанд. Барои таъмини рушди босубот дар назди кишварҳои узви АСЕАН масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисоси коргарӣ дар мадди аввал меистад, зеро тибқи пешгӯйии

коршиносон, дар соли 2030 камбуди теъдоди коргарони баландихтисос 9 млн нафарро ташкил хоҳад дод.

*Аз мақолаи: Юго-Восточная Азия: семь фактов, которые необходимо знать // www.forbes.kz. august, 2019.*

*Ба назари шумо, бо кадом роҳҳо кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ин мушкилиро ҳал карда метавонанд?*

?!

1. Чаро давлатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуда буданд?
2. Дар Ветнам ва Лаос бо кадом роҳ иқтисодиёти бозорӣ ташкил дода шуд?
3. Сабаби ноором будани вазъияти дохилии Индонезия аз чӣ иборат буд?
4. Чаро иқтисодиёти тараққикарда дар давлатҳои ба ном «палангони осиёӣ» дучори бухрон гардид?

Дар бораи вазъияти иқтисодии як қатор давлатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то соли 2022 аз ҷадвали зерин маълумот гирифта метавонед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Индонезия** | **Филиппин** | **Тайланд** | **Малайзия** | **Сингапур** |
|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳат (ҳаз.км.кв.) | 1905,0 | 300,0 | 513,0 | 330,0 | 0,641 |
| Аҳолӣ:<br>с. 1993 (млн нафар)<br>с. 2022 (млн нафар) | <br>187,2<br>267,67 | <br>64,8<br>106,65 | <br>58,1<br>69,43 | <br>19,0<br>31,53 | <br>3,0<br>5,76 |
| Маҷмуи маҳсулоти миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ (долл. ИМА):<br>с. 1993<br>с. 2022 | <br>740<br>14 841 | <br>850<br>10 094 | <br>2110<br>21 361 | <br>3140<br>34 567 | <br>19 850<br>105 689 |
| Афзоиши миёнаи солонаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ, ба ҳисоби фоиз (1980–1993) | 4,2 | –0,6 | 6,4 | 3,5 | 6,1 |
| Бекурбшавии пул, суръати миёнаи солона ба ҳисоби фоиз дар 1970–1980<br>дар 1980–1993 | 21,5<br>8,5 | 13,3<br>13,6 | 9,2<br>4,3 | 7,3<br>2,2 | 5,9<br>2,5 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Бесаводӣ ба ҳисоби фоиз аз тамоми аҳолӣ | 23,0 | 10,0 | 7,0 | 22,0 | < 5,0 |
| Аз ҷумла дар байни занон | 32,0 | 11,0 | 10,0 | 30,0 | < 5,0 |

*Аз китоби «Мировая экономика. Экономика зарубежных стран». М., «Флинта». 2000. С. 363.*

1. Аз рӯйи нишондодҳо муайян намоед, ки вазъияти кадом давлат беҳтар аст. Чаро шумо ба чунин хулоса омадед?
2. Масоҳати кишвар ва шумораи аҳолӣ омили тараққӣ ёфтан ва ё наёфтани кишвар шуда метавонад?

## § 16. ҲИНДУСТОН ВА ПОКИСТОН: РАҚОБАТИ ТӮЛОНӢ

1. Дар фаъолияти роҳбарии И. Ганди ва Р. Ганди кадом хатоҳо вуҷуд дошт?
2. Кадом проблемҳои асосӣ дар Ҳиндустон вуҷуд доранд?
3. Проблемаҳои муҳимми кунунии Покистон кадомҳоянд?

**Ҳиндустон.** Ибтидои соли 1976 Конгресси миллии Ҳиндустон шикаст хӯрда, дар интихобот намояндагони Ҳизби Ҷаната пирӯз шуданд. М. Десаи сарвазири Ҳиндустон интихоб шуд. Моҳи декабри соли 1978 И. Ганди бо гуноҳи суиистифода аз имтиёзҳои парламентӣ ба маҳбас кашида шуд. Аммо ҳамагӣ як ҳафта кофӣ буд, ки нуфузу эътибори худро аз нав дар кишвар барқарор намояд. Ҳукумати М. Десаи натавонист, ки пеши роҳи беқурбшавии пулро гирифта, суботро барқарор кунад. Ин боис шуд, ки дар интихоботи навбатии соли 1980 Конгресси миллии Ҳиндустон пирӯз гардад. И. Ганди аз нав сарвазири кишвар интихоб шуд. Ҳукумати И. Ганди дар як муддати кӯтоҳ тавонист назму низомро дар саросари кишвар барқарор намояд. Вале пеши роҳи афзоиши нархҳои маҳсулоти хӯроквориро гирифта натавонист. Авҷ гирифтани ҳаракати ҷудоихоҳонаи халқиятҳои гуногуни кишвар яке аз проблемаҳои асосӣ ҳисоб меёфт, ки ба якпорчагии Ҳиндустон таҳдид мекард.

Харакати ҷудоихоҳӣ дар вилоятҳои Ассам ва Панҷоб бештар ба назар мерасид. 5-уми июни соли 1984 бо фармони И. Ганди




Сарвазири Ҳиндустон Индира Ганди дар митинги пешазинтихоботӣ.

*Бо кадом мақсад ходимони давлатӣ шахсан дар митингҳо ширкат мекарданд?*

макони барои сикхҳо муқаддаси Маъбади Тиллоӣ дар шаҳри Амритсар ишғол гардид. Дар як вақт аз ҷониби артиши федералӣ боз 37 маъбади дигари сикхҳо ишғол карда шуд. Ҳаракати ҷудоихоҳонаи сикхҳо саросари кишварро фаро гирифт. 31-уми октябри соли 1984 И. Ганди аз ҷониби муҳофизи худ, ки сикх буд, ба ҳалокат расид.

**Ганди Индира** (1917–1984), духтари Ҷавоҳирлаъл Неру. Аз соли 1964 вазоратхонаҳои гуногунро роҳбарӣ кардааст. Аз соли 1966 то 1977 ва аз соли 1980 то 1984 сарвазири Ҳиндустон буд. Аз соли 1978 то охири умр вазифаи раиси Конгресси миллии Ҳиндустонро ба уҳда дошт.

Пас аз қатли И. Ганди писари ӯ Роҷив Ганди сарвазири Ҳиндустон интихоб шуд. Ӯ дар ин вазифа ба сиёсати модараш пайравӣ мекард.

Фишору таъқиботи сикхҳо аз ҷониби ҳукумати марказӣ авҷ гирифт. Ҳазорҳо нафар сикх ба қатл расида, беш аз 50 ҳазор нафари дигар фирорӣ шуданд. Муқобилияти сикхҳо ба авҷи аълои худ расид. Моҳи майи соли 1987 ҳукумати Р. Ганди қарор қабул кард, ки вилояти мухтори Панҷоб барҳам дода шавад. Моҳи майи соли 1988 аз нав ҳамла ба Маъбади Тиллоӣ оғоз ёфт. Дар ин задухӯрд беш аз ҳазор нафар кушта шуд. Ин сабаби норозигии парлумон шуд.

Ибтидои соли 1989 бо гуноҳи бесалоҳиятӣ ва ришвахӯрӣ парлумон ба Р. Ганди изҳори нобоварӣ намуд.

Майи соли 1991 дар арафаи интихоботи парлумон Р. Ганди, ки аз ҷониби Конгресси миллии Ҳиндустон ба вазифаи сарвазирӣ пешниҳод шуда буд, қурбони дастони суиқасдчиён гардид. Дар ин интихобот КМҲ ба пирӯзӣ расид ва Нарасимха Рао сарвазир шуд.

Натиҷаи интихобот зиддиятҳоро суст карда натавонист. Кишварро зиддиятҳои мазҳабию миллӣ фаро гирифт. Вазъият алалхусус, дар вилоятҳои Уттар-Прадеш, Ассам, Биҳор, Ҷамму ва Кашмир бештар шиддат дошт. Мардуми Кашмир, ки аксаран мусалмонананд, истиқлолияти ин сарзаминро талаб мекарданд. Баҳс дар атрофи масъалаи Кашмир сабаби асосии тезутунд гардидани муносибатҳои Ҳиндустону Покистон ҳисоб меёфт.

Ҳукумати Н. Рао кӯшиш ба харҷ дод, ки дар иқтисодиёти кишвар дигаргунсозиҳои куллӣ гузаронад. Пеши роҳи беқурбшавии пул гирифта шуд. Сармоягузорӣ ба саноат афзуд. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардид. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 1994–1995 қариб 10% афзоиш ёфт.



Яке аз кӯчаҳои шаҳр дар Ҳиндустон.

*Ба фикри шумо, чаро дар шаҳр говҳо озодона мегарданд?*

Дар ибтидои соли 1996 маълум шуд, ки роҳбарияти олии КМҲ ба ришвахӯрӣ даст задааст. Беш аз 30 нафар сиёсатмадорони олирутба, аз ҷумла сарвазир, бозхонд ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд.

Дар ин давра ҳаракати миллатгарои ҷанговари ҳинд бо сарварии Ҳизби Бҳарати Ҷаната авҷ гирифт. Дар интихоботи парлумонии соли 1998 ин ҳизб ба пирӯзӣ расид. Роҳбари он Атал Беҳари Ваҷпай сарвазири кишвар интихоб шуд.

Падидаи назаррас дар мамлакат он буд, ки моҳи апрели соли 1999 озмоиши силоҳи ҳастаӣ бомуваффақият анҷом ёфт.

Дар маъракаи интихоботи парлумон, ки моҳи майи соли 2004 доир гардид, Конгресси миллии Ҳиндустон бо роҳбарии ҳамсари Раҷив Ганди — Соня Ганди ба пирӯзӣ расид. Аммо ӯ ба фоидаи Манмоҳан Синг аз вазифаи сарвазирӣ даст кашид. Таъсири бухрони иқтисодии ҷаҳонӣ барои иқтисоди Ҳиндустон пайомадҳои манфӣ дошт. Афзоиши солонаи МММ дар соли 2013 ба ҷойи 8–9%-и муайяншуда 4,94%-ро ташкил дод. Боло рафтани қимати молҳои

талаботи омма ва сузишворӣ норозигии аҳолиро нисбат ба сиёсати Ҳукумати Конгресси миллӣ зиёд намуд. Дар натиҷа дар интихоботи моҳи апрел–майи соли 2014 Ҳизби Бҳарати ҷаната парти аксарияти ҷойҳоро соҳиб гардида, намояндаи он Нарендра Моди сарвазири Ҳиндустон интихоб гардид.

Дар ибтидои асри XXI дар Ҳиндустон мушкилоти дохилию байналмилалӣ ҷой доштанд, ки муҳимтарини онҳо масъалаи Кашмир ва дар робита бо он масъалаи муносибат бо Покистон мебошад.

**Ёдоварӣ аз Индира Ганди маънои ба ояндаи башарият дида дӯхтанро дорад.** Орзуи ягонаи ӯ сулҳ буд, сулҳи пойдор барои ҳамаи давру замонҳо. Ин ҷо махсусан саҳми мусбати ӯро дар мубориза алайҳи ҷанг хотирнишон кардан мехоҳам. Ҳатто бо пеши назар овардани ҳамин паҳлуи фаъолияти ӯ моро бар он вомедорад, то нуқтаеро устувор бар ин маънӣ, ки номбурда давлатдори бузург буд, ба таъйиду тасдиқ расонем. Фаъолияти хастагинопазир дар вазифаи хеле баланди сарвазирӣ фақат нишондиҳандаи равшани яке аз паҳлуҳои зиндагии вай аст. Мо маҳз ҳамин паҳлуро махсус қайд мекунем, зеро дар муқобилияти доманадори неруҳои ҷонибдори сулҳу ҷанг сиёсати босуботу сулҳхоҳонаи Ҳиндустон нақши муҳим ифо карда ва мекунад.

Кору пайкори вай, ба хусус, дар доираи дипломатия ва сиёсати хориҷӣ амиқан далелнок мебошад. Ташаббусҳои вай дар мубориза барои пешгирӣ аз ҷанги ҳастаӣ ва беяроқшавӣ, танзими ихтилофоту низоъҳо ва коҳиши ташаннуҷ дар равобити байни кишварҳо, муқаррароти нави байналмилалии иқтисодӣ бар пояи усулҳои адолату баробарҳуқуқӣ, бунёди раванди фаъолияти содиқонаи ӯро ташкил медиҳад.

Индира Ганди аз минбари иҷлосияи умумии XXXVIII СММ изҳор дошт:

— Бе сулҳи имрӯзин зиндагии фардо номумкин аст.

*А. А. Громыко. Памятное. Книга вторая. — М., 1988, С.121–122.*

*Ба фикри шумо, чаро роҳбарони давлатҳои «ҷаҳони севум» барои пойдор гардидани сулҳ мубориза мебурданд?*

**Дар бораи мушкилоти Ҳиндустони муосир дар солҳои 2005–2016.** Коҳиши назаррас ва аз байн бурдани камбизоатӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳамзамон мушкилии иҷтимоӣ-иқтисодии сиёсатмадорон ва соҳибкорони ҳиндустонӣ маҳсуб меёбад. Аз ибтидои солҳои 1950 Ҳиндустон дар ин масир дастовардҳои назаррас дошт: сатҳи камбизоатӣ қариб ду баробар коҳиш ёфт. Ба туфайли рушди босуръати иқтисоди кишвар ва амалӣ намудани сиёсати фаъоли иҷтимоии ҳукумат танҳо дар давоми солҳои 2005–2016 — 271 млн нафар одамон аз ҳолати камбизоатӣ раҳо ёфтанд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам сатҳи камбизоатӣ дар кишвар баланд аст. Агар рушди босуръати иқтисо-

дӣ дар оянда идома ёбад, мутобиқи пешгӯии коршиносон то соли 2030 сатҳи камбизоатӣ аз 22%-и имрӯза то 8–10% коҳиш хоҳад ёфт.

*Аз мақолаи: Галищева Н. В. Проблема бедности и пути её решения в современной Индии в условиях либеральных реформ//Мировое и национальное хозяйство/ www.mirec.mgimo.ru/2021–02.*

*Ба назари шумо, сабаби баланд будани сатҳи камбизоатӣ дар Ҳиндустон дар чист?*

**Покистон.** Соли 1977 дар Покистон интихоботи умумӣ ба Маҷлиси Миллӣ доир гардид. Дар он Ҳизби халқии Покистон бо сарварии Зулфиқор Алӣ Бҳутто ғалаба кард. Аммо ҳизбҳои оппозитсионӣ натиҷаҳои ин интихоботро эътироф накарданд. Дар кишвар бұҳрони сиёсӣ сар зад. 5-уми июли соли 1977 дар натиҷаи табаддулоти низомӣ ҳокимият ба дасти генерал Зиёулҳақ гузашт. Ҳукумати нав фаъолияти конститутсияро манъ карда, парлумонро пароканда намуд. Таъқиби ҷонибдорони Ҳизби халқии Покистон оғоз шуд. Зулфиқор Бҳутто ба қатл расид. Соли 1979 фаъолияти ҳамаи ҳизбҳо манъ карда шуд. Афзоиши нархи молҳои гуногун, зиёд гардидани сафи бекорон, мавҷуд набудани ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ ва дигар озодиҳо сабаби норозигиҳои омма гардиданд. Бисёре аз ҳизбу ҳаракатҳои оппозитсионӣ барқарор намудани демократия ва баргузории интихоботи парлумониро дар асоси бисёрҳизбӣ талаб мекарданд.

17-уми августи соли 1988 генерал Зиёулҳақ дар натиҷаи садамаи ҳавоӣ ба ҳалокат расид. Раиси парлумон Ғулом Исҳоқхон президент шуд. 16-уми ноябри соли 1988 интихоботи умумии парлумонӣ доир гардид. Дар он Ҳизби халқии Покистон ба пирӯзӣ расид. Духтари Зулфиқор Бҳутто — Беназир Бҳутто сарвазири Покистон шуд. Надоштани таҷрибаи сиёсӣ сабаби ба иштибоҳ роҳ додани ҳукумати Б. Бҳутто гардид. Дар зери таъсири ҳизбҳои оппозитсионӣ президенти кишвар Б. Бҳутторо ба ришвахӯрӣ гунаҳкор карда, аз мансаби сарвазирӣ барканор намуд. Аммо ноорамиҳо ҳамоно идома доштанд. Моҳи октябри соли 1993 интихоботи парлумонӣ доир гардид, ки дар он боз Б. Бҳутто ғалаба кард. Соли 1996 Б. Бҳутто бо гуноҳи ришвахӯрӣ аз сарвазирӣ барканор гардида, ба ҳабс гирифта шуд, вале дар зери фишори омма озод гардид.

**Бҳутто Беназир** (тав.1953), духтари Зулфиқор Алӣ Бҳутто. Аз соли 1985 ҳамраиси Ҳизби халқии Покистон. Солҳои 1988–1990 ва 1993–1997 сарвазири Покистон.

Феврали соли 1997 дар интихоботи парлумонӣ Лигаи мусалмонони Покистон ғалаба кард. Сарвари ин ҳизб Навоз Шариф сарвазири мамлакат шуд. Аммо ҳукумати нав барои амалӣ намудани дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар кори ҷиддӣ карда натавонист. Ҳизби халқии Покистон ва Лигаи мусалмонони Покистон ҳамдигарро ба ришвахӯрӣ ва фасоди молиявию ахлоқӣ гунаҳкор мекарданд. Дар натиҷаи мусаллаҳшавии бошитоб ва масрафи зиёди маблағ барои бо силоҳҳои нав муҷаҳҳаз намудани артиш дар муқобили Ҳиндустон кишвар гирифтори қарзҳои зиёди хориҷӣ гардид.

Пас аз Ҳиндустон 28–30-юми майи соли 1998 Покистон низ озмоиши силоҳи ҳастаӣ гузаронид. Ин кор мавқеи низомиёнро мустаҳкам кард. 12-уми октябри соли 1999 сардори Ситоди кулли артиши Покистон Парвиз Мушарраф табаддулоти низомӣ ба амал оварда, Навоз Шариф аз сарвазирӣ барканор карда шуд. Парвиз Мушарраф 20-уми июни соли 2002 расман Президенти Покистон гардид.

Ибтидои соли 2002 дар натиҷаи баргузории раъйпурсӣ ба Парвиз Мушарраф муяссар гардид, ки муҳлати президентиашро то соли 2007 тамдид кунад.




Суханронии Парвиз Мушарраф дар расми кушодашавии бандари Гаводар (с. 2002).

*Бандар дар марзи кадом кишвар воқеъ аст ва дар минбар боз намояндагони кадом давлат ҳузур доранд?*

Моҳи сентябри соли 2002 дар Покистон интихоботи парлумонӣ доир гардид. Интихоботи парлумонӣ нишон дод, ки эътибори ҳукумати низомӣ рӯ ба коҳиш буда, баръакс, нуфузи ҳизбҳои динӣ дар ин кишвар дар ҳоли болоравист.

Дар рӯзи интихобот, ҳангоми овоздиҳӣ Парвиз Мушарраф изҳор намуд, ки ба наздикӣ тамоми

салоҳияти ҳокимияти иҷроияро ба сарвазири мунтахаб месупорад. Ҳукумат ислоҳотро дар кишвар давом дода, фасодкориро бояд решакан созад.



Ивазшавии посбон дар сарҳади байни Ҳиндустон ва Покистон.

*Оё мусобиқа байни сарҳадбонони ду кишвар ба мухолифати тӯлонии онҳо робита дорад?*

**Проблемаҳои Покистон ва роҳҳои ҳалли он.** Ин кишвар низ мисли ҳамаи давлатҳои дунё дар баробари муваффақиятҳо бо як қатор проблемаҳои муайяну мушаххас рӯ ба рӯ аст.

Яке аз муҳимтарин масъалаҳои бамиёномада барзиёдии қувваи корӣ ва аз ин рӯ мавҷуд будани сафи бекорон аст. Афзоиши босуръати аҳолӣ ба он оварда расонид, ки на ҳамаи аҳолии қобили меҳнати кишвар бо кору фаъолияти дигари фоиданок машғул шуда метавонад.Дар давоми 50 сол аҳолии Покистон 10 баробар афзуда, ба 130 млн нафар расидааст. Аз ҷиҳати суръати афзоиши аҳолӣ ин кишвар дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро мегирад. Ҳамаи ин ба қашшоқ шудани қисми муайяни аҳолӣ оварда расондааст…

Проблемаи дигар паст будани саводнокии мардум аст. Соли 1995 теъдоди аҳолии босавод 29%-ро ташкил медод, ки дар муқоиса бо кишварҳои мутараққии Аврупо ва Осиё нишондиҳандаи паст аст. Таълиму тарбия дар ин кишвар дар ду самт сурат мегирад: муассисаҳои омӯзишии давлатӣ ва хусусӣ. Вазъи таълиму тарбия дар мактабҳои давлатӣ нисбатан паст аст. Дар ин мактабҳо таълим бепул буда, фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷети давлат таъмин мешавад. Дар ин мактабҳо таълим асосан ба забони урду сурат мегирад.

Дар мактабҳои хусусӣ бошад, таълим пулакист ва аксаран ба забонҳои англисӣ ва урду барои таълиму тарбияи фарзандони оилаҳои сарватманд фаъолият мекунанд.

Миқдори умумии муассисаҳои таълимӣ ҷавобгӯйи талаботи кишвар нест…

*Азим Байзоев. Ҷавонии кишвари кӯҳан. Исломобод, 1997, С. 26–27.*

* Матнро хонда мушкилоти асосии ҳаёти имрӯзаи Покистонро муайян намоед.

?!
1. Чаро Конгресси миллии Ҳиндустон натавонист проблемаҳои ин кишварро ҳал кунад?
2. Пас аз табаддулоти низомии соли 1977 дар Покистон чӣ дигаргуниҳо ба амал омад?
3. Зиддияти асосии Ҳиндустону Покистон дар чист?

## § 17. АФҒОНИСТОН ДАР ОТАШИ ҶАНГ

?!
1. Сабабҳои асосии ноорамиҳо ва ҷанги бисёрсолаи Афғонистон аз чӣ иборат аст?
2. Бо кадом сабабҳо баъд аз бароварда шудани қӯшунҳои шӯравӣ ва аз байн рафтани низоми вобаста ба он, ҷанг хотима наёфт?
3. Ҷунбиши «Толибон» чӣ гуна пайдо шуд?

17-уми июли соли 1973 собиқ сарвазири Афғонистон Муҳаммад Довуд – писарамаки шоҳи Афғонистон – Муҳаммад Зоҳиршоҳ бо дастгирии як гурӯҳ афсарон табаддулот гузаронда, низоми шоҳиро сарнагун кард.

Дар аввал аксари мардум ҳукумати навро дастгирӣ карданд, вале тақрибан аз соли 1975 низоми ҷумҳурият тадриҷан ба як низоми бюрократӣ ва диктатурӣ табдил ёфт. Барномаи ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ ба нафъи оммаи мардум, ки М. Довуд эълон карда буд, амалӣ нагашт. Давлати нав мисли пештара манфиати қишрҳои имтиёзноки ҷомеа – заминдорони калон, буржуазия ва табақаи болоии ашрофро ҳимоя мекард. Роҳбари давлат, ки ҳамзамон боз чор вазифаи муҳимми давлатиро ба ухда дошт, низоми яккаҳизбиро ҷорӣ кард. Ҳизби инқилобии миллӣ, ки М. Довуд худаш роҳбари он буд, ба сифати ҳизби ҳукмрон эълон гардид. Қонуни асосӣ, ки соли 1977 қабул шуд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ шакли ташаккулёфтаи ҳокимияти сиёсӣ-низомии худкомаи шахсии М. Довудро қонунӣ гардонид. Таъқибу фишори пайравони Ҳизби халқӣ-демократӣ ва дигар ҳизбҳои чапу рост пурзӯр гардид.



Мудофеини инқилоб.

*Ба назари шумо, ин духтарон дар кадом маросим аксбардорӣ шудаанд?*

Дар ҳамин шароит ду ҷиноҳи Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон (ҲХДА) – «Халқ» ва «Парчам» муттаҳид гардида, барои сарнагун кардани М. Довуд омода мешуданд. 19-уми апрели соли 1978 яке аз роҳбарони ҲХДА Миракбари Хайбар кушта шуд, ки мавҷи норозигӣ ва эътирози мардумро барангехт. 26-уми апрел



Тақсими замин ба деҳқонон.

*Замини киро ва дар кадом асос тақсим мекунанд?*

7 нафар роҳбарони ҳизб бо дастури мақомоти давлатӣ ҳабс гардиданд. Рӯзи дигар роҳбарони дар озодӣ мондаи он табаддулоти низомиро ба роҳ андохтанд. Ҳукумати М. Довуд сарнагун ва худи ӯ кушта шуд. Ин воқеа дар замони шӯравӣ бо номи Инқилоби Савр (моҳи дувуми солшумории афғонӣ) маълум буд.

Афғонистон ҷумҳурии демократӣ эълон гардид. 1-уми майи соли 1978 ҳукумати нав ташкил шуд. Раиси Шӯрои инқилобӣ ва сарвазири ҶДА, Муншии умумии Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон (ҲХДА) – Нурмуҳаммад Тараки ва ҷонишини вай Бабрак Кормал таъйин гардиданд.

Ҳукумати нав барномаи татбиқи як қатор ислоҳоти муҳимро рӯйи даст гирифт: татбиқи ислоҳоти замин ба манфиати деҳқонон, маҳви бесаводӣ, аз байн бардоштани ҳама гуна зулму истисмор, таъмини баробарҳуқуқии миллатҳо ва ғайра. Кӯшиш мешуд, ки дар мамлакат ҷомеаи сотсиалистӣ барпо карда шуда, диктатураи пролетариат ҷорӣ гардад ва роҳе, ки Иттиҳоди Шӯравӣ дар 60 сол тай намуда буд, дар 5 сол тай карда шавад.

Дар рафти татбиқи ин барномаҳо қафомондагии мамлакат, бесаводии саросарӣ, дараҷаи пасти шуури сиёсӣ, пойбандии мардум ба анъанаҳои миллӣ ва исломӣ ба ҳисоб гирифта намешуд.

Нақши бисёр манфиро аз сари нав муборизаҳои байни ду гурӯҳ дар ҲХДА бозид. Дар оташи ин мухолифату задухӯрдҳо ҳазорон

нафар кушта шуданд. Норозигии мардум рӯз аз рӯз меафзуд. Мавҷи гурезаҳо ба Покистон, Эрон ва дигар кишварҳо шиддат пайдо кард.

Гурӯҳҳои мухолиф, сардорони қабилаҳо, гурӯҳҳои ашроф мубаризаро ба муқобили низоми коммунистӣ оғоз карданд.

Моҳи сентябри соли 1979 Н. Тараки бо фармони Ҳафизулло Амин кушта шуд ва тамоми вазифаҳои ӯро соҳиб гардид. Б. Кормал то ин вақт аз ҳамаи вазифаҳо озод ва сафири Афғонистон дар Чехословакия таъйин шуда буд. Баъди ба сари қудрат омадани Ҳ. Амин доманаи куштору хунрезӣ зиёдтар ва муқовимати мардум васеътар гардид. Низоми «инқилобӣ»-ро марг таҳдид мекард. Дар ин шароит роҳбарияти Шӯравӣ қарор қабул кард, ки «инқилоб»-ро «наҷот» диҳад.

**Вуруди артиши шӯравӣ.** Чандин дафъа роҳбарияти Афғонистон, аз ҷумла Ҳ. Амин дар асоси шартномаи дӯстӣ, ҳусни ҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ аз 5-уми декабри соли 1978 аз Иттиҳоди Шӯравӣ дархости ёрӣ карда буд. Дар асоси моддаи 51-уми Ойинномаи СММ ва шартномаи дар боло зикргардида 27-уми декабри соли 1979 қувваҳои низомии шӯравӣ ба Афғонистон ворид карда шуданд. Аммо ба ҷойи мубориза ба муқобили «инқилобиён» дастаҳои таъйиноти махсуси шӯравӣ қасри Аминро ишғол карданд ва худи ӯро куштанд.

Б. Кормал, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ паноҳ ёфта буд, ба Афғонистон оварда шуда, роҳбари давлат, сарвазир ва муншии умумии ҲХДА эълон гардид.

Ҳузури қувваҳои низомии шӯравӣ ва иштироки онҳо дар ҷанг ба муқобили мухолифон давлати Б. Кормалро имкон надод, ки дар байни мардум обрӯ пайдо кунад. Доманаи ҷангҳо тамоми мамлакатро фаро гирифт. Дар ҳудуди 6 млн нафар аз 18 млн нафар аҳолии мамлакат ба Покистон, Эрон ва дигар мамлакатҳо фирор кард. Қариб 2 млн кас кушта, садҳо ҳазор захмӣ шуданд, иқтисодиёт тамоман хароб гардид.

Соли 1987 ҳукумат маҷбур шуд, ки бо мухолифин роҳи мусолиҳаро пеш гирад. Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси Созишномаи Женева (с. 1988) қувваҳои худро пай дар пай то моҳи феврали



Қасри Тоҷбек. Кобул, с. 2014.

*Чаро ин қаср бисёр хароб гаштааст?*

соли 1989 аз Афғонистон берун кард. Баъди хориҷ гардидани қувваҳои ҳарбии шӯравӣ ҳукумати Наҷибулло то моҳи апрели соли 1992 пойдор монд, вале ҳангоме ки Наҷибулло мехост ба хориҷа фирор кунад, дастгир карда шуд ва маҷбур гардид ба иморати СММ дар Кобул паноҳ барад.



Карикатура: Маслиҳат дар сари «деги Афғонистон».

*Муаллиф киро тасвир кардааст ва дар «маслиҳат» чӣ рамзе ниҳон аст?*

28-уми апрели соли 1992 Ҳукумати муваққатии муҷоҳидон бо роҳбарии Сибғатулло Муҷаддадӣ ба Кобул омада, ба кор шурӯъ кард. Баъди 2 моҳ роҳбарии давлат ба ухдаи роҳбари Ҷамъияти исломии Афғонистон — Бурҳониддин Раббонӣ гузашт ва моҳи декабри ҳамон сол ӯ Президенти Давлати Исломии Афғонистон интихоб гардид.

Аммо бо ташкили давлати исломӣ ҷанг хотима наёфт. Ҷангҳо байни гурӯҳҳои муҷоҳидин барои ҳокимият авҷ гирифт.

Батадриҷ ҷанг то андозае хислати ҷанги байни миллатҳоро мегирифт. Ҳар як халқияту миллат кӯшиш мекард дар ҳокимият саҳми бештар дошта бошад. Махсусан баъзе гурӯҳҳои миллатгарои пуштун, баъд аз он ки Б. Раббонии тоҷик қудратро соҳиб шуд, бо ҳар баҳона муборизаро ба муқобили давлат шиддат бахшиданд. Гулбиддин Ҳикматёр — раиси Ҳизби исломии Афғонистон, душмани сарсахти Раббонӣ ва вазири дифоъ, яке аз фармондеҳони машҳур — Аҳмадшоҳи Масъуд буд. Натиҷаи муборизаҳо ҳамин шуд, ки Аҳмадшоҳи Масъуд тавонист пойтахтро дифоъ кунад. Вале мамлакат ба минтақаҳои нуфузи фармондеҳони гуногун — А. Дустум дар шимол, Исмоилхон дар ғарб, Абдулқодир дар шарқ, фармондеҳони алоҳидаи дигар дар ҷануб ва ғайра тақсим шуд.

То тирамоҳи соли 1994 маълум шуд, ки Г. Ҳикматёр ва муттаҳидонаш бо зӯрӣ наметавонанд Аҳмадшоҳро шикаст диҳанд. Дар ҳамин вақт аз ҳисоби шогирдони мадрасаҳои динии Покистон, ки афғонҳои гуреза таҳсил мекарданд, ҷунбише бо номи «Толибон»



Аҳмадшоҳ Масъуд бо ҳамразмонаш.

*Ба фикри шумо, А. Масъуд дар кадом мавқеъ аксбардорӣ шудааст?*

бо роҳбарии Мулло Умар зуҳур кард. Ин қувваи нав аз тарафи баъзе давлатҳои хориҷӣ ёрии зиёд мегирифт. Барои ҳамин қариб тамоми фармондеҳони қисматҳои ҷануб ба ивази пул худро ба толибон таслим карданд. Соли 1994 толибҳо шаҳри Қандаҳор, соли 1995 Ҳирот ва баъди як сол (26-уми сентябри соли 1996) Кобулро забт карданд.

Толибон дар минтақаҳои забтшуда қоидаву қонунҳои сахтро ҷорӣ карданд. Занон аз ҳуқуқи кор ва таҳсил маҳрум гардида, ҳаммомҳои занона баста шуданд. Ҳама ҷавонон ва мардҳо бояд риш мемонданд. Афғонистон ба маркази тарбияи террористҳо ва кишту фурӯши маводди нашъадор табдил ёфт. Муҷассамаҳои бузурги чандинҳазорсолаи Буддо хароб карда шуданд. Усома бини Лодан, ки Амрико ӯро «террористи рақами 1» номидааст, бо террористҳояш озодона фаъолият мебурданд. Бо вуҷуди душвориҳои сахт Аҳмадшоҳи Масъуд ва сарбозонаш бо ҳамин хатари ҷаҳонӣ қаҳрамонона мубориза мекарданд. Вале 9-уми сентябри соли 2001 аз дасти террористҳо ӯ кушта шуд.

11-уми сентябр амалиётҳои даҳшатноки террористӣ дар шаҳрҳои Ню-Йорк ва Вашингтон амалӣ шуданд, ки ба онҳо Усома бини Лодан ва созмони Ал-Қоидаро гунаҳкор донистанд.

Фақат баъд аз ҳамин ҳодисаҳо ИМА ва дигар кишварҳо ба муқобили толибон ва террористони байналмилалӣ ҷангро оғоз намуда, толибонро аз ҳокимият дур карданд. Моҳи декабри соли 2001 дар конференсияи Бонн бо роҳбарии Ҳомид Карзай ҳукумати интиқолӣ ташкил ёфт, ки дар он намояндагони ҳамаи миллатҳои асосии Афғонистон саҳм доштанд.

Моҳи июни соли 2002 дар Кобул Луйи Ҷирга (Маҷлиси бузург)* доир гардида, ҳукумати нави муваққатиро барои 2 сол интихоб намуд. Моҳи январи соли 2004 конститутсияи нав қабул гардид. Бо гузашти 2 сол – 9-уми октябри соли 2004 аввалин бор дар таърихи Афғонистон интихоботи саросарии президент доир гардид, ки дар натиҷа Ҳ. Карзай президенти Афғонистон интихоб гардид ва баъд аз чанд муддат ҳукумати навро эълон кард. Баъд аз як сол, моҳи октябри соли 2005 интихобот ба парлумон баргузор шуда, парлумони дупалатагии доимоамалкунанда ташкил гардид. Моҳи августи соли 2009 Ҳ. Карзай бори дувум ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Афғонистон интихоб гардид.

Бо вучуди ин, вазъият дар Афғонистон пурра муътадил нагардид ва боқимондаҳои «Толибон» ва дигар гурӯҳҳои экстремистию террористӣ муборизаро ба муқобили ҳукумати Кобул ва ҳузури қувваҳои ҳарбии Америко ва НАТО дар Афғонистон идома доданд.

Дар солҳои 2014–2021 таҳти таъсири омилҳои дохилӣ – сатҳи пасти рушди иқтисодӣ, идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ, бекорӣ, вуҷуд надоштани ваҳдат дар байни миллату халқҳои кишвар, фасод ва заъфи ҳокимияти марказӣ ҳукумати Ашраф Ғанӣ натавонист мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии кишварро ҳал намояд ва ба ҷанги бародаркӯш хотима бахшад. Ҳамзамон ҳузури 20-солаи низомиёни хориҷӣ, нокомии сиёсати мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ ва дахолати давлатҳои хориҷӣ садди роҳи ҳалли мушкилоти Афғонистон гардиданд.

Музокироти сулҳи байниафғонӣ дар шаҳри Доҳаи Қатар бенатиҷа анҷом ёфта, пас аз хурӯҷи низомиёни ИМА, ҷунбиши «Толибон» хокимияти худро дар аксари минтақаҳои кишвар барқарор намуда, 15-уми августи соли 2021 дубора ба сари ҳокимият омад. Оташи ҷанг дар Афғонистон аланга дорад.

**Ҳамла ба қалъаи Тоҷбек.**

…Дар он вақт худи Амин ҳеҷ шубҳа надошт ва дар ҳолати ҳаяҷону хурсандӣ буд. Зеро ба ӯ муяссар шуда буд, ки ба мақсадаш расад. Қӯшунҳои шӯравӣ

---

* Луйи Ҷирга – луйи (пашту) бузург, ҷурга (турк.) – давра задан, ҳалқа задан. «Маҷлиси бузург» – шакли анъанавии ҳалли масъалаҳои муҳим дар байни қабилаҳои паштун, мақоми олии намояндагӣ дар Афғонистон, ки дар ҳолатҳои зарурӣ даъват карда мешавад.

ба Афғонистон дохил шуданд. Рӯзи 27-уми декабр ӯ дар қасри зебои худ зиёфат ороста, аъзои бюрои сиёсӣ, вазиронро бо аҳли оилаашон даъват карда буд.

Ҳ. Амин ба ҳозирин бо тантана мегуфт: «Дивизияҳои шӯравӣ дар роҳ ба сӯйи Кобуланд. Ҳама чиз хуб аст…». Аммо амалиёти махфии Кумитаи бехатарии давлатии Шӯравӣ ҳама чизро барбод дод.

Ғайричашмдошт ҳангоми зиёфат аҳволи қисми зиёди меҳмонон якбора бад шуд. Баъзеҳо аз ҳуш рафтанд. Худи Ҳ. Амин ҳам беҳуш гардид. Ҳамсари вай зуд ба қумондони гвардияи президентӣ Ҷондод телефон кард. Барои ёрӣ ба шифохонаи «Чорсад бистар» ва дармонгоҳи сафорати шӯравӣ телефон карданд…

...вақти оғози ҳамла ба қаср ниҳоят соати 19:30 қарор дода шуда буд. Роҳбарони амалиёт фикр мекарданд, ки нақшаи аз байн бурдани Ҳ. Амин бо роҳи заҳр додани вай иҷро мешавад ва зарурати ҳамла ба қасри Тоҷбек аз байн меравад. Аммо аз сабаби ниҳоят махфӣ будани нақшаи амалиёт духтурони шӯравӣ аз он огоҳӣ надоштанд ва аз надонистан иҷрои онро барбод доданд…

Тахминан соати 19:15 амалиёти «Шторм-333» оғоз гардид… Дар он «баталёни мусулмонӣ», гурӯҳҳои махсуси КБД «Гром» ва «Зенит» иштирок карданд… Ҳ. Амин дар ҷараёни тирпарронӣ кушта шуда, ҷасади ӯро дар қолин печонданд… Задухӯрд дар қаср муддати зиёд давом накард. Қумондони рота лейтенанти калон Шарипов гузориш дод, ки қаср гирифта шуд…

*Аз китоби: А. Ляховский. Трагедия и доблесть Афгана. – М.: ГПИ «Искона», 1995. С. 144–151.*

1. *Чаро қувваҳои низомии шӯравӣ, ки бо даъвати Ҳ. Амин омада буданд, ӯро сарнагун карданд?*
2. *Сабаби ташкил намудани «баталёни мусулмонӣ» дар чӣ буд?*

**Мавқеи Раёсати Комиссари олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо (UNHCR) доир ба Афғонистон.** *Августи соли 2021.* Пас аз хурӯҷи низомиёни хориҷӣ вазъият дар Афғонистон аз лиҳози таъмини амният ва риоя гардидани ҳуқуқҳои инсон ниҳоят бад гардидааст. Гурӯҳи «Толибон» паси ҳам ноҳияҳои мухталифро ишғол намуда, дар давоми 10 рӯзи моҳи ҷорӣ аз 34 маркази маъмурии вилоятҳо 26-тояшро ғасб намуданд ва ниҳоят Кохи раёсати ҷумҳуриро дар Кобул ба даст оварданд.

Авҷи зӯроварӣ ба аҳолии осоишта, аз ҷумла занону кӯдакон таъсири ҷиддӣ расонд. Раёсати умури гурезаҳо аз эҳтимоли поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, занону духтарон, ҳамчунин шаҳрвандоне, ки дар гузашта бо ҳукумати Афғонистон, низомиёни хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ доштанд, изҳори нигаронӣ менамояд.

Мутобиқи маълумот, аз ибтидои соли 2021 бар асари шиддат гирифтани низоъ бештар аз 500 ҳазор афғонҳо маҷбур гардиданд макони зисти худро тарк намоянд, аз ҷумла аз 7-уми июл то 9-уми августи соли 2021 — 126 ҳазор одам тарки манзил намуда, ҳазорон-ҳазор шаҳрвандон дар хориҷ аз кишвар паноҳ ёфтанд.

*Манбаъ: маълумоти UNHCR The UN Refugee Agency//www.refworld.org/August, 2021.*

*Оё бо роҳи зӯроварӣ ва таъқибу фишорҳо мушкилоти кишварҳо, аз ҷумла Афғонистон ҳал мегардад?*

?!
1. Сабабҳои табадуллоти пай дар пай дар Афғонистон аз чӣ иборат буданд?
2. Оё зарурати дохил кардани қувваҳои низомии шӯравӣ вуҷуд дошт?
3. Ба фикри шумо, чаро аксари мамлакатҳои ҷаҳон ба муқобили ҳуҷуми Шӯравӣ ба Афғонистон баромаданд?
4. Сабабҳои ҷанг байни гурӯҳҳои сиёсию низомӣ баъд аз соли 1992 дар чӣ буд?

* Дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд очерки таърихӣ нависед.

## § 18. ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН: БАРҚАРОР ГАРДИДАНИ НИЗОМИ ИСЛОМӢ

?!
1. Ҳукумати Муҳаммад Ризошоҳи Паҳлавӣ ба кадом буҳрон гирифтор шуда буд?
2. Қувваҳои ҳаракатдиҳандаи Инқилоби исломӣ кадомҳоянд?
3. Асоси сиёсати хориҷии ҶИЭ-ро чӣ ташкил медиҳад?

Дар миёнаи солҳои 70-уми асри XX ҳукумати Эрон бо сарварии шоҳ сиёсати иртиҷоӣ ва мусаллаҳшавии низомиро пеш гирифта буд. Эрон бо ИМА иттифоқи низомӣ баста, ба иттиҳоди ҳарбии СЕНТО дохил шуд. Ҳукумати шоҳӣ барои мусаллаҳшавии низомӣ маблағҳои зиёдеро сарф мекард. Сарватҳои миллии ин кишвар аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама ИМА ғорат карда мешуданд.

Дар тороҷ гардидани бойигарии кишвар доираҳои ҳукмрони Эрон, пеш аз ҳама хонадони шоҳ, нақши муҳим доштанд. Ин боис шуд, ки нархи молҳои сермасраф то 150% афзоиш ёфта, иҷорапулии манзил нисфи маоши як нафар коргарро ташкил медод. Аз ҷониби дигар, дар ин давра озодиҳои демократӣ хеле маҳдуд карда шуда буд.

Эрон гирифтори буҳрони шадид гардид. Даромади кишвар аз фурӯши нафт одилона тақсим намешуд. Ин бойигариро як гурӯҳи хурд бо сарварии шоҳ дар ихтиёр доштанд. Ризошоҳ Паҳлавӣ ҳокими мутлақи Эрон буд. Ғайр аз ҳизби «Растохез»-и ҳукуматӣ дигар ҳизбу гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеа дар идораи давлат ширкат



Бозгашти Имом Хумайнӣ ба Эрон.

*Ба фикри шумо, Имом дар ҳавопаймои кадом кишвар ба Эрон бозгашта буд?*

надоштанд. Эрон дар зери таъсири фарҳангу тамаддуни Ғарб афтода буд, ки онро аксари мардум қабул надоштанд.

Ин ва дигар омилҳо сабаби авҷ гирифтани муборизаи ҳизбҳо ва гурӯҳҳои гуногун, ки аз сиёсати дохилию хориҷии шоҳ норозӣ буданд, гардиданд. Дар солҳои мубориза ба муқобили режими шоҳӣ ҳизбу гурӯҳҳо, аз қабили «Ҷабҳаи миллӣ», «Ҳизби тӯда», «Ҷунбиши озодӣ» ва ғайра ширкати фаъол варзидаанд, ки ҳар кадом мақсаду мароми худро доштанд. Аммо неруи аслии пешбарандаи ин мубориза пайравони Имом Хумайнӣ буданд.

8-уми январи соли 1978 мардуми шаҳри Қум муборизаро оғоз намуданд. Қиёми мардуми Қум ба донишҷӯёни донишгоҳҳо бе таъсир намонд. 8-уми феврал мардуми Табрез, 29–30-юми март мардуми Язд ва баъдан аҳолии шаҳрҳои бузурги кишвар ба мубориза бархостанд. Шиори асосии инқилобиён «Марг бар ҳукумати Паҳлавӣ» буд. Моҳи сентябри соли 1978 шаҳри Теҳрон ба маркази муборизаҳо табдил ёфт. Баъдан дар пайравӣ ба Теҳрон шӯру ошӯб ёздаҳ шаҳри дигарро фаро гирифт, ки дар онҳо намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ ширкат доштанд.

16-уми январи соли 1979 Муҳаммад Ризошоҳи Паҳлавӣ пас аз 37 соли ҳукмронӣ Эронро тарк кард. 1-уми феврали соли 1979 Имом Хумайнӣ ба Теҳрон баргашт.

4-уми феврали соли 1979 бо сарварии Маҳдии Бозаргон ҳукумати муваққатӣ эълон гардид. 11-уми феврали соли 1979 дар Эрон Инқилоби исломӣ бо ғалаба анҷом ёфт. Бар асоси раъйпурсии умумӣ 1-уми апрели соли 1979 кишвар Ҷумҳурии Исломии

Эрон эълон гардид. 3-уми декабри соли 1979 Қонуни асосӣ (Конститутсия) қабул шуд.

**Имом Хумайнӣ** (24.09.1902–03.06.1989) дар шаҳри Хумайни вилояти Марказии Эрон дар хонаводаи рӯҳонӣ таваллуд шудааст. Пас аз фаро гирифтани таҳсилоти муқаддамотӣ дар ҳавзаҳои илмии шаҳрҳои Арок ва Қум таҳсил кардааст. Аз ибтидои солҳои 60-ум ба ҳаракатҳои зиддиҳукуматӣ пайваст. Барои фаъолияти зиддиҳукуматӣ соли 1963 ба ҳабс гирифта шуд. 4-уми ноябри соли 1964 ба Туркия бадарға карда шуд. Баъдан вайро ба Ироқ бадарға карданд. Баъди 12 соли иқомат дар Ироқ ба Фаронса ҳиҷрат кард. 1-уми феврали соли 1979 ба Теҳрон баргашт ва 11-уми феврал Инқилоби исломии Эрон пирӯз шуд.

Аз рӯзҳои аввали пирӯзии инқилоб душманони дохилӣ ва хориҷӣ барои маҳви он камар бастанд. Ба ин хотир онҳо роҳи террор* ва ошӯбро пеш гирифтанд. Аз ҷумла 28-уми июни соли 1981 дар натиҷаи таркиши бомба 72 нафар роҳбарони кишвар кушта шуданд. 30-юми августи соли 1981 Президенти Эрон Муҳаммадалии Раҷоӣ ва нахуствазири кишвар Ҷаводи Боҳунар ба қатл расиданд. Гурӯҳҳои мухолиф дар ин давра дар вилоятҳои Хуросон, Курдистон, Исфаҳон ва дигар минтақаҳои кишвар исёнҳои зиддиҳукуматӣ ташкил намуданд.

Пас аз анҷоми ҷанг дар Ҷумҳурии Исломии Эрон нахустин барномаи 5-сола барои солҳои 1989–1993 қабул шуд, ки мақсади он барҳам додани харобиҳои ҷанг бо Ироқ буд. Баъдан барои солҳои 1995–1999, 2000–2004 ва 2005–2009 барномаҳои нави тараққиёти иҷтимоию иқтисодию фарҳангӣ амалӣ гардид.

Асоси сиёсати иқтисодии Эронро аз байн бурдани қашшоқӣ ва коҳиш додани тафовут миёни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ташкил медиҳад.

**Сиёсати хориҷӣ.** Сиёсати хориҷии ҶИЭ бар асоси инкор кардани ҳама гуна зӯроварию ҳукмронии бегонагон, ҳифзи истиқлоли кишвар қарор дорад. Он ҷонибдори робитаҳои сулҳомези дуҷониба бо давлатҳои ҷаҳон мебошад.

* Террор (лот.) — таҳдид намудан; амали бошуурона ва бомақсад барои ҷисман аз байн бурдани мухолифони сиёсӣ ва бо ин роҳ ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ, бо роҳи зӯроварӣ ва тарсу ҳарос ба вуҷуд овардани вазъияти номуътадил дар мамлакат.



Оромгоҳи Саъдӣ дар Шероз.

*Дар Эрон оромгоҳи боз кадом мутафаккирон ва шоирони бузурги форсу тоҷик ҷой доранд?*

То соли 1979 Эрон дар сиёсати хориҷӣ бештар ба ИМА ва кишварҳои Ғарб такя менамуд. Инқилоби моҳи феврали соли 1979 дар рӯҳияи зиддиамрикоӣ ғалаба намуд. Моҳи ноябри соли 1979 издиҳоми бузурги эътирозгарон ба сафорати ИМА ҳамла намуда, кормандони онро ба гарав гирифт. Ин амал сабабгори бад гардидани муносибати Эрон бо Ғарб шуд.

Шиддат гирифтани муносибат бо кишварҳои арабӣ ба он оварда расонд, ки 22-юми сентябри соли 1980 Ироқ ба Эрон ҳуҷум кард. Ин ҷанг дар ҷабҳаи ба тӯли 1200 километр ва умқи 80 километр дар Эрон доман паҳн карда, хисороти зиёде овард. Дар давраи аввали ҷанг неруҳои ироқӣ хеле пеш рафта, 16 вилояти Эрон аз ҷанг зарар дид.

Аз охири соли 1981 неруҳои мусаллаҳи Эрон ба озод намудани сарзамини худ шурӯъ карданд. Саранҷом пас аз 8 соли ҷанг 20-уми августи соли 1988 миёни Эрон ва Ироқ расман оташбас барқарор шуд. Моҳи августи соли 1990 президенти Ироқ Саддом Ҳусейн эълон кард, ки бар асоси аҳдномаи соли 1975 миёни Эрону Ироқ ва қатъномаи 598-и Шӯрои Амнияти СММ неруҳои худро ба марзҳои байналмилалӣ ақиб хоҳад кашид. Ин ҷанги тӯлонӣ ба Эрон ба маблағи бештар аз 91 млрд доллари ИМА зарар овард.

Дар нимаи дувуми солҳои 80-ум, дар давраи ҳукумати Ҳошимӣ Рафсанҷонӣ муносибат бо ҷаҳони Ғарб беҳбуд ёфта, вале дар солҳои 2005–2013 дар давраи президент А. Маҳмудинаҷот дар натиҷаи амалӣ намудани сиёсати зиддиғарбӣ, Эрон бо Россия ва кишварҳои арабӣ наздик гардид.

Яке аз мушкилоти Эрон дар арсаи ҷаҳон амалӣ намудани барномаи ҳастаӣ мебошад. Ҷаҳони Ғарб аз вусъати тадқиқоти ҳастаӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани силоҳи ҳастаӣ нигарон буда, нисбат ба Эрон таҳримҳои иқтисодӣ ва сиёсиро ҷорӣ намуд.

Моҳи июни соли 2016 кишварҳои узви доимии Шӯрои амнияти СММ (Британияи Кабир, ИМА, Чин, Россия, Фаронса) ва Олмон бо

Эрон муоҳидаи БАРҶОМ (Барномаи ҷомеи амали муштарак)-ро имзо намуданд. Мутобиқи он Эрон аз амалӣ намудани барномаи ҳастаӣ даст кашида, таҳримҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бекор карда шуданд.

Моҳи майи соли 2018 бо ибтикори президент Д. Трамп ИМА аз муоҳидаи БАРҶОМ баромад ва аз нав таҳримҳои иқтисодӣ ҷорӣ гардиданд, ки соҳаҳои саноати нафту газ, истеҳсоли автомобилҳо, ворид кардани таҷҳизоти муосири технологӣ, фурӯши тилло ва фаъолияти бонкиро дар бар мегирифтанд.

Таҳримҳои Ғарб ба иқтисоди Эрон таъсири ҷиддӣ расонида, боиси беқурбшавии асъори миллӣ — риёл, паст гардидани суръати рушди саноат, маҳдуд гардидани содироти нафту газ ва паст гардидани сатҳи зиндагии табақаҳои васеи аҳолӣ гардиданд.

Аз 3-юми августи соли 2021 намояндаи доираҳои сиёсии муҳофизакор Иброҳим Раисӣ Президенти ҶИЭ мебошад. Ҳукумати Раисӣ бо мақсади аз байн бурдани таҳримҳои иқтисодӣ бо МАГАТЭ — Агентии назорати силоҳи ҳастаӣ ва кишварҳои Ғарб музокираро идома медиҳад.

**Робитаҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Муносибатҳои дипломатӣ байни Эрону Тоҷикистон 9-уми январи соли 1992 барқарор гардида, аз моҳи январи ҳамон сол Сафорати Эрон дар Тоҷикистон ва аз соли 1995 Сафорати Тоҷикистон дар Эрон ба кор оғоз намуданд. Бо мақсади рушду густариши робитаҳо дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-дипломатӣ, илму маориф ва фарҳанг байни ду кишвар қариб 200 созишномаву қарордод ба имзо расидаанд. Соли 2018 ҳаҷми тиҷорати муштарак маблағи 97,2 млн доллари ИМА-ро ташкил дод: аз ин миқдор 62 млн доллар содироти молу ашё аз Эрон ба Тоҷикистон ва 35,1 млн доллар воридоти мол аз Тоҷикистон ба Эронро ташкил дод.

Хамкориҳо байни Эрону Тоҷикистон собиқаи тӯлонии таърихӣ дошта, мардуми ду кишвар забону фарҳанги муштарак доранд.

*Манбаъ: Маълумоти сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон// www.mfa.tj*

* Дар бораи амалӣ намудани лоиҳаҳои калони иқтисодии Эрон дар Тоҷикистон маълумот доред?

?!

1. Сабабҳои ба амал омадани Инқилоби исломии Эронро ном баред?
2. Гурӯҳҳои зиддиинқилобиро кӣ ташкил медод?
3. Ҷанги Эрону Ироқ бо чӣ натиҷа анҷом ёфт?

## § 19. ТУРКИЯ: ИДОМАИ РАВАНДИ НАВСОЗӢ

?!
1. Ҳарбиён дар ҷомеаи Туркия чӣ нақш доранд?
2. Пас аз табаддулоти соли 1980 дар Туркия чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд?
3. Роҳи ҳалли проблемаҳои Туркияро С. Демирел дар чӣ медид?

Дар нимаи дувуми солҳои 70-уми асри XX дар Туркия ҳарбиён мавқеи мустаҳкам доштанд. Ин бахусус дар вазъияте, ки ходимони сиёсии зинаҳои гуногун байни худ наметавонистанд созиш кунанд, ба хубӣ зоҳир мегардид. Силсилаи табаддулотҳои низомӣ аз кӯшиши афсарон барои таъмини оромӣ дар ҷомеа шаҳодат медод. Дар ин давра иқтисоди кишвар нисбатан рушд ёфта буд. Дар натиҷаи сармоягузорӣ ва қарзҳое, ки Туркия аз давлатҳои Ғарб дарёфт мекард, пули миллӣ эътибори бештар пайдо намуд. Дар кишвар табақаи мардуми осудаҳол, ки он асоси оромии сиёсии ҷомеа мебошад, мустаҳкам гардид. Дар айни замон теъдоди зиёди коргарони турк дар кишварҳои хориҷӣ кор мекарданд. Сатҳи умумии зиндагӣ дар муқоиса бо кишварҳои аврупоӣ дар дараҷаи паст қарор дошт.

Моҳи сентябри соли 1980 дар Туркия табаддулоти навбатии давлатӣ ба амал омад. Тамоми ҳизбҳо пароканда карда шуданд. Фаъолияти сиёсии пешвоёни ҳизбҳо ба муддати даҳ сол мамнуъ эълон гардид. Дар донишгоҳҳо ба фаъолияти устодон назорат ҷорӣ карда шуд. Матбуот гирифтори сензураи шадиди низомӣ гардид. Аммо дар зери фишори Иттиҳоди Аврупо низомиён маҷбур шуданд сиёсаташонро тағйир диҳанд. Конститутсияи нав қабул карда шуд, ки тибқи он генерал Кенон Эврон ба муддати 7 сол дар вазифаи президентӣ боқӣ монд. Ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иҷозат дода шуд. Тибқи конститутсияи нав ҳокимияти қонунгузор дар тобеияти парлумон буд, ки Маҷлиси миллии бузурги Туркия ном дошт. Парлумон иборат аз як палата буда, ба он 450 вакил ба муддати панҷ сол интихоб мешуданд. Ҳокимияти иҷроия ва ҳукумат (Шӯрои вазирон) ба президент мутааллиқ буд.

Дар Туркия ҳизбҳои нав ташкил мешуданд, ки манфиатҳои қишрҳои гуногуни аҳолиро ҳимоят мекарданд. Ҳизби Ватан, ки сарвари он Тургут Озал буд, аз манфиати буржуазияи калони саноатию бонкӣ дифоъ мекард. Ҳизби Роҳи ҳақ, ки соли 1983 таъсис

ёфта буд, ҳимоятгари манфиатҳои буржуазияи миёна ва қисме аз буржуазияи саноатию тиҷоратӣ буд. Роҳбарии онро Сулаймон Демирел ба уҳда дошт. Ҳизби Рифоъ бо сарварии Н. Эрбакон ҳимоятгари оммаи васеи коргарон, деҳқонон, буржуазияи майда ва миёна, қисми зиёиёни мусулмон буд.

Дар асоси конститутсияи нав соли 1983 дар кишвар интихобот баргузор гардид. Дар он ҳизби Ватан пирӯз гардид ва Тургут Озал сарвазири Туркия шуд. Пас аз истеъфои Кенон Эврон, ӯ президент интихоб шуд. Тургут Озал ба мардум рушди васеи иқтисодиёт, соҳибкории озод ва ташаккули иқтисоди бозоргониро ваъда дод. Соли 1986 қонун дар бораи хусусигардонӣ қабул шуд. Соли 1988 аввалин фурӯши моликияти давлатӣ доир гардид. Аммо нархи корхонаҳои дар фурӯш мондашуда ниҳоят баланд буд. То охири соли 1991 ҳамагӣ 5% моликияти давлатӣ хусусӣ гардонида шуд, ки ин аз пурра барбод рафтани умеди ба таври фаврӣ барқарор намудани иқтисодиёт дарак медод. Бо суръати баланд пули миллӣ беқадр шуда, нарх боло мерафт. Сафи бекорон дар кишвар ба 5 млн нафар расида, 2 млн дигар барои дарёфти ризқу рӯзӣ ба кишварҳои Аврупо ва Шарқи Наздик рафтанд.

Беқурбшавии асъори миллӣ то 60% расида, бекорӣ 11%-ро ташкил медод. Моҳи сентябри соли 1991 дар интихоботи парлумонӣ Ҳизби Роҳи ҳақ бо сарварии Сулаймон Демирел 27% овозҳоро соҳиб шуд. Дар иттиҳод бо Ҳизби сотсиал-демократӣ ҳукумат ташкил намуд. Соли 1993 пас аз вафоти Тургут Озал Сулаймон Демирел президент интихоб шуд. Яке аз пешвоёни Ҳизби Роҳи ҳақ хонум Тансу Чиллер сарвазири кишвар шуд. Дар интихоботи парламентии декабри 1995 Ҳизби Рифоъ, ки ҷонибдори таъсиси давлати исломӣ аст, аз ҳама бештар овоз гирифт ва ҳукумати нав ташкил дод. Пас аз 75 соли инқилоби Камол Отатурк, ки мақсади асосиаш барҳам додани вобастагии кишвар аз давлатҳои хориҷӣ ва аз байн бурдани нақши идоракунандаи дин буд, падидаи мухолиф ба назар расид. Маълум шуд, ки мақсадҳои асосии Камол Отатурк то кунун бебозгашт амалӣ нашудаанд.

**Демирел Сулаймон** (тав.1924) — ходими давлатию сиёсӣ. Солҳои 1965–1971 ва бо танаффус то соли 1993 — сарвазири Туркия. Солҳои 1964–1980 — раиси кулли Ҳизби адолат. Аз соли 1987 — раиси кулли Ҳизби Роҳи ҳақ. Аз соли 1993 то 2000 президенти кишвар.



Оромгоҳи Мустафо Камол Отатурк. Анқара, с. 2007.

*Дар бораи шахсияти Отатурк чӣ медонед? Барои чӣ теъдоди парчами миллӣ зиёд аст?*

Солҳои 90-ум сиёсати дар асоси модели аврупоӣ сохтани ҷамъияти Туркия бе натиҷа анҷом ёфт. Монеаи асосӣ дар ин роҳ қафомондагии иқтисодию техникӣ буд. 50%-и аҳолӣ ба кишоварзӣ машғул буд. Монеаи дигар муносибатҳои иқтисодии Туркия бо Ғарб, ҳукмронии иқтисодиёти мутамаркази давлатии ин кишвар мебошад. Қариб тамоми саноат моликияти давлат буд. Соли 1995 қарзи хориҷии Туркия 50 миллиард долларро ташкил медод.

Дар солҳои 90-ум иқтисоди Туркия ба буҳрони дохилӣ ва байналхалқӣ рӯ ба рӯ шуд. Буҳрони молии соли 1994, ки дар зери таъсири буҳрони пулии соли 1993-юми Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд омад, сабаби мушкилоти сохтории Туркия гардид ва арзиши пули миллӣ коҳиш ёфт.

Буҳрони соли 1998, ки аз таъсири буҳрони иқтисодии Россия бармеомад ва ду зилзилаи бузург дар соли 1999 ба иқтисодиёти ин кишвар таъсири амиқи манфӣ гузоштанд.

Буҳрони молии соли 2001 сабаби коҳиши арзиши пули миллии ин кишвар шуд. Беқурбшавӣ ва бекорӣ афзоиш ёфт. Соли 2003 парлумони Туркия бар зидди ҳамлаи неруҳои Амрико аз пойгоҳҳои низомии Туркия ба Ироқ қарор қабул кард. Дар ҷавоби ин амал ИМА ёрмандии 30 миллиард долларии ваъдакардаашро ба Туркия надод, ки ин ҳам осори манфие ба иқтисоди ин кишвар гузошт. Соли 2004 маҷмуи маҳсулоти дохилии Туркия 4,2% ва беқурбшавӣ 11,6% буд.

**Мулоқот бо абераи Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ).** Дар шаҳри Истамбул макони хосе аст, ки онро «Хонаи Мавлавӣ» мегӯянд. Дар ин ҷо рақси дарвешонро намоиш медиҳанд. Толор бузург нест. Ҳашт кунҷ дорад. Мусиқинавозон дар айвон менишинанд. Маросимро дастаи мусиқӣ оғоз мекунад. Мусиқинавозон ба иҷрои оҳанги таъсирбахш ва дилчасп мепардозанд. Бахусус садои тор хеле ҷозибанок аст. Баъд суруди классикӣ иҷро карда мешавад. Ба мо гуфтанд, ки худи султони империяи Усмонӣ узви ин тариқат буд… Дар тӯли як соат дар зери садои мусиқӣ 12 дарвеш мерақсанд. Моҳияти рақс дар он аст, ки ҳамаи онҳо беист чарх мезананд. Ҳамаи онҳо ҷавонанд. Ҷолиб он аст, ки дар интиҳои намоиш онҳо — туркҳо бо забони форсӣ-забони аҷдодии мо дуо мехонанд.

Дар радифи тамошобинон ман як зани хеле меҳрубон, солхӯрда ва зеборо мушоҳида кардам. Ӯ ба ҳар як ҳаракати раққосон эътибор дода, сар меҷунбонид ва ким-чизе мегуфт. Барои ман донистани он ки ин зан кист хеле ҷолиб буд. Пас аз анҷоми маросим ҳайати мо тоҷикон ба назди вай рафт. Маълум шуд, ки ӯ абераи шоири бузурги мо Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ будааст. Номаш Есин Челеби Байри. Ба мо гуфтанд, ки дар Истамбул ҷамъияти «Мавлавӣ» фаъолият дорад, ки ба он яке аз авлоди ӯ сарварӣ мекунад.

*Ҳафтаномаи «Бизнес и политика», 29.10.2005.*

1. *Дар бораи дарвешон чӣ медонед? Фикратонро шарҳ диҳед.*
2. *Асарҳои машҳури Ҷалолиддини Балхиро номбар кунед.*

**Муносибатҳои Ҷумҳурии Туркия бо Тоҷикистон.** Ҷумҳурии Туркия аз аввалин кишварҳое буд, ки 29-уми январи соли 1992 истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф ва муносибатҳои дипломатиро бо кишвари мо барқарор намуд. Соли 1992 дар Душанбе Сафорати Ҷумҳурии Туркия ва соли 1995 дар Анқара Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуданд.

Нахустин шуда соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел ба Тоҷикистон сафар намуда, бо ҳадафи густариши ҳамкориҳо ва заминасозии муносибатҳои оянда бо роҳбарияти олии Тоҷикистон мулоқот баргузор намуд. Соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари ҷавобӣ ба Ҷумҳурии Туркия сафар намуданд, ки қадами навбатӣ дар густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба буд.

Соли 2021 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон 390,5 млн доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар солҳои 2007–2021 ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон — саноат, хизматрасонӣ ва савдо беш аз 221 млн доллари ИМА (2%-и ҳаҷми умуми воридоти сармояи хориҷӣ) сармояи туркӣ, аз ҷумла 124 млн доллари ИМА (2,2% аз ҳаҷми умуми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ) сармояи мустақим ҷалб гардида, аз рӯйи ин нишондодҳо Туркия мутаносибан дар мавқеи 14 ва 9 дар байни кишварҳои хориҷӣ ҷойгир шудааст.

Намунаи олии ҳамкориҳо миёни Туркия ва Тоҷикистон ба истифода додани Корхонаи муштараки истеҳсоли автобусҳои «Акиа Авесто индастри электро-

никс» мебошад, ки мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ автобусҳои мусофирбари шаҳрӣ истеҳсол менамояд.

Дар маҷмуъ муносибатҳои Туркия ва Тоҷикистон тадриҷан рушд намуда, ҳамасола густариш меёбанд.

*Манбаъ: Маълумоти сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон//www.mfa.tj*

?!
1. Дар бораи вазъи Туркия дар нимаи дувуми солҳои 70-ум маълумот диҳед.
2. Ҳизбҳои исломгаро дар Туркия чӣ нақш доранд?
3. Сабабҳои асосии бухронҳои иқтисодии Туркияро ном баред.

## § 20. ШАРҚИ НАЗДИК: ҶАНГ ИДОМА ДОРАД

?!
1. Моҳияти Шартномаи сулҳи Кэмп-Дэвид аз чӣ иборат буд?
2. Сабаби ҳамлаи Исроил ба Лубнон чӣ буд?
3. Ҳалли мунокишаи Шарқи Наздик оё имкон дорад?

**Шартномаи Кэмп-Дэвид.** Пас аз қабули қарори СММ дар бораи таъмини ҳуқуқи арабҳои Фаластин ба истиқлолияту соҳибихтиёрӣ ва бозгашти онҳо ба сарзамини аҷдодиашон ИМА ва давлатҳои Ғарб маъракаи дипломатиро барои оштӣ додани Исроил бо кишварҳои арабӣ оғоз карданд. Барои анҷоми ин кор онҳо раиси ҷумҳури Миср Анвар Содотро интихоб карданд. Дар ин давра ИМА ба Миср ёрӣ дод. Бо ёрии Амрико канали Суэтс, ки аз соли 1967 баста шуда буд, тоза карда шуд. Нимҷазираи Сино қисман аз ишғоли Исроил озод карда шуд. Чоҳҳои коркарди нафти Абу Рударо Миср соҳиб гардид.



А. Содот, Ҷ. Картер ва М. Бегин дар музокироти сулҳ.

*Президенти Амрико дар музокирот чӣ нақш дорад ва ҷаро ӯ дар байн акс ёфтааст?*

А. Содот ба гуфтушунид бо Исроил розӣ шуд.

26-уми марти соли 1979 дар Кэмп-Дэвиди ИМА созишномае ба имзо расид, ки тибқи он Исроил ӯҳдадор шуд, то моҳи апрели соли 1982 аз нимҷазираи Сино неруҳои

худро барорад. Пас аз ин Миср ва Исроил муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуданд. Амрико ба ҳар дуи ин давлат ёрмандиҳои иқтисодӣ намуд. Арабҳо ин хиёнати А. Содотро набахшиданд. 6-уми октябри соли 1981 ӯ аз ҷониби гурӯҳи сӯиқасдчиён ба қатл расид.

Дар канори ғарби дарёи Урдун ва минтақаи Ғаза шӯриши фаластиниҳо сар зад, ки қариб 10 сол идома дошт. Сурия ва Ироқ низ ба ҷанги зидди Исроил омода шуданд. Аммо давлатҳои сарватманди арабӣ, мисли Арабистони Саудӣ, Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, Умон дар низои мусаллаҳона ширкат накарданд. Онҳо бо Исроил роҳи оштиро пеш гирифтанд, зеро дар бонкҳои кишварҳои ғарбӣ сармояи зиёд дошта, аз тиҷорати нафт даромади калон мегирифтанд.

Лубнон ба маркази задухӯрдҳо табдил ёфт. Сиёсати пешгирифтаи президент Сулаймон Франже барои ягонагии Лубнон оқибатҳои ногувор дошт. Кишвар амалан ба ду қисм ҷудо шуда буд. Пойтахти Лубнон шаҳри Бейрут низ ба ду қисм — шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо шуд. ИМА аз Исроил пуштибонӣ мекард. Ибтидои соли 1975 ва нимаи аввали соли 1976 қисми зиёди Лубнонро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд. Дар чунин шароит 1-уми июни соли 1976 Сурия неруҳояшро ба хоки Лубнон даровард.

Ҷанг ба кишвар зарари калони моддию маънавӣ расонд, вале ин муноқиша ҳалли худро намеёфт. Сурия ба фишорҳои Исроил тан надод ва Ҳаракати муқовимати Фаластин аз ҷануби Лубнон берун нарафт. Исроил ба амалиёти нави низомӣ ба муқобили Лубнон шурӯъ кард. То миёнаҳои моҳи июни соли 1981 артиши Исроил минтақаи бузургро дар ҷануби Бейрут ишғол кард. Фаластиниҳо дастаҳои низомии худро аз Бейрут баровարданд. Аммо дар заминҳои ишғолии Лубнон ҳаракати муқовимат қувват мегирифт.

30-юми июни соли 1980 парлумони Исроил шаҳри Байтулмуқаддасро пойтахти доимии кишвар эълон намуд, вале Шӯрои амнияти СММ 20-уми августи соли 1980 ин амалро зидди қонунҳои байналмилалӣ ва мухолифи мувофиқатномаҳои Женева аз 12-уми августи соли 1970 донист. Аз давлатҳое, ки намояндагиҳои сиёсӣ ва дипломатии худро ба Байтулмуқаддас интиқол дода буданд, даъват карда шуд, ки идораҳои худро ба Тел-Авив бозгардонанд. Давлатҳои узви СММ, ба ҷуз ИМА ин даъватро пазируфтанд ва сафоратҳои худро ба Тел-Авив баргардонданд.



Ба ҷанг бояд хотима дод!




Девор байни ду минтақаи Байтулмуқаддаси шарқӣ

Моҳи июни соли 1982 артиши Исроил ба Лубнон ҳуҷум кард ва ин ҷанг се сол тӯл кашид. Ҳадафи асосии Исроил аз сарзамини Лубнон берун кардани дастаҳои мусаллаҳи Ҳаракати муқовимати Фаластин буд. Ҷанг вазъи иқтисодии Исроилро боз ҳам муташанниҷ гардонд. Он аҳолии мамлакатро ба ду гурӯҳи муқобил — ҷонибдорон ва мухолифони ҷанг ҷудо кард.

Дар байни солҳои 1982–1984 мавҷи эътирозҳои зиддиҷангӣ саросари Исроилро фаро гирифт. Кӯшиши бастани сулҳи яктарафа* бенатиҷа монд. Ин вазъият сарвазири Исроил М. Бегинро маҷбур кард, ки истеъфо диҳад. Моҳи августи соли 1983 Шамир сарвазири кишвар шуд. 17-уми майи соли 1983 бо миёнаравии ИМА миёни Лубнон ва Исроил созишномаи сулҳ ба имзо расид. Тибқи он амалиёти ҷангӣ хотима ёфта, низомиёни Исроил кишварро тарк карданд. Неруҳои Лубнон, ки зидди чунин созишнома буданд, 23-юми июли соли 1983 Ҷабҳаи озодибахши миллии Лубнонро таъсис доданд. Моҳи феврали соли 1984 бо дастгирии артиши Лубнон Ҳаракати муқовимати Фаластин ва Ҷабҳаи озодибахши миллии Лубнон Бейрути ғарбиро ба зери назорати худ даровարданд. Қисмҳои низомии Амрико маҷбур шуданд, ки Бейрутро тарк намоянд.

**Моҳияти низои Шарқи Наздик дар ибтидои асри XXI**

Дар шароити муосир дар низои байни арабу исроилиҳо дар атрофи се масъалаи асосӣ ихтилофоти шадид вуҷуд дорад, ки садди роҳи ҳалли он ме-

---

* Сулҳи яктарафа (сепаратӣ) — шартномаи сулҳ (ва ё оштӣ), ки бо рақиби ягон давлат дар рафти ҷанг бе огоҳӣ ва ё розигии иттифоқчиёнаш баста мешавад.

гарданд: 1) *Баҳси марзӣ*, баҳс дар атрофи тақсими одилонаи собиқ минтақаи Фаластин, ки таҳти васояти Британияи Кабир буд. Дар гузашта кӯшиш шуда буд, ки дар ҳудуди ин минтақаи баҳсӣ ду давлат ташкил дода шуда, дар ниҳоят бо мақсади хотима бахшидан ба низоъ давлати мустақили Фаластин дар баробари давлати Исроил барпо карда шавад. Дар амал бошад, чунин тақсимот боиси шиддат гирифтани низоъ байни аҳолии осоишта — фаластиниҳо ва исроилиҳо гардид. 2) *Масъалаи гурезаҳо*. Тибқи маълумоти боэътимоди СММ, то моҳи июни соли 1950 аз 1 350 ҳазор арабҳои Фаластин бештар аз 960 ҳазор нафар хонаву зодгоҳи худро тарк карданд. То имрӯз шумораи гурезаҳои фаластинӣ меафзояд, зеро мақоми гурезаи фаластинӣ аз насл ба насл меросӣ аст. 3) *Мақоми шаҳри Байтулмуқаддас (Иерусалим)*. Барои мардуми исроилӣ ин шаҳр нақши марказӣ дорад, зеро ҷузъи эътиқоди мазҳабиашон мебошад. Усули «Иерусалим — пойтахти азалӣ ва ягонаи давлати яҳудиён» бо қонун тасдиқ гардида, ҳеҷ як аз ходими давлатӣ дар бораи ба арабҳо бозпас додани ин шаҳр қарор қабул карда наметавонад. Ба забони арабӣ шаҳр Ал-Қудс (Муқаддас) ном дошта, барои тамоми мусулмонон пас аз Маккаву Мадина шаҳри севуми муқаддас шумурда мешавад. Нухбагони араб низ наметавонанд аз даъво ба ин шаҳр — Байтулмуқаддас даст кашанд.

Таърихи ин рақобат низои байни ду миллат аст. Ҳар як миллат доир ба заминаҳои низоъ ва роҳҳои ҳалли он нуқтаи назари худро дорад. Вақтҳои охир дар аксар маврид мо шоҳиди шиддат гирифтани ин низоъ мебошем. Чунин вазъият натиҷаи сиёсати ғайривоқеии сарони кишварҳо ва дигар ходимони давлатӣ аст, ки дар ҳалли ин масъалаи душвор нақши муҳим мебозанд. Ҷойи таассуф аст, ки маҳз ҳамин ҳолат ҳалли низоъ ва дастёбӣ ба роҳи ягонаи бартараф кардани масъаларо дур месозад.

*Манбаъ: Арабо-израильский конфликт в XXI веке: перспективы урегулирования//http://elar.uspu.ru/bitstream/uspu/9273/2/*

*Шуури таърихии ду миллат дар шиддат гирифтани низоъ байни онҳо чӣ нақш дорад? Оё роҳи муросо вуҷуд дорад? Таҷрибаи сулҳи тоҷикон барои арабу исроилиҳо судманд хоҳад буд? Фикратонро асоснок намоед.*

Моҳи июни соли 1985 ҳукумати Исроил қарор қабул кард, ки артишашро пурра аз Лубнон барорад. Аз соли 1987 арабҳои соҳили чапи Урдун ва минтақаи Ғаза маъракаи эътироз бар зидди ҳузури Исроил дар ин ноҳияҳоро оғоз карданд. Онҳо талаб мекарданд, ки Исроил пурра ин минтақаҳоро тарк намояд, сиёсати сохтмони шаҳракҳои яҳудинишинро қатъ кунад ва давлати соҳибистиқлоли Фаластин ташкил карда шавад.

Соли 1988 Шӯрои миллии Фаластин дар Алҷазоир дар бораи ташкил додани давлати Фаластин эъломия қабул намуд.




Исроилиҳо атрофи дафтари кории Арафотро хандақ канданд.

*Муаллифи карикатура аз кадом давлат аст ва чиро тасвир кардааст?*

Пас аз баргузории конфронси Мадрид соли 1992 бори аввал ба таври расмӣ Исроил эълон намуд, ки ҷангро бо роҳи гуфтушунидҳои мусолиматомез ҳаллу фасл менамояд.

Аз ҳамон давра роҳбарони Исроил, Миср ва Урдун бо намояндагии маъмурияти ИМА доир ба баргузории гуфтушуниди дуҷониба миёни Исроил ва фаластиниҳо корҳои зиёде карданд.

Соли 1991 бо ташаббуси ИМА гуфтушунид миёни Созмони Озодибахши Фаластин ва Исроил доир ба шартҳои ҳалли проблемаи Шарқи Наздик оғоз ёфт. 13-уми сентябри соли 1993 дар Вашингтон бо сарпарастии раиси ҷумҳури Амрико Б. Клинтон миёни Ёсир Арафот ва сарвазири Исроил – И. Робин созишнома ба имзо расид. Тибқи он бояд неруҳои Исроил аз минтақаи Ғаза ва соҳили ғарбии Урдун берун бароварда шуда, ҳокимияти миллии худмухтори фаластиниҳо ташкил карда мешуд. 25-уми июли 1994 изҳороти Урдун ва Исроил дар Вашингтон дар бораи анҷоми ҷанг ба имзо расид. Моҳи октябри ҳамон сол миёни ин ду кишвар аҳдномаи сулҳ ба имзо расид.

Нахуствазири Исроил Исҳоқ Робин, ки тарафдори сулҳ бо фаластиниҳо буд, 4-уми октябри соли 1995 бо дасти як яҳудии тундрави сионист кушта шуд. Ба ақидаи гурӯҳҳои тундрави яҳудӣ, И. Робин бо имзои қарордоди сулҳ дар Осло ба Исроил хиёнат кард. Дар интихоботи парлумони Исроил, ки 31-уми майи соли 1996 доир гардид, намояндаи қаноти рости тундрави Ҳизби Ликуд – Бинёмин Натанёҳу сарвазири Исроил шуд. Ӯ эълон кард, ки дар мавриди Байтулмуқаддас, Ҷавлон ва ташвиқи яҳудиён ба хонасозӣ дар минтақаҳое, ки аз ҷониби яҳудиён ишғол шудаанд, ба фаластиниҳо ҳеҷ гуна имтиёз нахоҳад дод. Бо тавсияи ИМА Б. Натанёҳу бо Раиси Давлати худмухтори Фаластин, Ёсир Арафот мулоқот кард, аммо ин мулоқот бенатиҷа ба анҷом расид.

Ҳанӯз моҳи октябри соли 1994 барои ҳалли масъалаи Шарқи Наздик роҳбарони Исроил – Шимон Перес ва Исҳоқ Робин ва роҳбари СОФ – Ёсир Арафот ҷоизаи сулҳи Нобелро гирифтанд. Аммо ҳанӯз ҳам ин муноқиша идома дорад.

?!
1. Сабаби кушта шудани Анвар Содот чӣ буд?
2. Дар бораи вазъи дохилии Лубнон маълумот диҳед.
3. Гуфтушуниди роҳбарони Исроил ва Фаластин чӣ натиҷа дод?

## § 21. ДАСТОВАРДҲО ВА МУШКИЛОТИ ТАРАҚҚИЁТИ ДАВЛАТҲОИ АФРИҚО

?!
1. Апартеид дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ бо кадом роҳ барҳам дода шуд?
2. Чаро дар таърихи сиёсии бисёре аз давлатҳои Африқо дар нимаи дувуми асри XX ҳарбиён нақши муҳим бозидаанд?
3. Дар кишварҳои Африқо кадом проблемаҳои асосӣ ҷой доранд?

Дар ибтидои солҳои 80-ум дар сиёсати доираҳои ҳукмрони Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ (ҶАҶ) дигаргунии куллӣ ба амал омад.

Таъқибу озор натиҷа надоданд. Доираҳои ҳукмрони ҶАҶ маҷбур шуданд, ки сиёсати сахтгиронаашонро каме нарм намоянд. Дар интихоботи парлумонии моҳи сентябри 1989 Ҳизби миллӣ бо сарварии Ф. В. де Клерк ба пирӯзӣ расид. Моҳи феврали соли 1990 вай ба фаъолияти Конгресси Миллии Африқо, ки тӯли 30 сол мамнуъ эълон шуда буд, иҷозат дод. Пешвои он Нелсон Манделла пас аз маҳбусии 27-сола ба озодӣ баромад. Ӯро соли 1991 президенти Конгресси Миллии Африқо интихоб карданд. Вазъияти фавқулода, ки аз соли 1986 дар кишвар амал мекард, бекор карда шуд. Ҳизби миллӣ, ки дар сари қудрат буд, иҷозат дод, ки намояндагони ҳамаи нажодҳо ба сафи ин ҳизб ворид шаванд. Аммо барҳам додани апартеид* ба осонӣ муяссар намешуд. Миёни сафедпӯстону сиёҳпӯстон борҳо бархӯрдҳои мусаллаҳона сар мезад.

---

* Апартеид – алоҳида зиндагӣ кардан, сиёсати нажодпарастӣ, поймоли ҳуқуқ ва аз ҳам ҷудо кардани сиёҳпӯстону сафедпӯстон.

**Нелсон Манделла** (1918–2013) ходими намоёни ҳаракати озодихоҳии ҶАҶ. Муборизи зидди апартеид ва пешвои ҳаракати зиддимустамликавӣ (деколонизатсия*). Соли 1964 ба маҳбаси якумрӣ маҳкум шуда буд. Соли 1991 аз маҳбас озод карда шуд. Аз соли 1994 то соли 1999 — Президенти ҶАҶ.



Н. Манделла шиносномаи худро оташ мезанад (с. 1950).

*Барои чӣ шиносномаи сиёҳпустони ҶАҶ ранги дигар дошт?*

Моҳи августи соли 1992 Конгресси Миллии Африқо ба эътирози шадид бар зидди пешрафти ислоҳоти сусти демократӣ даст зад. Танҳо дар зери фишори аҳолии сиёҳпӯст ва кишварҳои ҳамсояи соҳибистиқлол моҳи майи соли 1993 дар гуфтушунидҳои бисёрҷонибаи Йоҳаннесбург тарафҳо ба мувофиқа расиданд. Дар кишвар интихоботи парлумонӣ дар асоси баробарҳуқуқии ҳамаи нажодҳо доир гардид. Дар интихоботи 26-уми апрели 1994 Конгресси Миллии Африқо пирӯзии комил ба даст овард. Н. Манделла нахустин президенти сиёҳпӯсти ҶАҶ гардид. Вай ҳукумате ташкил дод, ки ба он намояндагони ҳамаи чаҳор нажод, ки дар давраи апартеид ҷудо карда шуда буданд, ворид гардиданд. Дар Африқо давраи мустамликадорӣ, нажодпарастӣ** ва апартеид хотима ёфт. ҶАҶ бо роҳи ислоҳоти демократӣ қадам ниҳод.

Пас аз истиқлолият дар дохили давлатҳои Африқо мухолифатҳои ғоявӣ, қавмию қабилавӣ боқӣ монда буд. Проблемаҳои

---

* Деколонизатсия (лот.) — раванди озодшавии мамлакат ва минтақаҳои мухталиф аз асорати мустамликавӣ, ки дар натиҷаи он истиқлолияти давлатӣ таъмин мегардад.

** Нажодпарастӣ (расизм) — таълимоти зиддиилмӣ, иртиҷоӣ ва инсонбадбинӣ, ки мутобиқи он инсоният ба нажодҳои «олӣ» ва «паст», «асил» ва «ғайриасил» ҷудо карда мешавад. Ин таълимот истисмори як миллатро аз тарафи миллати дигар дуруст мешуморад. Аз нимаи дувуми асри XX дар қонунҳои байналмилалӣ ин таълимот маҳкум гардида, ҷиноят дониста мешавад.

ҳокимият ва интихоби роҳи тараққиёт шиддат ёфт. Дар ҳокимият ҳарбиён ва ҷонибдорони марксизм ҳамдигарро иваз мекарданд. Ҷумҳуриҳо ба империя табдил ёфтанд. Гоҳе низоми яккаҳизбӣ ва гоҳе низоми бисёрҳизбӣ ҷорӣ карда мешуд ва ғ.

Мухолифати сиёсиро зиддиятҳои гурӯҳҳои қавмӣ, фаъолияти ҷудоихоҳон ҷиддитар мекард. Инро дар мисоли Ангола дидан мумкин аст. Соли 1975 пас аз имзои созишнома аз тарафи ҳукумати Португалия доир ба тартиби эътирофи истиқлолияти Ангола мубориза барои ҳокимият авҷ гирифт. Дар он се ташкилот: Ҳаракати халқӣ барои озодии Ангола (МПЛА), Ҷабҳаи миллии озодии Ангола (ФНЛА) ва Иттиҳоди миллӣ барои озодии пурраи Ангола (УНИТА), ки дар ҳаракати озодихоҳӣ саҳми ҳалкунанда доштанд, фаъолият менамуданд.

Онҳо аз минтақаҳои гуногуни кишвар намояндагӣ мекарданд ва аз ҷониби неруҳои мухталифи хориҷӣ дастгирӣ меёфтанд. МПЛА, ки ба сари ҳокимият омада, ҷонибдори тамоюли марксистӣ-ленинӣ буд, аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Куба ёрӣ мегирифт. Ба муқобили он неруҳои ФНЛА ва УНИТА мубориза мебурданд, ки онҳоро ИМА ва ҶАҶ дастгирӣ мекарданд. Танҳо соли 1989 дар бораи оташбас ба мувофиқа расиданд ва неруҳои Куба аз Ангола баромаданд, аммо проблемаҳои ба танзим даровардани ҳаёти сиёсӣ боқӣ монданд.

Дар давоми 17 соли ҳукумати Менгисту Хайле Мариам дар ҳаёти ҷамъиятии Ҳабашистон дигаргуниҳои мусбат ба амал омаданд, вале дар идомаи ин дигаргунсозиҳо ба хатоҳои зиёд роҳ дода шуд. Аз ҷумла, бисёр масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи фармонфармоӣ анҷом дода мешуд. Садҳо ҳазор аҳолии кӯчманчӣ бо роҳи зӯрӣ ба тарзи ҳаёти муқимӣ гузаронида шуд. Ҳангоми гузаштан аз тартиби давлатдории воҳид ба тарзи федеративӣ манфиати қавмҳои гуногун ба инобат гирифта нашуд.

Ҳалли худро наёфтани ин масъала сабаби дар маҳалҳо аз ҳисоби қавмҳои гуногун ташкил ёфтани гурӯҳҳои оппозитсионӣ гардид. Ин гурӯҳҳо барои бо роҳи зӯрӣ сарнагун кардани ҳукумати Менгисту Хайле Мариам силоҳ ба даст гирифтанд. Моҳи майи соли 1991 гурӯҳҳои низомии яке аз бузургтарин ташкилоти оппозитсионӣ – Ҷабҳаи халқии озодибахши Тиграя (ҶХОТ) ба пойтахти кишвар шаҳри Аддис-Абеба ҳуҷум карда, ҳокимиятро сарнагун



Раул Кастро, Фидел Кастро ва Менгисту Хайле Мариам дар Гавана.

*Боло кардани ду ангушт чӣ рамзро ифода мекунад?*

намуданд. Иттифоқчии ЧХОТ – Ҷабҳаи миллии озодибахши Эритрея дар вилояти худ ҳокимиятро ба даст гирифт. Соли 1993 Эритрея худро мустақил эълон кард. Пас аз сарнагунии ҳукумати М. Х. Мариам намояндагони ҷабҳаҳои гуногун моҳи июни соли 1991 ҷамъ омаданд. Дар ин ҷамъомад дар бораи ташкил намудани Ҷабҳаи ягонаи инқилобӣ – демократии халқҳои Ҳабашистон қарор қабул гардид. Ин барнома «Хартияи давраи гузариш» ном гирифт. Ҳуҷҷати номбурда конститутсияи муваққатии кишвар маҳсуб мешуд. Ин хартия ташкили сохти бисёрҳизбӣ, иқтисодиёти бозорӣ ва ҳуқуқи худмуайянкунии халқиятҳои сокини кишварро то дараҷаи таъсиси давлати мустақили худ эълон кард. Моҳи декабри соли 1994 Конститутсияи доимоамалкунанда қабул карда шуд. Моҳи майи соли 1995 дар асоси бисёрҳизбӣ интихобот ба воҳидҳои ҳокимияти давлатӣ доир гардид. Роҳбари Ҷабҳаи халқии озодибахши Эритрея Мелос Зенауи Раиси ҷумҳури Ҳабашистон интихоб шуд.

Дар соли 1984 конститутсияи нави Заир қабул шуд. Дар асоси он кишвар ҷумҳурӣ эълон гардид. Президент сардори давлат, ҳукумат ва сарфармондеҳи олии неруҳои мусаллаҳ ҳисоб меёфт. Парлумони якпалатагӣ ташкил шуд. Дар интихоботи президентии соли 1984 Мобуту ба муҳлати 7 сол сарвари Заир интихоб шуд. Соли 1991 муҳлати президентии Мобуту ба охир расид. Ӯ кӯшиш намуд, ки муҳлати президентиашро номаҳдуд кунад. Бо ин мақсад Конфронси умумимиллӣ даъват намуд, дар он лоиҳаи конститутсияи навро пешниҳод кард. Ҳамзамон ӯ истеъфои ҳукуматро қабул намуд. Дар ҷавоби ин икдоми Мобуту дар кишвар ҷунбишҳои оммавӣ сар заданд. Дере нагузашта ин ҷунбишҳои эътирозӣ ба задухӯрди мусаллаҳона, ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфтанд. Неруҳои мухолиф 31-уми октябр бо сарварии Лаурент Кабила ҳукумати нав ташкил намуданд. Ҷанги

шаҳрвандӣ дар Заир, ки аз соли 1977 номи Конгоро гирифта буд, даҳ сол идома ёфт.

Моҳи майи соли 1998 неруҳои инқилобӣ бо сарварии Лаурент Кабила ба пойтахт ворид шуданд ва маршал Мобуту аз кишвар фирор кард.



Хӯрокпазӣ дар яке аз ятимхонаҳои Мозамбик.

*Ба ҷойи дег чиро истифода мекунанд ва барои чӣ?*

Мозамбик, ки яке аз мустамликаҳои Португалия буд, 25-уми июни соли 1975 соҳибистиқлол гардид. Ин кишвар номи Ҷумҳурии Халқии Мозамбикро гирифт. Президент Самора Машел моҳи феврали соли 1976 эълон кард, ки дар кишвар дигаргунсозиҳо ба амал баровварда мешавад. Асоси онро бояд миллӣ кунонидани тамоми корхонаю муассисаҳои дар дасти шахсони алоҳида буда ташкил медод. Ин иқдом ба мухолифати мустамликадорони Португалия рӯ ба рӯ шуд. Дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт. Португалиҳо, ки 20%-и аҳолиро ташкил медоданд, дастаҳои ҷангӣ ташкил намуда, аз ҳудуди ҶАҶ ба Мозамбик ҳамла мекарданд. 19-уми октябри соли 1986 президент Самора Машел дар натиҷаи садамаи ҳавопаймо ба ҳалокат расид, Жоакимо Чиссано президенти кишвар шуд. Бо талоши ӯ соли 1990 ҳамлаҳои мусаллаҳона аз ҳудуди Африқои Ҷанубӣ ба Мозамбик қатъ гардиданд. Соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ поён ёфт.

Дар Мозамбик ислоҳот оғоз ёфт. Он ба либераликунонии ҳаёти сиёсию иқтисодӣ нигаронида шуда буд. Қисме аз моликият ба соҳибони аввалиашон баргардонида шуд. Моҳи ноябри соли 1994 интихоботи озод дар асоси усули бисёрҳизбӣ доир гардид. Дар он пешвои Ҷабҳаи озодӣ (ФРЕЛИМО) Жоакимо Чиссано ба пирӯзӣ расида, президенти кишвар шуд.

Дар мамлакатҳои Африқои Тропикӣ аз қабили Нигерия, Габон, Чад, Руанда, Сенегал, Мали, Гамбия, Зимбабве, Замбия ва ғайра ҳукумат ба дасти намояндагони мардуми маҳаллӣ ба таври конститутсионӣ гузашт. Қисми зиёди ин кишварҳо аз лиҳози иқтисодӣ қафомонда мебошанд. Истиқлолияти онҳо хусусияти расмӣ дошта, аз ҳар ҷиҳат тобеи мустамликадорони собиқ мебошанд.



Қурбонии табларзаи Эбола (Либерия, с. 2014).

*Чаро табибон либоси махсус истифода мебаранд?*

Дар ин давлатҳо бо дахолати мустамликадорони собиқ зуд-зуд ҳукуматҳо иваз мешуданд ва ё табаддулотҳои низомӣ ба вуҷуд меомаданд.

Проблемаҳои кишварҳои қашшоқтарини Африқо дар даҳсолаҳои охир ба проблемаҳои умумиҷаҳонӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Дар кишварҳои қашшоқтарин, ки аҳолиашон дар шароити норасоии доимии маводди зарурӣ умр ба сар мебаранд, вазъи дохилӣ хеле ноустувор аст. Онҳо ба саҳнаи ҷангҳои шаҳрвандӣ, табаддулотҳо ва дигар муноқишаҳо табдил меёбанд. Ноороміи онҳо барои кишварҳои ҳамсоя бе таъсир намемонад. Ҳам кишварҳои ҳамсоя ва ҳам давлатҳои мутараққӣ ҳамеша бо проблемаи гурезаҳо, муҳоҷирон аз минтақаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ бадбахт, ноҳияҳои гирифтори муноқишаҳои байниқабилавӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Вуҷуд надоштани ҳокимияти қавии мутамарказ ва нобасомониҳо дар ин кишварҳо сабаби ҷалби ширкатҳои ҷиноии байналмилалӣ барои истифода аз кишварҳои ақибмонда ба мақсади истеҳсоли маводди нашъадор мегарданд. Дар ин кишварҳо пойгоҳҳои созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ ташкил карда мешаванд. Аз сабаби заиф будани системаи ёрирасони тиббӣ ва бесаводии омма ин кишварҳо сарчашмаи асосии пайдоиши бемориҳои хавфноки сирояткунанда мегарданд.

Тибқи гузориши Созмони ҷаҳонии ғизо ва кишоварзии СММ, дар соли 2005-ум 27 кишвари африқоӣ дар натиҷаи ҷангҳои дохилӣ, хушксолӣ, буҳрони иқтисодӣ, ҳуҷуми малах ва бо сабабҳои дигар дар ҳолати гуруснагӣ қарор доштанд. Алалхусус, вазъият дар Бурунди, Эритрея, Эфиопия, Лесото, Малави, Свазиленд, Сомалӣ, Зимбабве хеле вазнин аст.

Ҳалли масъалаҳои рушди ин кишварҳо фаъолияти якҷояи худи халқҳои Африқо, давлатҳои Ғарб ва созмонҳои байналмилалиро талаб мекунад.

**Дар бораи натиҷаҳои амалӣ намудани сиёсати федерализми қавмӣ дар Ҳабашистон.** Ба раванди истиқрори сиёсати федерализм дар Ҳабашистон чанд омил — ақибмондагии иқтисодӣ, камбуди захираҳои молиявӣ, набудани суботи сиёсӣ, фасодзадагӣ, дурӣ ва инзивои минтақаҳои сукунати ақаллиятҳои қавмӣ, аз ҳад зиёд марказиятнокии ҳокимияти давлатӣ ва ғ. таъсири манфӣ мегузоранд.

Ба ҳар ҳол ҷорӣ кардани низоми федерализми қавмӣ ба Ҳабашистон чӣ натиҷа дод? Метавон дар бораи чанд дастоварди мусбати таҷрибаи федерализми қавмӣ дар Ҳабашистон таъкид намуд:

— дар сатҳи қонунгузорӣ вогузор кардани як қисми салоҳиятҳои ҳокимияти марказӣ ба иёлат (штат)-ҳо амалӣ гардидааст;

— мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ташкил дода шудаанд, ки барои ҳифзи танаввуъ (гуногунӣ)-и фарҳангӣ ва барқарор гардидани робитаҳои осоиштаи байниқавмӣ нақши мусбат мебозанд;

— мақомоти марказии ҳокимият симои гуногунфарҳангӣ гирифтанд;

— шаҳрвандон имконияти омӯзиш ва истифодаи забонҳои маҳаллиро пайдо намуданд;

— дар аксари иёлатҳо бар асоси усули мухторияти фарҳангӣ минтақаҳои хос ташкил дода шуданд, ки маънои дар сатҳи қонун таъмин кардани ҳуқуқи баробарии ақаллиятҳои қавмиро дорад;

— афзоиши худшиносии ақаллиятҳои қавмӣ ва ба арсаи сиёсӣ ворид гардидани онҳо мушоҳида мегардад.

Ба ин нигоҳ накарда, сиёсати федерализми қавмӣ то ҳанӯз ба равобити байни қавмҳо таъсири мусбат нарасонидааст, зеро ҳоло ҳам шиддати низоъҳои қавмӣ мушоҳида мегардад.

*Аз китоби: Исмагилова Р. Н. Эфиопия: особенности федерализма. М.: Институт Африки РАН, 2018.– С. 527.*

*Чаро масъалаҳои сиёсати қавмӣ дар ташкили идораи давлат нақши муҳим доранд? Фикратонро асоснок намоед.*

***Рушди аҳолии кишварҳои Африқои Тропикӣ (ҳазор нафар)***

| *Кишварҳо* | *1960* | *1995* | *2012* | *2022* |
|---|---|---|---|---|
| Ботсвана | 528 | 1392 | 2065 | 2400 |
| Кения | 8157 | 28 817 | 41 070 | 56 215 |
| Кот-д'Ивуар | 3564 | 14 791 | 21 504 | 27 742 |
| Мозамбик | 6577 | 18 115 | 22 948 | 33 089 |
| Нигерия | 42 367 | 101 232 | 165 215 | 216 746 |
| Сомалӣ | 2221 | 7347 | 9925 | 16 841 |

**Дар бораи роҳҳои тараққиётии давлатҳои Африқо.** «Давлатҳои нави африқоӣ фавран роҳи худмуайянкуниро пеш гирифтанд. Аммо дар кадом асос? Асоси табиию анъанавии онҳо алоқаи қабилавӣ, қонунҳои иҷтимоию иттиҳодиявӣ ва муносибатҳои фаъолияти дастаҷамъӣ буд. Ҳамаи инҳо дар ҷараёни ташкил ёфтани давлатдории африқоиён нақши худро бозиданд. Аммо ин нақш на мусбат, балки манфӣ буд. Такя ба анъанаҳо шаҳрвандони давлатҳои тозатаъсисро муттаҳид карда натавонист. Балки онҳоро аз рӯйи нишонаҳои қавмию қабилавӣ ва маҳалгароӣ аз ҳам ҷудо намуд. Барои ҳамин ҳам асосҳои анъанавии алтернативии ҷиддӣ лозим буд. Ин алтернатива бо кӯшиши маъмурияти мустамликавӣ барои тарбияи табақаи ҳокимони оянда дар мустамликаҳо дар тӯли даҳсолаҳо кор карда шуд. Пеш аз ҳама сухан дар бораи меъёрҳо ва асосҳои демократияи парлумонии сармоядорӣ, ки дар пояи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандию давлати ҳуқуқбунёд асос меёфт, меравад…»

*Васильев. Л. С. История Востока. – М.,1993, Т. 2, С. 279.*

1. *Муаллиф дар бораи кадом асосҳои имконпазири рушди давлатҳои Африқо сухан меронад? Ба кадоме аз онҳо вай афзалият медиҳад?*
2. *Оё шумо ба хулосабароҳои муаллиф розиед? Шумо кадом оқибатҳои мусбат ва манфии ҳукмронии мустамликавиро ном бурда метавонед?*

?!

1. Вожаи «апартеид» чӣ маъно дорад?
2. Ҷангҳои шаҳрвандӣ кадом кишварҳои африқоиро бештар фаро гирифта буданд?
3. Ба фикри шумо, сабабҳои асосии қафомондагӣ ва қашшоқии кишварҳои қитъаи Африқо кадомҳоянд.

## § 22. ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ КИШВАРҲОИ АМРИКОИ ЛОТИНӢ

?!

1. Оқибатҳои мусбат ва манфии навсозии иқтисодиёти Амрикои Лотинӣ дар чӣ буд?
2. Бо кадом роҳҳо дар кишварҳои ин минтақа низоми демократӣ барқарор шуд?
3. Проблемаҳои асосии имрӯзаи кишварҳои Амрикои Лотинӣ кадомҳоянд?

**Вазъи иқтисодӣ.** Аз миёни солҳои 70-ум дар иқтисодиёти ҷаҳон нишонаҳои гардиши куллӣ ба чашм мерасид. Давраи нави инқилоби илмию техникӣ дар кишварҳои мутараққии сармоядорӣ ва бӯҳронҳои иқтисодӣ раванди навсозии истеҳсолотро тезонд.



Коргоҳи корхонаи замонавӣ дар Аргентина.

*Корхонаи замонавӣ бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?*

Дар чунин шароит ширкатҳои бузурге, ки бо дастгоҳи давлатӣ пайваст буданд, монеаи рушди иқтисодиёт мегардиданд. Хусусигардонии қисме аз сектори давлатӣ ба бахши муҳимми иқтисодиёти кишварҳо табдил ёфт.

Сатҳи нави ҷаҳонӣ шудан, яъне нақши бузурги робитаҳои иқтисодии ҷаҳон, ҷалби технологияи замонавӣ ва сармояи хориҷӣ ба қисми таркибии стратегияи давлатҳои Амрикои Лотинӣ табдил ёфтааст.

Моҳияти стратегияи нави навсозӣ ба талаби замон мувофиқсозии сиёсати ғайридавлатӣ кунонидани моликият ва ҳавасманд гардонидани механизми иқтисоди бозории озод мебошад. Ҳамин тариқ, дар кишварҳои ин минтақа доир ба мавқеи давлат дар ҳаёти ҷамъиятӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад.

Сарчашмаҳои асосии захираҳои сармояҳо ва навсозӣ ҷалби васеи сармояи хориҷӣ дар шакли маблағгузорӣ, қарзҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат, рушди истеҳсоли молҳои содиротӣ буданд. Ин сиёсат сабаби рушди истеҳсолот дар соҳаҳои энергетика, саноати электронӣ ва вусъат ёфтани прогресси илмию техникӣ гардид. Соли 1989 истеҳсоли маҳсулоти миллӣ дар Амрикои Лотинӣ нисбат ба соли 1960 беш аз 3,5 баробар афзоиш ёфт.

Аммо ин ҷараён тарафҳои манфӣ низ дошт. Аз ҷумла, шикасти қувваҳои чап дар аксари мамлакатҳои минтақа ва барқарор гардидани режимҳои тоталитарӣ, аз ҳад зиёд шудани қарзҳои хориҷӣ, беқурбшавии пул, зиёд гардидани сафи бекорон, афзоиши табақаи қашшоқон ва ғайра.

Хусусияти муҳимми муносибатҳои иқтисодии байниамрикоӣ рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба шумор мерафт. Барои Амрикои Лотинӣ идеяи ташкил намудани тиҷорати озод дар минтақа диққатҷалбкунанда буд. Барои ҳамин ҳам дар бархе аз кишварҳо ақидаи ҳамроҳ шудан ба созишномаи тиҷорати озоди

минтақаи Амрикои Шимолӣ дар ҳайати ИМА, Канада ва Мексика дастгирӣ ёфт. Соли 1991 Бразилия, Аргентина ва чанд кишвари дигар доир ба ташкил намудани бозори умумии кишварҳои ҷануби минтақа созишнома ба имзо расониданд. Соли 2001 дар Квебек 35 кишвари қитъаи Амрико (ғайр аз Куба) дар бораи аз соли 2005 ташкил намудани минтақаи озоди тиҷоратӣ эъломия ба имзо расониданд.

**Замони норавшан**

*Назари профессори Донишгоҳи Колумб (ИМА) Хосе Антонио Окампо дар бораи марҳалаи муосири рушди кишварҳои Амрикои Лотинӣ.*

Чанд сол қабл кишварҳои Амрикои Лотинӣ намунаи рушди иқтисодӣ буданд. Дар ҳоле ки кишварҳои рушдёфтаи ҷаҳон пас аз сипарӣ намудани бухрони молиявии солҳои 2008–2009 ва давраи барқароршавии чандсола марҳалаи таназзули амиқро аз сар мегузарониданд, давлатҳои рӯ ба тараққиёт дар таъмини рушди иқтисоди ҷаҳон нақши муҳим бозиданд. Амрикои Лотинӣ ҳам истисно набуда, ҷузъи дурнамои рушд дониста мешуд. Солҳои 2004–2013 аз бисёр ҷиҳат, чи аз назари рушди иқтисодӣ ва бештар аз лиҳози тараққиёти иҷтимоӣ дар Амрикои Лотинӣ даҳсолаи хос буд. Маҳз барои ҳамин ин давраро «даҳсолаи Амрикои Лотинӣ» номиданд, бар хилофи он ки солҳои 1980 ҳамчун «даҳсолаи гумшуда» шинохта мешуд, зеро бори вазнини қарзи хориҷӣ минтақаро ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ сохта буд.

Ин вазъи мусбати рушди иқтисодӣ якбора тағйир ёфт. Рушди даромади иқтисодӣ ба ҳар сари аҳолӣ соли 2014 бозмонда, дар аксари кишварҳои қитъа ба он ҳамчун ба орзуи амалинагардида нигоҳ мекунанд. Бад гардидани дурнамои рушди иқтисодии минтақа натиҷаи таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла коҳиши нархи маҳсулоти содиротии кишварҳои Амрикои Лотинӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва паст гардидани суръати рушди тиҷорати ҷаҳонӣ буд. Барои он ки Амрикои Лотинӣ мавқеи худро барқарор намояд, кишварҳои он бояд сиёсати ислоҳотро давом диҳанд, ки он ба навсозии сохтории истеҳсолот бо мақсади кам кардани вобастагӣ ба ҷараёни тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ равона бошад.

*Манбаъ: Хосе Антонио Окампо. Неопределенные времена// Финансы и развитие. Сентябрь 2015// https://www.imf.org/external/russian/pubs/ft/fandd/2015/09/pdf/ocampo*

*Ба назари шумо, чаро рушди иқтисоди кишварҳои Амрикои Лотинӣ ба вазъи бозори ҷаҳонӣ вобаста аст? Фикратонро асоснок намоед.*

**Гузариш ба демократикунонӣ дар солҳои 80-ум.** Сиёсати режимҳои низомӣ ва оқибатҳои манфии навсозӣ муборизаҳои ҷамъиятиро шиддат бахшид. Вуҷуд надоштани озодиҳои демократӣ ва беҳуқуқии инсон мавҷи норозигиҳоро зиёд кард. Дар кишварҳои

минтақа корпартоиҳо афзоиш ёфта, мубориза барои ҳуқуқҳои демократӣ авҷ гирифт. Ба ин мубориза табақаи миёна, соҳибкорони хурду миёна ҳамроҳ шуданд. Синфҳои ҳукмрон мавқеи худро мустаҳкам намуда, ба режимҳои ҷазодиҳанда ниёз надоштанд.

Сохтори иҷтимоии ҷомеаи Амрикои Лотинӣ тағйир ёфт. Он шаҳрӣ ва саноатӣ шуд. Сатҳи фаҳмиши аҳолӣ боло рафт ва дар минтақа раванди демократикунонӣ оғоз ёфт. Соли 1983 пас аз шикаст дар муноқиша бо Англия барои ҷазираҳои Фолкленд дар Аргентина низоми демократӣ барқарор гардид. Соли 1985 дар Бразилия ва Уругвай, соли 1989 дар Парагвай низомҳои демократӣ барқарор шуданд.

Соли 1978 дар Никарагуа, ки режими бародарон Самоса ҳукмронӣ дошт, аз ҳисоби ҳизбу созмонҳои гуногун, ки зидди фишори ширкатҳои хориҷӣ буданд, оппозитсия ташкил шуд. Солҳои 1978–1979 кишварро ҳаракати партизанӣ фаро гирифт, ки ба он Ҷабҳаи миллии озодибахши Сандино роҳбарӣ мекард. Соли 1979 сандиночиён диктатураи Самосаро сарнагун карда, ҳокимиятро ба даст гирифтанд. Ҳукумати нав эълон кард, ки мехоҳад дар асоси се усул: гуногунандешии сиёсӣ, иқтисодиёти омехта ва сиёсати ҳамроҳнашавӣ ба паймонҳо* ҷомеаи одилона бунёд кунад. Тамоми сарвати Самоса моликияти давлатӣ эълон шуда, бонкҳои хусусӣ, саноати кӯҳӣ, тиҷорати хориҷӣ қисман миллӣ кунонида шуданд.

4-уми ноябри соли 1984 дар Никарагуа дар асоси бисёрҳизбӣ интихобот доир гардид, ки дар он Даниэл Ортега пирӯз шуд.

Бо кӯшиши Д. Ортега моҳи июни соли 1988 миёни тамоми неруҳои асосии сиёсии кишвар доир ба манъи муборизаи мусаллаҳона созишнома ба имзо расид.

Дар интихоботи президентии моҳи феврали соли 1990 намояндаи оппозитсионии гурӯҳҳои ростгаро Виолетта Чаморро ғолиб шуд. В. Чаморро тавонист, ки дар кишвар оромиро нигоҳ дорад. Дар интихоботи соли 1996 низ неруҳои ростгаро ба пирӯзӣ расиданд. Дар интихоботи президентӣ моҳи ноябри соли 2006 намояндаи қувваҳои чап Д. Ортега ғолиб омад. Ҳукумати чап

* Сиёсати ҳамроҳнашавӣ ба паймонҳо — сиёсати давлатҳои ҷаҳони севвум аз охири солҳои 60-уми асри XX, ки мақсади он ба таври қатъӣ худдорӣ кардан аз иштирок дар паймонҳои сиёсӣ ва низомии мавҷуда буд.



Генерал Пиночет.

*Дар либоси низомии Пиночет ва зердастонаш кадом фарқро аз либосҳои низомии имрӯзаи артиши Тоҷикистон мебинед?*

дар сиёсати худ ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва васеъ намудани озодиҳои демократӣ аҳаммият медиҳад.

Соли 1980 хунтаи ҳарбии Чили конститутсияи нав қабул кард. Генерал Пиночет президенти кишвар шуд.

Хунта ваъда дод, ки дар тӯли ҳафт сол доир ба сохти ҳокимияти сиёсӣ дар Чили раъйпурсӣ мегузаронад. 5-уми октябри соли 1988 референдум доир гардид, ки дар он 56% ширкаткунандагон бар зидди диктатура овоз доданд.

Моҳи декабри соли 1989 бо ширкати ҳамаи ҳизбҳои оппозитсионӣ (ғайр аз марксистӣ) интихобот доир гардид. Намояндаи Ҳизби демократҳои христианӣ Патрисио Эйлвин пирӯз шуд. Соли 1993 намояндаи Эътилоф барои демократия Эдуардо Фрей президенти кишвар интихоб шуд.

Аммо диктатураи генералҳо ба таври амалӣ бо сарварии Пиночет то соли 1997 нигоҳ дошта шуд. Онҳо худро кафолати конститутсия номида, Шӯрои амнияти миллӣ таъсис намуданд, ки он ба ҳокимияти сиёсии кишвар назорат мекард. Дар тӯли ин солҳо Пиночет сарфармондеҳи артиш буд. Пас аз он ки вай сенатори якумрӣ таъйин шуда, соҳиби ҳуқуқи дахлнопазирӣ гардид, соли 1997 аз мансабаш истеъфо дод. Соли 1998, ҳангоме ки Пиночет барои табобат ба Англия рафт, бо талаби додситони Испания бо гуноҳи қатли испаниҳо ҳангоми ҳукмрониаш ба ҳабс гирифта шуд. Вай муддати 16 моҳ дар ҳабси хонагӣ буд. Танҳо 3-юми марти соли 2000 бо сабабҳои пирӣ ва беморӣ ба вай иҷозати бозгашт ба Чили дода шуд.

Моҳи марти соли 2000 дар интихоботи президентӣ ҳамсафи С. Аленде – Риккардо Лагос Эскобар ғалаба ба даст овард. Дар ду даҳсолаи охир намояндаи Ҳизби сотсиалистӣ («Иттиҳод барои Чили») Мител Бачелет ду маротиба дар интихобот пирӯз гардид. Ҳукумати сотсиалистҳо диққати асосиро ба масъалаҳои

иҷтимоӣ — боло бурдани музди меҳнат ва беҳтар кардани низоми таъминоти иҷтимоӣ равона менамояд.

Дар Венесуэла, ки яке аз бузургтарин кишварҳои истихроҷкунандаи нафт мебошад, ибтидои солҳои 90-ум беқурбшавии пул ба авҷи аълои худ расид. Сатҳи зиндагии омма якбора паст шуд. Дар айни ҳол даромади ширкатҳои нафтӣ афзоиш ёфта, ришвахӯрӣ зиёд шуд.

Дар чунин шароит созмони махфии афсарони ҷавони кишвар бо номи Ҷунбиши инқилобии боливарӣ 200 ташаккул ёфт. Роҳбари он Уго Чавес буд. Онҳо соли 1997 бо номи Ҷунбиши Ҷумҳурии Панҷум ҳизби сиёсӣ таъсис намуданд. Дар интихоботи парлумонии соли 1998 ва президентии соли 1999 ин ҳизб пирӯз шуд ва Уго Чавес президенти Венесуэла гардид. 1-уми январи соли 2000 кишвар номи Ҷумҳурии Боливарии Венесуэларо гирифт. Дар сиёсати дохилии Уго Чавес аз байн бурдани қашшоқӣ ва ришвахӯрӣ дар мадди аввал меистод. Дар сиёсати байналмилалӣ вай тарафдори конфедератсияи давлатҳои Америкои Лотинӣ буд. Аз моҳи марти соли 2013 роҳбари кишвар Николас Мадую буд, ки дар интихоботи моҳи апрели 2014 ба вазифаи Президенти Венесуэла интихоб гардид.

Тарзи харобкорона ва зӯроваронаи муборизаи сиёсӣ, ки барои таърихи Америкои Лотинӣ характернок буд, ба муборизаи сиёсии конститутсионӣ ва демократӣ мубаддал гашт. Дар охири асри XX Америкои Лотинӣ бе диктатура ва инқилобҳо рӯ ба тараққӣ ниҳод.

Яке аз проблемаҳои ҷиддии рушди Америкои Лотинӣ қарзҳои хориҷӣ мебошад. Навсозии иқтисодиёти миллӣ, наздик овардани он ба раванди умумиҷаҳонӣ гардидани истеҳсолот, ҷорӣ намудани охирин дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ маблағи зиёдро талаб мекард. Америкои Лотинӣ чунин маблағи бузургро дар ихтиёр надошт. Лозим буд, ки аз сармоя ва қарзҳои хориҷӣ ба таври васеъ истифода шавад. Аз ҳама бештар ИМА, Ҷопон, Олмон дар ин минтақа сармоя гузоштанд.

Дар натиҷа дар соҳаи истеҳсолот дигаргуниҳои куллии мусбат ба амал омад. Аз ҷумла, дар охири солҳои 80-ум Бразилия ва Мексика аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти миллӣ дар қатори даҳ кишвари пешрафтаи ҷаҳон қарор гирифтанд. Аммо дар баробари ин қарзҳои хориҷии кишварҳои минтақа бениҳоят афзуд. Он дар миёнаи солҳои 80-ум 400 миллиард доллар ва дар миёнаҳои солҳои 90-ум 500




Намоиши тарафдорони У. Чавес.

*Ба фикри шумо, намоишгарон бар зидди дахолати кадом кишварҳо ва ширкатҳо эътироз мекунанд?*

миллиард долларро ташкил медод. Ҳатто кишварҳои пешрафтаи ин минтақа чун Бразилия, Мексика, Аргентина низ қарзҳои зиёд доштанд. Барои пардохти қарзҳои хориҷӣ маблағи ҷудошуда аз ҳисоби даромади арзи содиротӣ ва ҷамъоварии андоз аз аҳолӣ кофӣ набуд. Пас лозим меомад, ки барои пардохти қарзҳои кӯҳна кишварҳои ин минтақа аз хориҷа қарзҳои нав гиранд. Мушкилоти молиявӣ ва буҳрони солҳои 1981–1983 монеи рушди иқтисодиёти Амрикои Лотинӣ гардиданд.

Дигар аз проблемаҳои муҳимми Амрикои Лотинӣ истеҳсоли ғайриқонунии маводди нашъадор ва фаъолияти гурӯҳҳои мафиозии вобаста ба гардиши он мебошад. Ҷинояткории муташаккил байналмилалӣ гашта, дар радифи гурӯҳҳои пурқуввати ҷинояткори итолиёӣ, русӣ, ҷопонӣ ва колумбиягӣ ҷой доштанд. Дар ҷангалзорҳои соҳили Амазонка ва ноҳияҳои кӯҳистонии чашмнораси Анд рустании кока парвариш меёбад, ки аз он чакидаи кокаин тайёр мекунанд. Дар озмоишгоҳҳои коркарди маводди нашъадор садҳо ҳазор заҳматкаши колумбиягӣ, перугӣ ва боливиягӣ кор мекунанд. Корчалонҳои маводди нашъадори Колумбия маҳсулоти худро асосан ба Аврупо ва ИМА мефурӯшанд.

Дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ терроризм низ хеле паҳн гаштааст. Ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ва терроризм дар ин минтақа муборизаи шадид бурда мешавад, аммо то ҳол натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомадааст.




Дастгир гардидани сардори гурӯҳи нашъаҷаллоб дар Мексика (с. 2014).

*Барои чӣ ҳукуматдорони Мексика ин ҷинояткорро ба ИМА интиқол доданд? Фикратонро асоснок кунед.*

**Дар бораи паҳн гардидани маводди нашъадор дар Амрикои Лотинӣ.** «Бемории хавфноки ҷомеаи Амрикои Лотинӣ паҳн гардидани тавлиди пинҳонии маводди нашъадор дар ноҳияҳои кӯҳии Анд, дар ҷангалҳои ҳавзаи Амазонка ва дар бархе аз ҷойҳои дигар мебошад. Пеш аз ҳама тавлиди кокаин ва марихуана барои фурӯш ба ИМА. Ба соҳаи тиҷорати маводди нашъадор аксари аҳолии шаҳрҳо ва деҳот ҷалб гардидаанд. Майдонҳои кишти кока, ки маҳсулоти хоми кокаин мебошад, ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Перу 350 ҳазор гектар, дар Боливия 60–70 ҳазор гектарро ташкил медоданд. Дар ин майдонҳо садҳо ҳазор деҳқонон кор мекарданд. Роҳбарони гурӯҳҳои фурӯши кокаин дар дасти худ сарватҳои беандозаро нигоҳ дошта, аз ҳавопаймоҳо, компютерҳо ва ҳатто алоқаи кайҳонӣ истифода мекарданд. Ҳаҷми муомилоти моли онҳо аз имконоти иқтисодии кишварҳои Боливия, Колумбия ва ғайра бештар буд. Соли 1992 дар Амрикои Лотинӣ 1200 тонна кокаин ба маблағи 130 миллиард доллар истеҳсол шуда буд…»
*Строганов А. И. Новейшая история стран Латинской Америки. – М., 1995, С. 362.*

1. *Кадом сабабҳои истеҳсоли оммавии маводди нашъадор дар Амрикои Лотиниро шумо номбар карда метавонед?*
2. *Оқибатҳои фаъолияти мафияи* маводди нашъадор кадомҳоянд?*

***Афзоиши қарзҳои хориҷии баъзе аз кишварҳои Амрикои Лотинӣ (млрд доллари ИМА)***

| *Кишварҳо* | *1977* | *1982* | *1987* | *2011* | *2021* |
|---|---|---|---|---|---|
| Аргентина | 8,1 | 32,4 | 53,9 | 132,5 | 269,7 |
| Бразилия | 28,3 | 68,7 | 109,4 | 396,2 | 636,0 |
| Чили | 4,9 | 8,5 | 18,7 | 96,5 | 213,0 |
| Мексика | 26,6 | 78,0 | 93,7 | 279,8 | 460,0 |
| Венесуэла | 9,8 | 27,0 | 29,0 | 61,4 | 529,0 |

*Маълумоти соли 2011-ро бо соли 2021 муқоиса кунед.*
*Торафт зиёд шудани қарзи ин давлатҳо чӣ оқибат дорад?*

?!
1. Сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти кишварҳои Амрикои Лотинӣ дар нимаи дувуми асри XX чӣ нақш дошт?
2. Пас аз инқилоби соли 1979 дар Никарагуа чӣ дигаргуниҳо рух дод?
3. Чаро диктатураи Пиночет дар Чили шикаст хӯрд?
4. Кадом проблемаҳои имрӯзаи Амрикои Лотинӣ дар Тоҷикистон низ вуҷуд доранд?

* Мафия (итал.) – шакли ҷинояткории мутташакил, бо роҳу воситаҳои гуногун тарсонидани табақаҳои гуногуни аҳолӣ.

# Боби IV. ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

## § 23. СИЁСАТИ БОЗСОЗӢ ДАР ИҶШС ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

?!
1. Вазъияти дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 70–80-уми асри гузашта чӣ гуна буд?
2. Зарурияти ба амал баровардани бозсозӣ* аз чӣ иборат буд?
3. Роҳҳои асосии гузаронидани бозсозӣ кадомҳоанд?

Дар нимаи дувуми солҳои 70-уми асри гузашта дар Иттиҳоди Шӯравӣ диққати асосӣ барои иҷрои нишондодҳои плани панҷсолаи даҳуми тараққиёти хоҷагии халқ (1976–1980) равона гардида буд. Ин панҷсола «Панҷсолаи сифат ва самаранокӣ» ном гирифта буд. Саноати барқ, кимиё, электроника, истеҳсоли нафту газ ва неруи ҳастаӣ бо суръати баланд тараққӣ меёфтанд. Ба тараққиёти саноати мудофиавӣ таваҷҷуҳи хос дода мешуд. Истеҳсоли техникаи ҳарбӣ дар корхонаҳои мошинсозӣ 60%-и ҳаҷми умумии маҳсулотро ташкил медод. Дар давраи панҷсолаи даҳум аввалин маротиба кӯшиш карда шуд, ки саноат бо роҳи тараққиёти босуръат пеш равад. Вале нишондодҳои муайяншудаи ба истеҳсолот ворид намудани техникаи нав ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат амалӣ нагардиданд. Илова бар ин, тамоюли қафомонии тамоми соҳаҳои саноат ба назар мерасид.

Тараққиёти саноати ИҶШС дар солҳои 70-ум ва 80-ум аз рӯйи нақшаи ягонаи тараққиёти хоҷагии халқ ба роҳ монда шуда буд. Асоси онро тобеияти иқтисодии ҳамаи ҷумҳуриҳо ба хоҷагии халқи ягона ва роҳбарӣ аз як марказ ташкил медод. Бо ин мақсад барномаи васеи ташкил додани комплексҳои минтақавии истеҳсолӣ дар саросари мамлакат амалӣ мегардид. Аз ҷумла чунин комплексҳо дар Сибир (Красноярск–Ачинск), дар Қазоқистон (Ҷамбул–Чимкент), дар Тоҷикистон (Тоҷикистони ҷанубӣ) барпо карда шуданд.

---

* Бозсозӣ – сиёсати роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ бо сарварии М. С. Горбачёв, ки дар солҳои 1985–1991 ба амал бароварда шуда буд. Самтҳои асосии ин сиёсат тафаккури нави сиёсӣ, ошкорбаёнӣ, гуногунандешӣ ва ба амал баровардани ислоҳоти куллӣ дар ҷомеа буд.



Блоки чоруми неругоҳи барқии ҳастаии Чернобил баъд аз рӯй додани садама.

*1. Дар бораи неруи ҳастаӣ чиро медонед?*
*2. Оё инсоният бе ин неру зиндагӣ карда метавонад?*

Сохтмони роҳи оҳани БАМ — Шоҳроҳи Байкалу Амур идома меёфт, ки минтақаҳои дастнораси Сибири Шарқӣ ва Шарқи Дурро ба ҳам мепайваст.

Сиёсати муттаҳид намудани иқтисодиёти ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз рӯйи дастурҳои марказ роҳбарӣ намудани хоҷагии ҷумҳуриҳо нобаробарии тараққиётро ба вуҷуд овард. Яке аз натиҷаҳои чунин сиёсат баланд гардидани норозигии аҳли ҷамъият ва ба вуҷуд омадани андешаҳои мухолиф дар дохили ҷумҳуриҳои шӯравӣ буд. Дар Латвия, Литва ва Эстония дар заминаи зиддиятҳои иқтисодӣ майли ҷудоихоҳӣ ва баромадани онҳо аз ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад.

Яке аз нишонаҳои вазъияти душвори иқтисодӣ ва бесарусомонӣ рӯй додани садама дар неругоҳи барқии ҳастаии Чернобил, воқеъ дар вилояти Чернигови Ҷумҳурии Украина 26-уми апрели соли 1986 ба шумор мерафт. Ин садама бузургтарин фоҷиа дар таърихи кашфи неруи ҳастаӣ ва бо мақсади осоишта истифода бурдани он мебошад.

Дар натиҷаи ин таркиш ба иқтисодиёт, муҳити зист ва хоҷагии халқи ҷумҳуриҳои Украина, Беларус ва Федератсияи Россия зарари калон расид. Мувофиқи маълумотҳо, зарари моддии садама бештар аз 8 млрд рублро ташкил дод. Илова бар ин, одамони зиёд қурбон гардида, садҳо ҳазор оила маҷбур гардиданд маҳалли зисти худро тарк намоянд. Минтақаи бузурги дучори офати ҳастаишуда (дар ҳудуди 30 км атрофи неругоҳи Чернобил) барои зиндагӣ ва хоҷагидорӣ корношоям гардид.

Пинҳон кардани маълумоти воқеӣ дар бораи таркиш, беэътиноӣ нисбат ба тақдири миллионҳо одам, аҳаммият надодан ба чораҳои зарурӣ барои кам кардани зарари офат обрӯй ва эътибори роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравиро дар арсаи ҷаҳон паст кард.

Кӯшишҳои ба амал баровардани ислоҳоти куллӣ дар хоҷагии қишлоқи кишвар натиҷаҳои дилхоҳ надоданд. Аз ҷумла, ба таври доимӣ баланд бардоштани нархи хариди маҳсулот — гандум, картошка, шир ва ғайра, ташкил додани воҳиди нави идораи ин соҳа — Комитети давлатии аграрию саноатӣ вазъиятро беҳтар накарданд. Ба таври мисол, агар солҳои 1971–75 маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 13% ҳаҷми умумии маҳсулоти ҷамъиятиро ташкил дода бошад, солҳои 1981–85 ин нишондод фақат 6%-ро ташкил дода буд.

Бо мақсади беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ҳукумат соли 1982 «Барномаи озуқа»-ро қабул намуд. Барнома тараққӣ додани тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва саноати коркарди маҳсулоти онро дар назар дошта буд. Бинобар бад шудани шароитҳои иқтисодӣ ин барнома иҷро нагардид.

Вазъияти душвори баамаломадаро ба назар гирифта, роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати навсозии асосҳои иқтисодӣ, сохтори сиёсӣ ва ҳаёти маънавии ҷомеаро дарк намуд. Сиёсати дигаргунсозиҳои куллӣ, тараққиёти истеҳсолот ва усулҳои роҳбарии иқтисодиёт, ба амал баровардани ислоҳоти ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии Иттиҳоди Шӯравӣ номи «бозсозӣ»-ро гирифт.

Сиёсати «бозсозӣ» аз Пленуми Комитети марказии ҲКИШ, ки моҳи апрели соли 1985 баргузор гардид, оғоз шуд. Дар ин давра дар Иттиҳоди Шӯравӣ М. С. Горбачёв ба сари ҳокимият омада буд ва сиёсати «бозсозӣ» асосан маҳсули фаъолияти сиёсии вай ба шумор мерафт. Дар Пленум дар бораи зарурати дигаргунсозии сифатии ҷомеа, чораҳои таъхирнопазири гузаронидани ислоҳот

дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва роҳҳои ба амал баровардани онҳо сухан рафт.

**Академик А. Д. Сахаров дар бораи ногузир будани бозсозӣ.** Ҷомеаи мо…бемори вазнин будааст. Нишонаҳои беморӣ, ки марҳалаи ниҳоии он «давраи карахтӣ» ном гирифтааст, ба ҳама маълум аст. Дар мадди аввал ин вуҷуд надоштани плюрализм* (гуногунандешӣ) дар сохтори ҳокимият, дар иқтисодиёт (ба истиснои НЭП**), дар ҳаёти идеологӣ мебошад. Ба ин бюрократизми*** ҳамаи ҳаёти кишвар зич алоқаманд аст.



*А. Д. Сахаров баъд аз баргаштан ба ш. Москва*

Тарафи дигари даврони ҳокимияти бюрократия … фасоди ахлоқии ҷамъият мебошад. Одамони борҳо бо суханони зебо фиребдодашуда дигар ба онҳо бовар намекунанд, ҷамъиятро бетафовутии умумӣ фаро мегирад. Чунин вазъияти фишоровари рӯҳӣ махсусан ба ҷавонон таъсири бад расонида, онҳоро ахлоқан вайрон мекунад. Симои иҷтимоии давра нопурра мебуд, агар дар бораи инкишофи бемислу монанди шаклҳои гуногуни фасод (коррупсия****) сухан нагӯем. Гурӯҳҳои пурра мафиозӣ ба вуҷуд меоянд, ки бо дастгоҳи давлатӣ ва ҳизбии маҳаллӣ мепечанд…

Чунин аст аҳволи умумии бумбаст ва карахтӣ, ки то миёнаи солҳои 80-ум фаро расида буд…

*Аз китоби «Иного не дано». – М.,1988. С. 122–129*

1. *Плюрализм (гуногунандешӣ) дар ҳаёти ҷамъият ва давлат чӣ гуна нақш дорад?*
2. *Чаро ҷомеаи шӯравӣ гирифтори чунин «беморӣ» гашт? Нуқтаи назари худро иброз намоед.*

---

* Плюрализм (лот.) – бисёр зиёд, вуҷуд доштани афкору ақидаҳои гуногун дар ҷомеа, гуногунандешӣ.

** НЭП (новая экономическая политика) – сиёсати нави иқтисодӣ, ки дар солҳои аввали Ҳокимияти шӯравӣ ба амал бароварда шуд.

*** Бюрократизм – низоми идораи ҷамъият аз тарафи дастгоҳи хос, ки аз мардум алоқаи худро кандааст. Нишонаҳои он – фармонфармоӣ, худсарии маъмурӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа, ба назар нагирифтани хостаҳои аҳолӣ.

**** Коррупсия (лот.) – бо пора ба худ тобеъ кардан, бо пулу ришва ба манфиати касе тобеъ кардани ходимони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, мансабдорони давлатӣ.



Ангиштканони вилояти Кемерово роҳи оҳанро бастанд.

*1. Чаро коргарон ба корпартоӣ даст заданд?*
*2. Аз ин амал онҳо фоида мегиранд? Шумо чӣ ақида доред?*

Роҳи асосии ба амал баровардани дигаргунсозиҳо бояд вусъат додани суръати тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ мегардид. Бештар дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника, ғайримарказикунонии роҳбарии хоҷагии халқ, васеъ намудани ҳуқуқҳои муассисаҳо, ҷорӣ намудани ҳисоби хоҷагӣ, мустаҳкам намудани тартибот ва интизом дар истеҳсолот муваффақияти сиёсати нави иқтисодиро таъмин карда метавонист. Диққати асосӣ ба соҳаҳои саноати мошинсозӣ дода шуда буд. Бо тараққӣ додани ин соҳаҳо азнавсозии техникии тамоми хоҷагии халқ бояд ба амал баровarда шуда, бо ин роҳ масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, аз ҷумла сохтмони манзил ва таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ҳалли худро меёфтанд.

Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ аз амалӣ гардонидани сиёсати ошкорбаёнӣ оғоз гардиданд. Назорати ҳатмӣ аз болои нашриёт (сензура) бекор карда шуда, барои нашри рӯзномаҳои нав иҷозат дода шуд. Ин дар навбати худ ба баланд гардидани фаъолияти ҷамъиятии одамон мусоидат намуд. Дар кишвар созмонҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои нави сиёсӣ таъсис дода шуданд, ки аз сиёсати бозсозӣ пуштибонӣ менамуданд.

Самти дигари ба амал баровардани бозсозӣ демократикунонии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва ислоҳоти сохтори сиёсии ҷомеа буд. Моҳияти ислоҳоти сиёсӣ аз мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯроҳо иборат буд.

Мақоми нави ҳокимият — Анҷумани вакилони мардумии ИҶШС таъсис дода шуд. Аз ҷумлаи вакилони Анҷуман Шӯрои Олӣ интихоб гардида, ба мақоми доимоамалкунанда табдил дода шуд.

Қисми таркибии ислоҳоти сохтори сиёсӣ ва демократикунонии ҷомеа таъсис додани мақоми Президенти ИҶШС буд. Михаил

Сергеевич Горбачёв моҳи марти соли 1990 дар Анҷумани III вакилони мардумӣ аввалин Президенти ИҶШС интихоб гардид.

Моҳи марти соли 1990 моддаи 6 Қонуни асосии ИҶШС дар бораи нақши роҳбарикунандаи Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷомеаи шуравӣ бекор карда шуд.




Варақаи таблиғотии давраи бозсозӣ (1988)

*Мақсад аз паҳн кардани чунин варақаҳо аз чӣ иборат буд?*

Самти муҳимми бозсозӣ татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ба шумор мерафт. Мақсади он гузаштан аз усулҳои маъмурии идоракунии хоҷагии халқ ба усулҳои иқтисодӣ буд. Вале ислоҳот аз уҳдаи пурра аз байн бурдани усулҳои маъмурӣ ва фармонфармоӣ набаромад. Давлат қонунҳои навро бо мақсади такмил додани роҳбарии иқтисодиёт қабул менамуд. Як қатор вазоратҳо аз байн бурда шуда, мустақилияти иқтисодии муассисаҳо ва корхонаҳо мустаҳкам мегардид.

Ба ин нигоҳ накарда нақшаҳои давлатии тараққиёти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ иҷро намегардиданд. Нарасидани озуқаворӣ ва молҳои талаботи омма бештар эҳсос мегардид. Касри буҷети давлат босуръат зиёд мешуд. Яке аз сабабҳои он паст гардидани арзиши нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва кам шудани маблағҳои пулии ба буҷет воридшаванда буд.

Барои баромадан аз вазъияти буҳронӣ роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ роҳи инкишофи муносибатҳои тиҷоратиро пеш гирифт. Бо ин мақсад фаъолияти соҳибкории шахсӣ ва ташкили кооперативҳо иҷозат дода шуд. Соли 1987 «Қонун дар бораи муассисаҳои давлатӣ» қабул гардид. Мувофиқи ин қонун корхонаҳо ва муассисаҳо ҳуқуқ доштанд маҳсулоти аз нақшаи давлатӣ зиёд истеҳсолшударо бо ихтиёри худ ба фурӯш бароранд. Ислоҳоти фаъолияти бонкӣ ба ташкил ёфтани бонкҳои хусусӣ ва тиҷоратӣ мусоидат намуд, маблағгузориҳои хориҷӣ ва ташкили муассисаҳои муштарак бо ширкатҳои хориҷӣ ривоҷ ёфт.

Дар ҳаёти хоҷагии қишлоқ ва ташкили истеҳсолоти он тағйиротҳо ба амал омаданд. Хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ ва хусусӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Ба ҳамаи ин кӯшишҳо нигоҳ накардаислоҳоти иқтисодӣ вазъияти хоҷагии халқро беҳтар накард. Тамоюлҳои буҳронӣ суръат гирифта, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирифтанд.

**Аз изҳороти вакилони халқии ИҶШС — аъзои гурӯҳи байниминтақавии вакилон.** Дар натиҷаи даст кашидани роҳбарияти олии ҲКИШ аз сиёсати тоталитарӣ, гузаштан ба сиёсати ислоҳотҳои усулӣ... вазъияти нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад. Вай аз умедҳо ва имкониятҳои аз байн бурдани беҳуқуқии шахсӣ, бенавоӣ, поймол шудани орзуву ҳавас ва манфиатҳои миллӣ пур мебошад.

Марҳалаи аввали бозсозӣ (аз апрели соли 1985 то баромади М. С. Горбачёв дар Пленуми КМ ҲКИШ январи соли 1987) фақат сиёсати нави нарм буд; марҳалаи дувум, аз соли 1987 — оғози ошкорбаёнӣ ва даст кашидан аз сиёсати берунии «азаматталабона» гардид; марҳалаи сеюм, аз соли 1988, ки аз нигоҳи сиёсӣ моҳи март–июни соли 1989 хотима ёфт, сабабгори ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои ҷамъиятии мустақил ва ғайридавлатӣ гардид. Ҳамин тариқ, унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ* реша паҳн намуданд ва раванди бебозгашти аз байн бурдани давлати муттамаркази бюрократӣ оғоз ёфт.

Ба ҳаёти фаъоли ҷамъиятӣ даҳҳо миллион шаҳрванд баргаштанд, ки акнун онҳоро ба ҳолати пештара, ба қафо баргардонидан ғайриимкон аст.

*Аз маҷаллаи «Век XX и мир».– 1990. № 2. – С. 43.*

1. *Чаро оғози бозсозиро ба моҳи апрели соли 1985 нисбат медиҳанд?*
2. *Хусусияти хосси марҳалаҳои асосии бозсозӣ аз чӣ иборат аст? Аз рӯйи санад инро муайян кунед.*
3. *Ташаккул ёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ бо раванди бозсозӣ чӣ алоқа дорад?*

?!

1. Сабабҳои асосии бад гардидани вазъияти дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ кадомҳоянд?
2. Академик А. Сахаров ба вазъияти дохилии кишвар чӣ гуна баҳо дода буд? Фикри шахсиатонро ифроз намоед.
3. Самтҳои асосии ба амал баровардани сиёсати бозсозӣ аз чӣ иборат буд?
4. Чаро «бозсозӣ» нокомӣ ба бор овард?

* Ҷомеаи шаҳрвандӣ – маҷмуи созмонҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатии ба таври ихтиёрӣ ташаккулёфта, ки дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа фаъолият менамоянд, маҷмуи муносибатҳои ғайридавлатӣ ва соҳаи ошкор гардидани қобилиятҳои ашхоси озод, созмонҳо ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон.

# § 24. БАРҲАМ ХӮРДАНИ ИҶШС ВА ТАШКИЛ ЁФТАНИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

?!

1. Вазъияти дохилии ИҶШС дар солҳои 80-ум чӣ гуна буд?
2. Ҷумҳуриҳои шӯравӣ бо кадом роҳ истиқлолият ба даст оварданд?
3. Воқеаҳои моҳи августи соли 1991 ба тақдири Давлати Шӯравӣ чӣ гуна таъсир бахшиданд?
4. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил чӣ гуна ташкил ёфт?

Дар миёнаҳои солҳои 80-ум дар ҳайати ИҶШС 15 ҷумҳурии иттифоқӣ шомил буданд: Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Латвия, Литва, Молдавия, Тоҷикистон, Туркманистон, Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Украина ва Эстония. Дар ҳудуди Давлатии Шӯравӣ бештар аз 270 млн нафар одам – намояндагони зиёда аз 150 миллату халқиятҳо зиндагӣ менамуnанд.

Дар давраҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ чунин ақида вуҷуд дошт, ки масъалаи миллӣ пурра ҳал карда шудааст. Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз рӯйи нишондодҳои тараққиёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар як сатҳ қарор доштанд. Дар баробари ин, ҳалли яктарафаи масъалаи миллӣ зиддиятҳои зиёдро дар муносибати байни миллату халқиятҳо ба вуҷуд оварда буд. Дар шароити бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ин зиддиятҳо ба низоъҳои шадид табдил ёфтанд. Дар Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Тоҷикистон вазъият номуътадил гардида, задухӯрдҳо ба амал омаданд. Бuҳрони иқтисодӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро дар бар гирифта, шиддати низоъҳои байни миллатҳоро вусъат мебахшид.

Ба вуҷуд омадани норозигӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бештар натиҷаи зоҳир накардани таваҷҷуҳи марказ ба талаботи онҳо, фишори марказ дар ҳалли масъалаҳои моҳияти маҳаллидошта буд. Неруҳои мухолиф дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз тарафи чабҳаҳои мардумӣ, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои нав («Рух» дар Украина, «Саюдис» дар Литва, «Растохез» дар Тоҷикистон, «Бирлик» дар Ӯзбекистон ва ғайра) муттаҳид гардида буданд. Маҳз ҳамин ҳаракатҳо инъикоскунандаи ғояҳои мустақилияти давлатӣ, бароmадан аз ҳайати ИҶШС гардиданд. Роҳбарияти ИҶШС омода набудани худро ба ҳалли масъалаҳои бавуҷудомада дар натиҷаи низоъҳои байни

миллатҳо ва халқиятҳо ва боло рафтани ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ дар ҷумҳуриҳо нишон дод.

Моҳи декабри соли 1986 аввалин маротиба дар Иттиҳоди Шӯравӣ гирдиҳамойӣ ва намоишҳои оммавӣ дар шаҳри Алмаатои Казоқистон ба амал омадад, ки сабаби сар задани онҳо ба вазифаи котиби якуми Ҳизби коммунисти Қазоқистон интихоб гардидани шахси бегона, берун аз ҷумҳурӣ буд. Эътирози оммаҳои васеи аҳолӣ дар ҷумҳуриҳои назди Балтика, Украина, Беларус аз ҷониби ҷабҳаҳои миллӣ роҳбарӣ мегардид. Талаби асосии онҳо нашр намудани санадҳо дар бораи шартномаи дар соли 1939 байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Олмони фашистӣ баимзорасида, муҳоҷир намудани аҳолӣ аз минтақаҳои назди Балтика, Украина ва Беларуси Ғарбӣ, дар бораи қурбоншудагони сиёсати Давлати Шӯравӣ буд.

Соли 1988 амалиёти ҷангӣ байни Озарбойҷон ва Арманистон барои дар ихтиёри худ нигоҳ доштани Кӯҳистони Қарабоғ оғоз гардид. Дар ин минтақа аксарияти аҳолиро арманиҳо ташкил дода, он ба ҳайати Озарбойҷон дохил мешуд. Низои байни ду давлати ҳамсоя ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст.

Дар вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон байни мардуми таҳҷоӣ ва туркҳои месхетии ба ин ҷо муҳоҷиршуда задухӯрд ба амал омад. Чунин задухӯрдҳо дар шаҳри Новий Узени Қазоқистон сар заданд. Натиҷаи авҷ гирифтани низоъҳои байни миллату халқиятҳо ба вуҷуд омадан ва афзоиш ёфтани сафи гурезаҳо буд. Моҳи апрели соли 1989 дар шаҳри Тифлис (Тбилиси)-и Гурҷистон дар давоми якчанд рӯз намоишҳои оммавӣ баргузор шуданд. Талаби асосии намоишгарон ба амал баровардани ислоҳотҳои демократӣ ва истиқлолияти давлатии Гурҷистон буд. Аҳолии Ҷумҳурии мухтори Абхазия талаби баромадан аз ҳайати Гурҷистон ва ташкил додани давлати мустақилро ба миён гузошт. Дар натиҷа шиддат гирифтани муносибатҳои байни Абхазия ва Гурҷистон ба задухӯрдҳои мусаллаҳона оварда расониданд. Ин низоъ то имрӯз идома дорад.

Аз охири солҳои 80-ум ҳаракатҳои миллии ҷумҳуриҳои назди Балтика барои баромадан аз ҳайати ИҶШС вусъат ёфтанд. Неруҳои мухолиф дар мадди аввал масъалаи эътироф намудани забонҳои миллиро ҳамчун забони давлатӣ, маҳдуд намудани муҳоҷиркунии аҳолӣ аз дигар ноҳияҳои мамлакат ва таъмини воқеии мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимиятро ба миён гузошта буданд. Дар

марҳалаи дуюми мубориза онҳо аз тобеияти роҳбарии марказ баровардан ва ба дасти сохторҳои иқтисодии ҷумҳурӣ додани роҳбарии хоҷагии халқ ва афзалияти амали қонунҳои ҷумҳуриро бар қонунҳои умумиттифоқӣ талаб менамуданд.

Тирамоҳи соли 1988 дар интихоботи мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият дар Эстония, Латвия ва Литва намояндагони ҷабҳаҳои мардумӣ ғалаба ба даст овrouted. Ин қувваҳо дар назди худ вазифаи ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ва ташкили давлатҳои мустақилро гузоштанд. Моҳи ноябри соли 1988 эъломия дар бораи истиқлолияти давлатӣ аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Эстония тасдиқ гардид. Чунин эъломияҳо дар Литва, Латвия, Озарбойҷон (1989) ва Ҷумҳурии Молдавия (1990) қабул карда шуданд. Баъд аз эълони истиқлолият дар ин ҷумҳуриҳо интихоботи президентӣ баргузор шуд. Ҳамин тариқ, ҷумҳуриҳои ба ҳайати ИҶШС дохилбуда қадам ба қадам ба сӯйи истиқлолияти сиёсӣ пеш мерафтанд.

12-уми июни соли 1990 Анҷумани I вакилони мардумии ҶШС Россия дар бораи истиқлолияти давлатӣ эъломия қабул намуд. Дар ин ҳуҷҷат афзалият доштани қонунҳои ҷумҳурӣ аз болои амали қонунҳои иттифоқӣ ба расмият дарварда шуд. Б. Н. Елсин аввалин Президенти Федератсияи Россия интихоб гардид.

Баъд аз қабул гардидани эъломия дар бораи истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ масъалаи тақдириояндаи Иттиҳоди Шӯравӣ аҳаммият пайдо намуд. Анҷумани IV вакилони мардумии ИҶШС моҳи декабри соли 1990 дар бораи зарурати нигоҳ доштани ИҶШС ва ба давлати демократии федеративӣ табдил додани он қарор қабул кард. Моҳи марти соли 1991 доир ба масъалаи нигоҳ доштани ИҶШС раъйпурсии умумихалқӣ гузаронида шуда буд ва 76,4%-и шаҳрвандони ИҶШС ба тарафдории нигоҳ доштани он овоз доданд.

Дар моҳҳои апрел–майи соли 1991 дар бустонсаройи Ново-Огарёво гуфтушуниди Президенти ИҶШС — М. С. Горбачёв бо роҳбарияти нуҳ ҷумҳурии иттифоқӣ оид ба масъалаи созишномаи нави иттифоқӣ баргузор гардид. Ҳамаи ширкаткунандагони музокирот ташкил намудани иттиҳоди нав ва ба имзо расониданни созишномаи навро дастгирӣ намуданд. Лоиҳаи созишномаи нав ташкил намудани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)-ро

ҳамчун федератсияи демократии ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол ва баробарҳуқуқи шӯравӣ, ба амал баровардани тағйирот дар сохтори мақомоти ҳокимият ва роҳбарии марказ, қабули Қонуни асосии нав ва дигар намудани системаи интихоботиро дар назар дошт. Маросими ба имзо расидани Созишнома бояд 20-уми августи соли 1991 баргузор мегардид.

Нашр ва муҳокимаи лоиҳаи созишномаи нави иттифоқӣ ҷудоии дар ҷомеа бавуҷудомадаро зиёд намуд. Тарафдорони М. С. Горбачёв қабули созишномаи навро ҳамчун имконияти паст гардидани шиддати вазъият ва аз байн бурдани хавфи сар задани ҷанги шаҳрвандӣ медонистанд. Роҳбарияти ҳаракати «Демокрактическая Россия» пешниҳод намуд, ки ба муҳлати як сол созишномаи муваққатӣ имзо карда шавад. Дар ин муддат бояд интихоботи Маҷлиси муассисон баргузор гардида, масъалаи сохтор ва тартиби ташаккул додани мақомоти умумииттифоқии ҳокимият дар ин маҷлис ҳал мегардид.

Як гурӯҳи олимони ҷомеашинос ба муқобили созишномаи нав баромад намуда, онро ҳамчун таслим шудани марказ дар муқобили талаботи неруҳои миллию ҷудоихоҳи ҷумҳуриҳо маънидод менамуданд.

Мухолифони лоиҳаи созишномаи нав ақида доштанд, ки пош хӯрдани ИҶШС сохтори ягонаи идоракунии хоҷагии халқи кишварро барҳам дода, сабабгори вусъат ёфтани буҳрони иқтисодӣ мегардад. Чанд рӯз қабл аз имзои созишнома, неруҳои мухолиф кӯшиши хотима бахшидани ислоҳот ва гирифтани пеши роҳи барҳам хӯрдани давлатро намуданд.

Шаби 19-уми августи соли 1991 Президенти ИҶШС аз ҳокимият маҳрум гардонида шуд. Як гурӯҳи ходимони давлатӣ изҳор намуданд, ки М. С. Горбачёв бо сабаби бад будани аҳволи саломатиаш наметавонад вазифаи Президенти ИҶШС-ро иҷро намояд. Дар мамлакат ба муҳлати 6 моҳ вазъияти фавқулода эълон гардида, гузаронидани намоиш ва корпартоиҳо манъ карда шуд. Комитети давлатии ҳолатҳои фавқулода (КДҲФ)-и ИҶШС ташкил дода шуд. Ба ҳайати он ноиби Президенти ИҶШС Г. И. Янаев, нахуствазир В. С. Павлов, раиси Комитети давлатии бехатарии ИҶШС В. А. Крючков, вазири мудофиа Д. Т. Язов ва дигар намояндагони сохторҳои давлатӣ дохил мешуданд. КДҲФ изҳор намуд, ки дар назди худ вазифаи аз байн бурдани буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ,



Л. М Кравчук,
С. С. Шушкевич
ва Б. Н. Елсин
(Беловежская Пуша, с. 1991)

*Ин ходимони сиёсӣ ба мавҷудияти кадом давлат хотима доданд?*

низои байни миллатҳо ва шиддати вазъияти ҷамъиятиро ба миён гузоштааст. Моҳияти ҳамаи ин изҳорот маънои барқарор кардани тартиботи давлатии то соли 1985 мавҷудбударо дошт.

Маркази ҳодисаҳои моҳи август шаҳри Москва буд. Ба шаҳр қувваҳои ҳарбӣ дохил карда шуданд. Табақаҳои васеи аҳолӣ, аз ҷумла аксари кормандони ҳизбӣ мавқеи КДҲФ-ро дастгирӣ накарданд.

Президенти Россия — Б. Н. Елсин шаҳрвандони кишварро даъват намуд, ки мақомоти қонунии ҳокимиятро дастгирӣ намоянд. Фаъолияти КДҲФ ҳамчун табаддулоти давлатӣ маънидод карда шуд. Дар бораи ба итоати Президенти Россия гузаштани мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ қарор қабул карда шуд.

22-юми август аъзои КДҲФ ба ҳабс гирифта шуданд. Б. Н. Елсин дар бораи манъ намудани фаъолияти Ҳизби коммунист дар қаламрави Ҷумҳурии Россия фармон баровард. 23-юми август ба ҳокимияти номаҳдуди ҲКИШ хотима бахшида шуд.

Ҳодисаҳои 19–22-юми августи соли 1991 барҳам хӯрдани ИҶШС-ро тезонданд. Охири моҳи август Украина дар бораи истиқлолияти сиёсӣ эъломия қабул намуд. Дар давоми як-ду моҳ бештари ҷумҳуриҳо дар бораи истиқлолияти сиёсии худ эълон намуданд.

Моҳи декабри соли 1991 дар минтақаи Беловежская Пуша (Беларус) маҷлиси машваратии сардорони давлатии се ҷумҳурӣ — Россия (Б. Н. Елсин), Украина (Л. М. Кравчук) ва Беларус (С. С. Шушкевич) баргузор гардид. 8-уми декабр онҳо дар бораи қатъ гардидани амали Шартнома дар бораи ташкил ёфтани ИҶШС аз соли 1922 ва дар бораи хотима ёфтани фаъолияти сохторҳои давлатии собиқ ИҶШС қарор қабул намуданд. Дар ҳамин маҷлис Созишнома

дар бораи ташкил додани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба имзо расид.

**Аз эъломияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)** дар ш. Алмаато, 21-уми декабри соли 1991. Давлатҳои соҳибистиқлол — Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, ҶШФСР (Ҷумҳурии Шӯравиии Федеративии Сотсиалистии Россия — муалл.), Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Узбакистон ва Украина бо мақсади барпо намудани давлатҳои ҳуқуқбунёди демократӣ…тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои якдигарро эҳтиром ва эътироф намуда… масъулияти томро барои ҳифз намудани сулҳи шаҳрвандӣ ва ризояти байни миллатҳо эҳсос намуда…

...ба мақсад ва усулҳои Шартнома дар бораи ташкил намудани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил садоқати худро изҳор карда, эълон менамоянд:

Ҳамкорӣ дар байни иштироккунандагони Иттиҳод дар асоси усули баробарӣ аз тариқи мувофиқ сохтани фаъолияти мақомот, ки дар асоси баробарҳуқуқӣ ташкил ёфта аз рӯйи низом фаъолият менамоянд, ки дар шартномаҳои байни иштироккунандагони Иттиҳод муайян карда мешаванд, амалӣ мегардад. Иттиҳод давлат ва иттифоқи давлатӣ намебошад…

Бо ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ фаъолияти худро қатъ менамояд.

*Аз рӯзномаи «Известия», 23-юми декабри соли 1991.*

1. *Бо ташкил ёфтани ИДМ чаро Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ бояд мавҷудияташро қатъ мекард?*
2. *ИДМ аз ИҶШС фарқ дорад?*

Сиёсати бозсозӣ, ки мақсади он ба амал баровардани дигаргунсозиҳои демократӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ буд, ба охир расид. Натиҷаи асосии он барҳам хӯрдани яке аз бузургтарин давлати гуногунмиллати дунё гардид. Собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба ҷумҳуриҳои президентӣ табдил ёфтанд. Дар байни роҳбарони давлатҳои соҳибистиқлол собиқ роҳбарони ҳизбӣ ва шӯравӣ зиёд буданд. Ҳар яке аз давлатҳои мустақил роҳи баромад аз буҳронро ҷустуҷӯ менамуд.

**Назари дипломат ва сиёсатшиноси амрикоӣ дар бораи муносибати Ғарб нисбат ба пароканда гардидани ИҶШС.** Замоне, ки сиёсати Горбачёв бештар инъикосгари бесарусомонӣ гардид, вазъияташ ноустувор гашт. Баъд аз панҷ моҳи ошӯби нокоми коммунистӣ вай дар натиҷаи ҳамин гуна усули «ғайриқонунӣ», ки панҷ моҳ пеш ғазаби Ғарбро ба вуҷуд оварда буд, маҷбур шуд ҷойи худро ба Елсин диҳад. Ин дафъа кишварҳои демократӣ зуд дар атрофи

Елсин муттаҳид гардида, барои сафед кардани дастгирии худ ҳамон далелҳоеро пеш меоварданд, ки каме пештар дар муносибат бо Горбачёв истифода мекарданд. Аз назари эътибори атрофиён, ки чанде пеш бо ӯ ифтихор мекарданд, дур гардида, Горбачёв акнун ба қатори ходимони давлатии шикастхӯрда ворид ва дучори марги сиёсӣ гардид. Вай ҳоло аз пушти мақсадҳое равон аст, ки иҷрои онҳо аз доираи имкониятҳои вай берун ҳастанд.

*Аз китоби Киссенджер Г. Дипломатия. – М., 1997. С. 716*

*Оё муаллиф ба фаъолияти Горбачёв баҳои дуруст додааст?*

?!

1. Сабабҳои сар задани низоъ байни миллату халқиятҳо дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС аз чӣ иборат аст?
2. Чаро рӯҳияи ҷудоихоҳӣ дар байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба вуҷуд омад?
3. Чаро созишномаи нав дар бораи азнавсозии Иттифоқ дастгирии ҳамаҷониба пайдо накард?
4. Ба ҳайати КДҲФ дохил шудани ходимони давлатии ба М. С. Горбачёв наздик чӣ маъно дошт?

*Оё имконияти нигоҳ доштани ИҶШС вуҷуд дошт? Шумо чӣ ақида доред?*

## § 25. ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ: ТАЛОШ БАҲРИ МАВҚЕИ САЗОВОР ДАР ҶАҲОН

?!

1. Баъд аз соли 1991 дар сохтори сиёсии Россия чӣ гуна тағйирот ба амал омад?
2. Ислоҳоти иқтисодӣ дар кадом самтҳои асосӣ амалӣ шуд?
3. Моҳияти сиёсати хориҷии Россия аз чӣ иборат буд?



Вакилони халқ бинои Шӯрои Олии Федератсияи Россияро тарк менамоянд.

*1. Вакилон дар кадом вазъият биноро тарк менамоянд?*
*2. Чаро онҳо дар даст парчами сафед доранд?*

Баъд аз пароканда гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ дар назди роҳбарияти нави Россия вазифаи идома додани раванди навсозии ҷомеа ва амалӣ намудани ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти

ҷамъиятӣ меистод. Дар қадами аввал бояд мамлакат аз бӯҳрони шадиди иқтисодию сиёсӣ бароварда шуда, асосҳои нави давлатдорӣ ташкил дода мешуданд.

21-уми апрели соли 1992 номи нави давлати Россия расман Федератсияи* Россия эълон карда шуд. Дар ибтидои соҳибистиқлол гардидани Федератсияи Россия муносибати байни Президент, Шӯрои Олӣ ва Анҷумани вакилони халқ шиддатнок гардида буд. Сабаби вусъат пайдо кардани рақобат байни ду шохаи ҳокимияти давлатӣ — ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия, муайян набудани салоҳияту ҳамбастагии фаъолияти онҳо буд.

Аксарияти вакилони мардумӣ ва Шӯрои Олӣ тарафдори барқарор намудани ИҶШС, роҳи пешинаи тараққиёти сиёсӣ ва маҳдуд кардани салоҳиятҳои Президент буданд. Моҳи апрели соли 1993 бо ташаббуси Анҷумани вакилони халқ дар саросари Россия раъйпурсӣ дар бораи боварӣ ба президент гузаронида шуд. Дар раъйпурсӣ 69 млн нафар шаҳрвандони Россия иштирок намуданд, ки бештар аз 58%-и онҳо ба тарафдории президент овоз доданд. Натиҷаҳои раъйпурсӣ бӯҳрони сиёсиро вусъат дод.

Моҳи сентябри соли 1993 Президенти Россия Б. Н. Елсин дар бораи пароканда намудани мақомоти намояндагони ҳокимият-Шӯрои Олии ФР ва Анҷумани вакилони халқ қарор қабул намуда, дар таърихи 12-уми декабри соли 1993 гузаронидани интихоботи вакилони навро эълон намуд.

Як қатор вакилони халқ ба муқобили фармони президент баромада, рӯзҳои 2–3-юми октябр дар шаҳри Москва намоишҳои эътирозӣ ва ошӯбҳо ташкил доданд. Бо фармони Президент дар шаҳри Москва ҳолати фавқулода эълон карда шуд ва қӯшунҳои низомӣ ба шаҳр ворид шуданд. Ҳукумат ба муқобили вакилони халқ, ки дар бинои Шӯрои Олӣ камин гирифта буданд, қувваи ҳарбиро истифода намуд. Дар рафти барқарор намудани тартибот садҳо нафар одамон кушта ва захмӣ гардиданд.

---

* Федератсия (лот.) — иттифоқ; шакли сохтори давлатӣ. Давлати федеративӣ аз воҳидҳои маъмурӣ (ҷумҳуриҳо, иёлот, музофот ва ғ.) ташкил ёфта, онҳо сарқонун ва мақоми идоракунии худро доранд ва дар айни ҳол мақомоти ягонаи ҳокимияти федеративӣ (марказӣ) нигоҳ дошта мешавад.



В. В. Жириновский — роҳбари Ҳизби либералӣ-демократии Россия ва Г. А. Зюганов — роҳбари Ҳизби коммунисти Россия.

*1. Ду ҳизби асосӣ дар интихоботи Думаи давлатӣ чӣ гуна дастовардҳо доштанд?*
*2. Ба фикри шумо, онҳо дар куҷо баромад карда истодаанд?*

Баъд аз пахш намудани муқобилати вакилони халқ ва барқарор гардидани ҳокимияти президентӣ барои аз байн бурдани низоми шӯравӣ ва ташкил намудани думаҳои маҳаллии ҳокимият қарор қабул карда шуд.

Дар кори ташкил намудани сохтори нави давлатии Россия қабули конститутсияи нав, ки он 12-уми декабри соли 1993 дар раъйпурсии умумихалқӣ дастгирӣ ёфта буд, аҳаммияти калон дошт.

Қонуни асосӣ дар ҷомеа барқарор гардидани сохтори сиёсии бисёрҳизбӣ, кафолати ҳуқуқ ба меҳнат ва моликияти хусусиро тасдиқ намуда, шароити заруририро барои расидан ба суботи сиёсӣ дар кишвар фароҳам овард.

Баъд аз қабули Конститутсияи соли 1993 дар Россия интихоботи мақоми нави ҳокимияти давлатӣ – Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, ки аз ду маҷлис: Шӯрои Федератсия ва Шӯрои давлатӣ (Думаи давлатӣ) иборат буд, гузаронида шуд.

Дар арафаи интихобот иттиҳоди сиёсии ҳизбҳои гуногун ба вуҷуд омаданд.

Дар натиҷаи гузаронидани интихобот дар асоси усули бисёрҳизбӣ ба ҳайати парламент намояндагони 8 ҳизби сиёсӣ: «Интихоби Россия», Ҳизби либералӣ-демократии Россия (ЛДПР), Ҳизби аграрӣ, Ҳизби коммунистии Федератсияи Россия, «Яблоко» ва ғайра интихоб гардиданд.

Дар ҳайати мақомоти қонунгузори мамлакат интихоб гардидани намояндагони ҳизбҳо ва ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ барои муътадил гардидани ҳаёти сиёсии Россия аҳаммияти зиёд дошт.

Интихоботи соли 1996 дар ду марҳала гузашт ва дар натиҷа Б. Н. Елсин боз Президенти Россия интихоб гардид. Интихобот нишон дод, ки аксарияти аҳолии кишвар тарафдори сиёсати барпо



Б. Н. Елсин ва В. В. Путин баъд аз маросими супурдани ваколатҳои президентӣ.

кардани иқтисоди бозорӣ ва давлати демократӣ мебошад.

Моҳи декабри соли 1999 интихоботи навбатӣ ба Думаи Давлатӣ баргузор шуд, ки боиси боло рафтани фаъолияти ҷамъиятии аҳолӣ гардид. Дар Думаи III Давлатӣ мавқеи асосиро иттиҳоди «Единство» («Ягонагӣ») ва Ҳизби коммунисти Россия ишғол намуданд.

31-уми декабри соли 1999 аввалин президенти Россия — Б. Н. Елсин ба истеъфо баромада, салоҳиятҳои худро ба сарвазири ҳукумат В. В. Путин вогузор намуд.

Дар интихоботи президентии 26-уми марти соли 2000 баргузоршуда В. В. Путин Президенти Россия интихоб гардид.

Бо иваз гардидани роҳбарияти давлат солҳои 1999–2000 як давраи томи тараққиёти Россия ба охир расид, ки марҳалаи муҳимми тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат ба ҳисоб меравад. Роҳбарияти нав таҷрибаи таърихии Россияро сармашқи фаъолияти худ намуда, тамоми имкониятҳоро барои барқарор намудани тартиботи ҷамъиятӣ, баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар ва устувор гардонидани мавқеи Россия дар арсаи ҷаҳон равона намуд.

Аммо дар ин самт Россия ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ буд. Шиддат гирифтани муносибатҳои ҳукумати Россия бо Ҷумҳурии Чеченистон ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар ин минтақа яке аз мушкилоти асосии сиёсати ҳукумати Россия дар замони муосир ба ҳисоб мерафт.

Ин моҷаро соли 1994 оғоз ёфт. Роҳбарияти Ҷумҳурии Чеченистон сиёсати рақобати низомӣ ва баромадан аз ҳайати Россияро пеш гирифт. Дар охири ҳамин сол қувваҳои мусаллаҳ ба хоки Чеченистон барои «барқарор намудани сохти конститутсионӣ» дохил карда шуданд. Ҷанг ду сол идома дошт ва соли 1996 бо имзо шудани созишномаи Хасавюрт ба охир расид. Мувофиқи созишнома дар Ҷумҳурии Чеченистон бояд интихоботи президентӣ



Чеченистон. Грозний. Хиёбони Мир (Сулҳ). с. 1999.

гузаронида шуда, ба муддати 5 сол ҳалли масъалаи тақдири сиёсии ҷумҳурӣ мавқуф гузошта мешуд. Соли 1997 дар интихоботи президентӣ Аслан Масхадов – собиқ полковники Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ғалаба намуд. Ҳукумати А. Масхадов сиёсати таъмини истиқлолияти сиёсии ҷумҳуриро пеш гирифт.

Марҳалаи дувуми ҷанги Чеченистон дар соли 1999 оғоз ёфт. Ҷангҷӯёни чеченӣ дар шаҳрҳои Москва, Буйнакск, Волгодонск амалиёти террористӣ анҷом дода, моҳи августи соли 1999 ба Доғистон ҳамла намуданд. Ҳукумати Россия маҷбур гардид, ки неруҳои низомии 93-ҳазорaро ба хоки Чеченистон ворид намояд.

**Сиёсати иқтисодӣ. Ислоҳот дар ин самт ва натиҷаи он.** Ҳанӯз моҳи ноябри соли 1991 Анҷумани V вакилони халқ ба президенти Россия Б. Н. Елсин барои гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ваколатҳои васеъ дод. Моҳияти асосии сиёсати иқтисодии ҳукумат барпо кардани иқтисодиёти бозорӣ буд.

Яке аз вазифҳои аввалиндараҷаи ислоҳоти иқтисодӣ озод намудани сиёсати нархгузорӣ аз зери назорати давлат ба шумор мерафт. Дар Россия гузаштан ба нархҳои озод аз 1-уми январи соли 1992 оғоз гардид. Озод гардидани нархҳо суръати беқурбшавии пулро тезонид, дараҷаи некуаҳволии аксарияти аҳолиро поён овард, баргардонидани пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои амонатгузор қатъ гардид.

Самти дигари ислоҳоти иқтисодӣ ғайридавлатикунонӣ (приватизатсия)-и моликият ба ҳисоб мерафт. Мақсади ин чорабинӣ мустаҳкам намудани бахши хусусӣ дар иқтисодиёт буда, дар қадами аввал муассисаҳои савдои чакана ва хизмати маишӣ ба шаҳрвандон фурӯхта мешуданд. Дар натиҷаи маъракаи ғайридавлатикунонӣ бештар аз 110 ҳазор корхонаи саноатӣ ба ихтиёри соҳибкорони хусусӣ гузаштанд. Баъд аз ин маърака солҳои 1992–1994 сектори давлатӣ акнун дар сохтори иқтисодиёти Россия нақши ҳалкунандаи худро аз даст дод.

Барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ гузаронидани ислоҳоти ҷиддии хоҷагии қишлоқро низ дар бар мегирифт. Дар сохтори аграрии иқтисодиёт шаклҳои нави муассисаҳо — ширкатҳои саҳомии шакли кушода ва пӯшида, кооперативҳои хоҷагии қишлоқ ба вуҷуд омаданд, ки усулҳои нави замонавӣ ва самараноки ташкили истеҳсолотро дар деҳот ба роҳ меандохтанд. Соли 1999 ширкатҳои нав 65,8% тамоми муассисаҳои хоҷагии қишлоқро ташкил доданд.

Моҳи августи соли 1993 вазъияти ногувори иқтисодӣ ва бесалоҳиятии роҳбарияти кишвар ба сар задани буҳрони молиявӣ оварда расонд. Буҳрон дар муддати якчанд моҳ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифт.

Фақат дар нимаи дувуми соли 1999 оқибатҳои таъсири буҳрон бартараф карда шуда, тадриҷан болоравии истеҳсолот оғоз ёфт. Буҳрони молиявию хоҷагидорӣ ба оммаҳои васеи аҳолӣ таъсири бад расонд. Соли 1999 дар кишвар қариб 9 млн нафар бекор ба қайд гирифта шуда буданд, ки бештар аз 12% аҳолии қобили меҳнатро ташкил медоданд. Буҳрон ба вазъи демографӣ бетаъсир намонд. Дар тӯли даҳ сол аҳолии кишвар 2 млн нафар кам гардид.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадани В. В. Путин ҳукумати Россия самтҳои асосии идома додани ислоҳоти сохтори иқтисодӣ ва сиёсии кишварро муайян намуд.

Соли 2000 хароҷоти давлат барои пардохти нафақа ва музди меҳнат бештар аз 1,2 баробар зиёд гардид. Дар кишвар афзоиши сармоягузориҳо ба соҳаи истеҳсоли барқ ва маводди сӯзишворӣ ба назар мерасид. Россия ба содир намудани маҳсулоти ғалладона шурӯъ намуд. Буҷаи соли 2002 аввалин маротиба бо профитсит (зиёд будани бахши даромад аз хароҷот) қабул гардид. Аммо ҳанӯз ҳам афзоиши даромадҳои аҳолӣ суст буда, соли 2001 фақат 87%-и сатҳи соли 1997-ро ташкил доданд, аз чор як ҳиссаи аҳолӣ аз меъёри ҳадди ақалл камтар даромад доштанд.

**Сиёсати хориҷӣ.** Барҳам хӯрдани ИҶШС вазъият, алоқаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Россияро дар арсаи ҷаҳонӣ дигаргун сохт.

Баъд аз воқеаҳои моҳи августи соли 1991 ба расмият шинохтани давлати Россия дар арсаи ҷаҳон ба тезӣ ва фаъолона сурат гирифт. Булғория, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо бо Россия дар бораи беҳтар намудани муносибатҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ ба мувофақа расиданд. Соли 1996 Россия

аъзои Шӯрои Аврупо гардида, дар соҳаҳои фарҳанг, ҳуқуқи инсон ва ҳимояи муҳити зист ҳамкориҳо ба роҳ андохта шуданд.

Алоқаи тиҷоратии Россия бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ, собиқ иштироккунандагони Шӯрои Ёрии Байниҳамдигарӣ (ШЁБ) аз нав ба роҳ монда шуда, Полша, Венгрия, Чехия, Словакия, Руминия ва Булғория чун пештара аз Россия нафту газ мегирифтанд.

Инкишофи муносибатҳо бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) вазифаи муҳимми сиёсати хориҷии Россия ба шумор мерафт. Соли 1993 ҳайати ИДМ Россия, Украина, Беларус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистонро дар бар мегирифт.

Дар нимаи аввали солҳои 90-ум ҳаҷми савдо бо давлатҳои ИДМ хеле ночиз буд. Аз Россия ба ин кишварҳо бештар нафту газ, маҳсулоти саноатӣ ва саноати химия содир гардида, аз он ҷо маҳсулоти талаботи рӯзгор ва озуқа ворид карда мешуд.

Дар ин давра муносибати Россия бо як қатор давлатҳои ҳамсоя ба мушкилиҳо дучор гардида буд. Баҳсҳои доманадор бо Украина дар атрофи тақсим намудани флоти ҳарбӣ ва баҳрӣ дар баҳри Сиёҳ ва тақдири ояндаи нимҷазираи Қрим давом доштанд. Зиддият бо давлатҳои назди баҳри Балтика — Эстония, Латвия ва Литва сабабгори поймол гардидани ҳуқуқҳои аҳолии русзабони ин ҷумҳуриҳо гардид. Манфиатҳои иқтисодӣ ва стратегии Россия дар Тоҷикистон ва Молдавия сабабгори боқӣ мондани қувваҳои мусаллаҳи Россия дар ин давлатҳо гардид. Муносибатҳо бо Беларус беҳтар гардиданд ва ду давлат дар бораи ташкил додани иттифоқи ягона аҳду паймон бастанд.

Дар давраи баъди соли 2000, давраи ҳокимияти В. В. Путин дар Россия афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти доҳилӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, сохтмон ва даромадҳои воқеии аҳолӣ боло рафт. Аз рӯйи ҳаҷми захираи тилло Россия дар соли 2008 дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм ва дар соли 2021 дар ҷойи панҷум қарор дошт.

Теъдоди аҳолии камбизоат аз 29% соли 2000 то 13,4% дар соли 2008 коҳиш ёфт. Аз соли 2005 дар Россия ба амалӣ намудани чор барномаи афзалиятноки миллӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: «Тандурустӣ», «Маориф», «Манзил» ва «Кишоварзӣ-саноатӣ» оғоз намуда, аз соли 2018 се барномаи нав — «Сармояи

инсонӣ», «Муҳити мусоид барои зиндагӣ» ва «Рушди иқтисодӣ» амалӣ мегарданд.

Дар арсаи сиёсати хориҷӣ бошад, аз соли 2004, пас аз ба ҳайати паймони НАТО шомил гардидани се кишвари назди баҳри Балтика — Латвия, Литва ва Эстония раванди шиддат гирифтани муносибат байни Россия ва кишварҳои Ғарб оғоз гардид. Моҳи августи соли 2008, пас аз ҳамлаи Гурҷистон ба Осетия Ҷанубӣ ва амалиёти низомӣ ба муқобили Гурҷистон муносибатҳо сардтар гардиданд.

Ба Россия ҳамроҳ намудани нимҷазираи Қрим дар соли 2014 боиси сар задани буҳрони шадиди байналмилалӣ гардид, зеро СММ ва аксари кишварҳои ҷаҳон ин амалро дастгирӣ накарданд. Ҳамзамон аланга гирифтани рақобати муссалаҳона дар вилоятҳои Луганск ва Донетски Украина ва дастгирӣ ёфтани муборизаи мардуми ин вилоятҳо аз тарафи Россия боиси нигаронии ҷиддии кишварҳои Ғарб гашт.

24-уми феврали соли 2022 Россия дар шарқи Украина ба гузаронидани амалиёти низомӣ оғоз намуд. Дар натиҷа ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон ва кишварҳои дигари ғарбӣ нисбат ба Россия таҳримҳои иқтисодӣ ва молиявиро ҷорӣ намуданд, ки дар амал маънои қатъи муносибат бо Россияро доштанд.

***Дар бораи вазъияти иқтисодии Россия дар солҳои 1990–2021***

| *Нишондодҳо* | *с. 1990* | *с. 1997* | *с. 2012* | *с. 2021* |
|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (млрд доллар) | 990,0 | 580,0 | 3461,0 | 4490,0 |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ (ҳаз. доллар) | 6,7 | 4,0 | 24,0 | 30,8 |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (млрд доллар) | 315,0 | 155,0 | 252,0 | 1301,0 |
| Саҳми Россия дар маҷмуи истеҳсолоти саноатии ҷаҳон, % | 4,6 | 1,8 | 4,6 | 3,4 |

1. *Аз рӯйи нақша маълум намоед, ки солҳои 1990–2021 вазъияти иқтисодии Россия чӣ гуна буд?*
2. *Ислоҳоти иқтисодӣ чи натиҷа дод? Шумо чӣ ақида доред?*

?!
1. Мухолифати байни Президенти Россия ва Шӯрои Олӣ дар кадом замина ба вуҷуд омад?
2. Дар даҳсолаи охири асри гузашта дар ҳаёти дохилии Россия кадом ҳизбҳои сиёсӣ нақши ҳалкунанда доштанд?
3. Самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодиро дар Россия муайян намоед. Чаро дар марҳалаи аввал ислоҳот ба нокомӣ дучор гардид?
4. Россия ба инкишофи муносибатҳо бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил чӣ гуна баҳо медиҳад?

## § 26. ТОҶИКИСТОН — ВОҲИДИ МУСТАҚИЛИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

?!
1. Тоҷикистон чӣ гуна ба соҳибистиқлолии комили давлатӣ ноил гардид?
2. Чаро Тоҷикистон аз истиқлоли хеш оқилона истифода набурда, ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд?
3. Мардуми тоҷик чӣ гуна ба сулҳ ва ризояти миллӣ расид?

Дар миёнаи солҳои 80-уми асри XX бо ташаббуси роҳбарони ҳизбию давлатии ИҶШС азнавсозии асосҳои иқтисодӣ, сохтори сиёсӣ ва ҳаёти маънавии ҷамъият оғоз гардид. Дар адабиёти таърихӣ сиёсати ин давра «бозсозӣ» ном гирифтааст, ки ба он пленуми апрелии (соли 1985) Комитети марказӣ, таҳти сарварии Котиби генералии ҲКИШ – М. С. Горбачёв асос гузошт.

Бозсозӣ мебоист камбудӣ ва мушкилоти мавҷударо барҳам дода, ҷамъияти сотсиалистиро ба зинаи сифатан нав боло мебурд. Дар роҳи демократикунонии мамлакат ошкорбаёнӣ аз ҷониби доираҳои гуногуни ҷомеа дастгирӣ ёфт. Вале баъзе доираҳо, аз ҷумла, қувваҳои ҷудоихоҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ онро на ба хотири дарёфти мушкилоти мавҷуда ва рафъи он, балки бо мақсадҳои худ моҳирона истифода бурданд.

Яке аз хусусиятҳои ба амал баровардани сиёсати «бозсозӣ» дар дохили ҷумҳуриҳои иттифоқӣ авҷ гирифтани ҳаракатҳои мардумӣ барои расидан ба истиқлолияти воқеан миллӣ буд. Бахусус ин ҳаракатҳо дар ҳаёти сиёсии ҷумҳуриҳои назди Балтика ва Қафқоз нақши барҷаста пайдо карданд.

Тоҷикистон низ аз таъсири воқеаҳои дар сар то сари Иттиҳоди Шӯравӣ баамаломада дар канор намонд. Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми августи соли 1990 Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд. Соҳибистиқлолие, ки ин санади таърихӣ эълон карда буд, ҳанӯз «соҳибистиқлолӣ» дар доираи салоҳияти Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави худ ҳамаи масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиро, ғайр аз масъалаҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти ИҶШС дода мешуданд, мустақилона ҳал мекард.

Баъди ҳодисаҳои моҳи августи соли 1991 ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мақсаду мазмуни истиқлолияти хешро аз нав арзёбӣ карда, баҳри ба даст овардани истиқлолияти комил саъю талош ба харҷ медоданд.

Бо ин мақсад 9-уми сентябри соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» изҳорот қабул намуда, бо ҳамин ба истиқлолияти воқеии давлатӣ асос гузошт. Дар асоси ин изҳорот Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарори махсус қабул намуд. Ин сана ҳамасола дар Тоҷикистон ҳамчун рӯзи истиқлолияти давлатӣ ҷашн гирифта мешавад.

Афсӯс, ки дар ибтидо мардуми мо ин неъмати бузург ва сарнавиштсозро ба маҷрои дилхоҳи созандагӣ равона карда натавонист. Гирдиҳамойии моҳи марти соли 1992 оғозгардида 7-уми май бо таъсиси Ҳукумати Муросои миллӣ анҷом ёфт. Вале ин Ҳукумат барои муътадил гардонидани вазъияти сиёсии мамлакат чораҳои мувофиқ ва қатъӣ анҷом надод. Дар натиҷа, кишварро мавҷи намоишҳои эътирозӣ, зӯроварӣ ва қонуншиканиҳо фаро гирифт. Оқибат дар мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандӣ аланга гирифт, ки пояҳои давлатдориро хеле заиф гардонид.

Сабабҳои ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани Тоҷикистон хеле зиёду мухталифанд. Аз нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX дар миқёси ИҶШС ва алалхусус, дар Тоҷикистон мушкилоти зиёди иқтисодию иҷтимоӣ баръало ба назар мерасид.

Аз кор мондани баъзе корхонаҳо, ба фурӯш нарафтани маҳсулот, сари вақт нагирифтани маош ва нафақа, зиёд шудани шумораи бекорон торафт норозигии аҳолиро бештар мекард. Дар ибтидои

солҳои 90-ум норасоии маводди хӯрока, либосу пойафзол боиси шиддат гирифтани вазъият гашта буд. Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати афзоиши аҳолӣ дар ҷойи аввал меистод, аз ҷиҳати таъминоти аҳолӣ бо маводди зарурӣ, хизматрасонии маишӣ ва тиббӣ ба душвориҳои зиёд дучор гардида буд.

Нобаробарии тараққиёти минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, сӯистифода аз вазифа ва қонуншиканиҳо дар маҳалҳо, инкишофи ришвахӯрӣ, тороҷи моликияти давлатӣ бештар сабабгори ба вуҷуд омадани норозигии мардум мегардид.

Ҳизби ҳукмрони коммунист ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии нав бамайдономада дар ин давраи ниҳоят муҳимми таърихӣ аз чорчӯбаҳои танги манфиатҳои худ берун баромада натавонистанд. Ба ҷойи пешгирии ҷанг дар баъзе холатҳо ба даргирӣ ва идомаи ҷанг мусоидат намуданд. Ба замми ин авҷ гирифтани рақобати гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ва дахолати баъзе мамлакатҳои хориҷӣ низ яке аз сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардиданд.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон аз роҳи азнавсозию созандагӣ ба гирдоби ҷанг кашида шуд, ки он боиси талафоти зиёди моддию ҷонӣ гардид. Дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ зарари иқтисодии Тоҷикистон ба бештар аз 7 миллиард доллари амрикоӣ расида, зиёда аз 50 ҳазор нафар одам ҳалок ва садҳо ҳазор ҳамватанони мо гурезаю ғариб гаштанд. Ба хусус моҳҳои май–ноябри соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ то дараҷае шиддат гирифт, ки хатари аз байн рафтани давлати тоҷикон эҳсос мешуд.

Дар чунин вазъияти ниҳоят душвор Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум, ки моҳи ноябри 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро бо сарварии Э. Ш. Раҳмонов* интихоб намуд. Маҳз ӯ ҳамчун Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ва ҳамзамон Сарвари давлат барномаи мукаммали аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани кишварро ба миён гузошт. Ин иҷлосия барои бақо ва таҳкими давлати тозаистиқлоли тоҷикон, муайян намудани самтҳои минбаъдаи раванди инкишофи ҷомеа заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард.

* То таърихи 20-уми марти соли 2007 ному насаби Президенти кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин буд.



Маросими савгандёдкунии Э. Ш. Раҳмонов ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (16-уми ноябри с.1994)

Қарору қонунҳои қабулнамудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди шикасти пояҳои давлатдории моро боздошт ва ниҳодҳои сиёсии давлат аз нав барқарору устувор гардида, фаъолияти пурсамари онҳо ба роҳ монда шуданд.

Бо назардошти аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, он марҳалаи тақдирсози таърихи навини давлатдории Тоҷикистон шинохта шудааст. Баъди соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон раванди гузаштан аз низоми сиёсии шӯравӣ ба низоми нави давлатдорӣ оғоз гардид. Ҳадафҳои давлати соҳибистиқлол, зарурати ба амал баровардани дигаргуниҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат зарурати қабули конститутсияи навро ба миён оварданд.

Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 қабул гардид ва он марҳалаи нави давлатдории тоҷиконро оғоз намуд. Бо қабули Қонуни асосӣ интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти кишвар ба маҷроиислоҳоти ҳуқуқиву идорӣ ворид гашт. Такмили тартиботи ҳуқуқӣ ва ислоҳоти сохтори давлатӣ имкони дигаргунсозӣ ва инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатиро фароҳам овард.

Тариқи раъйпурсӣ 26-уми сентябри соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дохил карда шуд, ки мувофиқи он фаъолияти парламенти дупалатагии касбӣ ба роҳ монда шуд. Мақоми олии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон — Маҷлиси Олӣ аз ду палата Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат буда, ба муддати панҷ сол интихоб мегардад.

Дар ҷомеа фазои гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ба вуҷуд оварда шуда, фаъолияти озодонаи ҳизбҳо, созмонҳо, ҳаракатҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, таъсиси теъдоди зиёди воситаҳои ахбори хусусӣ ва ҷамъиятӣ таъмин гардид. Дар мамлакат ба раванди

демократикунонии ҳаёти ҷомеа ва барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Моҳи апрели соли 1994 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов бо мақсади пешгирии ҷанги фоҷиабори шаҳрвандӣ, таъмини сулҳ ва ризояти миллӣ, ҳалли мушкилоти гурезаҳо музокирот миёни тоҷикон оғоз гардид. Раванди музокирот то 27-уми июни соли 1997 идома ёфт. Дар ба даст овардани сулҳу ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, дастгирию миёнаравии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба хусус СММ ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо нақши муҳим доштанд.

Кишварҳои кафили сулҳи тоҷикон — Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрон, Покистон ва Афғонистон дар барқарор намудани сулҳи байни тоҷикон саҳми арзанда гузоштанд.

27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов бо роҳбари Иттиҳоди мухолифони тоҷик — Саид Абдулоҳи Нурӣ ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гузоштанд. Ин санад



Маросими имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ (Москва, с. 1997)

*1. Ба назари шумо, дар чеҳраи иштирокдорон кадом нишонаҳо ҳувайдост?*
*2. Таассуроти худи шумо аз ин лаҳзаи таърихӣ чӣ гуна аст?*



Маҷмааи меъмории «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар Майдони Дӯстии шаҳри Душанбе (с. 2008)

*Ин маҷмаа баёнгари кадом рамзҳост?*

ба муқовимати байниҳамдигарӣ дар кишвар хотима бахшида, оғози марҳалаи нав ва осоиштаи тараққиёти давлати соҳибистиқлол гардид. Ҳамасола 27-уми июн ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ дар саросари ҷумҳурӣ ҷашн гирифта мешавад.

Пас аз барқарор гардидани сулҳу ваҳдати миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ба амалӣ намудани чор ҳадафи стратегӣ: таъмини истиқлолияти энергетикӣ; раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ; ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро ба роҳ монда, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ дар солҳои истиқлолият НБО-ҳои пуриқтидор – «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2» сохта шуда, ду агрегати НБО «Роғун» ба кор дароварда шуданд. Таҷдиду навсозии неругоҳҳои амалкунанда идома дошта, хатҳои баландшиддати интиқоли барқи «Ҷануб–Шимол», «Лолазор–Хатлон», «Сангтӯда–Пули Хумрӣ» сохта шуданд.

Дар самти баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ нақбҳои нақлиётии «Истиқлол», «Шаҳристон», «Шаршар» ва «Чормағзак» сохта шуданд. Таҷдиду бозсозии роҳҳои масири «Душанбе–Чанок», «Душанбе–Нуробод–Ҷиргатол–Саритош», «Душанбе–Данғара» анҷом ёфта, сохтмони дигар шоҳроҳҳои стратегӣ идома дорад.

Мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ – беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мебошад. Барои ҳалли вазифаҳои ин ҳадафи стратегӣ «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020» ба амал бароварда шуд.

Дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар соҳаҳои саноати муосир нақши калон доранд. Маҳз барои ҳамин соли 2018 сиёсати саноатикунонӣ ҳадафи чоруми стратегӣ дониста шуда, солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат» эълон гардиданд, ки мақсади ин иқдомҳо дар соли 2030 то 22% боло бурдани ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад.

**Аз изҳорот «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

Дар муносибатҳои байналхалқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ баромад намуда, дар фаъолияташ барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, нобуд кардани аслиҳаи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифода аз қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳои байни давлатҳои соҳибихтиёр саъй намуда, ҳамкориро дар байни онҳо дар ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонӣ, ки дар назди башарият истодаанд, тараққӣ медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии худро барои бевосита имзо намудани Созишномаҳо ва Шартномаҳои баробарҳуқуқ ва манфиатноки дутарафаи ба ҳамаи шарикон бе ягон шарти пешакӣ, ки манфиатҳои ягон давлати соҳибихтиёрро маҳдуд намекунад, изҳор медорад.

*Дар Сессияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул карда шуд. 9-уми сентябри соли 1991.*

*Субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ будан чӣ маъно дорад?*

**Аз барқияи СММ ба унвони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Мамолики аъзои СММ бо диққат ба кори шумо назорат мекунанд. Дар доираҳои асосӣ чунин мешуморанд, ки маҳз шумо масъулияти таърихиатонро эҳсос намуда, ба вайроншавии Тоҷикистон, ҳамчун узви комилҳуқуқи СММ роҳ намедиҳед ва минбаъд ба Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ба ғояҳои озодӣ, сулҳ ва адолат содиқ хоҳед монд…

Муншии умумии СММ ва аъзои Шӯрои Амнияти он тайёранд ба Тоҷикистон ёрӣ расонанд ва дастгирӣ намоянд.

**Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 10-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки нахуст дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, бо вуҷуди баъзе беадолатиҳои марзию ҷуғрофӣ, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккул ёфт, сабзид ва ба камол расид.

Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад.

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва давлатдории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносиберо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.

*Э. Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди чорум. – Душанбе, 2002, С. 173*

*Бо истифода аз ин сарчашма андешаҳои худро оид ба истиқлолияти давлатӣ баён созед.*

?!
1. Мардуми тоҷик кай ва чӣ гуна истиқлолияти комили давлатӣ ба даст овард?
2. Сабабҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон кадомҳоянд?
3. Оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро номбар кунед.
4. Тоҷикистон чӣ гуна тавонист ба ҷанг хотима бахшида, сулҳ ва ризояти миллиро таъмин намояд?

## § 27. ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ МУОСИР

?!
1. Тоҷикистон чӣ гуна ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шуд?
2. Самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон кадомҳоянд?
3. Нақши Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ гуна аст?

Дар замони шӯравӣ Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол шинохта намешуд. Зеро яке аз шартҳои соҳибистиқлолии ҳар давлат, эътироф ва шинохта шудани он аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз расидан ба истиқлолияти воқеӣ дар як муддати кӯтоҳ аз ҷониби кишварҳое, ки дар арсаи байналхалқӣ нақшу нуфузи зиёд доранд, ба расмият шинохта шуд. Аввалин шуда Ҷумҳурии Мардумии Чин (4-уми январи соли 1992) ва Ҷумҳурии Исломии Эрон (9-уми январи соли 1992) бо Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуданд.

Дар сессияи 46-уми Ассамблеяи генералии СММ 2-юми марти соли 1992 Тоҷикистон узви СММ гашта, парчами он дар саҳни



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар минбари Созмони Милали Муттаҳид (с. 1993).

бинои ин ташкилот барафрохта шуд. Қабул ба узвияти СММ далели равшани аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудани соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон буд. Соли 1993 сарвари давлати Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов бори нахуст аз минбари ин ташкилоти бонуфузтарини дунё суханронӣ намуд.

Обрӯю нуфузи Тоҷикистон ҳамчун воҳиди комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ сол то сол меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро аксари кишварҳои ҷаҳон ба расмият шинохта, дар соли 2021 Тоҷикистон бо 180 кишвари олам муносибатҳои дипломатӣ дошт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафоратҳои Афғонистон, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Олмон, Ҳиндустон, Эрон, Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Покистон, Россия, ИМА, Туркия, Туркманистон, Ӯзбекистон, Ҷопон, Фаронса ва боз чандин мамлакатҳои дигар фаъолияти мунтазам доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зиёда аз 30 давлати хориҷӣ намояндагиҳои дипломатию (сафоратҳо) консулгарӣ ва дар назди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Иттиҳоди Аврупо намояндагиҳои доимии худро ифтитоҳ намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии хешро собитқадамона мутобиқи манфиатҳои худ ва амнияту бехатарии ҷаҳон пеш бурда, дар пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми арзанда мегузорад.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад. Тоҷикистон аз рӯзи таъсисёбии ИДМ (21-уми декабри соли 1991) аъзои он мебошад. Иттиҳод дар амалӣ намудани ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва созмон додани фазои умумии иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Мақсади ҳамкории байни давлатҳои Иттиҳод таъмини сулҳ

ва бехатарии байналмилалӣ, амалӣ намудани яроқпартоӣ*, ҳалли мушкилоти дохилии Иттиҳод бо роҳи осоишта мебошад. Тоҷикистон аз дигар шаклҳои ҳамгироиҳои байналмилалию минтақавии сиёсӣ ва иқтисодӣ истифода мебарад.

Мутобиқи Созишнома дар бораи таъсис додани Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва Осиё аз 10-уми октябри соли 2000 ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Тоҷикистон Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва Осиёро созмон доданд. Мақсади асосии Иттиҳод инкишофи иқтисодиёти давлатҳои аъзо, барҳам задани монеаҳои мавҷуда ва таъмини манфиатҳои иқтисодӣ мебошад. Моҳи январи соли 2002 Шӯрои байнидавлатии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар бораи ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё расман дохил шудани Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Узбекистон қарор қабул намуд.

Дар раванди истиқлолият Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки бо кишварҳои ҳамсояи худ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон муносибатҳои беғаразона ва дӯстона дошта бошад.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо (ИА), Созмони конфронси исломӣ, Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва як қатор созмонҳои дигар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои узви ин ташкилот яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ мешуморад. Моҳи июни соли 2004 «Шартнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо» баста шудааст. Доираи ҳамкории Тоҷикистону ИА соҳаҳои иҷтимоиёт, фарҳанг, маориф, таъмини бехатарӣ ва мустаҳкам намудани сарҳад бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва мубориза бар зидди қочоқи маводди мухаддирро дар бар мегирад.

Робитаи мамлакати мо бо ИА сол то сол мустаҳкамтар гашта, мамлакатҳои узви Иттиҳод дар сармоягузорӣ ба соҳаи иқтисод

---

* Яроқпартоӣ — маҷмуи чорабиниҳо бо мақсади кам кардани яроқу аслиҳа.




Сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай
(Душанбе, ноябри с. 2007)

*Ба назари шумо, дар расм сарварони кадом давлатҳо инъикос ёфтаанд?*

мароқи зиёд доранд. Соли 2012 ҳаҷми гардиши тиҷорат байни Тоҷикистон ва ИА ба 358,6 млн доллари ИМА расид.

Моҳи декабри соли 2002 аввалин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Фаронса ва ИМА ба вуқӯъ пайваста, бо сарварони ин мамлакатҳо мулоқот орост. Дар доираи сафар ба Фаронса се шартномаи байниҳукуматӣ: дар бораи ҳавасмандии тарафайн ва ҳимояи сармоягузорӣ, дар бораи ҳамкории фарҳангӣ ва илмию техникӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи бехатарии дохилӣ баста шудаанд.

Яке аз музаффариятҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ба даст овардани обрӯ ва эътибори байналхалқии он ба шумор меравад. Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳалли мушкилоти Афғонистон, мубориза бар зидди экстремизм* ва терроризми байналхалқӣ, гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ва дигар ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ ҷойи намоён дорад.

Бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон — Э. Ш. Раҳмонов, СММ соли 2003-ро соли оби тоза ва солҳои 2005–2015-умро Даҳсолаи амалиёти «Об — барои ҳаёт» эълон кард, ки аз ҷониби беш

* Экстремизм (лот.) — раванди ҷонибдори усулҳои фаъолият ва ақидаҳои ифротӣ, ки аз тарафи ҳизбҳо, созмонҳо, гурӯҳҳои сиёсӣ ва баъзе давлатҳо дастгирӣ мегарданд.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин (ш. Москва, с. 2013).

аз 140 давлати ҷаҳон дастгирӣ ёфт. Ҳамчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ оқибат ба қазияи Афғонистон, ки ҳамзамон ба пойгоҳи терроризму экстремизм табдил меёфт, рӯ овард.

Соли 2005 сардори давлати Тоҷикистон — Э. Ш. Раҳмонов дар байни сарварони ҷумҳуриҳои ИДМ аввалин шуда ба гирифтани ҷоизаи олӣ — медали тиллоии «Барои таҳкими сулҳ ва ризояти байни халқҳо»-и Федератсияи байналмилалии сулҳ ва ризоят мушарраф гардид.

Ин далелҳо аз баландшавии обрӯи байналмилалии Тоҷикистон ва дар ҷаҳони муосир мақоми сазовор пайдо намудани он шаҳодат медиҳанд.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар давоми ду даҳсолаи охир чор ташаббуси сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ шуд: «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт „Об барои ҳаёт“, 2005–2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» ва «Даҳсолаи байналмилалии амал „Об барои рушди устувор“, 2018–2028».

**Аҳмадшоҳ Масъуд — қаҳрамони миллии Афғонистон:** Истиқлолият ба Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов — ин сиёсатмадори дараҷаи ҷаҳониро дод. Имрӯз ӯ машҳуртарин фарзанди Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон ва дӯсти ҳақиқии Афғонистон аст.

*Формулаи сулҳ. Душанбе, 2002, С. 26*

*Ба андешаи шумо, чаро Аҳмадшоҳи Масъуд Э. Раҳмонро дӯсти ҳақиқии Афғонистон медонист?*

Дар доираи муносибатҳои дуҷониба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Эрон, Чин, ИМА, Ҷопон, Туркия, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳиндустон, Покистон сол то сол мустаҳкам гашта, самтҳои нав пайдо карда истодааст. Бо дастгирии мутахассисон ва сармояи Эрон сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» идома ёфта, моҳи марти соли 2006 кандани нақби Анзоб ба охир расид.

Ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои хориҷӣ бо Тоҷикистон сол то сол васеъ мегардад. Дар соли 2014 бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ 174 корхонаи муштараки истеҳсолӣ фаъолият доштанд. Маҳсулоти корхонаҳои Тоҷикистону Корея «Тоҷик-Кабоол», Тоҷикистону Амрико «Оби зулол», корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин — «Ришта» дар ноҳияи Ҳисор ва амсоли ин дар бозорҳои дигар мамлакатҳо роҳ меёбанд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Россия мавқеи муҳим дорад. Дар муносибатҳои байналмилалӣ Тоҷикистон Россияро шарики стратегии худ мешуморад ва ба он пайравӣ менамояд. Солҳои охир байни Тоҷикистону Россия робитаҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ густариш ёфта, ба маҷрои нав ворид гашт. Бо ҷалби сармояи Россия дар соли 2005 сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Роғун» ва «Сангтӯда-1» оғоз гардид. То соли 2012 ҳаҷми маблағгузориҳои Россия дар мамлакати мо ба 757,5 млн доллар расид.

Вохӯрии сарварони давлатҳои Тоҷикистону Қазоқистон, ки моҳи майи соли 2006 дар шаҳри Остона баргузор гардид, ба марҳалаи сифатан нави ҳамкории ин мамлакатҳо ибтидо гузошт. Дар ҷараёни мулоқот 7 санади муҳимми байнидавлатӣ ва байниидоравӣ ба имзо расид.

Мақсади асосии асноди баимзорасида ба роҳ мондан ва амалӣ намудани ҳамкориҳои зичи иқтисодию тиҷоратии ҳар ду давлат аст. Ҷумҳурии Қазоқистон тасмим гирифт, ки барои интиқоли бемамонияти меваю сабзавоти Тоҷикистон ба Қазоқистон аз тариқи роҳҳои заминию ҳавоӣ шароитҳои зарурӣ муҳайё созад.

**Тоҷикистон: роҳ ба сӯйи демократия ва тамаддуни башарӣ.**

Аз суханронии Э. Ш. Раҳмонов дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 1993.

Дар вақти таҳия сохтани Консепсияи сиёсати хориҷии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

Ҳавзаи якум — Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯйи таҳкими робитаҳои ҳамаҷиҳата тамоюли ботинӣ дорад.

Ҳавзаи дувум — Осиёи Марказӣ, ки акнун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

Ҳавзаи сеюм — фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷазб мекунанд.

Ҳавзаи чаҳорум — доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум — ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз беш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯйи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд.

*Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе, 2001, С. 167.*

*Тоҷикистон бо ҳавзаҳои сиёсии зикршуда чӣ гуна ҳамкориҳо дорад?*

1. Узви ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштани Тоҷикистонро шарҳ диҳед.
2. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви кадом созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ аст?
3. Тоҷикистон бо кадом давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои зич дорад?
4. Кадом пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд?
5. Дар бораи корхонаҳои муштараки ватанию хориҷии дар маҳалли зисти шумо буда маълумот диҳед.

# Боби V. ФАРҲАНГ ВА МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛИИ ҶАҲОНИ МУОСИР

## § 28. ФАРҲАНГИ ҶАҲОНИ МУОСИР

?!
1. Кадом тамоюлҳои асосӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дида мешавад?
2. Чӣ гуна тағйирот дар инкишофи адабиёт ва санъат ба вуҷуд омад?
3. Заминаи гуфтугӯи фарҳангҳо дар чӣ ифода ёфта буд?

*Ба хотир биёред, ки дар се даҳаи аввали баъди Ҷанги дувуми ҷаҳон кадом тамоилоти нав дар рушди фарҳанг ба вуҷуд омад? Фарҳанги оммавӣ чӣ маъно дорад? Намояндагони машҳури жанрҳои гуногуни санъатро ба хотир биёред.*

**Тамоюлҳои асосии рушди фарҳанги ҷаҳонӣ.** Дар даҳаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI тамоюлҳои дар даҳаҳои аввали баъди ҷанг дар фарҳанг бавуҷудомада бештар инкишоф ёфтанд. Фарҳанги оммавӣ ба дараҷаи нави инкишофи худ расид. Ҷаҳонишавии шабакаи радио ва телевизион, ба вуҷуд омадани шабакаи ҷаҳонии Интернет ба рушди фарҳанги оммавӣ сахми калон гузоштанд.

Дар ин солҳо телевизион, ки унсури асосии фарҳанги оммавӣ гардид, ба таври васеъ паҳн гардид. Телевизион вазифаҳои иттилоърасонӣ, хушгузаронӣ, рекламаю таблиғотӣ, омӯзишӣ ва ғайраро иҷро мекунад. «Оинаи нилгун» ба тамоми тарафҳои зиндагӣ ва талаботи тамошобин дахолат мекунад ва на танҳо ба ӯ хизмат мерасонад, балки ҷаҳонбиниашро ташаккул медиҳад. Яке аз бахшҳои муҳимми барномаҳои телевизион пахши ахбор мебошад.

Дар кишварҳои ғарбӣ, махсусан дар ИМА шореҳони барномаҳои иттилоотӣ шахсони дараҷаи аввал ва бисёр машҳури ҷомеа мебошанд. Ширкатҳои телевизионӣ хамеша аз пайи ҷалби ин гуна барандагон мебошанд, зеро барномаҳои телевизионӣ сарчашмаи фоидаи калонанд. Барномаи иттилоотии «Шаст дақиқа», ки ширкати телевизионии «Си-би-эс»-и ИМА дар ибтидои солҳои 80-ум пахш мекард, чунон машҳур гардида буд, ки ҳар шаби якшанбе онро нисфи бинандагони телевизиони Амрико тамошо мекарданд. Нархи 30 сонияи реклама, ки ҳангоми пахши ин барнома нишон



Ба назари рассом дар баҳо додан ба имконоти телевизион розӣ ҳастед?

дода мешуд, 175 ҳазор доллар буд. Дар зарфи 10 сол аз ҳисоби реклама ин барнома 500 млн доллар фоидаи соф ба даст овард, ки аз фоидаи ширкати мошинсозии «Крайслер»дар ҳамин давра зиёдтар буд.

Дар телевизион ҷойи махсусро наворҳои кӯтоҳи реклама ва видеоклипҳо, сериалҳои беохири телевизионӣ ишғол мекарданд. Бо пайдо шудани видеомагнитофонҳо бисёр оилаҳо имкон пайдо карданд, ки аз хона набаромада, филм ва наворҳои мусиқию тасвирӣ тамошо кунанд. Дар байни ҷавонон бозиҳои компютерӣ машҳур гардиданд, ки инсонро аз воқеият ба дунёи дурӯғин ва хаёлот мебаранд, ба шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст мекунанд.

**Гуфтугӯи фарҳангҳо.** Хусусияти даҳаҳои охири асри XX инкишофи таъсири мутақобилаи фарҳанги халқҳои гуногуни ҷаҳон мебошад. Сабаби он тараққиёти техника ва воситаҳои ахбори умум (радио, телевизион, матбуот) ва васеъ гардидани имкониятҳои мубодилаи фарҳангӣ буд.

Дар шароити нави таърихӣ, аз як тараф, заминаҳо барои ҷаҳонишавии фарҳанг ва аз тарафи дигар барои инкишофи фарҳангҳои миллӣ ба вуҷуд омад. Ҷаҳонишавӣ, ки ба марҳалаи ниҳоии худ расид, имкониятҳои якдигарфаҳмиро дар байни одамон фароҳам месохт. Вале, дар баробари ин, вай ҳамчун раванди паҳншавии сартосарӣ ва яктарафаи фарҳанги «пешрафта», «мутараққӣ», «демократӣ»-и Америкои Шимолӣ ва Аврупо дар кишварҳои дигар ҳисобида мешавад. Ин тамоюл, чуноне мебинем, то ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст. Мисоли равшани он паҳншавии филмҳо ва маҳсулоти видеоии истеҳсоли ИМА дар тамоми дунё мебошад.

**Санъати кино.** Филмҳои аз нигоҳи мазмун ва воситаҳои тасвири бадеӣ фаромиллӣ (транснатсионалӣ) истеҳсол карда мешуд. Воқеаҳои онҳо дар ким-кадом мамлакати номаълум ё дар кайҳон ба вуқӯъ пайваста, қаҳрамонони филмҳо роботҳо, одамони сайёраи дигар, мавҷудоти фантастикӣ ва ё махлуқоти аҷоиби дигар буданд.

Филмҳои ғарбӣ аксаран барои тиҷорат сохта мешуданд ва филмҳое, ки тамошобини зиёд ҷамъ мекарданд, боз идома пайдо мекарданд. Ҳамин тавр, филмҳои «Рокки» 1, 2, 3 ба вуҷуд омаданд.

**Оё медонед?** Барои истеҳсоли филми амрикоии «Ҷангҳои ситоравӣ» 11 млн доллар сарф гардида буд. Баъди нахустнамоиши он моҳи майи соли 1977, дар зарфи 9 рӯз 3,5 млн доллар фоида ба даст оварда шуд ва дар 2 моҳи оянда тамоми хароҷоти истеҳсол ва рекламаи он баровarda шуд. То декабри соли 1980 намоиши ин филм дар мамлакатҳои дунё 510 млн доллар фоида овард, садҳо миллиони дигар аз фурӯши молҳои бо нишонаҳои филм истеҳсолшуда ба даст оварда шуд.

Тамоюли дигар рушди фарҳангҳои миллӣ, ғанӣ гардидани онҳо дар доираи фарҳанги муосири ҷаҳонӣ ва зери таъсири он буд.

Ба ғайр аз филмҳои истеҳсоли ИМА, дар кишварҳои дигар филмҳое эҷод мешуданд, ки ҷаҳони рангини таърих, расму одатҳои миллии халқҳояшонро тасвир мекарданд. Филмҳои истеҳсоли Ҳиндустон, Ҷопон ва Эрон хеле машҳур шуда буданд.

Аз ибтидои солҳои 80-уми асри XX ягон ҷашнвораи бузурги байналмилалии кино бе иштироки коргардонҳои Эрон намегузарад. Бисёр филмҳои Эрон дар онҳо соҳиби ҷоиза шудаанд. Масалан, дар ҷашнвораҳои кино дар Канн филмҳои «Лаззати олу», «Тӯби сафеди ҳавоӣ», «Бачаҳои осмон» ба гирифтани ҷоизаи «Оскар» ноил шуданд. Коргардонҳои насли ҷавон Муҳсин Махмалбоф, духтараш Самира, Абдулфайзи Ҷалилӣ ва Маҷид Маҷидӣ дар хориҷи кишвар хеле машҳур мебошанд.

Дар Тоҷикистон низ санъати кино дар даҳсолаҳои охири асри XX хеле инкишоф ёфт.



Навори рекламаи филми «Кинг Конг»

*1. Шумо ин филмро тамошо кардаед?*
*2. Дар бораи ин филм чӣ ақида доред?*



**Габриэл Гарсиа Маркес** — нависанда ва рӯзноманигори машҳури колумбиягӣ 6.III.1928 дар ш. Аракатака (Колумбия) таваллуд ёфта 17.VI.2014 дар ш. Мехико (Мексика) аз олам даргузаштааст.

Махсусан ба навор гирифтани силсилаи филмҳо аз рӯйи асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ – «Шоҳнома» воқеаи муҳимме дар таърихи фарҳангии Тоҷикистон буд.

**Адабиёт ва санъат.** Нишонаҳои нав дар инкишофи адабиёт ба вуҷуд омаданд. Дар ин солҳо баъзе намояндагони адабиёти мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ хеле машҳур шуда буданд. Осори нависандаи колумбиягӣ Г. Гарсиа Маркес, нависандаи бразилиягӣ Ж. Амадуро намояндагони равшанфикри амрикоию аврупоӣ бо шавқи зиёд мехонданд. Зеро ҷаҳоне, ки дар ин асарҳо тасвир мешуд, ба тасвирҳои бемаънии осори нависандагони авангардист ҳеҷ монандӣ надошт. Соли 1982 Г. Маркес, соли 1988 нависандаи мисрӣ Н. Маҳфуз, соли 1992 шоири Амрикои Лотинӣ Д. Валкотт ва соли 1994 нависандаи ҷопонӣ К. Оэ ба гирифтани ҷоизаи Нобел ноил гардиданд.

**Аз мусоҳибаи нависанда Ж. Амаду:** «Ман дар китобҳоям ягон чизро аз худ фикр карда намебарорам. Онҳо инъикоси воқеият мебошанд… Қаҳрамонони ман — ин маҷмуи шахсиятҳое мебошанд, ки бо онҳо ман кадом вақте вомехӯрдам, дӯст будам, зиндагиро дарк мекардам. Вале фаромӯш накунед, ки ҳар як қаҳрамони асари адабӣ ин ҷузъи худи муаллиф, ҷузъи дили ӯ мебошад».

*Ба мавқеи нависанда баҳо диҳед. Ӯ дар ҷойи аввал чиро мегузорад ва олами ботинииаш бо воқеияти атроф чӣ муносибат дорад?*

Тағйироти рӯзафзун дар сиёсати дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ аз миёнаҳои солҳои 80-уми асри гузашта ба инкишофи фарҳанг таъсири амиқ гузошт. Фармонфармоии идеологӣ аз байн рафта, сензура дар матбуот барҳам дода шуд.

Аз ибтидои солҳои 90-ум барномаи умумироссиягии «Ҳифз ва инкишофи фарҳангу санъат» дар амал татбиқ мегардид. Дар он

барнома диққати асосӣ ба наҷот додани иншооти муҳимми фарҳанги миллии Россия дода мешуд.

Демократикунонии ҷомеа ва гуногунандешӣ дар Россия ба пайдоиши ҷараёнҳои нав дар адабиёт, санъати тасвирӣ ва муҷассамасозӣ мусоидат намуданд.

Сохтани асарҳои эҷодӣ бо ёрии молиявии сармоягузорони хориҷӣ падидаи наве дар санъат гардид. Масалан, филмҳои бадеии коргардонони рус Н. Михалков ва П. Лунгин мисоли ин падида шуда метавонанд.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҳаёти фарҳангии Россия равнақи тоза пайдо кард. Дар гӯшаву канори ин мамлакат ба таври тантанавӣ 200-солагии зодрӯзи А. С. Пушкин ҷашн гирифта шуд, гузаронидани ҷашнвораи байналмилалии филм дар шаҳри Москва аз нав ба ҳукми анъана даромад. Сафари ҳунарии гурӯҳҳои ҳунарӣ ва ҳунармандони алоҳида ба ҳориҷа зиёд мегардад, ҳамчунон намоиши осори рассомони хориҷӣ дар Россия ба як ҳодисаи муҳимми фарҳангӣ табдил меёбад.

Россия дар эҷоди сериалҳои телевизионӣ хеле пеш рафтааст ва онҳо дар каналҳои телевизионии ин кишвар ҷойи сериалҳои хориҷиро торафт бештар гирифта истодаанд.

Ҳамин тавр, мо тамоюли умумии рушди фарҳангро дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI мушоҳида кардем. Ин тамоюлҳо, аз як тараф, ба сӯйи ҷаҳонишавии фарҳанг ва ё пайдошавии фарҳанги ягонаи ҷаҳонӣ мебаранд ва аз сӯйи дигар дар мамлакатҳои гуногун мубориза ба хотири ҳифзи фарҳангҳои миллӣ авҷ мегирад.

**Аҳаммияти илму маърифат аз нигоҳи коршиносони Бонки ҷаҳонӣ.** Илму маърифат (маълумот) маҷмуи дониш ва малака мебошад, ки дар раванди таълим ва ё амалия ба даст оварда мешавад. Маълумот ҷузъи муҳимми рушд мебошад. Вай имкониятҳои инсонҳоро васеъ намуда, давлатро устувор мегардонад ва калиди расидан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола мебошад.

Беҳтарин коре, ки шумо, ҳамчун инсони ҷавон барои таъминиояндаи сазовору шоистаи худ карда метавонед, ин гирифтани таҳсилот аст.

Илму маърифат ба таври назаррас метавонанд зиндагии инсонҳоро беҳбуд бахшанд. Онҳо барои одамон, ҷомеа ва ҷаҳон хеле судманд мебошанд. Илму маърифат ба инсонҳо имкон медиҳад хонанд, андеша ва муошират намуда, дар мавриди масъалаҳои зиндагии шахсии худ қарорҳои даркшуда ва ҷиддӣ қабул намоянд.

Дар аксар маврид инсони соҳибтаҳсилот дар зиндагӣ имконияти бештар дорад, вай маоши бештар мегирад ва зиндагии хубтар дорад. Ҳар соли таҳсил, ба ҳисоби миёна, маоши инсонро 10% боло мебарад. Кормандони баландихтисос барои рушди кишвар мусоидат менамоянд ва дар натиҷа давлат ва ҳамаи мардум сарватманд мегарданд. Кормандони баландихтисос андеша ва технологияҳои навро ба вуҷуд оварда, дар амал татбиқ ва паҳн менамоянд. Бидуни илму маърифат ба вуҷуд овардани барқ, доруворӣ, автомобилҳо, компютерҳо, бозиҳои видеоӣ ва бисёр дастовардҳои дигар ғайриимкон мебуд.

*Манбаъ: Маводди Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон. Оё медонед, ки...// https://www.un.org/ru/youthink/globalization.shtml*

**Оё медонед, ки** дар ҷаҳон бештар аз 75 млн нафар кӯдакони синни хурди мактабӣ ба мактаб рафта наметавонанд, зеро маҷбуранд барои таъмини зиндагии оилаи худ кор намоянд. Хамзамон бештар аз 776 млн одами калонсол дар ҷаҳон хондану навиштан наметавонанд. Дар кишварҳои Америкои Шимолӣ ва Аврупои Ғарбӣ барои таълими як нафар донишҷӯ солона 5500 доллар сарф мешавад, вале дар кишварҳои Африқои Марказӣ ва Ҷанубӣ бошад, ҳамагӣ 167 доллар.

*Манбаъ: Маводди Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон. Оё медонед, ки...//https://www.un.org/ru/youthink/globalization.shtml*

*Ба назари шумо, чаро чунин вазъият ба вуҷуд омадааст? Ин мушкилот бояд бо кадом роҳ ҳал гардад? Фикратонро асоснок намоед.*

?!

1. Ба барандагони телевизионе, ки шумо тамошо мекунед, баҳо диҳед. Тарафҳои мусбат ва манфии онҳоро аз назари худатон нишон диҳед.
2. Назари худатоноро дар бораи таъсири телевизион ба тарзи тафаккур ва андешаи тамошобин иброз намоед.
3. Дар баъзе мамлакатҳо, масалан дар Фаронса барои дастгирии санъати кинои миллӣ ва пешгирӣ аз паҳншавии маҳсулоти кинои хориҷӣ, пеш аз ҳама амрикоӣ, чораҳои катъӣ меандешанд. Назари шумо ба ин сиёсат чӣ хел аст?
4. Нисбат ба мусиқии эстрадӣ чӣ назар доред? Ба ягон гурӯҳи ҳунарӣ баҳо диҳед (ба мазмуни сурудҳо ва услуби иҷрои онҳо диққат диҳед).

## § 29. ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ ТЕХНИКА

1. Моҳияти «инқилоби иттилоотӣ» аз чӣ иборат аст?
2. Истифодаи васеи дастовардҳои тараққиёти илму техника дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ чӣ аҳаммият дорад?
3. Шабакаи ҷаҳонии Интернет кай пайдо шуд?

**Инқилоби иттилоотӣ.** Илми ҷомеашиносии муосир таърихи инсониятро ҳамчун ивазшавии тадриҷии давраҳои аграрӣ (кишоварзӣ), саноатӣ ва постиндустралӣ (пас аз саноатӣ) медонад. Мавҷи сеюми инқилоби илмию техникӣ, ки дар чоряки охири асри XX ва ибтидои асри XXI идома дорад, низоми индустриалии ҷаҳонро барҳам медиҳад. Дар асоси ба истеҳсолот ворид гаштани технологияҳои иттилоотӣ ва тамоми соҳаҳои ҳаёти инсониятро фаро гирифтани онҳо тадриҷан «ҷомеаи иттилоотӣ» ба вуҷуд омадааст.

Хусусияти фарқкунандаи ҷомеаи иттилоотӣ гузариш аз истеҳсолот ва истеъмолоти оммавӣ ба истеҳсолоти хусусияти инфиродӣ дошта мебошад.

Хислати муҳимми усули замонавии рушди хоҷагидорӣ ин ташкили пурраи истеҳсолот бар асоси усулҳои илмӣ, сарфаҷӯйии неруи барқ, захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ мебошад. Ба истеҳсолот ворид гардидани системаҳои фаъоли автоматӣ, техникаи компютерӣ ва роботҳо мақсади ба роҳ мондани истеҳсолот ва истеъмолоти моҳияти инфиродидоштаро дорад. Самараи иқтисодӣ на аз ҳисоби тадриҷан афзудани хароҷоти истеҳсолӣ ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулот, балки аз ҳисоби истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти дараҷаи баланди рақобатидошта ва фурӯши он дар бозори ҷаҳонӣ ба даст оварда мешавад. Дар натиҷаи инкишофи васеи технологияҳои иттилоотӣ ба фурӯш баровардани маҳсулот дар саросари ҷаҳон имконпазир мегардад ва дар натиҷа фоидаи калони иқтисодӣ ба даст оварда мешавад.

**Олим ва мутафаккири испанӣ Мануэл Кастелс дар бораи инқилоби иттилоотӣ.**

… ҳастаи дигаргунсозиҳое, ки мо онҳоро аз сар мегузаронем, бо технологияи коркарди иттилоот ва шабакаи расонидани он алоқаманд мебошад. Барои ин инқилоб технологияи иттилоотӣ ончунон аҳаммият дорад, ки сарчашмаҳои нави энергия, аз мошини буғӣ сар карда, то ихтирои қувваи барқ барои инқилоби

саноатӣ аҳаммият доштанд. Истеҳсол ва тақсими қувваи барқ унсури асосии ҷамъияти саноатӣ ба шумор мерафт.

Хусусияти хосси инқилоби технологии муосир аз он иборат аст, ки дар он аҳаммияти асосӣ на танҳо ба донишҳо ва иттилоот дода мешавад, балки ба воситаи истифодаи донишу иттилоот дониш ҷамъ карда шуда, асбобҳои коркарди иттилоот ва роҳҳои расонидани иттилоот ба вуҷуд оварда мешаванд.

Ҳамин тариқ, компютерҳо, шабакаҳои иттилоотӣ ва барномаҳои иттилоотӣ барои васеъ гаштан ва инкишоф ёфтани тафаккури инсоният мусоидат менамоянд.

*Аз китоби Мануэл Кастелс «Информационная эпоха: экономика, общество и культура» М., ВШЭ.2000. С. 50–52.*

1. *Чаро дар шароити имрӯза ҷамъоварӣ, коркард ва расонидани иттилоот аҳаммияти фавқулода пайдо мекунад?*
2. *Истифодаи шабакаи иттилоотӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии шахс чӣ нақш дорад? Аз зиндагии худ мисол биёред.*

**Истеҳсоли компютерҳо.** Олимон дар тӯли бештар аз 100 сол бо мақсади ихтироъ намудани дастгоҳҳои худфаъол (автоматӣ) тадқиқот мебурданд. Ҷанги дуюми ҷаҳон барои тараққиёти автоматика мусоидат намуд. Дар ибтидо дастгоҳҳои автоматии ҳисоббарорӣ, аз солҳои 50-ум истеҳсоли компютерҳо ва дар ибтидои солҳои 70-ум аввалин компютерҳои инфиродӣ ихтироъ карда шуданд.

Моҳи декабри соли 1973 олимон ва муҳандисон аввалин маротиба дар ҷаҳон компютери инфиродии хурд ALTEIR-ро ба вуҷуд оварданд. Соли 1975 фурӯши озоди онҳо оғоз гардид. Баъди муддати кӯтоҳ компютери хурди SPHERE-1 ба вуҷуд оварда шуд, ки қувваи ҳофизаи он ба 4 килобайт баробар буд.

Моҳи апрели соли 1976 Стив Ҷобс ва Стив Возняк ширкати Apple Computers-ро таъсис намуданд. Соли 1977 онҳо компютери дорои монитори рангаро ихтироъ намуданд. Дар давоми як сол ба онҳо муяссар гардид, ки бештар аз 1 млн адад компютерҳоро ба фурӯш бароранд. Дар муддати кӯтоҳ ширкати Apple Computers хеле тараққӣ намуда, ба яке аз ширкатҳои бузургтарини ҷаҳон ва соҳибони он ба сармоядорони калон табдил ёфтанд.

Ҳамзамон истеҳсоли протсессорҳои хурди ширкати Intel зиёд гардид, тамғаи Pentium ихтироъ карда шуд, ки имкониятҳои компютерҳоро васеъ намуд.

Дар миёнаҳои солҳои 90-ум ширкати Microsoft системаи амалиётии Windows-ро ба вуҷуд овард. Ин барнома имконияти фаъолияти муштараки компютерҳоро бо шабакаи Интернет васеъ намуд.

Имрӯз ягон соҳаи фаъолияти инсонӣ вуҷуд надорад, ки дар он техникаи компютерӣ истифода нагардад. Истифодаи ин технология зиндагии инсониятро ба таври куллӣ тағйир дод.

**Радио ва алоқа.** Нимаи дуюми асри XX гарчанде ба инкишофи усулҳои радиотехника тағйироти ҷиддӣ ворид накарда бошад ҳам, маҳз дар ҳамин давра радиошунавоӣ ба дараҷаи баланди тараққиёт расид. Дар ибтидои асри XXI дар ҷаҳон бештар аз 10 ҳазор шабакаи бузург ва хурди тиҷоратии радио фаъолият менамуданд. Имрӯзҳо барномаҳои радиоро дар тамоми гӯшаву канори олам шунидан мумкин аст.

Такмили минбаъдаи техникаи радио ва аз худ намудани мавҷҳои нави радиоӣ дар миёнаҳои солҳои 80-ум шакли нави алоқа — алоқаи бесимро ба вуҷуд овард. Телефонҳои мобилӣ ихтироъ ва дастраси оммаҳои васеи аҳолӣ гардиданд. Телефони мобилӣ дар муқоиса бо телефони муқаррарӣ имконият медиҳад, ки на танҳо гуфтугӯ карда шавад, балки хабарҳои матнӣ ирсол шуда, дар шабакаи Интернет фаъолият намоянд. Дар ибтидои қарни XXI дар тамоми гӯшаву канори олам шабакаҳои телефонҳои мобилӣ дастрас гардидааст. Ин имкон медиҳад, ки бо телефони мобилӣ гӯшаҳои дурдасти ҷаҳон бо алоқа фаро гирифта шаванд.

**Шабакаи Интернет.** Ба вуҷуд омадани шабакаи Интернет орзуи деринаи олимон ва муҳандисонро барои бо роҳи осон ва фавран дастрас намудани идеяҳо ва иттилооти лозима амалӣ гардонид. Ин шабака солҳои 60-уми асри гузашта аз тарафи Вазорати мудофиаи ИМА ба вуҷуд оварда шуда, аввал APRAnet ном дошт. Низомиён ақида доштанд, ки пайваст кардани компютерҳо ба онҳо имконият медиҳад, ки маълумотҳои гуногунро дар ҳолати сар задани офатҳои табиӣ ва ҳамлаи душманон махфӣ нигоҳ дошта, амнияти кишварро таъмин намоянд. Дар давраи кӯтоҳ шабака дар ихтиёри муассисаҳои ғайринизомӣ — донишгоҳҳо ва ширкатҳои тиҷоратӣ гузошта шуд. Дар натиҷа шабакаи Интернет пайдо шуд.

Аз ибтидои солҳои 70-ум ин шабака васеъ истифода мегардид, вале баъди пайдо шудани компютерҳои инфиродӣ хеле тараққӣ намуд. Соҳибони компютерҳои инфиродӣ кӯшиш карданд ба шабакаи

байналмилалӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Дар давоми солҳои 90-ум теъдоди истифодабарандагони шабакаи ҷаҳонии Интернет миллионҳо маротиба афзуд. Дар ибтидо истифодабарандагони шабака байни якдигар бо усули фиристодан ва қабул кардани матнҳои иттилоотӣ пайваст буданд.

Дар соли 1991 ба муҳандисон муяссар гардид, ки технологияи Word Wide Web-ро ихтироъ намоянд. Ин имконият дод, ки истифодабарандагони шабакаи Интернет иттилооти худро бо овозу тасвир ирсол намоянд.

Дар шароити имрӯза ҳар як шахси дар ихтиёри худ компютер ва телефондошта метавонад аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода бурда, саҳифаи шахсии худро кушояд. Аз рӯйи маълумотҳо дар ибтидои асри XXI шумораи истифодабарандагони Интернет ба 100 млн нафар расида буд. Соли 2013 теъдоди истифодабарандагони шабака ба 2,5 млрд нафар расид.



*Ба кайҳон баровардани киштии бисёрбаҳраи кайҳонӣ аз космодроми Канаверал (Иёлати Флорида, ИМА)*

**Киштиҳои кайҳонии бисёрбаҳра.**
Бо сабаби он ки сафинаҳои истифодамешуда барои фиристодани киштиҳои кайҳонӣ наметавонистанд ба замин нарм нишинанд, онҳоро такроран истифода бурдан ғайриимкон буд. Барои ҳамин ҳам боқимондаҳои онҳо дар фазои кайҳон то абад «муаллақ» мемонданд. Чунин «дасткушодӣ» тадқиқотҳои кайҳониро ниҳоят пурмасраф мегардонид. Вале солҳои 70-ум NASA (Агентии тадқиқотҳои кайҳонии Амрико) тавонист киштии бисёрбаҳраи кайҳониро ихтироъ намояд, ки «Спейс Шаттл» (бисёрбаҳраи кайҳонӣ) ном гирифт. Вай метавонист ҳамчун ҳавопаймои одӣ ба замин фуруд ояд. Нахустин шуда ба кайҳон киштии «Колумбия» парвоз намуд. Парвози он соли 1981 ба вуқӯъ омад. Ин киштӣ бахши махсус барои зиндагии 7 нафар фазонавардро доро буд ва чанд маротиба бомуваффақият парвоз намуд. Парвози «Шатл»-ҳо ба таври доимӣ то соли 1986, то он замоне, ки яке аз ин киштиҳо «Челленҷер» дар лаҳзаҳои аввали парвоз аз сабаби хароб гаштани яке аз вусъатбахшҳои киштӣ дар осмон таркид, давом дошт. Баъд аз ин парвози киштиҳои бисёрбаҳра барои як давраи тулонӣ қатъ гардид.

1. *Чаро инсоният барои омӯзиши Кайҳон маблағҳои зиёдро сарф менамояд?*
2. *Оё давлатҳои дигар чунин киштиҳои бисёрбаҳра доранд?*
3. *Технологияҳои иттилоотӣ дар фатҳи Кайҳон чӣ гуна истифода мешаванд?*

?!

1. Нишонаҳои ба вуҷуд омадани ҷомеаи иттилоотиро дар ҳаёти имрӯза муайян карда метавонед?
2. Ба фикри шумо, афзалияти технологияҳои иттилоотӣ аз чӣ иборат аст?
3. Чаро зарурияти сарфа кардани неруи барқ, сарватҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар замони ҳозира ба вуҷуд омадааст?

## § 30. ДУНЁИ МУОСИР ВА РАВАНДҲОИ ҶАҲОНИШАВӢ

?!

1. Ҷаҳонишавӣ чӣ маъно дорад?
2. Сабабҳо ва дурнамои раванди ҷаҳонишавӣ чӣ гуна мебошанд?
3. Ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа чӣ гуна зуҳур меёбад.

**Ҷаҳонишавӣ.** Ҷаҳонишавӣ мафҳумест, ки равандҳои тараққиёти ҷаҳонро дар асри XXI нишон медиҳад. Маънои он рушду васеъ ва мураккаб гардидани робитаҳою ҳамбастагиҳо дар байни халқҳою давлатҳо мебошад.

Ҷаҳонишавӣ пеш аз ҳама раванди таърихӣ мебошад, ки дар давоми чандин садсолаҳо идома ва рушд меёбад. Дар натиҷаи он ҷаҳон сифатҳои умумӣ пайдо мекунад: зиндагӣ аз рӯйи усулҳои ягона, майл кардан ба арзишҳои ягона, ба ҳам наздикшавии расму одатҳо ва рафтори одамон. Натиҷаи ҷаҳонишавӣ баланд рафтани таъсиру нуфузи созмонҳои фаромиллӣ – ҷунбишҳои динӣ, ширкатҳои ҷаҳонӣ, гурӯҳҳои мафиозӣ мебошад.

Ҷаҳонишавӣ дирӯз, тасодуфӣ ва дар ҷойи холӣ пайдо нашудааст. Зуҳури он тайи таърихи тӯлонӣ заминагузорӣ шуда буд. Аввалин нишонаҳои ҷаҳонишавӣ дар ибтидои асрҳои нав ба вуҷуд омаданд ва то имрӯз ин раванди мураккаб се марҳаларо аз сар гузаронидааст.

Марҳалаи аввал (асри XVI – миёнаи асри XIX) аз давраи кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ва ташкили империяҳои мустамликадорӣ



Бинои асосии маъмурии ширкати ҷопонии Sumitomo Corporation

*Ҳашамати бино аз чӣ шаҳодат медиҳад?*

сар мешавад. Дар натиҷаи инқилоби саноатӣ дар Аврупо оҳиста-оҳиста бозори ҷаҳонӣ ва ҳамкории байналмилалии иқтисодию тиҷоратӣ ташаккул ёфт.

Дар марҳалаи дувум (миёнаи асри XIX – миёнаҳои асри XX) ташаккули капитализми монополистӣ (империализм) анҷом ёфт, ки ҳамзамон бо тақсими ҷаҳон ба мустамликаҳо ва авҷгирии мубориза байни давлатҳои бузурги Ғарб барои аз нав тақсим кардани ҷаҳони тақсимшуда ҷараён мегирифт. Тамоми кӯшишҳо барои ҳалли масъалаи мустамликаҳо дар сари мизи гуфтушунид натиҷа надод. Барои ҳамин кишварҳои бузург хостанд, ки масъаларо бо роҳи зӯрӣ ҳал кунанд. Ҳамин тавр, Ҷанги якуми ҷаҳон сар шуд.

Марҳалаи сеюми ҷаҳонишавӣ баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон оғоз гардид. Ин ҷанг пойдевори низоми мустамликадории асрҳо ташаккулёфтаро чунон ба ларзиш овард, ки он баъди ҷанг якбора пош хӯрд ва барои паҳншавии озодона ва номаҳдуди сармоя имконият фароҳам овард.

Хусусияти хосси марҳалаи сеюм тақсимшавии ҷаҳон ба ду системаи ҷамъиятиву сиёсӣ буд, ки мубориза байни онҳо ба ташкили ду паймони сиёсию ҳарбӣ ва молию иқтисодӣ – НАТО ва Иттиҳодияи иқтисодии Аврупо, аз як тараф, ва Ташкилоти созишномаи Варшава ва Шӯрои иқтисодии байниҳамдигарӣ, аз тарафи дигар, оварда расонд.

**Ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) аз нигоҳи коршиносони Бонки ҷаҳонӣ**

Ҷаҳонишавӣ — ин ҳамгироии вусъатёбандаи иқтисод ва ҷомеаҳо дар тамоми ҷаҳон аст. Ҷаҳонишавӣ — падидаи ногузир буда, дар он ифода меёбад, ки ҷаҳон дар натиҷаи мубодилаи молу ашё, иттилоот, дониш ва арзишҳои фарҳангӣ ҳар чи бештар ба ҳам алоқаманд мегардад. Бо вуҷуди ин, дар давоми чанд даҳсолаи охир ба туфайли дастовардҳои бесобиқа дар чунин соҳаҳо, ба монанди рушди технологияҳо, воситаҳои алоқа, илм, нақлиёт ва саноат суръати ҳамгироии глобалӣ ниҳоят баланд гардидааст.

Ҳарчанд ҷаҳонишавӣ ба рушди тамоми инсоният суръат бахшида, пайомади он мебошад, вай раванди мураккабест, ки ба он бояд мутобиқ гардид, зеро мушкилот ва масъалаҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Суръати баланди дигаргуниҳо метавонад моҳияти хатаровар дошта бошад, барои ҳамин ҳам аксари кишварҳои ҷаҳон саъй менамоянд онҳоро назорат ва идора намоянд.

*Манбаъ: Маводди Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон. Оё медонед, ки...// https://www.un.org/ru/youthink/globalization.shtml*

Интернатсионализм ва ҷаҳонишавӣ ба якдигар вобастаанд ва ба якдигар таъсир мерасонанд, лекин бо вуҷуди он аз якдигар фарқ мекунанд. Хусусияти хосси ҷаҳонишавӣ дар он аст, ки миқёс ва умқи дарки ҷаҳон ҳамчун фазои ягона афзоиш меёбад. Ҳодисаҳои дохилии як кишвар бошанд, ба мамлакатҳои дигар, назар ба фаъолиятҳои хориҷӣ таъсири бештар мегузоранд. Чунончи, барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ кори дохилии як давлат буд, вале ба тамоми низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири бузург расонд. Имрӯз падидаҳои демократикунонӣ, озодандешӣ, иқтисоди озод, муносибати ягона ба масъалаи амниятӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷии аксари давлатҳоро ташкил медиҳанд.

Масалан, 200 сол пеш низоми ҳамаи давлатҳои ҷаҳон диктатурӣ буд. Дар охири асри XIX дар ҷаҳон 13 давлати демократӣ буд. Дар нимаи асри XX шумораи онҳо дучанд шуд ва соли 1992 аз 183 давлат 91-тои онҳо давлатҳои демократӣ буданд.



Карикатура: Хазинаи байналмилалии асъор ба боло бурдани маош ва нафақа дар Россия муқобил аст.

*Оё ин маънои фармонфармоии ин муассисаро надорад?*

Бо сабаби он ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳама соҳаҳоро фаро мегирад, омӯзиши онҳо ба соҳаҳои мухталифи илм вобаста аст. Ҳар яке аз онҳо соҳаи худашро омӯхта, аз мафҳумҳои ба ҳамон соҳа хос истифода мекунад. Барои ҳамин то ҳозир як таърифи умумии мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» пайдо нашудааст.

Барои иқтисодшиносон падидаи асосӣ тарафи молиявии масъала мебошад: ташкили ширкатҳои фаромиллӣ (транснатсионалӣ), рушди

савдо. Барои файласуфон моҳияти ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, дар яксон гардидани арзишҳои инсонист, барои сотсиологҳо — ташаккули тарзи зиндагии ягонаи одамон дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон.

**Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва молия.** Ҷаҳонишавӣ назар ба дигар соҳаҳо дар соҳаи молия ва иқтисод босуръат ҷараён дорад. Асоси ҷаҳонишавии иқтисодиётро шиддат ёфтани рақобатҳо барои ҷорӣ кардани назорат аз болои бойигариҳои табиӣ ва бозорҳо ташкил медиҳад. Дар ин робитаҳо нақши асосиро ширкатҳои фаромиллӣ мебозанд. Ташкили ин гуна ширкатҳо ба ибтидои асри XX рост меояд. Ҳоло дар ҷаҳон бештар аз 40 ҳазор ширкати фаромиллӣ вуҷуд дорад. Аксарияти онҳо амрикоӣ, ҷопонӣ ва аврупоӣ мебошанд.

**Оё медонед?** Ширкати амрикоии «Юниливер» дар 75 мамлакати ҷаҳон 500 корхона дорад. Ё ширкати русии «Русал» дар бисёр мамлакатҳо корхона дорад. Ширкатҳои фаромиллӣ аз рӯйи имкониятҳои иқтисодӣ бо давлатҳои гуногун рақобат мекунанд. Масалан, ширкати ҷопонии «Митсубиси» аз рӯйи ҳаҷми истеҳсолот фақат аз 21 давлат қафо меистад.

Ташаккули иқтисоди ҷаҳонӣ пойдевори давлатҳои миллиро хароб намуда, марзҳои гумрукро, ки ба воситаи он давлат бойигариҳои худро назорат мекунад, шикаста метавонад, роҳҳои қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ пайдо мешаванд ва тақсими байналхалқии кор ба вуҷуд меояд. Бо истифода аз ин ба таври оммавӣ муҳоҷирати меҳнатӣ оғоз мешавад. Масалан, садҳо ҳазор тоҷик дар Россия кор мекунанд. Ҳамаи ин иқтисоди миллии кишварҳоро хароб мекунад.



Намоиши эътирозии мухолифони ҷаҳонишавӣ.

*Оё тахминан гуфта метавонед, ки ин намоиш дар кадом минтақаи дуне сурат мегирад?*

Ҷаҳонишавии шабакаи алоқа назорати давлатро аз болои ҷараёни иттилоотӣ суст карда, шакли ҳокимиятро тағйир медиҳад. Ҳукумат мавқеи худро дар «фаҳмонидани» ҳодисаҳо гум мекунад.

**Ҷанбаҳои сиёсии раванди ҷаҳонишавӣ.** Албатта, ҷаҳонишавӣ фақат дар соҳаи иқтисодӣ нест. Ҷузъи дигари асосии он

соҳаи сиёсӣ аст. Нишонаҳои он афзоиш ёфтани созмонҳои байналмилалии ғайридавлатӣ, байнидавлатӣ ва дигар ниҳодҳо мебошад.

Дар ташкили системаи сиёсии ҷаҳонӣ нақши бисёр муҳимро СММ ва ташкилотҳои он, мисли ЮНЕСКО (Ташкилоти СММ оид ба маориф, илм ва фарҳанг), ФАО (Ташкилоти ҷаҳонии озуқа ва кишоварзӣ), Хазинаи байналмилалии асъор ва ғайра бозӣ мекунанд.

Ҷаҳонишавӣ ба тағйири бунёдии тамоюли арзишҳои фарҳангии инсон таъсири бузург расонидааст.Тарзи зиндагии одамон ба тадриҷ нишонаҳои якхеларо мегирад. Муҳлати фарогирии маданияти ҷаҳонӣ аз тарафи мардум кам шудааст. Фарҳанги умумиинсонӣ дар ҳоли ташаккул мебошад.

Ҷаҳонишавӣ дар ин соҳа ба ғарбишавии фарҳанг овардааст. Бо суръати баланд арзишҳои фарҳангии Ғарб дар дигар кишварҳо паҳн мешаванд, ки ба фарҳанги миллӣ хатар эҷод мекунад.

**Ҷаҳонишавии хушунат ва зӯроварӣ.** Ҷанбаи дигари ҷаҳонишавӣ фаромиллӣ шудани хушунат ва зӯроварӣ мебошад. Гурӯҳҳои байналмилалии ҷинояткор ва мафиозию террористӣ як воқеияти инкорнашаванда мебошанд, ки сарҳади сиёсию қавмӣ надоранд. Аммо ба шиддат ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ одамон мухолифат нишон медиҳанд.

**Мухолифони ҷаҳонишавӣ.** Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки дар ҳар як мулоқот ва ҷаласаҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ доир мегарданд, гурӯҳи одамон ба намоишҳои эътирозӣ мебароянд. Баъзан фаъолияти онҳо бо задухӯрд бо политсия анҷом меёбанд. Инҳо мухолифони ҷаҳонишавӣ мебошанд, ки онҳоро маъмулан «антиглобалист» («мухолифони ҷаҳонишавӣ») мегӯянд.

**Аз Паёми Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2006.**

Ҷаҳонишавӣ дар худ имкониятҳои бузурги пешрафт ва дар айни замон таҳдидҳои ҷиддиро ба ҳаёти башарият омезиш додаст. Дар давраи мушаххаси таърихи Тоҷикистон раванди ҷаҳонишавӣ ва тамоюлоти ба он пайванд бинобар омилҳои асосии зерин метавонистанд ба сарнавишти Ватан ва мардуми он таъсири дарозмуддати манфӣ дошта бошанд.

**Аввал** ин ки ташаккули Тоҷикистон дар шароити бухрони шадиди сиёсиву идеологӣ ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти даврони баъди низоъ, мавҷуд набудани сохторҳо ва механизмҳои фаъоли идораи давлат ва ҷомеа, инчунин мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва дахолати хориҷӣ сурат гирифт.

**Дувум.** Давлати тозаистиқлоли мо ҳамзамон бо таъсис ва таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии сиёсиву идорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама дар бахши иқтисод ногузир ба ислоҳоти бунёдӣ даст зад, ки ин иқдом табиатан равандҳои иҷтимоиро шиддат мебахшад ва барои фаъолияти доманадори неруҳои сиёсии дохилӣ ва талошу кӯшишҳои таъсиррасонии доираву гурӯҳҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам месозад.

**Сеюм.** Ҷаҳонишавӣ чун дар ҳама ҷо барои асолат ва ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқиву маънавӣ, симо ва сирати миллии мо хатари ҷиддӣ эҷод намуд. Ба ин сабаб талоши мунтазам ва қотеонаи мо барои ҳифзи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти дохилӣ ва хориҷии давлати ҷавони Тоҷикистонро ташкил дод ва силсилаи чораҳои доманадорро тақозо намуд.

**Чорум.** Дар натиҷаи таъсири ҷиҳатҳои хосси ҷаҳонишавӣ фаъолияти доираҳои террористӣ, экстремистӣ ва қочоқи маводди муҳаддир, ки пештар доманаи нисбатан маҳдуд доштанд, хеле васеъ гардид ва ин падидаҳо ба хатари ҷиддии ҷаҳонӣ табдил ёфтанд ва Тоҷикистони тозаистиқлол дар хатти аввали муқовимат бо онҳо таҳти фишори шадид қарор гирифт. Бо вуҷуди мушкилоти дохилӣ ва таъсири харобиовари вазъи маълуми минтақавӣ мо дар муқобили ин хатарҳо мавқеи усулӣ ва қатъӣ гирифта, кишвари худ ва амнияту суботи минтақа ва ҳатто ҷаҳонро аз оқибатҳои фалокатовари онҳо то ҳадди имкон ҳифз кардем. Ҳаёт дурустӣ ва ҳаққонияти мавқеи моро собит сохт.

**Панҷум.** Ҷаҳонишавӣ ба тавозуни бехтари муносибатҳо ва суботи бештари низоми байналмилалӣ мусоидат карда натавонист ва ба рафъи хатари эҳтимолии бархӯрди тамаддунҳо комёб нашуд, ки чунин вазъ барои ҳамаи давлатҳо ва кишварҳо, дар навбати аввал давлатҳои ҷавон, таҳдиди нисбатан ҷиддӣ дорад.

*Бо таваҷҷуҳ ба суханони Президент оқибатҳои манфии ҷаҳонишавиро барои чунин кишварҳое мисли Тоҷикистон шарҳ диҳед.*

?!

1. Раванди ҷаҳонишавӣ кай оғоз шудааст ва чанд марҳаларо аз сар гузаронидааст?
2. Ҷаҳонишавиро шумо чӣ гуна мефаҳмед? Нишонаҳои хосси онро номбар кунед.
3. Нишонаҳои ҷаҳонишавиро дар мисоли Тоҷикистон номбар кунед.
4. Кадом созмонҳо ва гурӯҳҳои фаромиллӣ (транснатсионалӣ)-и молиявӣ дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд?
5. Муносибати шумо ба фаъолияти мухолифони ҷаҳонишавӣ чӣ гуна аст? Муносибататонро шарҳ диҳед.

* Аз байни созмонҳои байналмилалии зерин созмонҳои минтақавиро ҷудо кунед: а) СММ; б) МАГАТЭ; в) Хазинаи байналмилалии асъор; г) НАТО.

## § 31. НИЗОЪҲОИ ОХИРИ АСРИ XX ВА ИБТИДОИ АСРИ XXI. ПРОБЛЕМАИ ТЕРРОРИЗМ

?!
1. Низоъҳои калонтарини мусаллаҳонаи давраи «ҷанги сард» кадомҳо буданд?
2. Рақобати нимасраи миёни паймонҳои Шарқ ва Ғарб ба чӣ анҷомид?
3. Терроризм чист? Сабаби шиддат гирифтани амалиётҳои террористӣ дар чист?

Дар асри XX инсоният ду ҷанги ҷаҳониро аз сар гузаронид, ки даҳҳо давлати ҷаҳонро фаро гирифтанд. Худи амали сар задани ҷангҳои ҷаҳонӣ нишондиҳандаи он аст, ки дар асри XX инсоният ба марҳалаи нави тараққиёти худ расидааст. Ҷангҳо ҳам равандҳои ҷаҳонишавиро инъикос мекунанд. Онҳо дар замонҳои пеш ҳам сар мезаданд, вале имрӯз ҳеҷ як давлат наметавонад аз онҳо дар канор бошад. Ба ин ё он андоза ҳар як давлат ба низоъ кашида мешавад ва талафоти ҷонӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ медиҳад.

**Масъалаи ҷанг ва сулҳ дар охири асри XX.** Дар ҷаҳони муосир ду амал масъалаи ҷанг ва сулҳро барои инсоният аҳаммият мебахшанд. Пеш аз ҳама, ин ба вуҷуд омадани силоҳи қатли ом — силоҳи ҳастаӣ, кимиёӣ ва биологӣ мебошад. Истифодаи он метавонад на танҳо тарафҳои даргирро, балки тамоми инсоният ва худи ҳаётро дар замин нест кунад. Гап на танҳо дар сари миллионҳо қурбонӣ аз гирифтани радиатсия, заҳролудшавӣ, харобшавии арзишҳои моддии дар тӯли асрҳо эҷодкардаи инсоният мебошад, балки дар сари он аст, ки ҷанги ҳастаӣ боиси фоҷиаи ҷаҳонии экологӣ мешавад. Омили дигар он аст, ки дар нимаи дувуми асри XX инсоният, махсусан мамлакатҳои қафомонда бо мушкилоти гуруснагӣ, қашшоқӣ, касалӣ ва ғайра дучор шуданд, ки барои ҳалли онҳо маблағу воситаҳои зиёд ва кӯшиши тамоми давлатҳо лозим аст. Вале боқӣ мондани хатари ҷанг (ҳатто



Иншооти ҳастаии Эрон.

*Иншооти ҳастаии Эрон бо ёрии кадом давлат сохта мешавад?*

на худи ҷанг) имконият намедиҳад, ки ин маблағҳо ва захираҳои дигари бузурги моддӣ барои ҳалли ин мушкилот истифода шаванд.

Мусобиқаи таслиҳотӣ (мусаллаҳшавӣ) ва мавҷудияти хатари даргирии мусаллаҳона миёни ду системаи ҷаҳонӣ: сотсиализм ва капитализм барои Амрико ва муттаҳидонаш хеле гарон афтод. Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, дар зери ин бори вазнини иқтисодӣ барҳам хӯрд.

Имрӯз хатари ҷанги ҳастаӣ хеле кам шудааст. Ҷаҳон дигар ба ду системаи ба ҳам зид тақсим намешавад. Дар ибтидои асри XXI ҷаҳони дуқутба* ҷойи худро ба системаи нави муносибатҳои байналмилалӣ медиҳад, ки дар он ҷаҳон бояд бисёрқутба гардад. Лекин боз ҳам мо наметавонем гӯем, ки хатари ҷанги ҳастаӣ пурра аз байн рафтааст. Ба ғайр аз 5 давлати расман эътирофшудаи дорои силоҳи ҳастаӣ (ИМА, Россия, Фаронса, Англия ва Чин) дар солҳои охир боз Ҳиндустон ва Покистон соҳиби чунин силоҳ гаштанд. Дар 14 давлати дигар дар ин самт тадқиқот мебаранд. Маълум нест, ки ин давлатҳо баъд аз соҳиби силоҳи ҳастаӣ шудан чӣ гуна рафтор мекунанд.

**Низоъҳои мусаллаҳона.** Возеҳ аст, ки хатари ҷанги ҳастаӣ камтар шудааст, вале масъалаи ҳалли низоъҳои мусаллаҳона бо истифодаи силоҳи муқаррарӣ ба масъалаи доғи рӯз табдил шудааст. Фақат дар солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон беш аз 250 ҷанг сар задааст, ки дар онҳо 90 давлат иштирок кардааст ва 35 млн нафар одамон талаф ёфтаанд.

Яке аз сабабҳои асосии низоъҳои мусаллаҳона ҷидду ҷаҳди халқҳои аз давлатдории миллӣ маҳрум барои ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ мебошад. Тасодуфӣ нест, ки дар нимаи дуюми асри XX афзоиши босуръати давлатҳои нави мустақил ба мушоҳида мерасад.

**Оё медонед?** Соли 1945 дар ҷаҳон 60 давлати мустақил буд, соли 1965 — 100, соли 1990 — 160, соли 1992 — 175. Дар соли 2011 СММ 193 давлатро муттаҳид мекард, ки аксари онҳо дар натиҷаи ҷанг ва низоъҳои мусаллаҳона истиқлолияти худро ба даст овардаанд.

* Ҷаҳони дуқутба — аз нигоҳи воқеияти сиёсӣ рақобати ду низоми ҷамъиятию сиёсӣ, ки ба онҳо Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА сарварӣ менамуданд, чунин номида мешуд.

Мамлакатҳои Осиё ва Африқо, ки дар зери таъсири Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, баъди барҳам хӯрдани он ба майдони рақобатҳои байни гурӯҳҳои сиёсӣ ва динӣ табдил ёфтанд. Мисоли равшани онро мо дар Афғонистон мебинем, ки баъди хориҷ гардидани қувваҳои ҳарбии шӯравӣ аз он ҷо муборизаҳои мусаллаҳона байни гурӯҳҳои гуногун авҷ гирифтанд. Дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравии собиқ даҳҳо маркази низоъҳои этникӣ ба вуҷуд омаданд, давлатҳои худэълоншуда, ки аз тарафи ҳеҷ давлате ба расмият шинохта нашудаанд, ба мисли Абхазия, Ҷумҳурии Назди Днестр (Приднестровйе), Ичкерия (Чеченистон) ба вуҷуд омаданд. Югославияи порча-порчашуда ба маркази низоъҳои этникӣ мубаддал гардид.

Низоъҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI гуногуннавъ мебошанд: низоъҳои байнидавлатӣ (Ироқ–Кувайт), этникӣ (Қаробоғи Кӯҳӣ ва ғайра), динӣ (Косово), нажодӣ (Африқо). Аз рӯйи дараҷаи дахолати кишварҳои дигар низоъҳо байналмилалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мешаванд.

Ҳар яке аз ин гуна низоъҳо на фақат барои тарафҳои даргир, балки барои ҳамсояҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ хатарнок мебошанд. Масалан, низои бисёрсола дар Афғонистони ҳамсояи мо ба низои минтақавӣ табдил ёфт ва кишварҳои ҳамсояро фаро гирифт. Ба низои байни фаластиниҳо ва исроилиҳо на танҳо мамлакатҳои арабӣ, балки дигар кишварҳои манфиатдор низ ҷалб шуданд.

**Робитаи байни қашшоқӣ ва низоъҳои мусаллаҳона**

Аксари кишварҳои қафомонда ба доми муаммои сарбаста афтодаанд, ки қашшоқӣ низоъҳоро ба вуҷуд оварда, онҳо бошад, дар навбати худ, сабабгори қашшоқӣ мегарданд. Дар китоби «Breaking the Conflict Trap» («Хотима додани низоъ») таҳлили 52 низои мусаллаҳонаи дар солҳои 1960–1999 баамаломада нишон додааст, ки пас аз низоъҳои ҳафт сол давомёфта давраи қашшоқӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ сар задааст.

Дар давоми 40 соли охир сар задании низоъҳо падидаи маъмулӣ гардид. Дар 15 соли охир бошад, аз 20 кишвари қафомондатарини дунё дар 16 кишвар ҷангҳои калони шаҳрвандӣ идома доштанд.

Дар нисфи кишварҳое, ки аз ҳолати ҷангҳои шаҳрвандӣ баромаданд, дар давоми панҷ соли баъдиҷангӣ аз нав ҷанг сар задааст. Ҳатто дар ҳолати дастёбӣ ба рушди босуръат дар давраи пас аз хотима ёфтани ҷанг барои расидан ба ҳолати тоҷангӣ саъйу кӯшиши чанд насли одамон лозим аст.

*Манбаъ: Маводди Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон. Оё медонед, ки...// https://www.un.org/ru/youthink/globalization.shtml*

Дар солҳои охир барои таъмини сулҳи пойдор умеди зиёд ба демократикунонии муносибатҳои байналмилалӣ баста шудааст. Раванди васеи демократӣ кунонидани давлатҳо қариб тамоми минтақаҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки демократикунонии ғарбӣ дар бисёр маврид пеши роҳи ҷангро гирифта наметавонад.

Девори Берлин шикаста шуд, вале дар Аврупо оромӣ ҳукмрон нашудааст.

*Ба хотир биёред, ки девори Берлин чӣ гуна девор буд ва кай сохта шуд.*

Ё имрӯз ду абарқудрати собиқ — ИМА ва Россия, гӯё аз арзишҳои ягонаи демократӣ пайравӣ мекунанд, вале ин ба пойдории сулҳу субот дар ҷаҳон мусоидати зиёд накард.

*Дар ин ҷо, шояд, гап дар кам будани демократия набуда, дар сохта ва рӯякӣ будани он бошад? Шумо дар ин бора чӣ назар доред?*

**Терроризм.** Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI падидаи бо номи «терроризм» қувват гирифт, ки ба воситаи пурқуввати мубориза барои манфиатҳои сиёсӣ, идеологӣ ва геополитикӣ табдил ёфтааст.

Ҳар як мафҳум таърихи пайдоиш дорад. Гарчанде амалҳои террористӣ аз замонҳои хеле қадим вуҷуд доштаанд, аммо террор ба забони муосир дар давраи инқилоби Фаронса, бо кӯшиши жирондистҳо ва якобинчиён дохил шуд. Онҳо соли 1792 муттаҳид шуда, хостанд шоҳро маҷбур кунанд, то вазирони ҳукуматро бо роҳбарони гурӯҳҳои тундрави чап иваз кунад. Маҳз ҳамин вакт ходимони инқилоб эълон карданд: «Бигузор террор масъалаи рӯз бошад». Ҳукумати якобинчиён системаи террори давлатиро ба роҳ монда буд.

*Аз таърихи умумии синфи 8-ум ба хотир биёред, ки якобинчиён ва жирондистҳо кӣ буданд?*

Амалиётҳои террористӣ, махсусан дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, хеле афзоиш ёфтанд. Созмонҳои зиёди террористӣ ташкил шудаанд.

**Шаклҳои зуҳури терроризм.** Шаклҳои зуҳури терроризм хеле гуногун мебошанд. Бинобар ин мутахассисон онро ҳар гуна тақсимбандӣ мекунанд: терроризми давлатӣ, терроризми гурӯҳҳои мухолифи давлат, терроризми байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ. Аз рӯйи хислати иҷтимоӣ бошад, терроризмро ба терроризми иҷтимоӣ, динӣ ва этникӣ тақсим мекунанд. Бо вуҷуди ин, як таърифи мукаммали терроризм не, балки даҳҳо таъриф вуҷуд дорад. Нишонаи асосии терроризм ин амали зӯроварӣ ва даҳшатафканӣ ба хотири ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ мебошад. Ҷуғрофияи паҳншавии созмонҳои террористӣ бисёр васеъ аст: Аврупо, Осиё, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Африқо. Миқёси амалҳои террористӣ низ бошиддат меафзояд.

**Оё медонед?** Агар аз соли 1970 то соли 1980 дар тамоми дунё 1814 амали террористӣ анҷом ёфта бошад, аз соли1980 то 1986 шумораи онҳо ду баробар афзуд. Аз рӯйи ҳисоботҳои Департаменти давлатии ИМА имрӯз дар ҷаҳон ҳарсола аз 320 то 620 амалиёти террористӣ анҷом дода мешавад.

Террористон одамонро медузданд, дар ҷойҳои таҷаммуъ (ҷамъ омадан)-и мардум бомба метарконанд, ба куштори шахсиятҳои олирутбаи давлатӣ ва ҳизбӣ даст мезананд. Аз дасти террористони сикх 31-уми октябри соли 1984 сарвазири Ҳиндустон – Индира Ганди ба қатл расид. Соли 1995 террористони созмони «Аум синрикё» дар метрои Токио моддаи заҳролудкунандаи «зарин» истифода карданд. Солҳои 1990–1993 созмони террористии «Палангони озодибахши Тамил Илама» дар Шри-Ланка ба қатли шахсиятҳои сиёсӣ, аз ҷумла сарвазири Ҳиндустон – Раҷив Ганди (1991), президенти Шри-Ланка – Ранасингх Премадас (1993) ва дигар ҳодимони баландрутбаи низомию давлатӣ даст заданд.

Яке аз созмонҳои машҳури террористии Аврупо дар асри XX созмони «Бригадаҳои сурх» («Brigate Rosse») буд, ки дар куштори прокурори шаҳри Генуя – Франческо Коко, собиқ сарвазири Италия – Алдо Моро ва созмон додани даҳҳо амали террористии дигар айбдор карда мешавад.

9-уми сентябри соли 2001 фармондеҳи номдори муборизаи зидди Артиши шӯравӣ дар Афғонистон, вазири мудофиаи Давлати

Исломии Афғонистон – Аҳмадшоҳ Масъуд аз тарафи ду нафар террористи араб ба қатл расид.

**Усома бин Лодан ва созмони «Ал-Қоида».** Амалиёти бузургтарини террористӣ 11-уми сентябри соли 2001 дар Амрико ба амал омад. Ҳавопаймоҳои мусофирбари «Боинг», ки аз тарафи террористон забт шуда буданд ба бинои дугоники Маркази савдои ҷаҳонӣ дар Ню-Йорк ва бинои Вазорати мудофиаи Амрико (Пентагон) зада шуданд. Дар натиҷа қариб 3 ҳазор одами бегуноҳ кушта шуд.



Амалиёти террористии 11-уми сентябр дар Ню-Йорк.

*Кадом воситаҳо барои анҷоми ин амали террористӣ истифода шудааст?*



Мулло Умар ва Усома бини Лодан.

*1. Муаллифи карикатура чиро тасвир кардааст?*
*2. Усома ба Мулло Умар чиро нишон медиҳад?*

Роҳбари созмони террористии «Ал-Қоида» Усома бини Лодан дар ташкили ин амалҳои террористӣ гунаҳкор дониста шудааст.

Усома аз тарафи Амрико террористи рақами як дониста шудааст. Ӯ инчунин дар ташкили даҳҳо амалиёти террористӣ гунаҳкор дониста мешавад.

Департаменти давлатии ИМА рӯйхати «Созмонҳои хориҷии террористӣ»-ро тартиб додааст, ки ба он зиёда аз 30 созмон дохил шудаанд. Аз ҷумла: созмони «Абу-Нидал», гурӯҳи «Абу Сайёф», «Аум синрикё» (Ҷопон), «ХАМАС» (Фаластин), созмони баскҳои Испания бо номи «Ватан ва озодӣ» (ЭТА), «Ал-Қоида», «Артиши озодихоҳи миллӣ» (Колумбия) ва ғайра.

Баъд аз амалиётҳои террористии сентябри соли 2001 дар Ғарб дар бораи терроризми исломӣ сухани зиёд мегӯянд, вале ислом ба монанди дигар динҳои ҷаҳонӣ нисбат ба

хушунату зӯроварӣ муносибати манфӣ дорад. Ислом наметавонад сарчашмаи терроризм бошад.

«Террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани худову бандагони ӯст. Барои бартараф намудани чунин андешаю гумонҳои нораво мо — ҳама давлатҳои мусулмонӣ бо падидаҳои радикалӣ, экстремистӣ ва террористӣ бояд дар ҳамбастагии зич мубориза барем, чунки ин гуна неруҳо аз номи ислом амал намуда, номи неки онро доғдор мекунанд ва манфиатҳои душманону бадхоҳони фарҳанги волои исломиро пиёда месозанд».

*Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Иҷлосияи сеюми фавқулодаи Созмони Конфронси Исломӣ дар шаҳри Макка, 7-уми декабри соли 2005.*

Созмони Милали Муттаҳид бояд чунин фикри равшан ва ягонаро эълом дорад, ки терроризм қобили қабул нест. Ба террористон ҳеҷ гоҳ имкон бояд дода нашавад, ки онҳо барои содир намудани амали террористӣ баҳона пайдо кунанд. Барои кадом мақсаде, ки мубориза кунанд, барои кадом озурдахотирие, ки онҳо ҷавоб гӯянд, терроризмро барҳақ шуморидан раво нест. Ба ин маъно СММ бояд мавқеи ғолибияти ахлоқиро аз даст надиҳад.

Гурӯҳҳо (террористӣ) ба тактикаи террористӣ барои он даст мезананд, ки фикр мекунанд ин тактика самаранок аст ва қисми зиёди одамон, ҳадди ақал онҳое, ки аз номашон амал мекунанд, фаъолияти онҳоро дуруст мешуморанд. Барои ин, вазифаи асосии мо аз он иборат аст, ки ҷолибияти терроризмро барои онҳое, ки метавонанд онро дастгирӣ кунанд, кам кунем. Барои он ки доираи онҳоеро, ки метавонанд ба амали террористӣ даст зананд, маҳдуд кунем, бояд ба таври возеҳу равшан фаҳмонем, ки ҳеҷ як кор, ҳар чӣ қадар боадолат бошад, терроризмро ҳақ намегардонад. Ин ба мубориза и қонунии халқҳо барои худмуайянкунӣ низ дахл дорад. Ҳатто ҳамин ҳуқуқи асосӣ, ки Ойинномаи СММ муайян кардааст, куштори қасдӣ ва ё маъюб кардани одамони мулкии дар ҷанг иштироккнакардаро ҳақ намегардонад.

*Аз маърузаи мунишии умумии СММ – К. Аннан «Ягонагӣ дар мубориза бо терроризм: пешниҳодҳо оид ба стратегияи глобалии зиддитеррористӣ», 2-юми майи 2006.*

1. *«Ҷолибияти терроризмро кам кунем» – гуфтани К. Аннан чӣ маъно дорад?*
2. *Оё ба ғайр аз истифодаи зӯрӣ давлатҳо барои пешгирӣ кардани амалҳои террористӣ боз ягон чорабиниҳо мекунанд. Агар донед, номбар кунед.*

?!

1. Зиддиятҳои асосии ҷаҳони охири асри XX-ро номбар кунед. Оё ин зиддиятҳо кам шудаанд?
2. Оё хатари ҷанги ҳастаӣ вуҷуд дорад? Кадом омилҳо метавонанд ин хатарро зиёд кунанд?

3. Ба фикри шумо, чаро шумораи низоъҳои мусаллаҳона зиёд шудааст?
4. Низоъҳои калонтарини охири асри XX-ро номбар кунед.
5. Терроризм чист? Дар бораи сабаби зиёд шудани амалҳои террористӣ шумо чӣ фикр доред?

Мамлакатҳое, ки расман худро дорандаи силоҳи ҳастаӣ эътироф кардаанд, кадомҳо мебошанд:

а) ИМА, Россия, Англия, Фаронса, Чин, Ҳиндустон, Покистон;
б) ИМА, Россия, Англия, Фаронса, Олмон, Ҷопон, Чин;
в) ИМА, Россия, Англия, Фаронса, Ҳиндустон, Бразилия, Исроил.

Мафҳуми «проблемаҳои глобалии ҷаҳони муосир»-ро шарҳ диҳед:

а) ин маҷмуи масъалаҳое мебошад, ки ба мавҷудияти силоҳи қатли ом алоқаманд мебошад;
б) ин маҷмуи масъалаҳои тараққиёти илму техника мебошад;
в) ин масъалаҳое мебошанд, ки ҳалли онҳо ҷидду ҷаҳди муштараки тамоми давлатҳоро талаб мекунад.

## § 32. РАФЪИ БУҲРОНИ ЭКОЛОГӢ

1. Буҳрони экологӣт(муҳити зист) чист? Он кай пайдо шудааст?
2. Сабабҳои сар задании буҳрон аз чӣ иборатанд?
3. Оқибатҳои буҳрони экологӣ (тағйири обу ҳаво, камшавии оби тоза ва захираҳои укёнусҳо, Замин ва ғайра) аз чӣ иборатанд?

**Буҳрони глобалии экологӣ ва сабабҳои он.** Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI хатари умумиҷаҳонии дигаре, ки дунёро таҳдид мекунад, буҳрони экологӣ ё муҳити зист аст. Воқеият ин аст, ки одамӣ аз рӯзҳои аввали оғози ҳаёти худ дар кураи Замин бо масоили муҳити зист даст ба гиребон будааст.

Буҳрони экологӣ ҳолати муҳимми ҷуғрофие мебошад, ки дар натиҷаи ба амал омадани тағйирот дар муҳити зист, он барои зиндагии инсон корношоям мешавад.

Табиат сарчашмаи таъмини зиндагии инсон ва ҷомеа мебошад, бинобар ин буҳрони экологӣ ногузир ба буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ табдил меёбад.

Ду сababи асосии буҳрони экологӣ мавҷуд аст: тағйири иқлим ва фишори антропогенӣ ба муҳити атроф. Дар ҳар ду маврид онҳо тағйироти ҷиддиро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

**Таъсири буҳронҳои экологӣ ба раванди тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа.** Таърихи инсоният буҳронҳои зиёди экологиро аз сар гузаронидааст, ки ҳар дафъа онҳо дар ҷомеа таъсири амиқ гузоштаанд. Вобастагии инсон ба табиат муддатҳои тӯлонӣ ҳамчун таъсири қувваи берунӣ ҳисобида мешуд ва аксуламали инсон ба ҳодисаҳои табиат ғайрифаъол буд.

Масалан, боришҳои муссонӣ дар Африқои Марказӣ ба он оварда расонд, ки резишгоҳҳои дарёи Нил зери об монданд ва аҳолӣ ба ҷануб кӯч баст. Мисри поён аҳаммияти сиёсию иқтисодии худро дар минтақа аз даст дод. Вақте иқлим хушктар гардид, одамон баргаштанд ва эҳёи иқтидори давлати Мисри қадим аз нав оғоз гардид. Ё ки шумерҳои қадим дар натиҷаи обёрии аз ҳад зиёд заминҳои поёноби дарёҳои Даҷла ва Фуротро шӯразор карданд. Дар натиҷа, маданияти қадими Шумер аз байн рафт. Акнун фақат бостоншиносон метавонанд тасдиқ кунанд, ки дар ин ҷо яке аз тамаддунҳои қадимтарини дунё вуҷуд доштааст.

Тағйири шароити табиӣ дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ҳам на танҳо ҷойгиршавии тамаддунҳоро дигар кардааст, балки инчунин шаклҳои нави давлатдорию ҳокимиятро ба вуҷуд овардааст. Намунаи онро метавон дар таърихи асрҳои миёнаи Россия баръало мушоҳида кард, ки чӣ гуна буҳрони экологӣ (бадшавии иқлим, буҳрони демографӣ ва таъсири антропогенӣ) дар асри XV ба буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ оварда расонд. Дар натиҷа, давлат барои аз буҳрон баровардан ҳуқуқҳои васеъро ба худ гирифт, то ислоҳот гузаронад. Ҳамин тавр, батадриҷ ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ ба вуҷуд омад.



Биёбоншавӣ. Дар ин ҷо чанде пеш кӯли калоне буд.

*Ба назари шумо, ин мавзеъ дар кадом минтақаи дунё қарор дорад? Инро чӣ хел муайян мекунед?*

Чуноне дида мешавад, таъсири ҳодисаҳои табиат ба таърихи иқтисодию сиёсии инсоният ҳамеша вуҷуд доштааст. Бешакку шубҳа, имрӯз ҳам муносибати мутақобили инсон ва муҳити зист барои таърихи муосир аҳаммияти зиёд дорад. Маҳз ҳамин муносибат метавонад боиси низоъ гардад, зеро инсоният ба ҳадде расидааст, ки гузаштан аз он сабаби фоҷиа мегардад.

Нишонаҳои аввалини низоъҳои оянда имрӯз мушоҳида мешаванд. Мубориза барои назорат аз болои захираҳои нафти Ироқ, баҳри Каспий ва дигар минтақаҳои нафтдори ҷаҳон авҷ гирифтааст.

Маълум аст, ки дар ҳар як давра ба таври худ маҳдудиятҳои табиӣ дарк мешаванд ва барои рафъи буҳрон роҳ меҷӯянд. Ин маънои онро дорад, ки рафъи буҳрони экологӣ ҳатман ҷанбаи сиёсӣ хоҳад дошт.

**Дар бораи зарурати ҳифзи муҳити зист**

Муҳити зист — он чи дар атрофи мо буда ва чӣ гуна ба рушди мо таъсир мерасонад. Аз нуқтаи назари олимон, муҳити зист — ин маҷмуи шароитҳои табиӣ, ҷуғрофӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ мебошад, ки инсон ва дигар ҷондори зиндаро иҳота намуда, шаклҳо ва моҳияти мавҷудияти онҳоро муайян менамояд.

Муҳити зист ба зиндагии инсонҳо ва рушди ҷомеа таъсир мегузорад. Дар натиҷа, инсонҳо, тараққиёту пешравӣ, рушд ва муҳити зист бо ҳам зич алоқаманд мешаванд.

Муҳити зист метавонад хатарзо бошад. Ҳавои олуда, бемориҳои сироятӣ, ки бо об интиқол меёбанд, маводди заҳрдори кимиёӣ ва офатҳои табиӣ танҳо як қисми хатарҳое ҳастанд, ки барои инсоният таҳдид мекунанд ва дар муҳити зист ниҳон мебошанд.

Дар аксари кишварҳо олудагии захираҳои табиӣ, хок, об ва ҷангалҳо бо суръати таҳдидкунанда ба амал омада, агар ҳамаи ин аз байн равад, пас инсоният якбора нобуд мешавад.

Агар мо хоҳем, ки рушди ҷомеаи инсонӣ устувор бошад, яъне талаботи имрӯзаро қонеъ намояд ва ба имкониятҳои наслҳои оянда хатар нарасонад, кишварҳои олам бояд на танҳо дар бораи пешрафти иқтисодӣ, балки дар бораи ҳифзи муҳити зист ғамхорӣ намоянд.

Дар мубориза ба муқобили қашшоқӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим — ғамхорӣ дар бораи муҳити зист дар тамоми ҷаҳон аст, зеро мардуми қашшоқтарин дар минтақаҳои хатарнок зиндагӣ менамоянд.

*Манбаъ: Маводди Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон. Оё медонед, ки...// https://www.un.org/ru/youthink/globalization.shtml*

**Фаъолияти инсон ва табиат.** Аз рӯйи ҳисоби олимон зиддияти асосӣ байни ҷомеаи муосир ва табиат фаъолияти ба табиат таъсиргузорандаи инсон аст. Масалан, дарё метавонад як қуттӣ партовҳои саноатиро, ки инсон ба он мерезад, ба осонӣ безарар кунад. Лекин, вақте ки 1 миллион қуттӣ ба он партофта мешавад, безараркунии онҳо аз имконияти дарё берун аст. Дар натиҷаи олудашавии аз ҳад зиёд тамоми мавҷудоти зинда дар он мемирад.



Чоҳҳои нафти Кувайт месӯзанд.

*Чаро Ироқ ба Кувайт ҳамла карда буд?*

Ҳанӯз солҳои 60-уми асри XX профессори Донишгоҳи давлатии Москва В. А. Кавда ҳисоб карда буд, ки инсоният назар ба табиат 2000 маротиба зиёд партовҳои органикӣ истеҳсол мекунад. Имрӯз биосфера* дигар ба фаъолияти инсон муқобилат карда наметавонад. Дар он тағйироти баргаштнопазир шурӯъ шудааст. Маҳз дар натиҷаи олудашавии ҳаво «боронҳои асидӣ», «асари гармхонаӣ» ба вуҷуд омада, қабати озонии Замин сӯрох шудааст.

*Ба хотир биёред, ки аз фанҳои экология, география ва биология шумо дар ин бора чӣ медонед.*

**Тағйироти обу ҳаво.** Таркиби ҳаво дигар шуда истодааст: ҳиссаи оксиген кам шуда, ҳиссаи газҳои карбонат, сулфур ва дигар олудакунандагон меафзояд. Ин ба он оварда расондааст, ки боронҳои асидӣ (кислотаӣ) зиёд шудаанд. Ин боронҳо обанбору қабати хокро заҳролуд карда, ҳосилнокии онро кам мекунанд.

* Биосфера (юн.) — минтақаи паҳн гардидани ҳаёт ва зиндагӣ дар кураи Замин.

**Оё медонед?** Дар Шветсия дар ҳудуди 4000 кӯл вуҷуд дорад, ки аз моҳӣ холӣ шудаанд ва 20000 кӯли боқимонда низ дар зери таъсири боронҳои асидӣ ба ҳамин роҳ равонанд.

Ин фақат як қиссаи ғамангез дар бораи марги ҳаёти мавҷудоти зинда нест. Аз солҳои 30-юми асри XX ба ин тараф дарёҳои Аврупо оҳиста-оҳиста аз моҳӣ холӣ мешаванд. Дар даҳаҳои 60–70 бошад, шумораи зиёди моҳӣ аз байн рафт ва ин вазъият ба шумораи парандагон ва ҳонварони соҳилӣ, ки хӯроки асосиашон моҳӣ мебошад, таъсири бад гузошт. Кӯлу дарёча, ки муҳимтарин манбаи даромад ва таъмини хӯрокаи одамон мебошанд, тавассути боронҳои асидӣ нобуд мешаванд. Борони асидӣ дарахтҳоро аз байн мебарад. Миллионҳо гектар ҷангал дар Аврупо осеб дидааст. Биноҳои таърихӣ низ аз таъсири боронҳои асидӣ дар амон намондаанд.

**Гармшавии ҳаво.** Ҷамъшавии аз ҳад зиёди гази карбонат ҳодисаи ба ном «асари гармхонаӣ»-ро ба вуҷуд меорад. Моҳияти ин аз он иборат аст, ки қабати сахтшудаи дуокиси карбон озодона радиатсияи Офтобро ба Замин мегузаронад, вале бозгашти тобиши гармиро ба қабатҳои болоии ҳаво бозмедорад. Дар натиҷа, дар қабати поёнии он ҳарорати ҳаво меафзояд. Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки ҷамъшавии дукаратаи газҳои карбонат дар ҳаво ба ҳисоби миёна ҳарорати Заминро 2,9 °C гарм мекунад. Дар ин сурат яху барфҳо дар минтақаҳои сарди доимӣ об шуда, сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ баланд мешавад. Бисёр минтақаҳо зери об мемонанд. Масалан, агар сатҳи баҳр фақат 1 м баланд шавад, 11 фоизи масоҳати Бангладеш, 15 фоизи масоҳати Миср, ҷазираҳои Малдив пурра, ноҳияҳои васеи Чин зери об мемонанд.

Оқибатҳои иқтисодии гармшавии ҳаво низ фоҷиабор мешаванд. Мошинҳои зиёд ва корхонаҳои саноатӣ ҳавои шаҳрҳоро бисёр олуда месозанд.

Соли 1991 қушунҳои аз Кувайт ақибнишининамудаи Ироқ садҳо чоҳи нафтро оташ заданд. Оташро фақат баъди як сол фурӯ нишонданд, ки он, аллакай, ба табиат зарари калон расонида буд.

**Масъалаи нигоҳдории гуногунии биологии кураи Замин.** Дар даҳсолаҳои охир масъалаи нигоҳдории гуногунии биологии олам аҳаммияти зиёд касб кардааст. Дар 400 соли гузашта дар ҳар 10 сол як намуди мавҷуди зиндаи Замин аз байн мерафт. Имрӯз бошад, ҳар сол як намуд аз байн меравад. Сабаби ин аз байн рафтани шароитест, ки ин мавҷудот метавонанд дар он зиндагӣ кунанд.

Масалан, дар асри XVIII дар ҷазираҳои Командор як навъи гови баҳрӣ вуҷуд дошт. Агар ин намуди гов то замони мо вуҷуд медошт, эҳтимол, фермаҳои чорводории баҳрӣ ташкил мешуданд. Бо аз байн рафтани бисёр намудҳои мавҷудоти зинда ва рустаниҳо, шояд, инсон имконияти пайдо кардани доруи бемориҳои саратон, БПНМ* ва ғайраро аз даст додааст.

**Оё медонед?** Дар кураи Замин зиёда аз 1 млрд аҳолӣ аз нарасидани оби тоза ранҷ мебинад. Аз ин зиёдтар — аз 1,2 то 2 млрд нафар аз шабакаи барои саломатӣ безарари обтаъминкунӣ ва корезӣ маҳруманд. Ҳар сол то 3 млн нафар одам аз касалиҳои сирояткунандаи вобаста ба набудани иншооти обтозакунӣ ва истифодаи оби ифлос мемиранд.

**Камшавии захираҳои оби тоза.** Дар кураи Замин ба таври фоҷиаомез захираи оби тоза ва майдони замини кишт кам шуда истодааст. Инсоният, аллакай, беш аз 20 млн гектар замини киштро аз даст додааст, ки аз замини кишти имрӯз истифодашаванда зиёдтар аст. Фақат аз ҳисоби камшавии майдони кишт инсоният ҳар сол аз 30 млн тонна ғалла маҳрум мешавад.

Ин вазъиятро ба хубӣ метавон дар мисоли Тоҷикистон низ мушоҳида кард. Дар натиҷаи ботлоқшавӣ ва шӯразор гардидани замин дар ҷумҳурӣ 4000–5000 га замини пурқиммати обёришаванда бекор хобидааст. Дар ҳоле ки барои барқарор намудани 1 миллиметр замин ба табиат 200 сол лозим аст.

Дар пеши чашми одамон захираҳои Уқёнуси ҷаҳонӣ кам мешаванд. Ҳарсола инсон аз Уқёнус то 70 фоизи баъзе навъҳои моҳӣ ва маҳсулоти баҳриро берун мекунад. Бисёр навъҳои моҳиҳое, ки 30–40 сол пеш ҳиссаи асосии миқдори моҳиро ташкил мекарданд, имрӯз фақат дар хотираҳо мондааст.

**Нестшавии ҷангалҳо.** Нест карда шудани ҷангалҳо зарбаи сахти дигарест ба муҳити зист. Агар солҳои 80-уми асри XX ҳар сол 10–12 млн га ҷангал бурида мешуд, баъд аз як даҳсола ин рақам ду баробар афзуд. Махсусан ҳуҷум ба ҷангалҳои боронӣ (тропикӣ)-и Амрикои Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ шиддат ёфтааст.

* БПНМ (БПНМ) — ин маҷмуи аломатҳои бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошад, ки дар марҳалаи охирини сирояти ВНМО (вируси норасоии масунияти одам) инкишоф меёбад.

Агар бо ҳамин суръат буридани ҷангалҳои боронӣ давом кунад, масалан, дар Бразилия дигар ҷангал намемонад. Ин ҷангалҳоро «шушҳои Замин» меноманд, ки ҳаворо бо оксиген таъмин мекунанд. Дар онҳо аз нисф зиёди тамоми рустаниҳо мерӯяд ва бештар аз нисфи мавҷудоти зиндаи дар Замин мавҷудбуда зиндагӣ мекунад. Дар натиҷаи буридани ҷангалҳо ҳарсола ҳаво то 15 млрд тонна оксиген намегирад, метавонанд навъҳои гуногуни ҳайвонот (бабрҳо, парандагон, маймунҳо), гиёҳҳои шифобахш аз байн бираванд.

**Оё медонед?** Ҷопониҳо ҳар рӯз 16 млн ҷуфт чӯбчаи хӯрокхӯрӣ истифода мекунанд, ки тамоми ин чӯбҳо аз дарахтони қимматбаҳои ҷангалҳои боронӣ сохта мешаванд.

Захираҳои барқарорнашаванда, ба мисли нафт, ангиштсанг ва канданиҳои фоиданок, ки бе онҳо инсон зиндагӣ карда наметавонад, нест шуда истодаанд.

Рӯйхати ин гуна тағйироти баргаштнопазир охир надорад.

**Муҳити зист ва тараққиёт.** Бояд гуфт, ки ҷомеаи байналмилалӣ хатари воқеии буҳрони экологиро ҳанӯз солҳои 40-уми асри XX дарк карда буд. Ҳанӯз соли 1949 СММ конференсияи байналмилалӣ доир ба ҳифзи табиатро даъват намуд. Аммо нуқтаи гардиш дар фаъолияти СММ дар самти ҳифзи табиат Конференсияи Стокголм (1972) буд.

Натиҷаи асосии конференсия қабул гардидани Эъломия дар бораи ҳифзи муҳити зист буд. Эъломия ва нақшаи чорабиниҳо қабул гардида, ба сиёсати давлатҳо дар ин замина таъсири бузург расонид. Ҳар як давлат кӯшиш мекард, бо роҳи худ масъалаҳои экологиро ҳал кунад. Он вақт идеологияи* умумӣ набуд. Танҳо охири солҳои 80-уми асри XX ҷустуҷӯҳои давлатҳо натиҷа дод ва консепсияи ягона, ки бо номи Рушди устувор (РУ) маълум аст, ба вуҷуд омад. Соли 1992 дар конференсияи СММ доир ба муҳити зист дар Рио-де-Жанейро, ки дар он 8 ҳазор намоянда аз 179 давлат иштирок карданд, тасдиқ гардид. РУ аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун шоҳроҳи рушди инсоният дар асри XXI ҳисобида мешавад.

---

* Идеология (юн.) — маҷмуи ақидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва динӣ, ки муносибати шахс ва ё гурӯҳи одамонро ба раванди таърихӣ ва нақши онҳоро дар ин ҷараён ифода менамояд.

**Мақсадҳои рушди ҳазорсола**

Мақсадҳои соҳаи рушд, ки дар Эъломияи ҳазорсола дарҷ гардидаанд, аз иҷрои маҷмуи вазифаҳои аз тарафи СММ бо мақсади то соли 2015 ду маротиба кам кардани сатҳи камбизоатӣ таҳиягардида иборат мебошанд. Дар соли 2000 аксари кишварҳои ҷаҳон тасмим гирифтанд, ки то соли 2015 сатҳи камбизоатиро дар кишварҳои худ коҳиш диҳанд.

Коршиносони масъалаҳои рушд чанд мушкилотеро муайян намуданд, ки одамонро ба кашшоқӣ оварда, имкон намедиҳанд аз ин вазъият халос ёбанд. Онҳо 8 ҳадафро барои расонидани ёрӣ ба одамон ҷиҳати таъмини талаботи асосии онҳо муайян намудаанд. Расидан ба ин мақсадҳо ба мардуми камбизоат имкон медиҳад аз ҳолати камбизоатӣ баромада, зиндагии навро оғоз намоянд ва ҳамчунин шароит ба вуҷуд биёранд, ки одамон ба ҷомеаи худашон ёрӣ расонанд. Имрӯз ин мақсадҳо ҳамчун Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ҲРҲ) машҳур мебошанд. Ба туфайли ин ҳадафҳо имконият фароҳам омадааст, ки раванди коҳиши камбизоатӣ арзёбӣ гардида, дастовардҳои ин раванд муайян карда шаванд. Ҳашт ҳадафи рушди ҳазорсола инҳоянд: 1) аз байн бурдани камбизоатӣ ва қаҳтӣ; 2) таъмини таҳсилоти умумии ибтидоӣ; 3) дастгирии баробарии мардону занон ва васеъ кардани ҳуқуқу имкониятҳои занон; 4) паст кардани сатҳи марги кӯдакон; 5) беҳтар кардани сатҳи муҳофизати модарон; 6) мубориза ба муқобили ВНМО/БПНМ, табларза ва дигар бемориҳо; 7) таъмини устувории экологӣ ва 8) ташаккул додани ҳамгироии глобалӣ бо мақсади таъмини рушд.

*Манбаъ: Маводди Бонки ҷаҳонӣ барои хонандагон. Оё медонед, ки...// https://www.un.org/ru/youthink/globalization.shtml*

*Чаро дар Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ба масъалаи муҳофизати ҳаёти модару кӯдак аҳаммияти зиёд дода шудааст? Фикратонро асоснок намоед.*

Дар ҳалли масъалаҳои экологӣ ҳаракатҳои экологӣ саҳми зиёд доранд, ки фаъолияти онҳо барои ҳифзи муҳити зист дар миёнаҳои солҳои 70-уми асри XX дар Аврупои Ғарбӣ хеле васеъ гардид. Ин ҳаракат бо номи «сабзҳо» машҳур гардид, чунки ранги сабз рамзи табиати зинда мебошад. Ҳаракати сабзҳо* дар баъзе мамлакатҳо тадриҷан ба ташкили ҳизбҳои сиёсӣ оварда расонд. Намояндагони онҳо ба парлумонҳои як қатор давлатҳои Аврупо роҳ ёфтанд.

Дар даҳаи охири асри XX созмони байналмилалии “Greenpeace” (аз англисӣ — дунёи сабз) ба фаъолияти васеъ оғоз кард. Аъзои он дар назди иншооти ҳарбӣ ва дигар ҷойҳое, ки хатари ҳодисаи

---

* Ҳаракати сабзҳо — номи умумии ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки барои муҳофизати муҳити зист аз ҳар гуна ифлосшавӣ мубориза мебаранд.

экологӣ ба вуҷуд меомад намоишҳои эътирозӣ ташкил мекунанд, барои наҷоти табиат корҳои зиёд анҷом медиҳанд.

**Талаботи фраксияи «сабзҳо» дар бундестаг (парлумон)-и Ҷумҳурии Федеративии Олмон (ҶФО) ба ҳукумати мамлакат(сентябри соли 1984):**

1. Фавран ва бе шартҳои пешакӣ барои музокироти нави миёни ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ доир ба ҷобаҷокунии мушакҳои амрикоӣ хотима дода шуда, мушакҳои ҷобаҷошуда аз хоки мамлакат баровარда шаванд.
2. Ба таври фаврӣ аз мамлакат 5 ҳазор кулоҳаки ҳастаии ИМА хориҷ карда шуда, ба ташкили Аврупои аз силоҳи ҳастаӣ озод саҳм гузошта шавад.
3. Аз ҶФО 2 ҳазор тонна газҳои заҳрдори амрикоӣ баровარда шавад.
4. Бо назардошти он ки стратегияи НАТО ба ҷанг мебарад ва чунин шахсиятҳое, ба мисли президент Р. Рейган бисёр хатарнок мебошанд, ҶФО бояд алоқаашро бо НАТО қатъ кунад ва худро давлати бетараф эълон кунад.
5. Ба «аврупоикунонии бехатарии дурӯғ», ки маънояш ташкили неруҳои муштараки ҳастаӣ мебошад ва, аз ҷумла, ҶФО ҳаққи ихтиёрдорӣ кардани онро дорад, роҳ дода нашавад.
6. Ба истеҳсолоти ҳарбӣ дар ҶФО хотима дода шуда, фурӯши силоҳ манъ карда шавад.
7. Ба зиёд намудани буҷети ҳарбӣ дар соли 1985 роҳ дода нашавад, истеҳсоли силоҳи вазнин манъ карда шавад.
8. Тамоми маҳдудиятҳо ба муқобили ҷавононе, ки дар бундесвер* (артиши ҶФО) хизмат кардан намехоҳанд, бекор карда шаванд.

1. *Мазмуни талаботи пешниҳодшударо шарҳ диҳед. Оё ин талабот дар қаламрави ҶФО маҳдуд шуда буд?*
2. *Ин талабот барои муносибати байналмилалии он давра чӣ аҳаммият дошт?*

### *Олудатарин шаҳрҳои ҷаҳон:*

1. Лангжоу, Чин
2. Гуанжоу, Чин
3. Шанхай, Чин
4. Сиан, Чин
5. Шенян, Чин
6. Бомбай, Ҳиндустон
7. Калкутта, Ҳиндустон
8. Мехико, Мексика
9. Сеул, Ҷумҳурии Корея
10. Деҳлӣ, Ҳиндустон

*Ба фикри шумо, чаро дар байни 10 шаҳри ифлостарини дунё 5 шаҳри Чин ҷой гирифтаанд?*

* Бундесвер (олм.) — қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Федеративии Олмон.

?!
1. Аз чӣ сабаб масъалаи экология барои инсоният ба масъалаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст?
2. Аз таърихи гузашта мисолҳо биёред, ки тағйироти ҷиддии иқлим дар таърих ба дигаршавии тамаддунҳо ва сохти давлатдорӣ чӣ гуна таъсир гузоштааст.
3. Инсон дар шиддат гирифтани бухрони экологӣ чӣ «саҳм» мегузорад?
4. Проблемаҳои экологии шаҳр, деҳа ва ноҳияи худатонро номбар кунед. Онҳо бо вазъияти муҳити зист дар мамлакат ва ҷаҳон алоқа доранд?
5. Кадом созмонҳои давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ дар шаҳр ё деҳаи шумо ба ҳифзи табиат машғул мебошанд?
6. Вазъияти бо оби тоза таъминкунии аҳолӣ дар Тоҷикистон чӣ гуна аст?. Дар бораи захираҳои оби тозаи Тоҷикистон чӣ маълумот доред?

## § 33. АФЗОИШИ АҲОЛӢ. ҚАШШОҚӢ ВА РУШДИ НОБАРОБАРИ ИҚТИСОДӢ

?!
1. Тамоюли таърихии рушди шумораи аҳолӣ дар замин чӣ гуна аст?
2. Ҷанбаҳои сиёсии бухрони демографӣ дар мамлакатҳои гуногун чӣ тавр зуҳур меёбанд?
3. Оқибатҳои сиёсии нобаробарии иқтисодӣ ва демографӣ чист?
4. Сабабҳои бӯҳрони маводди ғизоӣ ва гуруснагӣ дар мамлакатҳои қафомонда дар чист?

**Проблемаи глобалии демографӣ.** Олимоне, ки ба омӯзиши масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир машғуланд, ақида доранд, ки афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ дар дунё ва фаъолияти иқтисодии инсон ба мавҷудияти ҳаёт дар кураи Замин таҳдид мекунад. Онҳо пешгӯӣ мекунанд, ки то соли 2025 шумораи аҳолии кураи Замин ба 8,5 млрд нафар мерасад. Дар нимаи дувуми асри XXI бошад, шумораи аҳолӣ метавонад ба 14 млрд нафар расад.

Агар ин рақамҳоро бо таърихи гузаштаи олам муқоиса кунем, воқеан ваҳмангез менамоянд.

Бубинед, соли 1825 дар кураи Замин 1 млрд одам зиндагӣ мекард ва якчанд ҳазорсола лозим шуда буд, ки аҳолии кураи Замин ба ин шумора бирасад. Вале дар сад соли баъдӣ, яъне то соли 1925 шумораи аҳолӣ ду баробар афзуд. Афзоиши дучанди шумораи

аҳолӣ бошад, дар 50 соли баъдӣ ба амал омад. Албатта, дар даҳсолаҳои охир суръати афзоиши аҳолӣ каме суст шудааст. Дар бисёр кишварҳо шумораи таваллуд кам шудааст. Вале ин маънои онро надорад, ки аҳолии Замин дар ояндаи наздик кам мешавад. Зеро дар баъзе мамлакатҳо, агар, аз як тараф, таваллуд кам шавад, аз тарафи дигар, давомнокии умр зиёд мешавад. Солҳои 70-ум ба ҳисоби миёна давомнокии умр 49 сол буд, вале дар солҳои 90-ум ба 63 сол расид. Масъалаи дигар ин аст, ки афзоиши аҳолӣ дар ҳама мамлакатҳо як хел нест.

Афзоиши аҳолӣ асосан аз ҳисоби мамлакатҳои «ҷаҳони сеюм» (Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ) ба мушоҳида мерасад. Мутахассисон ҳисоб карданд, ки 95 фоизи афзоиши аҳолӣ дар соли 2025 ба ин давлатҳо рост меояд.

Сабаби афзоиши босуръати аҳолӣ дар ин давлатҳо дар чист? Аввал ин, ки тамоми кишварҳои тараққиёбанда зироаткоранд ва дар онҳо никоҳи барвақтӣ ва серфарзандӣ расм шудааст. Зеро дар ин давлатҳо фавти кӯдакон зиёд буд ва ҳар як кӯдаки зиндамонда барои оила қувваи корӣ мебошад. Аммо тараққиёти тиб дар мамлакатҳои Ғарб дар нимаи дувуми асри XX имкон дод, ки ба муқобили вабо, табларза, обчечак ва дигар касалиҳои сирояткунанда дар кишварҳои ақибмонда низ бомуваффақият мубориза бурда шавад. Ҳамин тавр, фавти кӯдак дар ин мамлакатҳо камтар шуд, вале анъанаи таваллудкунии зиёд аз байн нарафтааст.

***Мамлакатҳои сераҳолитарини ҷаҳон (млн нафар)***

| *Мамлакат* | *с. 2014* | *с. 2022* |
|---|---|---|
| Чин | 1 339 | 1 421 |
| Ҳиндустон | 1 187 | 1 430 |
| ИМА | 319 | 336 |
| Индонезия | 253 | 280 |
| Бразилия | 203 | 217 |
| Покистон | 188 | 227 |
| Россия | 146 | 146 |
| Бангладеш | 157 | 179 |
| Ҷопон | 127 | 126 |
| Нигерия | 179 | 216 |
| **Аҳолии ҷаҳон** | **7 200** | **7 948** |

*Тағйири шумораи аҳолии кишварҳоро муайян намуда, ҷойгиршавии онҳоро дар ҷадвал иваз кунед.*

**Оё медонед?** Мувофиқи пешгӯйии олимон дар 20–30 соли оянда шумораи аҳолии баъзе аз мамлакатҳои дар ҳоли тараққӣ 2 ва ҳатто 3 баробар афзоиш меёбад. Соли 2025 дар Ҳиндустон — 2 млрд, дар Покистон — 267 млн, дар Индонезия — 263 млн одам зиндагӣ хоҳад кард.

Афзоиши маводди ғизоӣ ва дигар захираҳои барои зиндагии инсон зарур дар ин кишварҳо аз афзоиши аҳолӣ ақиб мемонад. Афзоиши аҳолӣ ба камбизоатӣ мебарад. Ҳамин тавр, нобаробарӣ дар тараққиёти иқтисодӣ байни мамлакатҳои тараққикарда ва тараққикунанда рӯз то рӯз зиёд мешавад.

Дар даҳсолаҳои охир минтақаи бенавоӣ дар кишварҳои тараққикунанда ба шаҳрҳо мегузаранд, чунки ҷавонони деҳот барои дарёфти «зиндагии хуб» ба шаҳрҳо мекӯчанд.

**Оё медонед?** Дар аввалҳои солҳои 80-уми асри XX ба мамлакатҳои «ҷаҳони сеюм», ки нисфи масоҳати ҷаҳон ва беш аз нисфи аҳолии кураи Заминро ташкил мекунанд, 18% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ(ММД), 28% содироти ҷаҳонӣ, 15% истифодаи неруи барқ, 30% истеъмоли маҳсулоти ғалладона, 17% хароҷоти ҷаҳонӣ барои маориф ва 6% хароҷот барои тандурустӣ рост меомад.

**Ҷанбаҳои сиёсии зухури бухрони демографӣ.** Таҷаммуи аҳолӣ дар шаҳрҳо мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад. Яке аз ин гуна мушкилот бекорӣ мебошад. Ҳоло дар мамлакатҳои тараққикунанда 1,7 млрд аҳолии қобили меҳнат зиндагӣ мекунад ва интизор меравад, ки то соли 2025 шумораи онҳо ба 3 млрд мерасад. Барои ин қадар одамро бо ҷойи кор таъмин кардан, лозим аст, то ҳар сол 40 млн ҷойи кории нав ташкил карда шавад. Барои ин кишварҳо ин кор аз имкон берун аст. Дар натиҷа, тамоми масъалаҳои вобаста ба афзоиши аҳолӣ хеле тезутунд мешавад. Афзоиши аҳолӣ, ки бо захираҳои моддӣ таъмин нашудааст, ба норозигии иҷтимоии аҳолӣ, бесуботии сиёсӣ ва ҷангҳои минтақавӣ бурда мерасонад.

Бисёр ҳодисаҳои таърихии гузашта — ҳуҷуми викингҳо*, инқилобҳо дар Фаронса, Англия ва ғайра маҳз дар давраи таркиши

* Викингҳо — ширкаткунандагони юришҳои баҳрӣ дар асрҳои VIII–XI, дар Россия онҳоро *варяг* ва дар Аврупо *норманҳо* меномиданд.

демографии ин кишварҳо ба вуҷуд омадаанд. Орзуҳои амалинагаштаи насли ҷавон ҳамеша ба авҷгирии хушунат ва инқилобҳо боис мешаванд. Барои аз ин ҳолати ногувор баромадан баъзе олимон ҳатто ба як амали ғайриинсонӣ, яъне ба БПНМ умед мебанданд.

Мутахассисон ба ин назаранд, ки дар як қитъаи қашшоқ, яъне Африқо, ба вуҷуд омадани ин касалӣ тасодуфӣ нест. Гарчанде он бо суръати баланд дар ҳама дунё пахн мешавад, вале қурбонии асосии он аҳолии мамлакатҳои ақибмонда мешаванд. Соли 1992 дар дунё 100 млн кас ба ин касалӣ гирифтор буд, ки аз ин миқдор 95 фоиз ба кишварҳои қашшоқ рост меомад. Дурнамои сиёҳи БПНМ баъзе мутахассисонро ба он водор кардааст, ки дигар аз болои раванди таваллудкунӣ назорат барқарор нашавад. Гӯё ин масъала худ ба худ ҳал мешавад.

**Оқибати тараққиёти нобаробари иқтисодӣ ва демографӣ.** Масъалаи демографӣ барои мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб оқибати дигар дорад. Барои онҳо дарди сари асосӣ афзоиши хеле пасти шумораи аҳолӣ ва ҳатто камшавии он мебошад. Сатҳи баланди зиндагӣ, системаи босифати тандурустӣ, сатҳи бисёр пасти фавт дар ин кишварҳо дида мешавад. Дар ин ҳолат ҳар як зан бояд 2,1 фарзанд таваллуд кунад. Вале ин нишондод ҳанӯз солҳои 60-уми асри XX хеле кам шуда буд. Сабабҳои коҳиши таваллуд дар мамлакатҳои пешрафта маълум аст: занон ба таври васеъ ба системаи маълумот ва кор даст ёфтанд. Бинобар ин онҳо кӯшиш мекарданд ё дер кӯдак таваллуд кунанд ва ё умуман кӯдакдор нашаванд. Дар ин солҳо занон имкон пайдо карданд, ки озодона аз маводди пешгирикунандаи ҳамл истифода кунанд.

Синну соли аҳолӣ ба кишварҳои тараққикарда ва қафомонда ҳар хел таъсир мекунад. Кишварҳои тараққикарда бояд дар бораи миллионҳо нафар сокинони 65-солаи худ (яъне нафақахӯрон) фикр кунанд, дар ҳоле, ки мамлакатҳои ақибмонда дар фикри бо хӯрок таъмин кардани кӯдакон ва навҷавонони то 25-солаи худ мебошанд.

Дар Чин солҳои зиёд аст, ки давлат сиёсати маҳдудкунии таваллудро пеш гирифтааст. Ҷавонон дер хонадор мешаванд ва бояд фақат як кӯдак дошта бошанд. Лекин ин сиёсат як мушкилиро ҳал карда, мушкилии дигарро ба вуҷуд меорад.

**Пиршавии аҳолӣ.** Мамлакатҳои тараққикарда ба масъалаи пиршавии миллат кайҳо рӯ ба рӯ шудаанд. Лекин дар Чин пиршавии

аҳолӣ дар шароите ба вуҷуд омадааст, ки даромади аҳолӣ бисёр паст аст ва ин сабаби мушкилиҳои иҷтимоии зиёд мегардад. Шароите ба вуҷуд омадааст, ки онро дар Чин бо формулаи «1:2:4» ишора мекунанд. Яъне як кӯдак зиндагии ду нафар — падару модар ва 4 бибию боборо таъмин мекунад.

Нобаробарӣ миёни афзоиши аҳолӣ ва афзоиши захираҳои таъмини зиндагӣ дар кишварҳои ақибмонда ва шиддат гирифтани низоъҳои мусаллаҳона боз як масъалаи ташвишовари дигар — масъалаи муҳоҷиршавӣ ва ё фирор карданро ба вуҷуд меорад.

Муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрҳо ва муҳоҷират ба кишварҳои дигар. Муҳоҷират масъалаҳои иҷтимоиро дар шаҳрҳои дигар тезутунд мекунад. Муҳоҷират ба кишварҳои дигар масъалаи аз байн рафтани истиқлолият ва ҳифзи сарҳадҳоро ба миён меорад. Бисёр мамлакатҳо аз он хавф доранд, ки муҳоҷирати зиёд ба издивоҷҳо бо намояндагони миллатҳои гуногун оварда, ба «тозагии» миллат таҳдид мекунад. Кишварҳое, ки муҳоҷиронро қабул мекунанд, боз аз он дар ташвишанд, ки муҳоҷирон бо худ фарҳанги бегона, тарзи зиндагӣ ва дини бегонаро паҳн мекунанд, ба моликияти онҳо дастдарозӣ мекунанд.

Сабаби пайдо шудани ҳар гуна созмонҳои фашистӣ ва авҷ гирифтани мубориза бо муҳоҷирон дар кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла дар Россия, ҳамин аст. Мушкилии дигари хислати ҷаҳонидошта гуруснагӣ ва қашшоқшавии аҳолӣ мебошад.

**Масъалаи гуруснагӣ.** Аз миёни солҳои 80-уми асри XX баръало ба мушоҳида мерасад, ки имкониятҳои зироаткорӣ номаҳдуд нестанд. Истеҳсоли ғалла ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ тадриҷан кам мешавад. Сабаби ин, аз як тараф, шароити номусоиди боду ҳаво бошад, аз тарафи дигар, навъҳои нави гандуму ҷави бавуҷудовардашуда ба таъсири касалӣ ва ҳашароти зараррасон муқовимат карда натавонистанд. Истеҳсоли ғалла аз афзоиши шумораи аҳолӣ ақиб мемонад. Аз ин сабаб бисёр кишварҳои ақибмондаро гуруснагӣ таҳдид мекунад. Ба ғайр аз гуруснагии муваққатӣ, ки ба номусоидии боду ҳаво ва офатҳои табиат вобаста аст, гуруснагии «доимӣ» вуҷуд дорад. Аз рӯйи ҳисоботҳои коршиносони СММ дар ҷаҳон 500 млн одам гуруснагӣ кашида, дар ҳудуди 1 млрд одам аз нарасидани хӯрока ранҷ мебинад. Бештар аз нисфи аҳолии гуруснa ба кишварҳои тараққикунанда рост меояд. Аммо 6 кишвари

африқоӣ – Ҳабашистон (Эфиопия), Нигерия, Заир, Кения, Уганда ва Мозамбик аз ҳама зиёд гурусна доранд. Тақрибан ҳамин гуна вазъият дар Бангладеш, Бутан, Ҳиндустон ва Покистон низ ба вуҷуд омадааст. Дурнамои ҳалли ин масъалаи глобалӣ норавшан ба назар мерасад. Зеро замини барои кишт муносиб кам аст. Имрӯз фақат дар 11%-и замин зироаткорӣ имкон дорад. Ғайр аз ин ботлоқшавии хок ба ҳосилнокии замин таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, ҳалли масъалаҳои нобаробарии глобалии демографӣ байни Шимоли пешрафта ва Ҷануби қашшоқ, таъмини бехатарии хӯроквörӣ заминаи ҳалли дигар мушкилоти глобалии ҷаҳони имрӯзаро фароҳам месозад.

**Аз китоби иқтисодшиноси ҳоландӣ, дорандаи ҷоизаи Нобел Я. Тинберген.** Имрӯз 2/3 одамони дунё бо 30 сенти амрикоӣ дар як рӯз зиндагӣ мекунанд (агар инро зандагӣ номидан мумкин бошад). Мо дар чунин шароите қарор дорем, ки 1 млрд одам дар ҷаҳон бесавод аст, дар ҳоле ки тамоми восита ва усули паҳн кардани савод мавҷуд аст. Қариб 70%-и кӯдакон дар ҷаҳони сеюм нимгуруснаанд, дар ҳоле ки дар ҷаҳон барои сер кардани онҳо тамоми шароит муҳайёст. Тақсимоти захираҳои ҷаҳонӣ ба он ҳад номутаносиб аст, ки мамлакатҳои пешрафтаи саноатӣ назар ба мамлакатҳои ақибмонда тақрибан 20 маротиба зиёдтар захираҳоро ба ҳар сари аҳолӣ истеъмол мекунанд. Дар пеши назари мо вазъияте ба вуҷуд омадааст, ки дар ҷаҳони сеюм миллионҳо одам дар зери офтоби сӯзон аз субҳ то шом ба ивази музди ночиз ба меҳнати тоқатфарсо машғуланд, то ки пеш аз вақт, ба он сарфаҳм нарафта, ки барои чӣ зиндагӣ мекарданд, бимиранд.

*Иқтибос аз: Алексашкина Л. И. Новейшая история. XX век: Учеб. для 9 кл. общеобразовательных учреждений. 2-е изд., испр.– М.: Мнемозина, 2001. С. 308.*

1. *Олими ҳоландӣ сабаби асосии номусоидии зиндагиро дар мамлакатҳои «ҷаҳони сеюм» дар чӣ мебинад?*
2. *Назари шумо ба ин масъала чист?*

?!

1. Сабабҳои афзоиши босуръати аҳолӣ дар мамлакатҳои «ҷаҳони сеюм» чист?
2. Бӯҳрони маводди ғизоӣ, гуруснагӣ ва фақр дар ин кишварҳо чӣ оқибатҳо метавонанд ба бор биёрад? Оё мамлакатҳои пешрафтаи Ғарб метавонанд аз оқибатҳои фоҷиабори ин зуҳурот дар канор бимонанд?
3. Ба назари шумо, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон барои тағйири вазъият дар мамлакатҳои ҷаҳони сеюм бояд чӣ кор кунанд?
4. Мафҳуми «ҷаҳони сеюм» чӣ маъно дорад? Хусусиятҳои тараққиёти ин гурӯҳи давлатҳо кадомҳо мебошанд?

## СУПОРИШҲОИ ТЕСТӢ

**1) Дар соли 1975 дар Аврупо кадом воқеаи сиёсӣ барои беҳтар гардидани муносибатҳо байни Ғарбу Шарқ мусоидат намуд?**

а) Ба охир расидани рақобат байни ИҶШС ва ИМА; б) Ташкил ёфтани Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ; в) Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо; г) Барпо гардидани низоми амнияти ҷадид дар ИҶШС.

**2) Мафҳуми «ҷаҳони сеюм» чӣ маъно дорад?**

а) Иттифоқи кишварҳои сотсиалистии Осиё; б) Низоми муносибат байни Ғарб ва Шарқ; в) Номи шартии давлатҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ; г) Рақобати ду низоми ҳарбӣ-сиёсӣ.

**3) Кадом амали ИҶШС дар охири моҳи декабри соли 1979 боиси тарсу ҳароси роҳбарияти ИМА гардид?**

а) Аз байн рафтани ҳокимияти Ризошоҳ Паҳлавӣ дар Эрон; б) Ба хоки Афғонистон ворид гардидани қувваҳои низомии ИҶШС (с. 9); в) Шикасти низоми худкомаи А. Самоса дар Никарагуа; г) Ба вуҷуд овардани силоҳи лазерӣ.

**4) 11-уми сентябри соли 2001 кадом ҳодиса руй дод?**

а) Ба хоки Кувайт зада даромадани низомиёни Ироқ; б) Оғози амалиёти «Озодии шикастнопазир» дар Афғонистон; в) Амалҳои террористӣ дар шаҳрҳои Ню-Йорк ва Вашингтон; г) Дастгир гардидани роҳбари созмони «Ал-қоида».

**5) Дар интихоботи президентии ИМА дар соли 1980 кӣ ғолиб омад?**

а) Дуайт Эйзенхауэр; б) Билл Клинтон; в) Роналд Рейган; г) Нил Армстронг.

**6) Рейганомика чист?**

а) Ташаббуси мудофиаи низомии стратегӣ; б) Барномаи аз худ кардани кайҳон; в) Низоми интихоботӣ дар ИМА; г) Сиёсати иқтисодии маъмурияти ИМА.

**7) Созишномаи Шенген дар ҳаёти кишварҳои Аврупо чӣ дигаргунӣ ворид кард?**

а) Минтақаи озоди тиҷоратӣ ба вуҷуд омад; б) Кувваҳои мусаллаҳи муштарак ташкил ёфт; в) Назорати гумрукӣ ва сарҳадӣ аз байн рафт; г) Парлумони Аврупои ягона ташкил дода шуд.

**8) Аҳдномаи Маастрих ба ташкили кадом ниҳоди сиёсӣ дар Аврупо асос гузошт?**

а) Вазорати муттаҳидаи мудофиа; б) Иттиҳоди Аврупо; в) Иттиҳоди гумрукӣ; г) Созмони аврупоӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг.

**9) Кадом арбоби сиёсӣ муттаҳидкунандаи Олмон буд?**

а) Вилли Брант; б) Герхард Шрёдер; в) Ангела Меркел; г) Ҳелмут Кол.

**10) Осорхонаи машҳури Фаронса чӣ ном дорад?**

а) Арт-галерея; б) Эрмитаж; в) Лувр; г) Метрополитен-музей.

**11) Кадом давлати нимҷазираи Скандинавия ҷумҳурии президентӣ аст?**

а) Дания; б) Шветсия; в) Норвегия; г) Финландия.

**12) Дар кадом давлати нимҷазираи Скандинавия низоми монархияи конститутсионӣ вуҷуд надорад?**

а) Дания; б) Шветсия; в) Норвегия; г) Финландия.

**13) Дар кадом кишвари Аврупои Шарқӣ ҷанги шаҳрвандӣ ба барҳам хӯрдани он оварда расонд?**

а) Чехословакия; б) Руминия; в) Булғория; г) Югославия.

**14) Ташаббускори ислоҳоти иқтисодӣ дар Чин дар охири солҳои 70-ум кӣ буд?**

а) Мао Сзедун; б) Чан Кайши; в) Дэн Сяопин; г) Лю Шаоси.

**15) Дар кадом нимҷазираи Осиё ду давлати як миллат вуҷуд дорад?**

а) Камчатка; б) Корея; в) Ҳиндухитой; г) Хитойи Ҷанубӣ.

**16) Инқилоби Савр дар кадом давлат рӯй дод?**

а) Ҳиндустон; б) Покистон; в) Афғонистон; г) Эрон.

**17) Роҳбари инқилоби исломӣ дар Эрон кӣ буд?**

а) Муҳаммад Ризошоҳ Паҳлавӣ; б) Сайид Алӣ Хоменеӣ; в) Имом Хумайнӣ; г) Маҳдии Бозаргон.

**18) Дар солҳои 80-уми асри гузашта Ҷумҳурии Исломии Эрон бо кадом давлат дар ҳолати ҷанг буд?**

а) Иёлоти Муттаҳидаи Амрико; б) Арабистони Саудӣ; в) Ироқ; г) Афғонистон.

**19) Созишномаи Кэмп-Дэвид байни кадом давлатҳо ба имзо расид?**

а) Исроил ва Фаластин; б) Миср ва Фаластин; в) Исроил ва Миср; г) ИМА ва Арабистони Саудӣ.

**20) Ёсир Арафот роҳбари кадом созмон буд?**

а) Созмони палангони Тамил Илама; б) Бародарони мусулмон; в) Созмони озодибахши Фаластин; г) Ҳизби Ликуд.

**21) Нахустин президенти сиёҳпӯсти Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ кӣ буд?**

а) Моҳандас Карамчанд Ганди; б) Агустино Нето; в) Менгисту Хайле Мариам; г) Нелсон Манделла.

**22) Хунтаи ҳарбӣ бо сардории Пиночет дар кадом давлат ҳукмрон буд?**

а) Бразилия; б) Аргентина; в) Чили; г) Уругвай.

**23) Ислоҳоти сиёсӣ дар ИҶШС таҳти роҳбарии М. С. Горбачёв бо кадом ном машҳур гардид?**

а) Сиёсати бозсозӣ; б) «Инқилоби фарҳангӣ»; в) Сиёсати нави иқтисодӣ; г) «Қонун дар бораи муассисаҳои давлатӣ».

**24) 19-уми августи соли 1991 дар ИҶШС кадом мақоми нав ташкил ёфт?**

а) Анҷумани вакилони мардумии ИҶШС; б) Шӯрои олии Ҷумҳурии Эстония; в) Комитети давлатии ҳолатҳои фавқулода; г) Созмони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

**25) Ҷумҳурии Тоҷикистон кай аъзои СММ гардид?**

а) 9-уми сентябри соли 1991; б) 4-уми январи соли 1992; в) 2-юми марти соли 1992; г) 27-уми июни соли 1997.

# МУНДАРИҶА

**Боби 1. Муносибатҳои байналмилалӣ**
§ 1. Ҷаҳон баъд аз маҷлиси машваратии Хелсинки: умедҳо ва воқеият ...............5
§ 2. Ҷаҳон дар ибтидои қарни нав ................................................................ 12
§ 3. Густариши НАТО ба Шарқ...................................................................... 19

**Боби II. ИМА ва кишварҳои Аврупо: тамоюлҳои умумии тараққиёт**
§ 4. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико: Рейган ва сиёсати ӯ .............................. 26
§ 5. ИМА дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ......................................... 32
§ 6. Раванди устувор гардидани Иттиҳоди Аврупо ...................................... 39
§ 7. Британияи Кабир: сиёсати муҳофизакорони нав ..................................... 45
§ 8. Олмон: муттаҳидшавӣ ва тараққиёт....................................................... 53
§ 9. Фаронса баъд аз даврони де Голл.......................................................... 58
§ 10. Давлатҳои нимҷазираи Скандинавия .................................................. 63
§ 11. Аврупои Шарқӣ: аз сотсиализм ба сӯйи демократия............................ 70

**Боби III. Кишварҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ**
§ 12. Ҷопон: пешсафи тараққиёти ҷаҳон....................................................... 79
§ 13. Ислоҳот ва навсозӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин (Хитой)...................... 84
§ 14. Нимҷазираи Корея: Шимол ва Ҷануб.................................................... 91
§ 15. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: рӯ ба сӯйи тараққиёти босуръат ......................... 99
§ 16. Ҳиндустон ва Покистон: рақобати тӯлонӣ ............................................ 105
§ 17. Афғонистон дар оташи ҷанг ................................................................. 112
§ 18. Ҷумҳурии Исломии Эрон: барқарор гардидани низоми исломӣ............ 119
§ 19. Туркия: идомаи раванди навсозӣ ......................................................... 124
§ 20. Шарқи Наздик: ҷанг идома дорад ........................................................ 128
§ 21. Дастовардҳо ва мушкилоти тараққиёти давлатҳои Африқо .................. 133
§ 22. Тамоюлҳои асосии инкишофи кишварҳои Амрикои Лотинӣ.................. 140

**Боби IV. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**
§ 23. Сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои он........................................ 148
§ 24. Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани Иттиҳоди
Давлатҳои Мустақил ............................................................................. 155
§ 25. Федератсияи Россия: талош баҳри мавқеи сазовор дар ҷаҳон................ 161
§ 26. Тоҷикистон — воҳиди мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ.......................... 169
§ 27. Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир .............................................................. 176

**Боби V. Фарҳанг ва масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир**
§ 28. Фарҳанги ҷаҳони муосир....................................................................... 183
§ 29. Дастовардҳои илму техника.................................................................. 189
§ 30. Дунёи муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ .............................................. 193
§ 31. Низоъҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI. Проблемаи терроризм...199
§ 32. Рафъи бухрони экологӣ......................................................................... 206
§ 33. Афзоиши аҳолӣ. Қашшоқӣ ва рушди нобаробари иқтисодӣ .................. 215
Супоришҳои тестӣ .................................................................................... 221

Нуриддинов Ҳомидхон, Искандаров Қосимшо,
Расулиён Қаҳҳор, Абдуллоев Раҳматулло

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Муҳаррир — Х. Сангов
Мусаҳҳеҳ — К. Қодирӣ
Муҳаррири техникӣ — З. Очилдиев
Тарроҳ — З. Собиров

---

Ба чоп 10.10.2022 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60×90 1/16. Ҷузъи чопӣ 14,0.
Адади нашр 100 000 нусха.

Нарх 21 сомонӣ 92 дирам.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 7340243, ш. Душанбе,
к. Аҳмади Дониш, 50. Тел.: 222-14-66.

Китоб дар матбааи ЧДММ «Собириён» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Айнӣ, 126.
Почтаи электронӣ: sobiriyon@yandex.ru